**Н. ИСМОИЛОВ, А. ИСМОИЛОВ, Қ. ЗИЁЕВ**

# ОМОДАГИИ ИБТИДОИИ ҲАРБӢ

Нашри сеюм

Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2018**

**УДК 373. 167. 1**
**ББК 68.49(2)24+74.26**
**И-71**

**И-71.** Исмоилов Н., Исмоилов А., Зиёев Қ. **Омодагии ибтидоии ҳарбӣ**. Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11-ум. Душанбе, Маориф, 2018. 272 саҳ.

**Хонандагони азиз!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст. Аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред! Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб ҳамин гуна зебову ороста дастраси хонандагони дигар гардад ва онҳо низ аз он истифода баранд.

**Ҷадвали истифодаи китоб**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

**ISBN 978-99947-1-566-4**
**© МАОРИФ, 2018**
**Моликияти давлат**

**Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Тартиби хизмати ҳарбиро қонун муайян мекунад.**

***Моддаи 43-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## МУҚАДДИМА

### Устодон ва шогирдони азиз!

Хонандагони муҳтарам, китобе, ки дар даст доред, бо замимаҳои иловагардида оид ба ҳар як мавзӯъ барои он пешбинӣ шудааст, ки мушкили шуморо ҳангоми кор бо маводди таълимӣ осон мегардонад. Азбаски аз тарафи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон адабиётҳои таълимӣ, дастурҳо, тавсияҳо барои истифодаи муассисаҳои таълимоти ҳарбӣ ва қисмҳои низомӣ шудаанд, ин ба мо имкон дод, ки ҳаҷми китоби дарсиро пурратар гардонем. Дар он тамоми супоришҳо барои ривоҷи малакаи ватанпарастии шумо равона шудаанд.

Ин китоби дарсӣ бо фаслҳои «Мудофиаи граждани» мавзӯъҳо оид ба ҳолатҳои фавқулода ворид карда шуда, бо номи «Ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани» номгузорӣ карда шуд, «Ҳуқуқи НМ» ва мавзӯъҳои ба китоб воридгашта маълумот пешниҳод менамояд. Инчунин дар дигар бобҳо низ доир ба баъзе мавзӯъҳои таълимӣ тағйирот дароварда шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати навбунёду тозаистиқлол аст ва дар байни давлатҳои абарқудрат бояд аз манфиатҳои геополитикии хеш дифоъ карда тавонад. Бинобар ин, ҷавонон, ки ояндаи давлатамон мебошанд, бояд ҳамеша тайёр ва омода бошанд, ки ҳар лаҳза манфиатҳои миллатро дифоъ карда тавонанд. Шумо, шогирдони азиз, ин вазифаи худро бояд бо ҳисси ифтихор ва масъулият иҷро кунед.

Барои ба ин ҳадаф ноил гаштан моро лозим меояд, ки ҷавононро ҳанӯз аз синни мактабӣ дар рӯҳияи баланди ватандӯстиву ифтихори баланди миллӣ тарбия намоем. Мақсади асосии шиносоӣ бо хизмати ҳарбӣ ташаккул додани афкори омма нисбат ба артиши миллӣ аст, то мо тавонем пиромуни артиш, зарурати хизмати ҳарбӣ, оини ватандорӣ, ногузир будани омодагӣ бахри ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ, якпорчагии Ватани азиз, марзу буми кишвар ҳусни таваҷҷуҳи шогирдони мактабро ташаккул диҳем, дар тарбияи ҳисси ватандӯстии ҷавонон саҳми худро гузорем.

Омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар заминаи нав бо дарназардошти манфиатҳои геополитикии давлат тибқи фармони вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараён мегирад.

Бо мақсади мунтазам ва тадриҷан баланд бардоштани савияи донишу малакаи омодагии ҳарбии хонандагон чунин тақсимбандии омӯзиши ин фан дар синфҳо ба мақсад мувофиқ дониста шуд.

Дар синфи 10-ум оид ба оинномаи сафоройӣ, тарзу усулҳои сафкашӣ, қадамзании низомӣ (умумию инфиродӣ), омода будан ба машқҳо, ба дифоъ, тайёрӣ ба ҳуҷум ва амсоли инҳо маълумоти умумӣ дода мешавад.

Дар синфи 11-ум бошад, васеътару мукаммал намудани дониш оид ба тайёрии умумии ҳарбӣ ва дар ниҳоди хонандагон ба вуҷуд овардани таҷриба, истеъдод ва малакаи ба ҳар гуна амалиёти ҳарбӣ сафарбарӣ ва идора карда тавонистани бахш, мустақилона қабул намудани ин ва ё он қарор дар мавридҳои ҳалкунанда ва ҳолатҳои фавқулода дар назар дошта шудааст.

Китоб аз таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаду қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба бунёди артиш, сохтор ва вазифаҳои он заминаи ҳуқуқӣ гузоштаанд, нақл мекунад. Ҳамчунин дар хусуси омодагии тактикӣ – донистани ҳайати бахши мототирандоз, асосҳои ҳаракатҳои ҷангӣ, иҷрои ҳаракатҳо ҳангоми муҳориба ва пайгирӣ, шиносоӣ бо шаклҳои муҳориба бар зидди танкҳо, амалҳо ҳангоми мудофиаи зиддиҳавоӣ ва оташкушоӣ бар зидди ҳавопаймоҳо ва чархболҳо маълумот медиҳад.

Дар қисми «Омодагӣ – оташфишонӣ» маълумот дар бораи қисмҳои туфанги худкор (автомат)-и Калашников ва сифатҳои ҷангии он, норинҷакҳои дастии тиккашаванда, малака дар иҷрои қоидаҳо ва шаклҳои тирпарронӣ аз туфанги худкор, партофтани норинҷакҳо, шиносоӣ бо қоидаҳои бехатарӣ ва нигоҳдории силоҳи тирандоз ва таҷрибаомӯзӣ дар тирандозӣ бо тирҳои ҷангӣ омӯзонида мешавад.

Барои омода намудани ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ тайёрии ҳарбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аҳамияти калон дорад. Таҳсил оид ба омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ва Дастури тайёрии пеш аз хизмати ҳарбӣ ташкил карда мешавад. Бо ҳамин мақсад дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ «Ҳуҷраи ҳарбӣ» таъсис дода, омӯзгорон вазифадор карда шаванд, ки ҳамаи хонандагони синфи 10-11 ва дигар хонандагони мактабҳоро ба таълими ҳарбӣ фаро гиранд.

Машғулиятҳои «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ» пай дар пай тибқи барномаи фаннӣ дар ҳаҷми муқарраршуда бо усулҳои назариявӣ, амалӣ,

комплексиву санҷишӣ, назорат гузаронида мешаванд. Ба натиҷагирии «ОИҲ» дар машғулиятҳои ҳарбӣ, таълимӣ, варзишӣ мувофиқи талаботи стандарти давлатӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Вазифаи асосии таълими фанни «ОИҲ» амалӣ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ дар байни ҷавонон ва тарбияи хизматчиёни ояндаи ҳарбӣ дар рӯҳияи ватандӯстӣ мебошад. Сарварии ин корҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёна доир ба тайёр намудани ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ба зиммаи омӯзгори «ОИҲ» ба амал бароварда мешавад. Ба зиммаи хонандагоне, ки ба таълими ҳарбӣ фаро гирифта мешаванд, вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

- ҷавонони синни тодаъватӣ дар рӯҳияи шинохтани ватани соҳибистиқлол, азму иродаи қатъӣ, диловарӣ, матонат, суботкориву дилпурӣ ба қувваи худ тарбия карда мешаванд;

- ҷисман бардам, яъне сиҳату саломат, зӯру тавоно, чусту чолок, пурбардошт гардонда шаванд, то ки ба сахтиҳои хизмати ҳарбӣ ба осонӣ тоб оваранд;

- машқ дода шаванд, яъне натиҷаҳои тарбияи ҷисмонӣ барои организмашон одати муқаррарӣ гардад;

- аз донишҳои назариявӣ ва амалии таълимоти ҳарбӣ огоҳ бошанд.

Барои омода намудани ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, ҳифзи марзу буми Тоҷикистон, тамомияти арзии кишвар, сулҳу субот, оромии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва осоиши сарзамини аҷдодӣ, таъмини волоияти қонунро танҳо ба воситаи хизмати фидокоронаву намунаи ибрат, ҷасорат ва малакаю маҳорати баланди хизматӣ иҷро кардан мумкин аст. Хизмат кардан ба ватан қарзу фарзи фарзандӣ ва рисолати шаҳрвандии ҳар як фарди бонангу номуси миллат, пеш аз ҳама ҷавонони тодаъвати ҳарбӣ аст.

# БОБИ I
# ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## § 1. ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МАВҚЕИ ОН ДАР СОХТОРИ ДАВЛАТДОРӢ

Таъсиси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар душвортарин рӯзҳо, дар давраи авҷи шиддати ҷанги шаҳрвандӣ сурат гирифта буд.

23 феврали соли 1993 дар майдони марказии шаҳри Душанбе аввалин гашти низомии Артиши миллии Тоҷикистон баргузор гардид ва ин рӯз дар таърихи кишвар Рӯзи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб мешавад, ҳарчанд баъзе ҳуҷҷатҳо оид ба таъсису ташкили Артиши миллии Тоҷикистон баробари соҳибистиқлол гардидани кишвар ба тасвиб расида буданд.

Аз ҷумла тибқи асноди мазкур Кумитаи мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисман бригадаҳову хадамоти низомӣ дар ин давра таъсис ёфта буданд. Азбаски ҷузъу томҳои пароканда ва сохтор номукаммал буд, Артиши миллии Тоҷикистон тамоми масъалаҳо ва таъйиноти доираи фаъолияти сохторҳои низомиро ифода карда наметавонист.

Дар баробари ин, яке аз фармонҳои Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 18 декабри соли 1992, таҳти №3 «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» буд, ки заминаи ҳуқуқии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фароҳам овард.

Тибқи ин фармон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи дастаҳои «Фронти халқӣ» ва гурӯҳҳои мусаллаҳе, ки ҳукумати конститутсиониро тарафдорӣ менамуданд, ташкил ёфт. Нарасидани низомиёни касбӣ дар ин давра равшан эҳсос мегардид.

Роҳбарияти давлат сарфи назар аз вазъи печидаи ҳарбию сиёсӣ, мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ, аз рӯзҳои аввал ба сохтори ташкиливу бастии артиш ба манфиатҳои миллат таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуд. Ҳамин тариқ, заминаҳои асосии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ниҳоят душвори соли 1993 гузошта шудаанд. Тадриҷан, Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муборизаҳои шадид ва набардҳои сангин таҷрибаи ҷангӣ омӯхта, обутоб ёфт.

Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар мамлакатҳои узви ИДМ корро дар ин самт аз сифр оғоз намуд, зеро бо сабабҳои гуногун ҳам миқдори техникаи ҷангӣ ва ҳам шумораи мутахассисони соҳибтаҷрибаи низомӣ дар кишвар хеле кам буд.

Дар марҳалаи нахуст ҳадафи асосии ташкили Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили неруи ҳарбие буд, ки ба ҳифзи музаффариятҳои Истиқлолият қодир бошад, озодии шаҳрвандон ва мухторияту амнияти

кишварро таъмин намояд. Вобаста ба таъминоти мазкур гурӯҳҳои мутташаккилу зудамал ба арсаи вуҷуд қадам ниҳоданд, ки вазифаи асосиашон муқовимат ба қувваҳои зиддиҳукуматӣ ва ҳифзи сохти конститутсионӣ буд. Дар даврае, ки дар дохили кишвар вазъи ҷамъиятию сиёсӣ хеле мураккабу тезутунд гардид, алангаи оташи ҷанги шаҳрвандӣ боло мерафт ва аз ин вазъияти мураккаби дохилӣ душманони хориҷӣ ҳар лаҳза метавонистанд истифода бурда, истиқлолияти Тоҷикистонро зери хатар гузоранд, тавлиди Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле саривақтӣ ва талаби замон буд.

Марҳалаи дуюми ташаккули Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳаллу фасл кардан ва такмили корҳои ташкилӣ, муқаррар намудани номгӯйи вазифаҳову муайян кардани таркиби онҳо, инчунин таҳия кардани низомномаву оинномаҳо ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ иборат буд. Дар ин давра навъҳои асосии қӯшунҳои Артиши миллии Тоҷикистон, аз қабили Қӯшунҳои хушкигард, Қӯшунҳои ҳарбиву ҳавоӣ, Қӯшунҳои мудофиаи зидди ҳуҷуми ҳавоӣ таъсис ёфтанд. Аввалиндараҷа, ба таъсиси Қӯшуни таъйиноти махсус диққати даркорӣ дода шуд.

Марҳалаи сеюми хотимавии таъсиси Артиши миллии Тоҷикистон аслан баъди имзои «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон байни ҳукумати конститутсионӣ ва роҳбарияти мухолифин» оғоз гардид.

Вазифаи муҳимтарини дигар мустаҳкам кардани тартибу низом дар сафҳои Қувваҳои мусаллаҳ, тозакунии сафҳои он, таъсиси қӯшунҳои нави замонавӣ буд, ки баҳри ҳаллу фасли ин масъалаҳо чораҳои зарурии сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ дида шуданд.

**Вазифаҳои давлат дар соҳаи мудофиа, таъйинот ва вазифаҳои Қувваҳои Мусаллаҳ.**

Ташкилоти ҳарбии давлат Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳастӣ ва асоси таъмини амнияти ҳарбии онро ташкил медиҳад аз як тараф, дигар қӯшунҳо, сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоте, ки барои иҷрои вазифаҳои амнияти ҳарбӣ бо усулҳои ҳарбӣ пешбинӣ шудаанд, аз тарафи дигар, инчунин қувваҳои ғайриҳарбӣ, воситаҳои давлат ва мақомоти идораи онҳоро дар бар мегирад.

Вазифаҳои асосии он дар соҳаи мудофиа дар замони осоишта инҳоянд:

– пешгирии муноқишаҳои ҳарбӣ ҳамзамон бо чораҳои сиёсию дипломатӣ ва дигар чораҳои ғайриҳарбӣ, нигоҳдории қудрати ҳарбӣ дар сатҳи басанда барои мудофиаи эътимоднок;

– таъмини дахлнопазирии фазоӣ, хушкию ҳавоӣ ва обӣ;

– пешгирии фитнаандозиҳо ва сӯйиқасдҳои эҳтимолӣ ба амнияти шаҳрвандон, истиқлолият, тамомияти арзӣ ва дигар манфиатҳои ҳаётан муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои иттифоқчии он.

Дар давраи таҳдид ва оғози ҷанг чораҳои зерин пешбинӣ мешаванд:

– гузаштани давлат, Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар ҷузъу томҳои ҳарбӣ ба ҳолати ҷангӣ;

– сафарбарии ҳамаи қувва ва воситаҳои кишвар ба зада гардонидани таҷовуз;

– ҳимояи аҳолӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии давлат;

– ҳамоҳангии кӯшишҳои ҳамаи мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аҳолии кишвар ва давлатҳои иттифоқчӣ оид ба рафъ кардани таҷовуз, ба зарба задан ба душман.

Қувва ва воситаҳои Қувваҳои Мусаллаҳ метавонанд барои расонидани кумак ба аҳолии дар барҳамдиҳии оқибатҳои садама, фалокат ва офатҳои табиии гуногун ҷалб карда шаванд.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоро дар бар мегирад: Қӯшунҳои хушкигард, Қӯшунҳои зудамал, Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қувваҳои ҳарбию ҳавоӣ, ки навъҳои Қувваҳои Мусаллаҳро ташкил мекунанд, дар замони ҷанг бошад, инчунин Қӯшунҳои мақомоти амният, Қӯшунҳои сарҳадӣ, Қӯшунҳои дохилӣ, Гвардияи миллӣ, Агентӣ доир ба таъмини амволи махсуси назди Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои ҳарбии Мудофиаи гражданӣ.

Ба Қӯшунҳои хушкигард, ки барои зада гардонидани ҳамлаи таҷовузгар дар самтҳои фаврии стратегии амалиётҳои ҳарбӣ пешбинӣ шудаанд, инчунин ба Қӯшунҳои зудамал, ки қобилият доранд, ки ба таври фаврӣ ва мустақилона дар ҳар гуна самте амал намоянд, ки аз он ҷой таҳдиди хатар ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд, афзалият дода мешавад.

Навсозии ҳарсолаи Қувваҳои Мусаллаҳ дар асоси иқтидори иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо оварда мешавад.

**Омодагии Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои зада гардонидани ҳуҷум.**

Қувваҳои мусаллаҳ ва дигар сохторҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои имкони хатар дошта ва дар минтақаҳои ҳаётан муҳимми кишвар ҷойгир карда мешаванд. Асоси онҳоро қӯшунҳои муҳофизаткунанда, қӯшунҳои зудамал ва эҳтиётӣ ташкил мекунанд. Гурӯҳҳои қӯшунҳои муҳофизаткунанда дар минтақаҳои наздисарҳадӣ иҷрои омодагӣ ба зада гардонидани ҳуҷуми миқёсан маҳаллӣ ва таъмини паҳншавии Қувваҳои Мусаллаҳ дар мавриди авҷгирии он ҷойгир карда мешаванд.

Як қисми қӯшунҳои зудамал барои иштирок дар иҷрои уҳдадориҳои Тоҷикистон ҷиҳати нигоҳдории сулҳ ва оромӣ ҳам дар фазои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, ҳам дар хориҷи он омода мешавад.

Инкишофи ҳамкориҳои ҳарбӣ бо давлатҳои дӯст дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи Амнияти

Дастаҷамъӣ, Созмони Ҳамкории Шанхай ва дигар ташкилотҳо таъмин мегардад.

Системаи гузаронидани мамлакат аз ҳолати осоишта ба ҳолати ҷангӣ, бояд бо роҳи густариши дақиқи Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои ҳарбӣ барои несту нобуд кардани манбаъҳои воқеие, ки хатари ҷанг ҳастанд, таъмин гардад.

**Роҳбарӣ ба мудофиаи мамлакат ва ҳамкорӣ аз рӯйи масъалаҳои ҳарбӣ.**

Роҳбариро доир ба таъмини амнияти ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарварӣ менамояд.

Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми конститутсионии роҳбарии машваратӣ оид ба масъалаҳои мудофиа ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи қарорҳо доир ба амалӣ кардани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ, тамомияти арзӣ, Истиқлолияти давлатӣ ва сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб меёбад.

Роҳбарии бевоситаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун муовини аввали Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи Сарситоди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақоми асосии роҳбарикунандаи амалиётии онҳо мебошад, ба уҳда дорад.

Тартиби ташкил ва идораи мудофиаи мамлакат ва Қувваҳои Мусаллаҳ дар замони ҷанг тибқи қонунгузорӣ муайян карда мешавад.

Ёрии ҳарбиро ба давлатҳои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси созишномаҳои байналмилалии ҷумҳурӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллии худ ва манфиатҳои давлатҳои иттиҳод мерасонад.

## § 2. ҚӮШУНҲОИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Қӯшунҳои хушкигард** аз рӯйи шумораи ҳайати ҷангӣ ва техникаи замонавӣ яке аз бузургтарин қӯшунҳои ҳарбӣ мебошанд. Ин қӯшунҳо барои нобуд сохтани гурӯҳҳои хурди душман дар минтақаҳои кӯҳӣ, иҳота намудани ҳудуд, ҳифзи ҳудуд ва сарҳади Ватан пешбинӣ шудаанд. Таҷрибаи ҷангии худро Қӯшунҳои хушкигард дар муҳорибаҳо андухтаанд. Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ омодагии ҷангии онҳо, принсипҳои ташкилӣ, сиёсӣ ва инчунин, омодагӣ ва тарбияи ҳайати шахсӣ санҷида шуда буд. Дар замони осоиштаи баъдиҷангӣ Қӯшунҳои хушкигард ҳамеша дар омодагии ҳарбӣ буда, дар қатори дигар қӯшунҳо барои ҳимояи зиндагии осоиштаи халқу Ватан ҳамеша тайёр ҳастанд.



Раёсати Қӯшунҳои хушкигард бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июни соли 1993 таъсис ёфтааст. Ҳоло ба ҳайати Раёсати Қӯшунҳои хушкигард қисми иттиҳодияҳои зиёди савораи тирандозӣ, танкӣ, артиллерӣ, ҷузъу томҳои кӯҳии тирандозӣ, маркази таълимӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Вазифаи асосии Қӯшунҳои хушкигард гузаронидани амалиётҳо дар хушкӣ ба ҳисоб меравад. Барои такмили малакаю маҳорати хизматчиёни ҳарбӣ дар ҷузъу томҳо, гузаронидани машғулияту машқҳо, майдончаҳои тактикӣ, монеаҳои варзишӣ, омӯзиши посбонӣ, муҳандисӣ, сапёрӣ, майдончаҳои варзишӣ, шаҳрчаҳои тирпарронӣ ва дар қисмҳои базавиашон майдончаҳои омӯхтану идора кардани танку дигар автомашинаҳои ҳарбӣ бунёд карда шуданд.

Шумораи афсарони касбӣ дар ҳайати Қӯшунҳои хушкигард рӯз то рӯз зиёд мешавад. Ҳар сол Донишкадаи ҳарбии Тоҷикистон ва омӯзишгоҳҳои олии ҳарбии Федератсияи Русия ва дигар мамлакатҳоро даҳҳо нафар ҷавонон хатм карда, ба қисмҳои ҳарбӣ фиристода мешаванд. Онҳо дорои ихтисоси гуногуни умумиқӯшунӣ буда, заминаи ибтидоии фармондеҳиро пур мекунанд.

Ба масъалаи баланд бардоштани донишу малакаи сиёсӣ, интизоми ҳарбӣ, таъмини риояи қоидаҳои оинномавӣ ва тартибот, обутоби ҷисмонӣ дар байни хизматчиёни ҳарбӣ диққати ҳамаҷониба дода мешавад.

Тайёрии ҷангии ҷузъу томҳо бо роҳи иштирок дар машқҳои муштарак, мубодилаи таҷриба ва бозомӯзии низомӣ такмил меёбад. Қисмҳои асосии Қӯшунҳои хушкигард, Қӯшунҳои мототирандоз, танкӣ, ракетавӣ, артиллерия ва қисмҳои кӯҳии тирандоз мебошанд. Қисмҳои мототирандоз яке аз навъҳои сершумортарини Қӯшунҳои хушкигард мебошанд. Аз ҷиҳати корнамоии ҳарбии худ қӯшунҳои тирандози механиконидашудаи ҳозира аз қисмҳои хушкигарди пештара, ки хеле суст ҷиҳозонида шуда буданд, фарқи калон доранд. Қӯшунҳои мототирандоз бо таҷҳизоти ҳарбии пурқувват, ки барои нобуд сохтани ҳадафҳои заминӣ ва ҳавоӣ пешбинӣ шудаанд, бо силоҳи тирандози автоматӣ (автоматҳо, пулемётҳо), артиллерияи дорои аҳамияти зудамал ва тактикӣ, танкҳо, мошинҳои ҷангии хушкигард, комплексҳои зенитӣ ва артиллерӣ ҷиҳозонида шудаанд ва дар худ қариб ҳама гуна силоҳ ва техникаро гирд овардаанд. Қӯшунҳои хушкигарди тирандоз мудофиаи устувортарини

душманро шикаста, ҳуҷуми ҳалкунандаи зудамал бурда, душманро таъқиб намуда, монеаҳои обиро бартараф карда метавонанд ва сарҳадҳову ноҳияҳои бадастомадаро нигоҳ медоранд. Қӯшунҳои хушкигард метавонанд ҳамчун десантҳо аз ҳаво ба воситаи чархболҳою ҳавопаймоҳои ҷангӣ ва ба воситаи техникаи баҳрӣ ва киштиҳои ҷангӣ дар давлатҳое, ки қувваҳои баҳрӣ доранд, расонида шаванд. Хусусияти асосии Қӯшунҳои хушкигард малакаи баланди онҳо ҳангоми ҳаракатҳои ҷангӣ дар шароитҳои душвори кӯҳистон, дар ҳамаи фаслҳои сол, дар ҳар гуна обу ҳаво ва дар ҷойҳои мушкилгузар мебошад. Қувваи асосии зарбазани Қӯшунҳои хушкигард – қӯшунҳои танкӣ мебошанд. Қӯшунҳои танкӣ роҳи ҷангии худро дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 1918-1921 оғоз намудаанд ва пас аз ду даҳсола ба яке аз навъҳои асосии қӯшунҳои мусаллаҳ табдил ёфтанд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ Қӯшунҳои танкӣ дар муҳорибаи зидди танкҳои муосири «Тигр» ва «Пантера»-ҳои фашистон ғалаба ба даст оварда буданд. Танкҳои ҳозира мошинаҳои ҷангии пурра таҷҳизонидашуда мебошанд. Назар ба дигар мошинҳои ҷангӣ танкҳо ба таъсири таркиши ҳастаӣ (ядроӣ) устувортар мебошанд. Қӯшунҳои танкӣ метавонанд масофаи дуру дарозро тай намоянд, аз сарҳади мудофиаи душман гузаранд ва зуд ба муҳориба гузашта, монеаҳои обии масофаашон калонро паси сар намоянд.



Чун қоида танк дар ҳуҷум, дар ҳайати даста амал мекунад ва инчунин, бо нишонгирии рост дар вақти тайёрии оташфишонии ҳуҷум метавонад барои маҳвсозии ҳадафҳо ҷудо гардад. Дар ҳуҷум барои танк объекти ҳамла ва самти минбаъдаи ҳуҷум таъйин мешавад.

Объекти ҳамлаи танк танкҳо, олат (орудия), комплекси ракетаҳои танкзан ва дигар воситаҳои оташфишонии душман мебошад, ки дар хандақи якум ва умқи наздиктарин ҷой гирифтаанд.

Самти минбаъдаи ҳуҷуми танк бо чунин баҳисобгирӣ муайян мешавад, ки иҷрои вазифаҳои наздиктарини рота таъмин карда шавад.

Дар рафти набард фармонравои танк ба воситаи асбобҳои иртиботии танк ва садоӣ ҳайатро идора мекунад ва барои додани ҳадафнишондиҳӣ системаи идоракунии оташро истифода мебарад.

Асоси қувваҳои оташдори Қӯшунҳои хушкигардро қӯшунҳои ракетавӣ ва артиллерия ташкил медиҳанд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ артиллерия хатти мудофиаи душманро шикаста, барои танкҳо

ва Қӯшунҳои хушкигард роҳ мекушод. Дар муҳориба бошад, муҳофизаткунанда буда, бар зидди танкҳои душман ҳамлаҳои беамон мебурд. Қӯшунҳои ракетавии замонавӣ ва артиллерия бо ракетаҳои дорои аҳамияти фаврӣ – тактикӣ ва артиллерияи реактивии дорои аҳамияти гуногун, миномётҳо ва дигар техникаи ҳарбӣ ҷиҳозонида шудаанд. Онҳо метавонанд душманро зуд ва бехато нобуд созанд. Дар ҳайати Қувваҳои хушкигарди Ҷумҳурии Тоҷикистон Қӯшунҳои ракетавӣ ба таври комил мавҷуд нестанд.

Мувофиқи «Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои зада гардонидани ҳамлаи таҷовузкор дар самтҳои стратегии амалиёти ҷангӣ афзалият ба Қӯшунҳои хушкигард дода мешавад.

**Савол ва супориш:**

1. Аз муқаддимаи китоби дарсӣ чӣ гуна маълумот пайдо намудед?
2. Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӣ роҳбарӣ мекунад ва он чӣ гуна вазифаю уҳдадориҳоро бар зимма дорад?
3. Принсипҳои асосии сохтори Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кунед?
4. Андешаҳои шумо дар хусуси саҳми Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мудофиаи Ватан чӣ гуна мебошад?
5. Дар бораи таърихи пайдоиши Артиши миллӣ чӣ гуфта метавонед?
6. Сохторҳои ҳарбӣ кадомҳоянд?

## § 3. ҚУВВАҲОИ ҲАРБӢ – ҲАВОӢ ВА МУДОФИАИ ЗИДДИҲАВОӢ

Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи муттаҳид гаштани ду навъи қӯшун – Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ ва Қувваҳои ҳарбию ҳавоӣ моҳи октябри соли 2005 ташкил ёфта, ҳоло як навъи қӯшун ба ҳисоб меравад.

Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар навъҳои қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дастури вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми апрели соли 1993 таъсис дода шудаанд. Аз соли 1993 дар баробари таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи бунёди Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ низ оғоз гардид.

Нахустин парвози чархболи ҷангии МИ-24 дар кишварамон 1-уми марти соли 1993 сурат гирифтааст. Он замон шумораи чархболҳо ҳамагӣ чор адад буд. Солҳои баъдӣ шумораи онҳо зиёд гардид. Аз соли 1993 инҷониб рӯзи якшанбеи сеюми моҳи август ҳамчун Рӯзи касбии кормандони Қувваҳои Мусаллаҳи ҳарбӣ-ҳавоӣ қайд карда мешавад.

Тайи солҳои минбаъда ҳайати шахсии Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоии ҶТ баҳри пойдории давлат ва саркӯб намудани душманони миллат дар тамоми амалиётҳои ҷангӣ низ маҳорати баланди ҷангӣ нишон додаанд. Дар рафти машқҳои якҷоя бо ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ иштирокчиёни Иттиҳоди давлатҳои мустақил, ки дар онҳо тамоми навъҳои техникаи ҳарбӣ истифода гардидаанд, на як бору ду бор тайи чанд соли охир маҳорати баланди касбии ҳайати шахсии Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ нишон дода шуд.



Ҳамкории Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ чун як навъи Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ бо дигар ҳамкасбони хориҷии худ сол то сол равнақ меёбад. Алҳол бо ҳарбиёни Федератсияи Русия, Фаронса, Ҷумҳуриҳои Чину Эрон, Ҳиндустон ва Афғонистон робитаи хуби ҳамкорӣ доранд. Таҷрибаи ҷангҳои солҳои охир дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон нишон медиҳанд, ки воситаи асосии зарбазан аз фазо ва дар муддати кӯтоҳ ҳалкунандаи тақдири размҳо ин қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ё худ авиатсияи ҷангӣ аст. Танҳо қӯшунҳои хубу мушаххаси зиддиҳавоӣ ва амалиётҳои моҳиронаи ин навъи ҚМ метавонанд бар зидди ҳар неруи муқтадиру зудамалкунанда муқовимат нишон дода, истодагарӣ кунанд. То ҳамроҳшавӣ бо Қувваҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ (октябри соли 2005) тайи солҳои мавҷудияти хеш ин навъи ҚМ дар чандин амалиёти ҳарбӣ фаъолона ширкат намуда, иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро афзудааст. Аз давраи бунёд то имрӯз ҚҲҲ ё худ Авиатсияи ҷангӣ дар якҷоягӣ бо Қӯшунҳои зиддиҳавоӣ аз фазо марзу буми кишварро назорат ва сарҳадоти онро муҳофизат менамоянд.

## ҚӮШУНҲОИ МУДОФИАИ ЗИДДИҲАВОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Моҳи феврали соли 1994 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳамчун яке аз навъҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфт. Қӯшунҳои мазкур аз ҷузъу томҳои зенитию рақамӣ, радиотехникӣ, маркази таълимӣ ва воҳиди таъминот иборат аст. Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ яке аз навъҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мерафт. Дар замони осоишта қӯшун ҳифзи фазои сарҳадоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба уҳда дошт. Ҳайати шахсӣ дар барқароркунии Ҳокимияти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита иштирок намуданд. Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ дорои қисмҳои зиёд буд.

Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоии Тоҷикистон дар заминаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба миён омадаанд. Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 19-уми июни соли 1994 қисмҳои ҳарбии мудофиаи зиддиҳавоии Ӯзбекистон, ки дар қаламрави Тоҷикистон ҷойгир шуда буданд, ба ихтиёри Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд.



Тамоми ҳайати шахсии Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳамаи кӯшишу ғайрати худро сарф менамоянд, ки Тоҷикистони мо аз ҳуҷумҳои ҳавоии нохалафон эмин монад. Рӯз то рӯз қӯшун бо аслиҳаҳои нави ҷангӣ ва шабакаҳои муосири радиолокатсионӣ мукаммал гардида истодааст. Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ воситаи асосии пешгирӣ намудани қӯшунҳои пиёдагард аз зарбаҳои ҳавоӣ мебошанд. Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ бо комплексҳои ҳаракаткунандаи ракетаҳои зенитӣ, артиллерияи худгарди зенитӣ, воситаҳои радиолокатсионӣ ва системаҳои автоматикунонидашудаи идора муҷаҳҳаз шудаанд. Онҳо, новобаста ба вақт, ҳамеша дар омодагии ҷангӣ қарор доранд ва ҳамлаҳои ҳавоиро аз ҳамаи самтҳо муайян карда метавонанд.

**Ваколатҳои қӯшунҳои ҳарбӣ - ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ.**

Қӯшунҳои ҳарбӣ - ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ сарҳади давлатиро дар фазои ҳавоӣ муҳофизат мекунанд. Бо ин ҳадаф онҳо:

– риояи қоидаҳои убури сарҳади давлатиро дар фазо назорат мекунанд;

– пеши роҳи парвози ҳавопаймоҳоро, ки аз сарҳади давлатӣ ғайриқонунӣ убур кардаанд ё тартиби истифодаи фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон кардаанд, мегиранд ва барои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фуруд овардани онҳо чораҳо меандешанд;

– ба ҳавопаймоҳое, ки сарҳади давлатиро дар натиҷаи ҳолатҳо ё амалҳои беғаразонаи экипажи онҳо ғайриқонунӣ гузаштаанд, ёрӣ

расонида, самти ҳаракати онҳоро барқарор намуда, онҳоро барои фуромадан дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун рафтан аз ҳудуди фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳнамоӣ мекунанд.

Қӯшунҳои ҳарбӣ - ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳуқуқ доранд, ки:

– ҳангоми ба вуҷуд омадани таҳдиду убури ғайриқонунии сарҳади давлатӣ воситаҳои дар ихтиёр доштаашонро барои шинохтани ҳавопаймоҳо дар фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд;

– дар ҳолати зарурӣ барои муайян кардани вазъият дар фазои ҳавоӣ ва андешидани тадбирҳо оид ба пешгирӣ ё қатъи убури ғайриқонунии сарҳади давлатӣ аз фазои ҳавоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қувваҳо ва воситаҳои дигари навъҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро истифода баранд;

– ҳайати ҳавопаймоҳоеро, ки сарҳади давлатиро ғайриқонунӣ убур кардаанд, баъди дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фуруд омаданашон ҷиҳати муайян кардани ҳолатҳои убури ғайриқонунӣ ба ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мақомоти таҳқиқу тафтишоти пешакӣ супоранд.

Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ барои баргардондани хуҷуми ҳавоии душман ва ҳифзи аҳолӣ, марказҳои маъмурӣ-сиёсӣ ва иқтисодии давлат, қисмҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар объектҳо пешбинӣ шудаанд. Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ, ки аз қисмҳои камшумору начандон муҷаҳҳази Артиши Сурхи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ боқӣ монда буданд, ба яке аз қӯшунҳои калонҳаҷми Қувваҳои Мусаллаҳ табдил ёфтаанд. Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои қӯшунҳои зидди хуҷуми ҳавоӣ санҷиши ҷиддӣ буд. Онҳо аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои худ ба хубӣ баромаданд. Вазифаҳои асосӣ аз ҳамлаи ногаҳонии душман эмин доштани ҳазорҳо нуқтаи аҳолинишин ва марказҳои бузурги саноатию маъмурии мамлакат буд. Қӯшунҳои муосири мудофиаи зиддиҳавоӣ навъи мураккаб ва таҷҳизонидашудаи Қувваҳои Мусаллаҳ мебошанд. Ба ҳайати онҳо қӯшунҳои ракетавию зенитӣ, авиатсияи қӯшунҳои зидди хуҷуми ҳавоӣ ва қӯшунҳои радиотехникӣ дохил мешаванд.

Қӯшунҳои ракетавию зенитӣ асоси қувваҳои ҳарбии Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоиро ташкил медиҳанд. Комплексҳои ракетавию зенитӣ қувваи бузурги оташфишонӣ доранд. Онҳо қодиранд ҳар гуна воситаҳои хуҷуми ҳавоии душманро дар ҳар гуна баландӣ ва зудии парвозашон дар мавқеъҳои дуршуда аз нуқтаҳои муҳофизатшаванда, нобаста ба обу ҳаво ва вақти шабонарӯз, нобуд созанд.

Авиатсияи қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ дар ихтиёри худ ракетабарандаҳое доранд, ки ҳавопаймоҳо ва ракетаҳои болдори душманро дар баландиҳои зиёд, дар ҳар гуна обу ҳаво, дар ҳамаи вақти шабонарӯз маҳв карда метавонанд. Бо ёрии ракетабарҳои ишғолкунанда

ҳавопаймоҳои барандаи ракетаҳои идоракунандаи «Ҳаво – Замин»-ро то ба сарҳад даромадани онҳо нобуд сохтан мумкин аст. Қўшунҳои радиотехникӣ бо стансияҳои навтарини муосири радиолокатсионӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Онҳо қодиранд дар ҳамаи фаслҳои сол, новобаста ба ҳолати обу ҳаво ва монеаҳо, воситаҳои ҳуҷуми ҳавоии душманро дар ҳар гуна баландӣ муайян намоянд ва маълумот барои муайян намудани ҳадафро ба Қўшунҳои ракетавию зенитӣ расонанд.

Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ барои нобуд намудани таҷҳизоту нуқтаҳои ҳастаӣ (ядроӣ)-и душман, нест кардани гурўҳҳои авиатсионии он ва инчунин, дастгирии қўшунҳои пиёдагард, боргузаронии ҳавоӣ, гузаронидани пайгирии ҳавоӣ, десантпартоӣ, таъмини алоқа ва идоракунӣ пешбинӣ шудаанд. Чархболҳои муосири ҳарбӣ метавонанд қўшунҳои пиёдагардро дар майдони ҷанг дастгирӣ намоянд, алалхусус, ҳангоми ҳаракат дар ақибгоҳи душман, партофтани десант, расонидани борҳо, таъмини алоқа ва роҳбарӣ.

**Савол ва супориш:**

1. Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ кай ташкил ёфтааст?

2. Ваколатҳои қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ кадомҳоянд?

3. Аҳамияти амалиёти қўшунҳои мазкурро шарҳу эзоҳ диҳед.

4. Дар бораи қўшунҳои ракетавии дорои аҳамияти стратегӣ чӣ маълумот доред?

## § 4. ҚЎШУНҲОИ ЗУДАМАЛ

Бо фармони Президенти мамлакат 23-юми сентябри соли 2003 дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ – Қўшунҳои зудамал таъсис ёфтанд. Ҳадаф аз ин таҳкими минбаъдаи қудрати мудофиавии мамлакат бо назардошти воқеияти замони муосир – хатари рўзафзуни терроризму экстремизми байналмилалӣ буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар баробари дигар кишварҳои олам барои решакан намудану аз байн бурдани ин зуҳуроти номатлуб - терроризму экстремизм ва интиқоли маводди мухаддир муборизаро пурзўр намудааст.

Тоҷикистон дар самти мубориза бар зидди терроризму экстремизм ва интиқоли маводди мухаддир таҷрибаи зиёдеро касб намуда, дар ин ҷода саҳми калон дорад. Барои сари вақт ва моҳирона андешидани тадбирҳо зидди терроризму экстремизми байналмилалӣ аз тактика, аз шаклу усулҳои муборизаи онҳо огоҳу бохабар будан зарур аст. Барои пурзўру мустаҳкам намудани қудрати мудофиавии давлат, таҳкими

сулҳу субот дар кишвар ва ҳифзи ин марзу бум аз хатари таҳдидовари терроризм Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Артиши миллии он ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд, тӯли ин солҳо барои амнияти давлат ва иқтидори мудофиавии он навъҳои мухталифи Қувваҳои Мусаллаҳ ва қисмҳои таъйиноти махсус ташкил гардидаанд. Мақсади асосии бунёди Қӯшунҳои зудамал ҷорӣ намудани усулҳои нави омодагӣ бар зидди гурӯҳҳои террористӣ ва дар маҷмӯъ, боз ҳам сайқал додани маҳорати ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Дар тӯли солҳои таъсисёб Қӯшунҳои зудамал дар якҷоягӣ бо дигар ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳи кишвар ва бо низомиёни Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Фаронса ва Ҳиндустон машқҳои муштарак гузаронида, таҷрибаи ҷангии худро пайваста рушду такомул медиҳанд. Онҳо омодагии муштараки зиддитеррористии худро дар машқҳои муштарак бо неруҳои кишвари дигари Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ мунтазам сайқал медиҳанд. Аз ҷиҳати таъмини кадрҳо ҳайати шахсии афсарони Қӯшунҳои зудамал пурра дорои маълумоти олӣ буда, таҷрибаи кофии ҳарбӣ доранд. Чунки онҳо дар дигар ҷузъу томҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ин дар вазифаҳои гуногун хизмати Модар-Ватанро софдилона адо намудаанд. Дар қатори Қӯшунҳои хушкигард инчунин ба Қӯшунҳои зудамал, ки қодиранд фавран ва ихтиёран дар ҳар самте, ки таҳдид ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо мешавад, амал намоянд, афзалият дода мешавад. Як қисми Қӯшунҳои зудамал барои иштирок дар иҷрои уҳдадориҳои Тоҷикистон ҷиҳати нигоҳдории сулҳ ва оромӣ ҳам дар фазои давлатҳои узви Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва ҳам дар хориҷи он омода мешаванд.





Қисмҳои десантӣ-ҳавоӣ яке аз навъҳои алоҳидаи қӯшун буда, барои дар ақибгоҳи душман амал намудан, бо мақсади нобуд сохтани воситаҳои ҳуҷуми ҳастаӣ (ядроӣ), ба даст овардани нуқтаҳои идора, ишғол кардан ва нигоҳ доштани ҳудуд ва объектҳои зарурӣ, барои вайрон намудани системаи кори ақибгоҳ, ҳамкорӣ бо қӯшунҳои пиёдагард дар таъмин, ҳуҷум ва бартараф намудани монеаҳои бавуҷудомада пешбинӣ шудаанд. Қисмҳои десантӣ ҳавоии замонавӣ бо воситаҳои аслиҳаи

худгард, артиллерӣ, реактивии зиддитанкӣ ва зенитӣ, мошинҳои зиреҳпӯш, силоҳи автоматии тирандоз, воситаҳои алоқа ва идора таъмин ва муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Дар ҳолати ҳамлаи ногаҳонии душман (навъи ҷанги муосир) Қӯшунҳои десантӣ - ҳавоӣ ба тариқи фаврӣ метавонанд дар ақибгоҳи душман пайдо шаванд. Дар тамоми ҳолатҳо бо худ ҳамаи аслиҳаи заруриро барои мубориза доранд. Техникаи десантӣ-парашутӣ метавонад десантҳо ва борҳоро дар ҳар гуна шароити обу ҳаво ва ҷой, шабона ва рӯзона аз баландиҳои гуногун фуруд орад. Десантчиёни Қувваҳои Мусаллаҳ барои иҷрои вазифаҳои махсусан муҳимми ҷангӣ пешбинӣ шуда, амалиёти гуногуну бисёр пурхатарро дар ҳама шароит иҷро мекунанд. Аз ҷумла: ба роҳ мондани амалҳои диверсионӣ; амалиёти кашшофӣ ва пайгирӣ (разведка); шабехун задан ба ақибгоҳи душман ва ба таҳлука андохтани он; бастани роҳҳои эҳтимолии ақибнишинии душман; омода кардани шароит барои ба ҳуҷум гузаштани қувваҳои асосӣ ва амсоли инҳо.

**Десантчиён**

Бори нахуст дар ҷумҳуриямон 2-юми августи соли 1998 ҳангоми машқҳои ҳарбӣ дар мавзеи Фахробод тавассути чархболҳо аввалин десантҳо бо парашут партофта шуданд. Аз ҳамин рӯз инҷониб Рӯзи таъсисёбии десантчиён ҷашн гирифта мешавад. Хусусан иштироки десантчиён дар задухӯрдҳо бо гурӯҳҳои зиддиҳукуматӣ дар ҳудудҳои шаҳри Қӯрғонтеппа моҳи августи с. 1997, Кофарниҳон – моҳи апрели с. 1998, Хуҷанд – моҳи ноябри с. 1998 ва Теппаи Самарқандӣ – моҳи июни соли 2001 собит сохт, ки ҳайати шахсӣ баҳри муҳофизати Ватан ҳамеша омода буда, ҷони худро дареғ намедоранд. Дар набардҳои хунину вазнине, ки бо унсурҳои зиддиҳукуматӣ дар сарзамини муқаддаси мо ба амал пайваст, баҳри барқарор намудани сохти конститутсионӣ, таъмини сулҳ, оромиву осудагӣ ва ҳифзи якпорчагии марзу буми Тоҷикистон садҳо нафар афсарону сарбозони ҚМ, аз ҷумла десантчиёни бригадаи Қӯшунҳои ҳамлавӣ – десантӣ ҳангоми иҷрои супориши ҳарбӣ ҳалок гардидаанд.

Десантчиён онҳое ҳастанд, ки аз ҷиҳати ҷисмонию равонӣ обутоб ёфтаанд ва бо чолокию омодабошияшон ҳамеша дар муҳорибаҳо дастболо мешаванд. Онҳо қатъи назар аз макони буд ва ҳолати хеш дар муҳорибаҳо пайдо мешаванд ва аз уҳдаи адои вазифаи душвори хеш ба хубӣ мебароянд. Ҳамзамон, бояд донист, ки барои фуруд овардани десантчиён асосан қувваҳои ҳавопаймову чархболҳо истифода мешавад, вале вобаста ба мавзеи таъйиншуда вақти фуруд овардани десантчиён гуногун мебошад. Ба дашту биёбон ва заминҳои ҳамвор десантчиён бештар бо парашутҳо партофта мешаванд. Дар шароити кӯҳу ҷангал десантчиён бе парашут аз баландии се-чор метр ё ба воситаи бандҳо аз чархбол фуруд меоянд.

**Савол ва супориш:**

1. Чӣ гуна қӯшунҳоро зудамал мегӯянд ва онҳо чӣ гуна масъулияте бар дӯш доранд?

2. Фарқи қӯшунҳои зудамал аз дигар навъи қӯшунҳоро гӯед.

## § 5. ҚӮШУНҲОИ САРҲАДӢ

Қӯшунҳои сарҳадӣ барои ҳифзи сарҳадҳои Ватан пешбинӣ шудаанд. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва интервенсияи ҳарбӣ Қӯшунҳои сарҳадӣ тамоми ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравиро муҳофизат менамуданд, бо пайгирони душман ҷанги беамон мебурданд ва аҳолии ноҳияҳои наздисарҳадиро посбонӣ мекарданд. Дар солҳои ҳаёти осоишта ба сарҳадчиён лозим меояд, ки бо гурӯҳҳои мусаллаҳ ҷанги беамон баранд, дар задухӯрдҳои тан ба тан иштирок намоянд. Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои Қӯшунҳои сарҳадӣ имтиҳони ҷиддӣ буд. Қӯшунҳои ҳозираи сарҳадӣ дар омодагии доимӣ баҳри нобуд сохтани душман дар сарҳад ва инчунин барои нигаҳбонии сарҳад ҳамеша омода ҳастанд. Қӯшунҳои сарҳадӣ бо аслиҳаҳои муосир ва техникаи якумдараҷаи ҳарбӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Дар ихтиёри онҳо мошинҳо, ҳавопаймоҳо, чархболҳои боркаш ва ҷангӣ, воситаҳои радиомуҳандисӣ мавҷуданд.

Аз рӯйи мавқеъ ва ҳудуди ҷойгиршавии Тоҷикистон сарҳади он ба ду қисм ҷудо мешавад.

Инҳо сарҳадҳои Тоҷикистону Афғонистон (1334 км), Тоҷикистону Ҷумҳурии Мардумии Чин (511 км) мебошанд. Қисми дуюм – сарҳадҳои дохилии Тоҷикистон бо Ӯзбекистон ва Қирғизистон, ки мутаносибан 1363 ва 990 км масофа доранд. Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ мафҳуми сарҳади дохилӣ ба миён омад. Дар давраи шӯравӣ байни ҷумҳуриҳои бародар сарҳад набуд, минтақаҳо аз рӯйи ҳудуди маъмурӣ тақсим мешуданд.

Аввалин санаде, ки ба ҳаллу фасли мушкилоти сарҳад бахшида шуда буд, Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми декабри с. 1992 оид ба таъсиси Раёсати ҳифзи сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. 30-юми майи с. 1994 Фармони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси Артиши сарҳадии Кумитаи бехатарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Мувофиқи ин фармон ҳар сол 28-уми май чун Рӯзи иди касбии сарҳадбонони тоҷик таҷлил карда мешавад.

Кумитаи бехатарии сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда соли 1994-ум ба Шӯрои фармондеҳони сарҳадбонҳои ИДМ қабул карда шуд.

Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми апрели с. 1995 дар ҳайати собиқ Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарраёсати лашкарони сарҳадӣ барпо карда шуд.

Ҳоло Қӯшунҳои сарҳадӣ дорои таҷрибаи амаливу методии ташкили ҳифзи сарҳад, омодагии ҳарбию сафарбарӣ, кори тарбиявӣ, пешбурди хоҷагии ёрирасон, нигаҳдории техника, нақлиёт ва аслиҳа буда, бо мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ корҳои амалиётиву ҷустуҷӯйӣ ва тафтишоти пешакиро доир ба корҳои халалдор намудани сарҳади давлатӣ ба анҷом мерасонанд.

Қӯшунҳои сарҳадӣ тартиби гузаштани сарҳади давлатиро ба танзим медароранд, гузаштани ашхос, воситаҳои нақлиёт, бор ва ашёи дигарро аз тариқи нуқтаҳои гузаргоҳии мавҷуда амалӣ менамоянд. Соҳибихтиёрии давлатӣ ва истиқлолро, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон с.1991 ба даст овард, ба назар гирифта, дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ҳуқуқи дахлнопазирӣ, зарурати таъмини амнияти Тоҷикистон дар давраи гузариш то анҷом ёфтани чораёни ташаккулёбии сипоҳиёни сарҳадии худӣ, Федератсияи Русия ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) масъалаҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ бо Афғонистон ва Чинро дар ҳудуди худ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтиёри Қӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Русия дода буданд.

Қӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Русия дар ин давра (аз 21-уми июли с. 1992 дар асоси Созишнома) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи сарҳади давлатии Тоҷикистонро бо Афғонистону Чин таъмин намуданд. Аз моҳи майи с. 2005 ҳифзи сарҳад пурра ба ихтиёри сарҳадбонони Тоҷикистон гузашт.

Қӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Русия ҳаракату амали хешро оид ба ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Сардори Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа менамуданд, қонунгузории онро эҳтиром мегузоштанд ва ба корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дахолат намекарданд.

**Савол ва супориш:**

1. Дар хусуси пайдоиш ва хусусиятҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ маълумот диҳед.

2. Вазифаҳои қӯшунҳои мазкур аз чӣ иборат аст?

3. Кадом ҳуҷҷатҳои муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ медонед?

## § 6. КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми июли с. 1999 дар заминаи Кумита оид ба ҳолатҳои

фавқулода ва корҳои мудофиаи шаҳрвандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Кумитаи номбурда муассисаи ҳарбӣ буда, ба он тамоми ҳуқуқҳо, меъёрҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои хизматчиёни ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи онҳо қабул шудаанд, дода шудаанд. Ҳадафи асосии Кумита ҳамчун мақоми идораи давлатӣ аз ҳифзи аҳолӣ, иншооти иқтисодӣ ва ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи замони осоишта ва ҷанг, аз ташкили омодагии омӯзиши аҳолӣ, ба ҷой овардани назорати доимии тақсимот ва хароҷоти маблағҳои пулӣ барои ин ҳадафҳо ҷудогардида, ҳолати иқтидор ва воситаҳои мудофиаи граждани, инчунин қабул, тақсимот, раҳнамоӣ, интиқол ва назорати дастрас шудани кумакҳои башардӯстона ба аҳолии аз ҳолатҳои фавқулода зарардида иборат мебошад. Кумита дар тамоми ноҳияҳо ситодҳои худро муқаррар кардааст.

Ситод барои таъмини корҳои сардори мудофиаи гражданӣ оид ба роҳбарӣ намудани мудофиаи гражданӣ таъйин карда мешавад.

Ситод чорабиниҳоро якҷоя бо хадамот ба нақша гирифта, таъминот ва амалиёти қувваҳоро суръат мебахшад. Инчунин, идора намудани мудофиаи гражданӣ дар давраи осоишта ва замони ҷангро таъмин менамояд.

Ситод ташкили сохтори худро аз ҳисоби хизматчиёни ҳарбӣ, коргарон ва хизматчиён мувофиқи итоати муқарраршуда ташкил менамояд.

Ситод кори худро дар алоқаи зич бо дигар ситодҳо, комиссариатҳои ҳарбӣ, қисмҳои низомӣ ташкил карда, бо онҳо ҳамкорӣ менамояд ва корашро ба нақша мегирад. Вазифаи асосии ситод дар давраи осоишта аз чорабиниҳои зерин иборат аст:

– таъмин ва дар ҳолати омодагии доимӣ нигоҳ доштани ситодҳои тобеъ, қисмҳои тобеъ, қувва ва воситаҳое, ки дар тобеияти онҳо мебошанд;

– нигоҳ доштани нуқтаҳои алоқа, қувваҳои ғайринизомӣ;

– ташкил ва пешбурди навбатдории шабонарӯзии фаврӣ;

– коркарди нақшаҳои сафарбарӣ;

– мувофиқ гардонидани нақшаҳои корӣ ва ҳамкорӣ бо дигар ҷузъу томҳо, қисмҳои ҳарбӣ ва ғайра;

– доимӣ нигоҳ доштани иншооти муҳофизатӣ, паноҳгоҳҳо.

Дар давраи ҷанг вазифаи асосии Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ аз инҳо иборат аст:

– сафарбаркунӣ ва ба ҳолати омода бош овардани тамоми қувваҳои мудофиаи гражданӣ;

– ба ҳолати омода бош овардани истгоҳи огоҳкунӣ, алоқа, нуқтаҳои идоракунӣ;

– ба ҳолати омода бош овардани кашф ва муассисаҳои мушоҳидавӣ-назоратӣ;

– ҷамъ овардани маълумот оид ба вазъияти баамаломада, баланд бардоштани чораҳои муҳофизатӣ ва фаъолияти устувори соҳаҳо;

– муҳофизати обанборҳо, иншооти муҳофизатӣ ва таъмини ҳаёту фаъолияти паноҳшавандагон;

– ташкил ва тайёр намудани қувваҳо;

– ташкил намудани ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ;

– таъмини паноҳшавандагон бо воситаҳои ҳифзи фардӣ;

– ташкили қатъии омӯзиши хонандагон ва аҳолӣ оид ба рафтор ва истифодаи воситаҳои ҳифозат ва ғайра.

Инчунин як қатор чорабиниҳои дигаре ҳастанд, ки ҳангоми истифода шудани силоҳи қатли ом бояд татбиқ карда шаванд.

## ҚӮШУНҲОИ МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ (МГ) ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ОНҲО

Қӯшунҳои мудофиаи гражданини Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори давлатии ҳарбӣ буда, барои ҳалли масъалаҳои мудофиаи гражданӣ таъйин шудаанд. Қӯшунҳои МГ асоси қувваҳои мудофиаи гражданиро ташкил медиҳанд.

Қӯшунҳои МГ бо техникаи махсус, инчунин бо силоҳи оташфишон ва сард таҷҳизонида мешаванд.

Фаъолияти қӯшунҳои МГ аз лаҳзаи эълон шудани ҳолати ҷангӣ, воқеан оғоз ёфтани амалиёти ҳарбӣ ё аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он ҷорӣ карда шудани вазъияти ҳарбӣ, инчунин дар замони осоишта дар ҳолатҳои ба вуқӯъ омадани офатҳои табиӣ, эпидемияҳо, эпизоотияҳои эпидемиявӣ (бемориҳои сироятии ҳайвонот) эпифитотияҳо (касалиҳои сирояткунандаи рустанӣ), садамаҳои калон ва фоҷиаҳое, ки саломатии аҳолиро зери хатар гузошта, гузаронидани корҳои наҷотдиҳӣ ва таъхирнопазирро талаб менамоянд, оғоз меёбад.

Вазифаҳои асосии Қӯшунҳои МГ аз инҳо иборатанд:

– кофтуков ва наҷотдиҳии одамоне, ки ҳангоми амалиёти ҷангӣ ва ҳолатҳои фавқулода дар зери вайронаҳо, дар биноҳо ва иншооти хоробгардида, осебдида ва оташгирифта мондаанд;

– расонидани ёрии аввалин тиббӣ ба ҷабрдидагон ва тайёр намудани онҳо барои интиқол (эвакуатсия) ба муассисаҳои муолиҷавӣ;

– пешбурди тадқиқи муҳандисӣ, кушодани таҳхонаҳои зери вайронаҳо монда ва харобгардида, тоза кардани вайронаҳо, дар онҳо сохтани роҳравҳо ва гузаргоҳҳо, рафъи садамаҳо ва оқибатҳои онҳо дар шабакаҳои коммуналию энергетикӣ ва технологӣ, омодасозии хатти ҳаракат, таҷҳизонидани нуқтаҳои идоракунӣ;

– таъмини гузаронидани корҳои наҷотдиҳӣ ва таъхирнопазир бо пешбурди тадқиқоти радиатсионӣ, кимиёӣ, бактериологӣ (биологӣ), анҷом додани назорати дозиметрӣ ва кимиёии воҳидҳо;

– коркарди махсуси ҳайати шахсии воҳидҳо ва неруҳои ба ихтиёри онҳо додашуда;

– гузаронидани дегазатсия, дезактиватсия ва дезинфексияи сарулибос ва дигар воситаҳои моддӣ, маҳалҳо, роҳҳо, иншоот ва ҳангоми зарурат гузаронидани коркарди беҳдошти аҳолӣ;

– муоинаи зиддисӯхторӣ, маҳдуд ва хомӯш сохтани сӯхторҳо дар хатҳои ҳаракат ва мавзеъҳои осебдида;

– рафъи садамаҳо дар хатҳои алоқа баҳри таъмини робитаи боэътимод, ки идоракунии воҳидҳо ва неруҳои ба ихтиёри онҳо додашуда, инчунин алоқа бо мақомоти идораи болоӣ ва қувваҳои ҳамкорро таъмин менамоянд;

– муоинаи сарчашмаҳои об, ба даст овардан, тоза кардан ва бо об таъмин намудани ҳайати шахсии ҷузъу томҳо ва неруҳои ба ихтиёри онҳо додашуда;

– ошкор сохтан, безарар ва нобуд кардани лавозимоти ҷангии нотаркида (аз ҷумла бомбаҳои авиатсионӣ) ва дигар маводди хатарноки тарканда, инчунин тоза кардани қисмҳои осебдида (конструксияҳо)-и иншоот бо усули тарконидан;

– гузаронидани санҷишҳои кимиёию радиометрӣ ҷиҳати муайян намудани моддаҳои радиоактивӣ, заҳролудкунанда ва дигар маводди заҳрнок, танзими дараҷа ва таъмири таҷҳизоти дозиметрӣ ва воситаҳои ҳифзи инфиродӣ, назорати ҳолати воситаҳои ҳаводиҳии иншооти муҳофизатӣ;

– таъминоти техникӣ ва ақибгоҳии ҷузъу томҳо.

Роҳбарии бевоситаи Қӯшунҳои МГ-ро сардори Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

Тартиби пурра кардан ва таҷҳизонидани Қӯшунҳои МГ, ҳайат ва вазифаҳои онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## РОҲБАРӢ ВА ИДОРАКУНИИ МГ

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сардори мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муовини аввали Сардори мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Роҳбарӣ ва идораи мудофиаи граждани дар қаламрави Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҷониби раиси Вилояти

Мухтори Кӯҳистони Бадахшон амалӣ карда мешавад. Сардорони ситодҳо оид ба ҲФ ва МГ вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо бошанд, муовинони аввали сардорони мудофиаи граждании вилояту шаҳру ноҳияҳо мебошанд.

Мақомоти идораи мудофиаи гражданӣ.

Дар ҷумҳурӣ:

Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо:

Ситодҳо оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ.

Комиссияҳои эвакуатсионии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ. Комиссияҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ оид ба баланд бардоштани устувории фаъолияти соҳаҳо ва ташкилотҳо дар замони ҷанг.

Хадамоти мудофиаи граждании ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ.

**Савол ва супориш:**

1. Қӯшунҳои МГ чӣ вазифаҳоро бар зимма доранд?
2. Вазифаҳои ситоди мазкур дар солҳои ҷанг аз чӣ иборат аст?
3. Дар таълимгоҳе, ки шумо таҳсил доред, МГ дар кадом ҳолат аст?
4. Якҷоя бо омӯзгор ин ё он лаҳзаеро доир ба яке аз амалиёти мудофиаи гражданӣ нишон диҳед.

## § 7. ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Таъсиси милитсияи Тоҷикистон дар рафти дигаргунсозиҳои инқилобӣ, дар натиҷаи дарҳам шикастани дастгоҳи куҳнаи давлатӣ сурат гирифтааст.

Тақсимоти давлатии ҳудудӣ-миллии соли 1924 дар Осиёи Миёна ба давлатдории шӯравии сотсиалистии халқи тоҷик асос гузошт.

Октябри соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶМШСТ) дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон ташкил ёфт.

Бо қарори Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон аз 7-уми декабри соли 1924 дар шаҳри Тошканд Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (КХКД) таъсис ёфта, то аввали солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҷумҳурии мо 6-уми феврал ҳамчун иди касбии кормандони милитсия қайд карда мешуд. Бо қарори Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми ноябри соли 1993, рӯзи 6-уми феврал ҳамчун Рӯзи таъсиси милитсияи Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Моҳи июли соли 1934 Комиссариати корҳои дохилӣ аз нав таъсис дода шуд, ки апрели соли 1941 ба Комиссариати ҷудогонаи корҳои дохилӣ ва амнияти давлатӣ тақсим гардид, вале моҳи августи соли 1941 ҳар ду комиссариат аз нав ба Комиссариати ягонаи корҳои дохилӣ табдил дода шуданд.

Марҳалаи нави бозсозӣ ва мустаҳкам намудани органҳои милитсия дар давраи ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ табдил ёфтани Тоҷикистон соли 1929 сурат гирифт.

Мақомоти корҳои дохилӣ сипари боэътимоди Ватан, давлату миллат, кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъминкунандаи тартиботу амнияти ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, дар тӯли фаъолияташ рисолати худро содиқона иҷро менамояд.

Милитсия аз рӯзҳои аввали фаъолияташ ба Ватани азизамон – Тоҷикистон дар таъмини сулҳу субот, амнияти давлат ва ҷомеа, пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар сафи пеши муборизаҳо қарор дорад.

Сол то сол неру ва иқтидори Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ВКД) афзуда, сатҳи дониш ва малакаи касбии ҳайати шахсии он боло меравад.

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Академия) яке аз сохторҳои асосии ВКД ба шумор рафта, барои омодасозии кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯйи талаботи замон саҳми арзанда мегузорад.

Имрӯзҳо аксари ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилӣ хатмкунандагони Академия мебошанд.

Академия тартиби қабули муайяни худро дошта ба он довталабоне қабул карда мешаванд, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ, равонӣ ва ақлу заковат мушкилие надоранд.

## ҚӮШУНҲОИ ХИДМАТИ ДОХИЛА

Қӯшунҳои хидмати дохила барои ҳалли масъалаҳо оид ба ҳифзи иншооти давлатӣ ва дигар вазифаҳои хидматии ҳарбӣ пешбинӣ шудаанд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ қӯшунҳои хидмати дохила масъалаҳоро бо қӯшунҳои амалкунандаи артиш якҷоя ҳаллу фасл менамуданд. Онҳо тартибу интизомро дар хатти ҷабҳа нигоҳ дошта, бар зидди гурӯҳҳои харобиовар мубориза мебурданд, дар сохтани монеаҳои мудофиавӣ, кӯчонидани корхонаҳои саноатӣ ширкат меварзиданд. Нуқтаҳои муҳимтарини алоқаро посбонӣ мекарданд ва асирони ҳарбиро роҳбаладӣ менамуданд.

Қӯшунҳои хидмати дохила бо техникаи замонавии ҷангӣ ва воситаҳои дигаре, ки барои иҷрои вазифаҳои дар наздашон гузошташуда

мусоидат менамоянд, муҷаҳҳаз гардонида шуда буданд. Таърихи ин қӯшунҳоро ба давраи пешин ва давраи навин ҷудо кардан мумкин аст. Давраи пешин аз соли 1956 вуҷуд дошт. Қисмҳои ҳарбии қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон аз соли 1956 то соли 1960 вуҷуд доштанд. Давраи навини таърихи он аз соли 1992 оғоз мешавад. Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҳар як ҷумҳурӣ мустақил гардида, сохтори қудратии худро ташкил намуд. Дар асоси фармони вазири корҳои дохилии Федератсияи Русия аз 10-уми феврали с. 1992 қисмҳои ҳарбии қӯшунҳои дохилии ВКД-и Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд, ба тобеияти ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштанд. Хизматчиёни қӯшунҳои хизмати дохила барои ҳимояи сохти конститутсионӣ ба муқобили гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ мубориза беамон бурда, дар иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои муҳим шуҷоату далерӣ, мардонагиву қаҳрамонӣ нишон доданд.

Қӯшунҳои дохилии ВКД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори қудратиест, ки дар заминаи он якчанд қисми ҳарбӣ ташкил шуда, ба дигар соҳаҳои қудратӣ ворид гаштаанд.

Қӯшунҳои хизмати дохила мувофиқи Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри с. 1993 вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд:

– ҳифзи сарзамини Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҳамкорӣ бо сохторҳои корҳои дохилӣ дар муҳофизат намудани тартиботи ҷамъиятӣ;

– таъмини бехатарии ҷамъият ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои фавқулода;

– посбонӣ ва муҳофизати иншооти муҳимми давлатӣ ва борҳои махсус;

– муҳофизати анборҳои вазорати корҳои дохилӣ;

– иштирок дар бартараф сохтани офатҳои табиӣ;

– ширкати фаъолона дар мубориза ба муқобили терроризми байналмилалӣ.

**Савол ва супориш:**

1. Вазифаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар замони муосир аз чӣ иборат аст?

2. Қӯшунҳои хидмати дохила кадом вазифаҳоро ба зимма доранд?

# БОБИ II
# ОМОДАГИИ ТАКТИКӢ
## § 8. АСОСҲОИ БАҲИСОБГИРИИ УМУМИНИЗОМИИ МУҲОРИБА

Тактика як қисми таркибии санъати ҳарбӣ мебошад. Тактика қонуният, хусусият ва мазмуну моҳияти муҳорибаро таҳқиқ менамояд, тарзу усулҳои тайёр кардан ва амалӣ гардонидани онро муайян мекунад, хусусияти ҷангӣ ва имкони ҷузъу томҳо, қисмҳо ва воҳидҳои ҳарбиро меомӯзад.

Тактика (аз калимаи юнонии taktika – санъати сафороии лашкар) – назария ва амалияи ба муҳориба тайёрӣ дидан ва ҳарбу зарб кардани ҷузъу томҳо, қисму воҳидҳои ҳамаи навъҳои қӯшун ва навъҳои қувваҳои мусаллаҳ мебошад.

Тактика ҳамчун қисми таркибии санъати ҳарбӣ тобеи санъати амалиётӣ (оперативӣ) ва стратегия аст, барои онҳо амал менамояд ва ҷиҳати ҳосил шудани ҳадафе, ки санъати амалиётӣ дар назди он мегузорад, хизмат мекунад.

Тактика баробари пайдошавии артиш тавлид ёфтааст. Рушду камоли ин санъати ҳарбӣ бо омӯхтани навъи силоҳ, пайдо шудани олоти нави муҳориба бо силоҳ, зиёд шудани микдори техникаи ҷангӣ, ки барои ҳалли вазифаҳои ҳарбӣ пешбинӣ шудааст, бо сифатан тағйир додани таркиби шахсии бахшҳои ҷангӣ алоқаманд аст.

Барои тараққиёти тактика сарварони ҳарбии замонҳои гуногун: Искандари Макдунӣ, Ганнибал, Юлий Сезар, Святослав, Александр Невский, Дмитрий Донской, Пётри I, П.А.Румянсев, А.В.Суворов, М.И.Кутузов, Г.К.Жуков; аз тоҷикон: Спитамен, Шерак, Муқаннаъ, Деваштич, Темурмалик, Сарбадорон, Восеъ, Аҳмадшоҳи Масъуд ҳиссаи бузурги худро гузоштаанд.

Тантанаи тактикаи қӯшунҳои шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941 – 1945) зери сарварии Г.К.Жуков ҳаматарафа такмил ёфт. Муваффақияти муҳориба бо ҷидду ҷаҳди якҷояи ҷузъу томҳо, қисмҳо ва воҳидҳои ҳамаи навъҳои қӯшун, ҳавопаймоҳо ва лашкари махсус зимни роли роҳбарони воҳидҳои лашкари умумӣ даст медод.

Омодагии тактикӣ – омӯхтани ҳайати шахсӣ, қисмҳо барои омода шудан ва гузаронидани муҳориба мебошад, ки омӯхтани назарияи муҳориба, ташкил кардан, мусаллаҳ намудан, омӯхтани шароитҳои ҳарбии қисмҳои худ ва қисмҳои артишҳои хориҷӣ, шаклҳо ва тарзҳои ҳаракат ҳангоми муҳориба; омӯхтани ҳайати шахсӣ барои истифодаи моҳиронаи силоҳ ва техникаи ҳарбӣ дар шароитҳои душвор, дар ҷойҳои гуногун, шабона ва рӯзона; дар рӯҳияи баланди ҳарбӣ – инсондӯстӣ тарбия намудани ҳайати

шахсӣ, омода сохтани қисмҳои гуногуни қӯшунҳо барои гузаронидани ҳаракатҳои моҳирона дар муҳорибаҳо пешбинӣ гардидааст.

Ҳангоми омодагии тактикӣ вазъҳои тактикӣ тафтиш ва дақиқ карда мешаванд. Ҳамчунин тарзҳои нави истифодаи шаклҳои нави силоҳ ва техникаи ҳарбӣ дар муҳориба муайян карда мешаванд. Омодагии тактикӣ асоси омӯзиши майдони ҳайати шахсии қисмҳо мебошад. Ин аз он далолат мекунад, ки танҳо ҳангоми машғулиятҳо ва омӯзишҳои тактикӣ ба ҳолатҳои ҳақиқии ҷангӣ наздик шудан ва омӯхтан имконпазир мегардад. Омӯхтани дигар фанҳои омодагии ҳарбӣ ба омӯхтани омодагии тактикӣ вобаста мебошад. Тактика тарзу усулҳои тайёрӣ ба ҷанги умумиқӯшунӣ ва ҷанг карданро таҳқиқ мекунад.

**Набарди умумиқӯшунӣ, тарзи пешбурди он ва воситаҳои муборизаи мусаллаҳона.**

1. Набард шакли асосии амали тактикӣ мебошад. Он бо ҳадафҳо, макони гузариш, вақти зарбаҳо, оташфишонӣ ва манёвргузаронии пайвастагиҳо, қисмҳо ва ҷузъу томҳо мувофиқашуда буда, бо мақсади нобуд кардани душман, рафъ кардани зарбаҳои он, иҷрои дигар вазифаҳои марбута дар ноҳияи маҳдуду вақти кӯтоҳ ташкилшуда мебошад.

Зарба ин ба гурӯҳбандӣ ва объектҳои душман зарбазании яквақта ва кӯтоҳмуҳлат мебошад. Он бо роҳи таъсиррасонии пурқувват ва истифодаи воситаҳои мавҷудаи маҳвсозӣ ё ҳуҷуми лашкар иҷро мешавад. Зарбаҳо вобаста ба яроқи истифодашаванда – ядроӣ ва оташ; вобаста ба воситаҳои баранда – ракетавӣ ва ҳавоӣ-авиатсионӣ; бо шумораи воситаҳои дар он ширкаткунанда ва объектҳои маҳвшаванда – зарбаи шадид, мутамарказонида, гурӯҳӣ ва як-якӣ буда метавонанд.

Оташ – ин тирандозӣ аз навъҳои гуногуни силоҳ ва ракетазанӣ аз таҷҳизоти муқаррарӣ барои маҳвсозии ҳадафҳо ё барои иҷрои дигар вазифаҳо буда, дар набарди умумилашкарӣ тарзи асосии нобуд кардани душман мебошад. Он бо вазифаҳои тактикии иҷрошаванда – барои нобуд кардан, фурӯнишонӣ (саркӯб намудан), беқувват кардан, вайрон намудан, дуд намудан, нобино намудан ва ғайра; бо истифодаи хелҳои силоҳ – яроқи тирпарронӣ, гранатомётӣ, огнемётӣ, мошини размии пиёданизом (мошини зиреҳпӯши размӣ), танкҳо, артиллерия, маҷмӯи ракетаҳои зиддитанкӣ, воситаҳои зенитӣ ва ғайра; бо тарзи пешбурд – бо нишонгирии рост, нимрост, аз мавқеъҳои пӯшидаи оташфишонӣ ва ғайра; бо шиддатнокӣ – тирпарронии як- якӣ, кӯтоҳ ё дарозмуддат, бетанаффус, ханҷармонанд, фирорӣ, методӣ, оташбор ва ғайра; бо самти тирпарронӣ- ҷабҳавӣ, ҷаноҳӣ, салибмонанд; бо тарзи тирпарронӣ - тирпарронӣ аз ҷой, тирпарронӣ бо таваққуф, роҳравон, аз борт, бо парешонӣ

ба ҷабҳа, бо парешонӣ ба умқ, ба майдон ва ғайра; бо намуди оташфишонӣ - ба ҳадафи алоҳида – як-якӣ, мутамарказонидашуда, монеакунанда ва чандтабақа фарқ мекунанд.

Манёвр (макр, ҳила, фиреб) муташаккилона ҷойивазкунии лашкар дар рафти иҷрои вазифаҳои размӣ мебошад. Он бо мақсади ишғол намудани макони мувофиқ, барпо намудани гурӯҳбандии қувваҳои зарурӣ ва воситаҳо, инчунин кӯчонидан ё аз нав нишонгирӣ (шадидгардонӣ, тақсимкунӣ)-и зарба ва оташфишонӣ барои бештару самараноктар маҳв сохтани гурӯҳбандии муҳимтар ва объектҳои душман иҷро мешавад. Дар набард намудҳои манёвр бо ҷузъу томҳо иҳота карда гузаштан, миёнагиркунӣ, ақибнишинӣ ва иваз кардани мавқеъ мебошад.

Иҳотакунӣ ин манёвре мебошад, ки бо мақсади ба ҷаноҳи душман баромадан иҷро мешавад. Миёнагиркунӣ манёври нисбатан умқтар буда, барои ба ақибгоҳи душман баромадан иҷро мешавад. Иҳота ва миёнагиркунӣ дар ҳамёрии тактикӣ ва оташ бо ҷузъу томҳои аз ҷабҳа ҳуҷумкунанда иҷро мешавад.

Ақибнишинӣ ва ивазкунии мавқеъ ин манёвре мебошад, ки аз ҷониби ҷузъу томҳо (воситаҳои оташфишонӣ) бо мақсади аз зери зарбаи афзалиятноки душман баромадан, рафъ кардани муҳосирашавӣ, ишғол намудани макони муфидтар барои иҷрои амалҳои минбаъда иҷро мешавад.

Манёври оташ яквақта ё пайи ҳам мутамарказонидани оташ ба ҳадафҳои муҳимтарини душман ё тақсимкунии он барои маҳвсозии якчанд ҳадаф, инчунин азнавҳадафгирӣ ба объектҳои нав мебошад.

2. Набарди умумиқӯшунӣ, зиддиҳавоӣ, ҳавоӣ метавонад бошад.

Набарди умумиқӯшунӣ бо ҷидду ҷаҳди иттиҳоди пайвастагиҳо, қисмҳо ва ҷузъу томи Қӯшуни хушкигард, Қӯшуни ҳарбию ҳавоӣ, десанти ҳавоӣ пешбурд карда мешавад. Пайвастагиҳо (қисмҳо, ҷузъу томҳо) дар рафти набарди умумиқӯшунӣ якҷоя бо дигар қисмҳои навташкил ва мақомоти қӯшунии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои набардиро иҷро карда метавонанд.

Ҷиҳатҳои хоси набарди муосири умумиқӯшунӣ шиддатнокии баланд, зудгузарӣ, дараҷаи пасту баланди амалҳои набардӣ, хислати заминиву ҳавоӣ, таъсиррасонии яквақтаи пуршиддати оташфишонӣ ва радиоэлектронӣ ба тамоми умқи сафи тарафҳо, истифодаи тарзҳои гуногуни иҷрои вазифаҳои набардӣ ва вазъияти мураккаби тактикӣ мебошад.

Набарди умумиқӯшунӣ аз ҷузъу томҳои дар он ширкаткунанда разведкабарии бетаъхир, маҳорати баланди истифодаи аслиҳа ва техникаи

ҳарбӣ, воситаҳои ҳимоякунӣ, ниқобкорӣ, чустучолокӣ, муташаккилӣ, ба ғалаба бовар доштан ва интизоми устувору муттаҳидиро талаб менамояд.

3. Набарди умумӣ танҳо бо истифодаи силоҳҳои муқаррарӣ ё яроқи ҳастаӣ (ядроӣ), воситаҳои маҳвсозии дигар, инчунин яроқе, ки ба истифодаи принсипҳои нави физикӣ асос ёфтааст, метавонад гузаронида шавад.

Силоҳи муқаррариро ҳамаи воситаҳои оташфишонӣ ва зарбазанӣ, муҳиммоти истифодашавандаи артиллерия, авиатсия, яроқи тирандозӣ ва муҳиммоти муҳандисӣ, ракетаҳо дар таҷҳизи муқаррарӣ, муҳиммоти таркиши ҳаҷмӣ (ҳароратӣ-термобарӣ), муҳиммоти сӯзонанда ва омехтаҳо ташкил медиҳад. Системаи фавқуланиқи яроқи муқаррарӣ самаранокии афзал дорад.

Асоси пешбурди набард танҳо бо истифодаи силоҳи муқаррарӣ пайваста торумор (саркӯб) намудани ҷузъу томҳои душман мебошад.

Тактика, масалан, ҳуҷумро таҳқиқ намуда, тарзҳои ташкили он ва ҳамла оварданро дар сурати рахна кардани хатти мудофиа, таъқиби душмани фироркарда, гузаштани кӯлу дарё, усулҳои ташкилу амалӣ гардонидани муҳорибаи шабҳангом, ҷангҳои дохили шаҳру деҳот дар самти соҳили дарёҳои кӯҳӣ, кӯҳсору биёбон, ҷангал ва ғайра, ҳамчунин масъалаҳои роҳпаймоии қӯшунҳо ва мавқеи онро муайян мекунад.

Омодагии тактикӣ донишу малакаи дар дарсҳои омодагии техникӣ, муҳандисӣ, сафоройӣ, ҷисмонӣ, дар дарсҳо оид ба муҳофизат аз силоҳҳои калонҳаҷми нобудсозро ҷамъбаст менамояд. Ғалаба дар муҳориба – ин аст нишонаи асосии тайёрии пухтаи ҳайати шахсӣ. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷанговарони шӯравӣ бартарии донишу малакаи тактикии худро нисбат ба душманон исбот намуданд. Онҳо намунаҳои баланди ҷангиданро нишон доданд.

Тактикаи ҳозираи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиёти қӯшунҳоро дар ҳар шароит пешбинӣ мекунад. Вай назарияву амалияи муҳорибаро бо истифодаи бисёр воситаҳои мубориза мусаллаҳ дар ҷанги умумилашкарӣ ва навъҳои таъминоти ҷангӣ, муҳофизат аз силоҳҳои ҳозиразамони зарбазанро дар бар мегирад.

**Савол ва супориш:**

1. Тактика чӣ маънӣ дорад ва чӣ гуна омодагиро омодагии тактикӣ меноманд?

2. Саҳми сарварони соҳаи ҳарбиро дар ин хусус шарҳ диҳед.

3. Аҳамияти омӯзиши омодагии тактикиро шарҳ диҳед.

## § 9. БАХШИ ҶАНГИИ МОТОТИРАНДОЗ ВА МОШИНИ ҶАНГИИ ПИЁДАНИЗОМ (БМП)

Бахши мототирандоз – зерқисми поёнии тактикӣ мебошад ва он мутташаккилан ба ҳайати дастаи тирандози мошинсавор дохил мешавад. Бахши тирандози мошинсавор бо мошинаҳои ҷангии пиёданизоми МҶП (БМП) ё мошинаи зиреҳпӯш МЗ (БТР) мусаллаҳ гардонида мешаванд.

Бахши тирандози мошинсавори МҶП дар ҳайати худ метавонад командири бахш (К), нишонгир-танзимгар (НТ), механик-ронанда (МР), пулемётчӣ (П), норинҷакандоз (Н), тирандози калон (ТК) ва тирандоз (Т) дошта бошад.



**МҶП-2 (БМП) мошини ҷангии пиёданизом**

Дар бахш чунин силоҳ ва муҳиммот мавҷуданд: МҶП, пулемёти дастии Калашников (РПК), норинҷакҳои дастии зиддитанкӣ (РПГ), автомати Калашников (АКМ), норинҷакҳои дастӣ (РГ) ва норинҷакҳои дастии зиддитанкӣ (РКГ).

МҶП – мошини зиреҳпӯш мебошад, ки барои ҳаракат ҳангоми муҳориба пешбинӣ шудааст. Суръати ҳаракати мошина баланд буда, аз монеаҳои обӣ, бероҳа, ботлоқ ва барфтӯда озодона гузашта метавонад. Вай бо дастгоҳи муҳофизати зиддиавтоматӣ ва асбобҳои рӯшноидиҳанда таҷҳизонида шудааст. Мошини зиреҳпӯш дар ҳайати худ фармондеҳи бахш, норинҷакандоз, тирандоз, тирандоз - ёвари норинҷакандоз, мерган (снайпер), тирандози калон, ду нафар тирандоз ва ронанда дорад. Аслиҳаи онҳо аз пулемёти дастии Калашников, норинҷаки дастии зиддитанкӣ, автомати Калашников, камони мерганӣ

(снайперӣ)-и Драгунов, норинҷаки дастии тиккашаванда ва кумулятивии зиддитанкӣ иборат мебошад.

МЗ – мошини ҳарбии чархдор мебошад, ки асосан барои ба майдони ҷанг дохил намудани ҳайати шахсӣ ва дастгирии оташфишонии қисми ҳарбӣ ҳангоми муҳориба пешбинӣ шудааст.

Дар манораи МЗ пулемёти калонмили Владимиров (КПВТ) ва пулемёти танкии системаи Калашников насб карда шудаанд. Тавоноии ҳарбӣ нишондиҳандаи сифатӣ ва шуморавии зерқисмҳо ва қисмҳое мебошад, ки қудрати худро дар иҷрои супоришҳо дар вақти муайянгардида дар шароитҳои мушаххаси ҳолатҳо нишон дода метавонанд.



**МЗ-80 (БТР) мошини зиреҳпӯш**

Тавоноии ҷангии бахши техникаи тирандоз аз рӯйи тавоноии оташфишонӣ ва манёврии он тавсиф дода мешавад. Ҳангоми доштани аслиҳаи гуногун бахш метавонад бо ёрии танкҳо ва мошинҳои зиреҳдор, ҳавопаймоҳои пастпарвоз бо чархболҳои душман нотарсона биҷангад ва воситаҳои оташфишон ва қувваи зиндаи онро нобуд созад. Ҳангоми муҳориба бахш метавонад 1-2 танк, мошини зиреҳпӯшро бо бахши сарбозон; ҳангоми муҳофизат 2-3 танк, 1-2 мошини зиреҳпӯш ва 12-15 сарбози душманро нобуд созад.

Ҳангоми муҳориба нақши асосиро вақт мебозаду ҳангоми муҳофизат дар муддати кӯтоҳ иваз кардани макони ҳаракат.

Аз тавоноии ҷангии бахш бар меояд, ки нишони ҳамлаи ӯ метавонад душмани дар хандақ ё худ дар дигар ҷойҳои муҳофизатибуда, танки дар роҳи муҳориба ҷойгиршуда, аслиҳа, пулемёт ва дигар воситаҳои оташфишонӣ шаванд. Масофаи то 100 метрро мудофиа намуда, бахш метавонад ҳамларо то дастаи пиёданизоми мошинсавор, ки бо танкҳо неруманд шудааст, зада гардонад.

Аз таҷрибаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ маълум аст, ки душман ҳангоми аз даст додани 50% техникаи ҳарбӣ ва қувваи зинда аз муҳориба даст мекашад. Дар муҳориба бахши тирандози мошинсавор дар ҳайати

дастаи тирандоз ҳангоми пайгирӣ (разведка) ва муҳофизат метавонад мустақилона ҳаракат намояд. Вобаста ба супориши ҷангӣ, макон ва дигар шароит бахш метавонад дар МҶП, МЗ, пиёда (бо лижаҳо), баъзан бо ёрии десантҳо дар танк ҳаракат кунад.

Дар қувваҳои мусаллаҳ дар қатори мошини ҷангии пиёданизом – МҶП-2, ки имконоти хуби оташфишонӣ ва роҳпаймоӣ дорад, мошини нави ҷангии пиёданизом – МҶП-3 низ ҳаст.

МҶП-2 тӯпи автоматии 30 мм дорад, ки  худ бо суръати сусттар –ҳар дақиқа то 200-300 тир андохта метавонад. Агар зарур шавад, босуръаттар, яъне ҳар дақиқа то 550 тир низ парронда метавонад. Тири ҳадафзани тӯпи тезпаррони то 4000 м, оташфишонии бевосита дар сурати 2 м баланд будани нишон то 1000 метр аст. Ба тӯпи тезпаррон пулемёти милаш 7,62 мм васл карда шудааст, ки дар ҳар дақиқа то 260 тир мепарронад. Мошини ҷангӣ ҳамчунин ракетаҳои идорашавандаи зиддитанкӣ (ПТУР) дорад, ки дурии парвози ҳаддалимкони он 4000 м ва дурии парвози ҳадди ақаллаш 75 м аст.

Ҳамаи ин силоҳҳо дар қисмати оташфишонии мошин, яъне дар миёнаи танааш ҷой дода шудаанд. Дар ҳамин ҷо дар курсии овезаи даврзананда ҷойи оператори нишонгир (ОН) таҷҳизонида шудааст. Ғайр аз ин, мошин ду комплекси зенитии дастӣ ё худ гранатомёти зиддитанкӣ дорад. Дар ихтиёри бахши сарбозон 2 пулемёти дастӣ, 6 автомат ва 12 норинҷак ҳаст.

Бахши сарбозони МҶП-2 аз 10 кас иборат мебошад. Ҳайат (экипаж)-и мошин аз 3 кас - командир, механик-ронанда ва оператори нишонгир иборатанд. Ҳамчунин ҳафт десантчии тирандоз дар назаранд, ки шаш нафарашон дар шуъбаи десантчиён ва як нафарашон дар паҳлуи механик-ронанда ҷой мегиранд.

Шаш десантчии тирандоз дар ҷойҳои худ, яъне дар ду тарафи мошин секасӣ менишинанд. Барои онҳо бурҷи гардон ва асбобҳои роҳбин ҷиҳозонида шудаанд. Бинобар ин десант аз мошин нафуромада, роҳравон ва гоҳ-гоҳ бозистода, оташ кушода метавонад. Ғайр аз ин, бурҷи мошин (манора) давр мезанад ва оператори нишонгир имкони ба ҳар сӯ тирпарронӣ карданро дорад.

Мошин дар роҳи хушки бефарш бо суръати 45-50 км/с, дар шоҳроҳ то 65 км/с ҳаракат карда, бе сӯзишвории иловагӣ 600 км роҳро паймуда метавонад.

МҶП-2-и 13 - тоннагӣ аз монеаҳо ба осонӣ гузашта, баландии тамоюлаш 35 дараҷаро бемалол баромада ва фуромада метавонад.

Ғайр аз ин, мошин аз девори рости баландиаш 70 см ва хандақи бараш 2,5 метр баҳузур мегузарад. МҶП-2 аз монеаҳои обӣ бо суръати 7 км/с шино карда мегузарад.

Зирехи давродаври МЧП-2 системаю узвҳои муҳим, ҳайат ва десантро аз тиру пораҳои гулӯлак (снаряд) боэътимод муҳофизат мекунад.

Дар мошин асбоби пайгирӣ (разведка)-и радиатсия ва моддаҳои кимиёвӣ (ПРХР) шинонда шудааст. Агар МЧП-2 дар рафти муҳориба ба минтақаи олудаи моддаҳои заҳрдор ё худ радиоактивӣ биафтад, роғҳои дару равзанаи шуъбаҳои он дарҳол маҳкам мешаванд.

МЧП-2 барои панох доштан аз назари душман бо аппаратураи дудзои термини серамал (ТДА) таҷҳизонида шудааст, ки бо он масоҳати дарозиаш 150-200 метрро камаш як дақиқа дудпӯш кардан мумкин аст. ТДА сӯзишвории дизелӣ ва дуди партови худи мошинро ба кор мебарад. Дар мавриди зарурат масоҳаташро бо норинҷакҳои дудзо дудпӯш кардан мумкин аст. Барои ин дар мошин шаш дастгоҳ насб шудааст, ки онҳо норинҷакҳои дудзоро ба масофаи то 200-300 метр ҳаво медиҳанд. МЧП бахшро хеле хуб муҳофизат мекунад.

**Савол ва супориш:**

1. Бахши тирандози мошинсавор МЧП (БМП) ё МЗ (БТР) аз кадом аъзо иборат аст ва чӣ гуна аслиҳаи ҳарбӣ доранд?

2. Фарқи аъзо ва аслиҳаи МЧП аз МЗ чист? Дар бораи имконоти ҷангии бахши тирандози мошинсавор нақл кунед.

3. Аҳамияти қӯшунҳои мазкурро бо мисолҳо шарҳ диҳед.

## § 10. ВАЗИФАҲОИ БАХШИ САРБОЗОНИ МЧП. ВАЗИФАҲОИ САРБОЗИ ТИРАНДОЗ, ТИРАНДОЗИ КАЛОН, ПУЛЕМЁТЧӢ, НОРИНҶАКАНДОЗ, МЕРГАН ДАР МУДОФИА




Дар ҷангҳои умумиқӯшунӣ нақши сарбозон бузург аст. Барои ба даст овардани ғалаба бар душман онҳо бояд яроқи худро ҳаматарафа донанд; силоҳ ва техникаи ҷангиро дар ҳолати омодабошии доимии ҷангӣ нигоҳ доранд, онҳоро дар ҷанг истифода бурда тавонанд. Ғайр аз ин, ҳар як сарбоз бояд ҳангоми нобуд шудани ҳамсафонаш ё аз саф баромадани онҳо, инчунин дар вақтҳои зарурӣ ҷойи онҳоро иваз карда тавонад.

Ҳар як сарбоз вазифадор аст:

– вазифаи ҷангии даста, гурӯҳи (танки) худ ва вазифаи худро донад;

– ташкилкунӣ, аслиҳа, техника ва тактикаи воҳидҳои душман, хусусан имкониятҳои ҷангии танкҳои он, мошинҳои зиреҳпӯш, воситаҳои зидди танк ва ҷойҳои нисбатан сусти онҳоро донад;

– аслиҳа ва техникаи воҳидҳои худиро донад;

– андоза, ҳаҷм, тартиб ва муҳлати ҷиҳозонидани иншооти муҳандисиро донад, хандақҳо ва паногоҳҳоро зуд ҷиҳозонад, аз он ҷумла бо истифода аз воситаҳои таркишдиҳанда ниқобкориро ба анҷом расонад;

– дар ҷанг ҳама вақт мушоҳида барад, сари вақт душманро ошкор карда ба командир гузориш диҳад;

– душман, хусусан танкҳои он ва дигар мошинҳои зиреҳпӯши онро бо ҳамаи воситаҳои оташфишон нест кунад;

– дар майдони ҷанг моҳирона ҳаракат кунад, мавқеи оташфишониро интихоб намояд, ҷасурӣ, ташаббус ва кордониашро нишон диҳад, ба рафиқон ёрӣ расонад;

– аз ҷиҳати ҷисмонӣ обутоб ёфта ва пуртоқат бошад, усулҳои ҷанги тан ба танро донад;

– душмани ҳавоиро шинохта тавонад ва ба муқобили ҳавопаймоҳои пастпарвоз аз яроқҳои оташфишон оташ кушояд;

– дар ҷанг командирро муҳофизат кунад;

– тарзҳои муҳофизат аз силоҳи қатли ом ва яроқи дақиқпарронии душманро донад.

– дар ҷанг бе иҷозати командир ҷойи худро иваз накунад.

– силоҳ ва муҳиммоти ҷангиро тайёр карда тавонад.

**Вазифаҳои норинҷакандоз дар мудофиа.**

– силоҳи худро дар ҳолати коршоям нигоҳ дорад, аз он дақиқ парронда тавонад, натиҷаи тирпаррониро мушоҳида карда моҳирона онро дуруст кунад;

– беист майдони ҷангро назора карда, дар бораи нишонҳои ошкоргардида (гурӯҳи сарбозони душман, МҶП, МЗҶ, танк ва ғ.) ба командир хабар диҳад, бо супориши командир ё мустақилона онҳоро бо оташ нест кунад, бо оташ ба ҳамсафонаш ёрӣ диҳад;

– асбоб ва механизмҳои дар шуъбаи десанти мошини ҷангии пиёданизом (мошини зиреҳпӯш) воқеъгардидаро истифода бурда тавонад;

– ба нишонгир-оператор дар тайёр ва ҷамъ кардани муҳиммоти ҷангӣ, хизматрасонии техникии аслиҳа ёрӣ диҳад; ба механик-ронандаҳо дар хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошини ҷангӣ ёрӣ расонад;

– душмани ҳавоиро шинохта тавонад ва ба муқобили ҳавопаймоҳои пастпарвоз (самолёт, чархбол, десант ва ғайра) оташ кушояд;

– андоза ва тартиби ҷиҳозонидани муҳандисии хандақи худ ва бахшро донад, дар вақтҳои муқарраргардида онро тайёр кунад ва ниқобкорӣ карда тавонад.

**Вазифаҳои мерган дар мудофиа.**

– яроқи худро дар ҳолати коршоям нигоҳ дорад, аз он дақиқ паррона тавонад, натиҷаи тирпаррониро мушоҳида карда моҳирона онро дуруст кунад;

– майдони ҷангро мушоҳида карда дар бораи нишонҳои ошкоргардида (мерганҳо, пулемётчӣ, қувваи зиндаи душман, командирони душман, сарбозони фаъол) ба командир хабар диҳад, бо супориши командир ё мустақилона онҳоро бо оташ нест кунад, воситаҳои нишонгир ва назоратии мошинҳои ҷангиро аз кор барорад;

– дар дилхоҳ маҳал зуд самтгирӣ карда тавонад, хуб худро ниқобкорӣ кунад, худро ба душман ошкор накунад, аз ҳар як ноҳамвориҳои маҳал истифода бурда пуртоқат бошад, нишонҳои заруриро ёфта бо тири якум ва дар муддати кӯтоҳ онҳоро нест кунад;

**Вазифаҳои нишонгир - оператори мошини ҷангӣ дар мудофиа.**

– аслиҳаи мошини ҷангӣ (танк), асбобҳои нишонгирӣ ва мушоҳидакуниро донад ва онҳоро дар ҳолати омодабошии ҷангӣ нигоҳ дорад;

– қоидаҳои тирпарронӣ аз мушакҳои зиддитанкии идорашаванда, тирандозӣ аз аслиҳа ва пулемёти бо он ҷуфткардаро донад ва аз онҳо ба қувваи зиндаи душман, МҶП, МЗҶ, танк ва нишонҳои пастпарвоз дақиқ парронда тавонад;

– доимо ҳолати аслиҳа, асбобҳои нишонгирӣ, механизмҳои тирпуркунӣ ва нишонгириро санҷад, хизматрасонии техникии онҳоро гузаронад, норасоиҳоро бартараф кунад ва ба командир гузориш диҳад;

– азназаргузаронӣ, тайёркунӣ ва ҷамъкунии муҳиммоти ҷангиро тавонад;

– бо радиодастгоҳ ва дигар воситаҳои гуфтугӯйӣ кор карда тавонад ва дар бораи нишонҳои ошкоркардааш ба командир сари вақт гузориш диҳад;

– мошини ҷангии пиёданизомро (танкро) аз зери оташи душман бароварда тавонад; онро ба паноҳгоҳи наздиктарин барорад; ба механик-ронанда дар гузаронидани хизматрасонии техникӣ ва таъмир ёрӣ расонад;

– душмани ҳавоиро шинохта тавонад ва ба муқобили нишонҳои пастпарвоз (ҳавопаймо, чархбол, десант ва ғайра) оташ кушояд;

– вазифаҳои командири гурӯҳ (танк)-ро донад ва дар вақтҳои зарурӣ ӯро иваз кунад.

**Вазифаҳои механик-ронандаи мошини ҷангии пиёданизом (мошини зиреҳпӯш, автомобил) ва танк дар мудофиа.**

– сохт, имкониятҳои техникӣ, қоидаҳои истифода ва нигоҳубини мошинҳои ҷангии пиёданизомро (мошини зиреҳпӯш, автомобил) ва танкро

донад, мошинҳоро дар ҳолати омодабошии доимӣ нигоҳ дорад, онро дар шароиту вазъиятҳои гуногуни шабонарӯз моҳирона ронда тавонад;

– фосила ва ҷойи худро дар тартиби ҷангӣ нигоҳ дорад;

– меъёрҳои сарбории мошинҳои ҷангии пиёданизом (зиреҳпӯш, автомобил, танк), қоидаҳои шинондан ва кашондани одамонро донад ва риоя кунад; мошинро барои паноҳ кардан тайёр кунад; аслиҳа ва техникаро кашола карда барад;

– ҷойи ист ё самти амалиётҳои воҳидҳои худӣ ва роҳҳои ҳаракат ба сӯйи онҳоро донад; аз назди мошини худ ва ҷойи муқарраргардида дур наравад;

– амрҳои танзим ва идоракунандаи аз тарафи танзимгар додашавандаро донад ва аниқ иҷро кунад;

– навъ, меъёри хароҷоти сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданиро донад; ба исрофи онҳо роҳ надиҳад; оид ба 0,5 ва 0,75 хароҷот шудани сӯзишворӣ сари вақт ба командир гузориш диҳад;

– ба яроқи худ соҳиб бошад, онро барои ҳимояи худ истифода барад; ба дасти душман афтидани он роҳ надиҳад;

– корношоямии мошинро ошкор карда, ҳатман ба командир гузориш диҳад ва барои бартараф намудани он чораҳои зарурӣ андешад.

Ҳар як сержант ва сарбоз вазифадор аст:

– вазифаи ҷангии даста, гурӯҳи (танки) худ ва вазифаи худро донад;

– ташкилкунӣ, аслиҳа, техника ва тактикаи воҳидҳои душман, хусусан имкониятҳои ҷангии танкҳои он, мошинҳои зиреҳпӯш, воситаҳои зиддитанкӣ ва ҷойҳои нисбатан сусти онҳоро донад;

– аслиҳа ва техникаи воҳидҳои худиро донад;

– андоза, ҳаҷм, тартиб ва муҳлати ҷиҳозонидани иншооти муҳандисиро донад, хандаққо ва паноҳгоҳҳоро зуд ҷиҳозонад; бо истифода бурдан аз воситаҳои таркишдиҳанда ниқобкориро ба анҷом расонад;

– дар ҷанг ҳама вақт мушоҳида барад, сари вақт душманро ошкор намояд ва ҳатман ба командир гузориш диҳад;

– устуворона ва мустаҳкам дар мудофиа амал кунад, ҷасурона ва боҷуръатона дар ҳуҷум амал кунад, душман, хусусан танкҳои он ва дигар мошинҳои зиреҳпӯши онро бо ҳамаи воситаҳои оташфишон нест кунад, дар майдони ҷанг моҳирона ҳаракат кунад, мавқеи оташфишониро интихоб намояд, дар ҷанг ҷасурӣ, ташаббус ва кордониашро нишон диҳад, ба рафиқон ёрӣ расонад;

– аз ҷиҳати ҷисмонӣ обутоб ёфта ва пуртоқат бошад, усулҳои ҷанги тан ба танро донад;

– душмани ҳавоиро шинохта тавонад ва ба муқобили ҳавопаймоҳои пастпарвоз аз яроқҳои оташфишон оташ кушояд;

– дар ҷанг командирро муҳофизат кунад, дар ҳолатҳои ярадоршавӣ ё марги командир фармондиҳии воҳидро ба зимма гирад;

– тарзҳои муҳофизат аз яроқи қатли ом ва яроқи дақиқпаррони душманро донад, аз маҳал, воситаҳои муҳофизати фардӣ, хусусиятҳои муҳофизатии мошинҳо моҳирона истифода барад, монеа, симхор ва минтақаи заҳролудшударо бартараф намояд, минаҳои зиддитанкӣ ва зидди пиёдагардонро гузошта ва безарар гардонда тавонад, коркарди махсус гузаронад.

**Савол ва супориш:**

1.Нақши сарбозон дар ҷангҳои умумиқӯшунӣ аз чӣ иборат аст?

2.Вазифаи ҷангии бахш аз чӣ иборат аст?

## § 11. ҶАНГИ МУОСИРИ УМУМИҚӮШУНӢ

Ҷанг – задухӯрди мусаллаҳонаи муташаккили тарафҳои муқобил мебошад. Он бо ҳадафи дар муддати кӯтоҳ нобуд сохтани душман дар ҳудуди муайян сурат мегирад. Ҷанг воситаи асосии ба даст овардани ғалаба мебошад. Ҷанги замонавӣ ҷанги умумиқӯшунӣ ба ҳисоб меравад. Дар он зерқисм ва қисмҳои қӯшунҳои хушкигард, қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ, қувваҳои зидди ҳамлаи ҳавоӣ, ҳангоми ҳаракатҳои баҳрӣ киштиҳои флоти ҳарбии баҳрӣ низ иштирок мекунанд. Дар ҷанги замонавӣ шумораи зиёди танкҳо, мошинаҳои ҷангии пиёданизом ва дигар техникаи зиреҳпӯш, артиллерия, воситаҳои муҳофизатии зиддиҳавоӣ, ҳавопаймоҳо, чархболҳо, техникаи ҷангӣ ва дигар аслиҳа истифода мешавад. Ҷанги замонавӣ бояд бо хусусияти ҳалкунандагӣ, зудҷойивазкунӣ, пурқувватӣ, зудгузарӣ ва гуногунии тарзи ҷангидан фарқ намояд.



**Мафҳуми ҷанг ва навъҳои ҷанги умумиқӯшунӣ**

Ҷанг воситаи асосии ба даст овардани ғалаба мебошад.

Шикаст додани душман ва ба даст овардани ғалаба дар ҷанг фақат дар натиҷаи бо ҳамаи хелҳои силоҳ зарбаҳои тавоно задан, сари вақт истифодабарии натиҷаҳои онҳо, фаъолона ва мақсаднок амал кардани қисму воҳидҳои муттаҳид амалӣ гардонида мешавад.

Ҷанг метавонад умумиқӯшунӣ, ҳавоӣ, зиддиҳавоӣ ва баҳрӣ шавад.

Ҳуҷум тарзи асосии амали воҳидҳо буда, он пай дар пай қитъаи маҳал ва мавқеи душманро дар натиҷаи аз як мавқеъ ба мавқеи дигар ҳаракат кардан ишғол мекунанд. Вай бо мақсади тамоман несту нобуд кардани душман ва ишғол намудани иншоотҳои муҳим гузаронида мешавад.

Тартиби ҷангӣ – барои бурдани ҷанг ҷойгиршавии ҳайати шахсӣ, силоҳ ва техника мебошад.

Найрангкорӣ – дар рафти ҷанг ҷойивазкунии муташаккилонаи воҳидҳо бо мақсади нисбат ба душман ишғол намудани мавқеи мувофиқ ва барпо намудани афзалияти зарурӣ бо қувва ва воситаҳо, иичунин барои гузаронидан ё равон кардани зарба ва оташ барои нест кардани душман мебошад. Навъҳои найрангкории воҳидҳо инҳо мебошад: иҳота кардан (паҳн шудан), давр зада гузаштан ва ақибнишинӣ кардан; найрангкорӣ бо оташ; мутамарказонидан, ба ҷойи дигар гузаронидан, тақсим кардан.

Муҳосира – амали воҳид оид ба безараргардонии ноҳияи (иншоотӣ) воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ҷойгиршуда, бо мақсади манъ кардани баромадани онҳо аз ноҳия, таъмини ҷустуҷӯ ва дастгиркунии онҳо мебошад. Вай метавонад пурра фаро гирифта шавад, ё ҷойи эҳтимолии баромади душман муҳосира шавад.

Иҳота – амали воҳид оид ба безараргардонии воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ дар ноҳияи маҳдуди муайян бо мақсади дастгиркунӣ ё нест кардани онҳо мебошад.

Наряди қӯшунӣ – ин воҳидест (гурӯҳи хизматчиёни ҳарбӣ), ки барои бурдани хизмати ҷангӣ оид ба муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини бехатарӣ, тартиб ва барои амал кардан дар ҳолатҳои вазъияти фавқулода таъйин шудааст.

Патруликунӣ – тарзи иҷрои вазифа аз тарафи наряди қӯшунӣ дар маҳалли масири ҳаракат (қитъаи назоратшаванда ё минтақаи манъкунанда), бо мақсади мушоҳида бурдан аз болои иншоотҳо, сарҳад, самт ва қитъаҳо мебошад.

Миёнагир кардан – амали воҳид оид ба безараргардонии ноҳия (иншоот) бо мақсади манъ кардани ҷойивазкунии шаҳрвандон аз сарҳади он мебошад.

Дунболгирӣ – бо мақсади нобуд кардани ҳаракати беисти воҳид аз қафои душмани қафонишин мебошад.

Аз муҳосира озодкунӣ – тарзи амали қӯшунҳо мебошад, ки бо мақсади аз муҳосира озод кардани иншоотҳо, шаҳраки ҳарбӣ, қисмҳои ҳарбӣ ва наряди қӯшунӣ истифода мешавад.

Пешгард – гурӯҳи хизматчиёни ҳарбии шумораашон аз 2 одам то даста равоншаванда бо мақсади: ҷамъ кардани маълумот оид ба душман, маҳал ва пешгирӣ кардани ҳамлаи ногаҳонии душман дар маҳалҳои эҳтимолии ҷойгиршавии онҳо мебошад.

Дидбонгоҳи мушоҳидавӣ – гурӯҳи хизматчиёни ҳарбии шумораашон 2-3 одам барои аз болои қитъаи маҳалли муайян мушоҳида бурдан, таъйин шудаанд.

Ҷанги замонавӣ метавонад бо истифодаи силоҳи ҳастаӣ (ядроӣ) ё дигар силоҳҳои нобудсоз ё худ бо истифодаи силоҳи одӣ сурат гирад. Дар ҷанг душман метавонад аз силоҳи кимиёвӣ ё биологию бактериологӣ низ истифода барад.

Силоҳи ҳастаӣ (ядроӣ), агар дар ҷанг истифода шавад, воситаи шадидтарини нобудсоз ба шумор меравад. Бе истифодаи силоҳи ҳастаӣ (ядроӣ) дар ҷанг душманро бо воситаҳои нобудсозии одӣ низ мағлуб кардан имконпазир аст. Муҳориба – як навъи асосии ҷанг мебошад. Танҳо бо роҳи муҳорибаи ҳалкунанда ғалаба бар душманро ба даст овардан мумкин аст. Мудофиа дар берун аз наздикшавӣ бо душман ё дар шароити бевосита наздикшавӣ бо он, дар мӯҳлати давомнок ё кӯтоҳмуддат метавонад тайёр шавад.

Мудофиа – як навъи маҷбурӣ ва пешбинишудаи ҷанг мебошад. Вай барои баргардондани ҳуҷуми қувваҳои бартаридоштаи душман, муҳофизати самтҳои муайян пешбинӣ шудааст. Танҳо дар натиҷаи мушоҳидаи мунтазам сари вақт душманро пай бурдан (ошкор намудан) мумкин аст. Дар натиҷаи саривақт пай бурдани ҳадафи душман, истифодаи дурусти аслиҳа бо назардошти тавоноии ҷангии он, нишонрасӣ ва ногаҳон оташ кушода душманро нобуд сохтан имконпазир мегардад. Бо оташкушоӣ аз аслиҳаҳои алоҳидаи ҷангӣ ё худ оташи ҳадафноки бахш, маҳв сохтани душман мумкин аст.




**Навъҳои гуногуни тирпарронӣ**

Бахш дар мудофиа.

Бахши мототирандоз дар мудофиа, чун қоида, дар ҳайати дастаҳо амал менамояд ва дар камини оташфишонӣ метавонад таъйин шавад. Мошини размии пиёданизом бе савораи ҳайат барои амал дар камини оташфишонӣ, ба сифати воситаҳои оташфишонии сайёр, ба ҳайати гурӯҳи мошинҳои размии даста ё зиреҳгурӯҳҳои баталион (рота) метавонад ҷудо шавад. Бахши мототирандоз дар масофаи то 100м бо ҷабҳа мавқеи размиро мудофиа менамояд.

Сафи мудофиаи бахши мототирандоз тартиби размӣ, мавқеъҳои размӣ ва низоми оташфишониро дар бар мегирад.

Тартиби размии бахши мототирандоз одатан гурӯҳи манёврӣ, гурӯҳи оташфишонӣ ва мошини размии пиёданизом (мошини зиреҳпӯши размӣ)-ро дар бар мегирад.

Мавқеи размии бахши мототирандоз аз мавқеъҳои асосӣ ва захиравӣ (муваққатӣ)-и мошинҳои размии пиёданизом (мошини зиреҳпӯши размӣ), пулемёт, гранатомёт ва ҷойи тирпарронии тирандозҳо иборат мебошад, ки он дар якҷоягӣ бо бахшҳои ҳамсоя нобуд кардани душманро пеш аз ҷабҳа ва дар ҷаноҳҳои пункти такягоҳии даста имконият медиҳад. Масофаи байни мавқеи асосӣ ва захиравии оташфишонии пулемёт ва гранатомёт (ҷойгоҳи тирпарронии тирандозҳо) бояд на камтар аз 5м бошад. Дар мавқеъҳои размии бахш воситаҳои оташфишонии сардори баландмартаба метавонад ҷойгир шавад. Барои мошинҳои размии пиёданизом (мошини зиреҳпӯши размӣ) ҳангоми мавҷуд будани вақт паноҳгоҳ метавонад ҷиҳозонида шавад.

Минбаъд фармонравои бахш:

– қарори қабулнамударо дақиқ мекунад;

– фармони размӣ медиҳад;

– ҳамкорӣ, таъминоти ҳаматарафа ва идораро ташкил менамояд;

– барои бахш корти оташфишониро тартиб медиҳад ва онро ба фармонравои даста пешниҳод менамояд, тайёрии бахшро анҷом медиҳад, омодагии онро барои набард месанҷад ва дар вақти муқарраргашта ба сардори баландмартаба гузориш медиҳад. Аз рӯйи (ҳаракат) самти ҳаракат оташи силоҳи тирпаррон метавонад санҷишӣ – рост ва миёнабур бошад. Тири аз автомат ва пулемётҳо андохташуда, ки якбора аз масофаи наздик ба як самт равона карда мешавад – ханҷарӣ номида мешавад. Оташи ҳадафнок – оташи якчанд воситаи оташфишон ё тамоми зерқисм, аз рӯйи як ҳадафи асосӣ ё гурӯҳи ҳадафҳо дар ҳудуди муайян мебошад. Фаъолӣ, зудҳаракатӣ, матонат ва ҳаракати ногаҳон бо ҳаматарафа донистани душман, натиҷаҳои оташи силоҳи худ, моҳирона паси сар намудан ё худ чарх зада гузаштани монеаҳо, аз душмани худ пешсаф будан, ҳангоми ҳама гуна обу ҳаво, шабона ва рӯзона ҳарб кардан, саривақт таъмин будан бо силоҳ, сӯзишворӣ ва техникаи ҷангӣ ба

даст меояд. Ҳамаи ин душманро роҳгум зада, ӯро ба воҳима меандозад ва малакаи ҷангиашро паст мекунад ва барои ғалаба бар душман шароитҳои хуб фароҳам меоварад. Ҳамоҳангии оташ бо ҳаракат ва истифода (манёвр)-и тактикаи ҳаракат дар ҷанги муосир ба муваффақиятҳо мерасонад. Фармондеҳони рус: Пётри I, А.В. Суворов, М.И.Кутузов, П.И.Багратион чунин мешумориданд, ки бе тактикаи ҳаракат комёбӣ дар ҷанг маънӣ надорад. Онҳо ба аскарони худ бо ҳам ҳамоҳанг сохтани ҷасурӣ ва тактикаи ҳаракатро меомӯзониданд. Тактикаи ҳаракатро бо ёрии қувва ва воситаҳо, ҳамчунин бо ёрии оташ имконпазир гардонидан мумкин аст. Манёври қувваґӣ ва воситагӣ – ҳаракати паноҳӣ, зуд ва муташаккили онҳо мебошад, ки ҳангоми муҳориба дар сарҳад ё ноҳияи нав истифода мешавад. Ин кор барои интихоб намудани ҷойи мувофиқ ва оташ кушодан ба тарафҳои камқувваи душман ё худ баромадан ба самт барои ҳамлаи рӯ ба рӯ ё ақибгоҳи душман, дар ҳолати зарурӣ бошад, аз зери оташ, ё худ зарбаҳои душман баромадан пешбинӣ шудааст. Барои ба амал баровардани ҳаракати тактикӣ, майдонҳои кушода, лаҳзаҳои ҷангӣ, ҷойҳои гуногун ва ниҳонӣ, хандақҳо ва роҳҳои ахборӣ истифода мешаванд. Тактикаи ҳаракат бо оташ – оташфишонӣ аз хатти ҷабҳа (фронт) ва дохили ҷабҳа ҳангоми муҳориба ва дар дигар ҳолатҳо бе иваз намудани макони оташфишонӣ мебошад. Ин амал барои ҳарчи зудтар нобуд сохтани душман истифода мешавад. Ҳамкории мунтазам ва дақиқ байни ҳайати шахсӣ ва воситаҳои оташфишонӣ дар гурӯҳ барои иҷрои бомуваффақияти вазифаи ҷангӣ ифода меёбад. Ҳангоми муҳориба ин ҳамкорӣ бо дастгирии якдигар, истифодаи сари вақти ҳаракат ва натиҷаҳои оташфишонӣ таъмин мегардад. Барои дастгирии ҳамкорӣ, ҳайати шахсии бахш бояд супориши ҷангӣ, нишонҳо, зангӯлаҳо ва ахборотро донанд. Ҳамкорӣ дар давоми тамоми муҳориба сурат мегирад ва ҳаракатҳои моҳиронаи шабона иҷро намудани супоришҳои ҷангиро бо талафоти камтарин таъмин менамояд. Шабона дохилшавии пинҳонӣ ба ҳудуди душман ва ҳамлаи ногаҳонӣ хеле мувофиқ мебошад.

Барои ғалаба дар ҷанги шабона машқи бисёр ва малакаи баланд, ҷасурӣ, мерганӣ дар ҳама гуна ҳудуд, истифодаи асбобҳои рӯшноидиҳанда, воситаҳои равшанӣ ва нишондоди ҳадаф, ҳаракат ҳангоми равшан намудани ҳудуд бо ёрии ракетаҳо, авиабомбаҳо ва нурҳои прожектор заруранд.

**Савол ва супориш:**

1. Муҳориба чист? Чаро муҳорибаи муосир умумиқӯшунӣ номида мешавад?
2. Хусусиятҳои муҳорибаи умумиқӯшунӣ муосир кадомҳоянд?
3. Дар муҳорибаи муосир кадом навъҳои воситаҳои нобудсозӣ истифода мешаванд?
4. Навъҳои муҳорибаҳоро номбар кунед ва дар бораи онҳо нақл кунед.

## § 12. ТАЪМИНОТИ ҶАНГӢ

Таъминоти ҷангӣ – тартиби чорабиниҳо барои нигоҳ доштани қисмҳо ва зерқисмҳо дар тайёрии ҷангӣ, таъмини шароитҳои хуб барои саривақт ва муташаккилона ба муҳориба бархостан ва иҷрои бомуваффақияти супоришҳои ҷангӣ ва инчунин манъ ё худ пешгирӣ намудани ҳамлаи ногаҳонии душман мебошад.

Таъминоти ҷангӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранок истифодабарии ҷузъу томҳои худӣ, аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ ва паст кардани самаранокии истифодабарии лашкар, қувва ва воситаҳои душман ташкил ва амалӣ карда мешавад.

Таъминоти ҳаматарафаи набард (иҷрои вазифаҳои гузошташуда) аз тайёрӣ ва амалишавии чорабиниҳое, ки ба нигоҳ доштани ҷузъу томҳо дар омодабошии баланди размӣ, нигоҳдории қобилияти размӣ ва бунёди шароити манфиатдор барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда нигаронида шуда, иборат мебошад.

Таъминоти ҳаматарафа ба таъминоти размӣ, ахлоқию равонӣ, техникӣ ва ақибгоҳӣ тақсим мешавад. Дар рафти тайёрӣ ва набард (иҷрои вазифаҳои гузошташуда) он бетанаффус амалӣ мегардад.

Нигаҳдории қобилияти размӣ аз таъмини омодабошии ҷузъу томҳо барои дар ҳама гуна шарту шароит иҷро намудани вазифаҳои размӣ иборат мебошад.

Таъминоти ҷангӣ пайгирӣ (разведка), муҳофизат аз силоҳҳои вазнини нобудсоз, таъминоти муҳандисӣ ва кимиёвиро дар бар мегирад.

Пайгирӣ (разведка) як навъи асосии таъминоти ҷангист, ки ҳама гуна имконоти дарёфти ахбор дар бораи душман ва ҳудуди онро доро мебошад. Талаботи асосӣ нисбати пайгирӣ – ҳадафнокӣ, мунтазамӣ, фаъолӣ, зудамалӣ, пинҳон амал кардан, дурустии ахборот, дақиқ муайян намудани координатаҳои ҳадаф ва объектҳои пайгирӣ мебошад.

Мафҳуми пайгирӣ. Пайгирӣ дар ҳама гуна вазъият бо мақсади сари вақт дастрас намудани маълумоти пурра, дақиқ ва муфид оиди душман, маҳалли ҷойгиршавӣ, боду ҳаво, ноҳияи амалиёти дарназардошта, умуман дастрас намудани ҳамаи он маълумотҳое, ки барои ҳайати фармондеҳӣ дар қабул намудани қарор лозим аст, ташкил карда гузаронида мешавад. Талаботи асосие, ки дар назди кошифӣ гузошта мешавад: мақсаднок; пайдарпайӣ; фаъолӣ; саривақтӣ ва фаврӣ; аниқии маълумотҳои кошифӣ ва дақиқ муайян намудани ҳадаф (нишон)-ҳо мебошад.

Пайгирии воҳидҳои махсус ҳамоно пас аз дар ақибгоҳи душман партофтан оғоз мегардад. Пайгирон бояд чунин маълумотро дастрас ё нобуд кунанд:

Доир ба душман – ҳолатҳои барои ғасби иншоотҳо таъйиншуда, ҷойи қароргирифта, имкониятҳои ҷангӣ ва мудофиаи иншоот, ҷойгиркунонии воситаҳои асосӣ, ҷой ва хислати монеаҳои муҳандисӣ, хобгоҳ,

ҳайат ва хислати силоҳи захираҳои наздиктарин, вақт ва расидани душман ба ноҳияи гузаронидани амалиётҳо.

Доир ба маҳал – қобили гузаштан будан, хислати монеаҳои табиӣ, маҳалҳои аҳолинишин, мавҷуд будан ё набудани монеаҳои обӣ, ҷой доштани роҳҳои махфӣ барои ба иншооти ғасбшаванда ва мавқеи душман наздикшаванда.

Мақсаднокии пайгирӣ аз ҳатмӣ тобеъ будани ҳамаи чорабиниҳои пайгирӣ барои таъмини тайёрӣ, вақт, пеш бурдани ҷанг ва ҳалли вазифаҳои конкретӣ дар ин ё он дараҷаҳои ҷанг иборат аст.

Пайдарпайи пайгирӣ – аз доимӣ бурдани он: ҳангоми тайёрӣ ва дар рафти ҷанг, рӯзона ва шабона, дар тамоми шароити вазъият, маҳал ва дар ҳамаи ҳолатҳои боду ҳаво иборат аст.

Фаъолии кошифӣ аз кӯшиши ҳамаҷонибаи командирон ва ситодҳое, ки кошифиро тайёр кардаанд, аз он ҷумла қисму воҳидҳо (сохторҳо)-е, ки бо истифода аз ҳамаи шароитҳо ва имкониятҳо маълумотҳои кошифии заруриро ба даст оварда, онро пеш мебаранд, вобаста аст.

Саривақтӣ ва фаврӣ бурдани кошифӣ аз бадастории маълумотҳои лозимӣ ва расонидани онҳо ба командирон, ситодҳо ва қӯшунҳо дар вақти муайяншуда, таҳлили саривақтӣ ва баҳо додан ба онҳо барои истифодаи фаврӣ ҳангоми қабули қарорҳо иборат аст. Маълумоти арзишнок ва бо меҳнати зиёд ба даст овардашуда метавонанд қимати худро гум кунанд, агар онҳо сари вақт пешниҳод карда нашаванд.

Аниқии маълумотҳои пайгирӣ аз ба даст овардани маълумоти пайгирии пурра ба вазъият дахлдошта, ошкор намудан ва ҳаққонӣ баҳо додан ба амали душман иборат аст.

Дақиқ муайян намудани ҳадафҳо (нишонаҳо)-и кашфшаванда аз муайян намудани мавқеи ҷойгиршавии онҳо бо хатоҳои камтарин ва таъминкунандаи истифодаи самараноки воситаҳои зарбазанӣ вобаста аст. Бо мақсади бо қувва ва воситаҳои қисму воҳидҳо бомуваффақият пеш бурдани ҷанг пайгирии тактикӣ гузаронда мешавад, ки он ба кошифии қӯшунӣ, тӯпӣ (артиллерӣ), радиолакатсионӣ, радио ва радиотехникӣ, муҳандисӣ, кимиёвӣ ва ҳавоӣ ҷудо мешавад.

Пайгирии қӯшунӣ ин ба даст овардани маълумоти кошифӣ дар бораи иншооти душман, таҷҳизот, омодагии ҷангӣ, шароит, хислати амалу ниятҳои душман, маҳал ва дараҷаи таҷҳизотҳои муҳандисии душман, усул ва тарзҳои бурдани ҷанг – аз тарафи душман мебошад.

Ба сохторҳои пайгирии қӯшунӣ дохил мешаванд: мушоҳидачиён, дидбонгоҳи мушоҳидакунӣ, бахши пешгард, пайгирии пешгард, пайгирии ҷангии пешгард, пайгирии алоҳидаи пешгард, пайгирии афсарии пешгард, отряди пайгирӣ, гурӯҳҳои пайгирӣ, гурӯҳҳо барои гузаронидани ҷустуҷӯ, камин ва воҳид барои гузаронидани пайгирӣ бо ҷанг.

Тарзҳои ҳаракат кардан. Рост ҳаракат кардан (дар ҷангалзор, чуқуриҳо, буттазор ва ғайра). Хам шуда роҳ рафтан (барои пинҳон шудан аз чашми душман). Роҳравии бе овоз (duздона). Хусусиятҳои ҳаракат кардан дар шаб.

Тайёрӣ дидан ба амалиётҳои шабона. Наздик шудан ба объект. Бо қомати рост ҳаракат кардан дар маҳалҳое, ки қади пайгиронро аз назари мушоҳидачиён пинҳон медорад (ҷангал, дарахтҳо, буттазор, чакалакзор ва ғайра). Дар вақти бо қомати рост дуру дароз ҳаракат кардан, пайгир бояд ҳамон мароми роҳгардие, ки ба ӯ одат шудааст, истифода барад, дар ин вақт мавзунии нафаскаширо нигоҳ дорад. Мушакҳои пой ва баданро, агар имконият дошта бошад, бояд каме суст карда ҳаракат кунад. Барои нигоҳ доштани мавзунии кори организм дар нишебиҳо қадамро калон монда, дар баландиҳо (кӯталҳо) қадамро хурд (наздик) мегузоранд. Мавзунии ҳаракатро бояд мунтазам тағйир диҳанд, дар аввал суръати роҳравиро афзуда, 3-5 дақиқа пеш аз таваққуф онро суст мекунанд. Пас аз дуру дароз роҳ гаштан, пеш аз дамгирӣ агар вазъият имконият диҳад, 1-2 дақиқа барои мунтазам паст кардани сарборӣ дар ҷой қадам задан лозим аст.

Хам шуда роҳ гаштан дар ҷойҳои аз тарафи душман дидашаванда ва мушоҳидашаванда, инчунин ашё ва монеаҳои маҳаллӣ (алафзор, девор, буттазор ва ғайра), ки қади пайгирро паноҳ карда наметавонад, истифода бурда мешавад. Дар вақти истифодаи ин тарзи роҳравӣ танҳо ба пеш хам карда, пойҳоро аз зону чунон қад мекунанд, ки паноҳгоҳ қади роҳравро пӯшонда тавонад.

Қадам аз қадами муқаррарӣ кушодтар гузошта мешавад. Пой дар вақти қадамгузорӣ аввал ба панҷаи пеш, баъд аз он ба тамоми кафи пой гузошта мешавад.

Ҳаракати давидан аз тарафи кошифон дар мавридҳои баромадан аз минтақае, ки душман онро назорат менамояд ё ҳангоми аз душман кандашавӣ, ба ҷой оварда мешавад. Ахбор доир ба макони ҷойгиршавии силоҳҳои вазнини нобудсоз бояд махсусан дақиқ бошад. Ин нишондиҳандаҳо зуд хабар дода мешаванд. Тарзҳои гузаронидани пайгирӣ –мушоҳида, гӯш кардан, ҷустуҷӯй, пинҳон шудан ва пайгирӣ воситаи муҳориба мебошанд. Ғайр аз ин, ахбори пайгирӣ ҳангоми аз назар гузаронидани макон ва ашё, бо роҳи пурсупоси асирон ва шаҳрвандон, бо роҳи омӯхтани ҳуҷҷатҳои аз душман дарёфташуда низ дастрас мегардад.

Разведка бо мақсади ба даст овардани маълумоти разведкавӣ дар бораи душман ва мавқеъ дар ноҳияи амалӣ доиршаванда, барои зарурати тайёрӣ ва бомуваффақият иҷро намудани вазифаҳои гирифташуда ташкил ва бурда мешавад. Барои истисно намудани амалҳои ногаҳонии душман кӯшиши асосии разведка мутамарказонида мешавад.

Сарчашмаи маълумоти разведкавӣ қӯшун, аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, хизматчиёни ҳарбии алоҳидаи душман, аҳолии маҳал, ҳуҷҷатҳои гуногун, инчунин ситодҳои боломартабаи худӣ ва ситоди ҷузъу томҳои ҳамгиро мебошад.

Талаботи асосие, ки ба разведка пешниҳод карда мешавад, ҳадафнокӣ, бетанаффусӣ, фаъолнокӣ, саривақтӣ ва фаврият, пинҳонкорӣ, боварибахшӣ ва аниқ муайян намудани ҷойгиршавӣ (координат)-и объектҳои разведкавӣ (ҳадафҳо) мебошанд. Маълумоти бадастоварда дар вақти муқарраршуда (бо ошкоршавӣ) ба сардоре, ки барои пайгирӣ вазифагузорӣ кардааст, пешниҳод карда мешавад. Маълумоти махсусан муҳим фавран гузориш дода мешаванд.

Бахши тирандози мошинсавор, ки барои пайгирӣ таъйин карда мешавад, метавонад ҳамчун бахши ҳаракатҳои назоратӣ амал намояд ва барои пинҳон шудан ва ҷустуҷӯй муқаррар шавад. Бахши алоҳидаи тайёр барои пайгирии радиатсионӣ, кимиёвӣ ва бактериологӣ таъйин шудааст. Ҳайати шахсии барои пайгирӣ равонгардида бояд ҷасурона ва пинҳонӣ амал намояд, ҳушёрӣ ва зиракии ҳарбиро истифода намояд. Ҳангоми муҳориба ҳамаи ҳайати шахсӣ бояд мушоҳидакор бошанд. Барои мушоҳидаи душман дар бахш мушоҳидакори махсус таъйин мегардад.

**Савол ва супориш:**

1. Таъминоти ҷангӣ гузаронидани кадом чорабиниҳоро дар бар мегирад?

2. Вазифаҳои муқарраркунии ҳолат ва ҳайати душман ба кадом мақсад бурда мешавад?

## § 13. МУҲОФИЗАТ АЗ СИЛОҲИ МАҲВКУНАНДА. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМ

Ба силоҳҳои қатли ом (ЯҚО) яроқҳои кимиёвӣ, ядроӣ ва биологӣ дохил мешаванд. Амали несткунандаи ин яроқҳо ниҳоят пуриқтидоранд. Он ба истифодаи гармии дохили ядроӣ озод мегарданд.

Тавоноии таркандаҳои ядроӣ аз рӯйи гармии таркиши ядроӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

Ба яроқи кимиёвӣ бошад, моддаҳои заҳролудкунанда (МЗ) ва воситаҳои паҳнкунандаи онҳо дохил мегарданд. МЗ-ин чунин моддаҳои заҳролуде мебошанд, ки ба воситаи онҳо тамоми мавҷудоти зинда заҳролуд шуда, оҳиста-оҳиста аз байн мераванд, маҳалҳо ва техникаи ҳарбӣ заҳролуд мегарданд. Ба воситаҳои паҳнкунандаи ин моддаҳо бошад, мушакҳои кимиёвӣ, мушакчаҳои заҳролуд, минаҳо, бомбаҳои авиатсионӣ, моддаҳои аз тайёраҳо рехташаванда, ҷараёндиҳандаҳои аэрозолӣ мансубанд.

Яроқи биологӣ ин бедоркунандаҳои касалиҳои сирояткунандаи вазнин на токсинҳои он (моддаҳои кимиёвии микробӣ, рустаниҳо ва ҳайвонот) мебошанд, ки барои нобуд сохтани одамон, ҳайвонот, рустаниҳо ва воситаҳои дастраскунандаи онҳо: бомбаҳои авиатсионӣ, мушакҳои тупӣ ва минаҳо истифода мешаванд. Бо мақсади кам намудани таъсири қатли оми аслиҳаи ҳастаӣ (ядроӣ), кимиёвӣ, бактериологӣ, нигоҳ доштани ҳолати ҷангии ҳайати шахсии зерқисм ва қисмҳо ва инчунин таъмини иҷрои супоришҳои ҷангӣ, мудофиа аз силоҳи умумии қатли ом ташкил карда мешавад.

Шуъбаи Қӯшунҳои муҳофизати радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ неруи асосии роҳбарикунандаи Қӯшунҳои муҳофизати радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ маҳсуб мешавад. Шуъба бо мақсади талафоти ҳарчи ками қӯшунҳо ва таъмини иҷроиши вазифаҳои ба дӯши онҳо гузошташуда дар шароити заҳролудшавии радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ, инчунин афзун намудани сатҳи муҳофизати онҳо аз аслиҳаҳои фавқулода ва дигар навъҳои он ташкил карда шудааст. Шуъбаи мазкур ҷузъу том ва қисмҳои низомиро бо воситаҳои муҳофизати узвҳои нафаскашӣ, асбобҳои муҳофизати радиатсионӣ ва кимиёвӣ таъмин намуда, ба онҳо машғулиятҳо дар бораи истифодаи дурусти воситаҳои муҳофизат ва асбобҳои нафасӣ, радиатсионӣ нақши муҳим мебозад. Бояд зикр намуд, ки бо дастгирии шуъба дар ҳамаи ҷузъу томҳо ва қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳракҳои ҳарбии таълимии камхарҷу манфиатбахши муҳофизати радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ сохта мавриди истифода қарор дода шуданд. Дар бахши тирандози мошинсавор барои мудофиа аз силоҳи умумии нобудсоз асбобҳои муҳандисӣ, афзорҳои ҳифозатӣ, воситаҳои шахсии муҳофизат ва воситаҳои ҳифозатии МҶП ва МЗ истифода мешаванд.

Хабари пешакӣ дар бораи таҳдиди оғози истифодаи силоҳи қатли ом, инчунин ахбор дар бораи зарарнокии радиоактивӣ, кимиёвӣ ва бактериологӣ ба ҳайати шахсӣ ба воситаҳои хабари «Хатари радиоактивӣ» ва «Хатари кимиёвӣ» амалӣ гардонда мешавад.

Ҳайати шахсӣ бояд тамиз (гигиена)-и шахсиро ҳангоми ҷобаҷогузории маҳсулоти хӯрокворӣ ва истеъмоли он, ҳамчунин талабот оид ба беҳдошти ҷамъиятӣ ва шахсиро қатъиян риоя кунад, аз воситаҳои тиббӣ моҳирона ва саривақт истифода намоянд. Ҳангоми бартараф кардани оқибатҳои истифодаи силоҳи қатли ом дар бахш ба корҳои наҷотдиҳӣ, ба зарардидагон ёрии аввалини тиббӣ расонидан, онҳоро аз майдони заҳролудшуда баровардан, назорат бо дозиметр ва инчунин назорати кимиёвӣ гузаронидан, хомӯш кардани сӯхтор ва коркарди махсус доир карда мешаванд.

Қисмҳои муҳофизати радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ бо мақсади талафоти ҳарчи камтари қӯшунҳо ва таъмини иҷрои вазифаҳои бар

дӯши онҳо гузошташуда дар шароитҳои заҳролудшавии радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ, инчунин афзун намудани сатҳи муҳофизатии онҳо аз аслиҳаи фавқуддақиқ ва дигар навъҳои он ташкил карда шудааст. Қисмҳои муҳофизати радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ барои иҷрои вазифаҳои зерин: дарёфт ва таъмини андозаҳои оқибатҳои истифодаи силоҳи қатли ом, миқёси харобшавии объектҳои радиатсионӣ ва аз нигоҳи кимиёвӣ хавфнок, таъмини ҳифозати ҳайати шахсӣ, заҳролудкунанда, токсинҳо ва воситаҳои биологӣ ва кам кардани сатҳи ошкоршавии қӯшун ва объектҳо иборат мебошад.

**Ҳимояи радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ.**

Ҳимояи радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ бо мақсади дар ҷузъу томҳо суст кардани омилҳои таъсиррасонандагии силоҳи қатли ом, фавқулдақиқ ва дигар навъҳои яроқ, вайроншави (садамавӣ)-и объектҳои хавфноки радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ, бо истифодаи воситаҳои оташандозу сӯзонанда ба душман талаф додан ташкил ва амалӣ карда мешавад.

Вазифаҳои асосии ҳимояи радиатсионӣ, кимиёвӣ, биологӣ дар даста (гурӯҳ, танк): ошкоркунӣ ва баҳодиҳии дараҷаи заҳролудшавии радиатсионӣ, кимиёвию биологӣ; ҳимояи ҳайати шахсии даста аз омилҳои таъсиррасонандагии яроқи маҳви омма ва заҳролудшавии радиатсионӣ, кимиёвию биологӣ; паст кардани сатҳи аёнии ҷузъу томҳо ва объектҳо; истифодаи воситаҳои оташандозу сӯзонанда; иҷрои чорабиниҳои ҳимояи радиатсионӣ, кимиёвию биологӣ ҳангоми бартарафсозии оқибатҳои садама (вайроншавӣ) дар объектҳои радиатсионӣ, кимиёвию биологӣ мебошад.

Ҳимояи радиатсионӣ, кимиёвию биологӣ дар даста (бахш, танк): разведкаи радиатсионию кимиёвӣ ва назорат; огоҳонӣ дар бораи заҳролудшавии радиатсионӣ, кимиёвию биологӣ; истифодаи воситаҳои ҳимояи инфиродӣ ва дастаҷамъӣ, хусусиятҳои ҳимоявии маҳал, аслиҳа, техникаи ҳарбӣ ва дигар объектҳо; қисман коркарди махсуси ҳайати шахсӣ, аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ; воситаҳои зидамалии аэрозолӣ зидди воситаҳои разведкавӣ ва нишонгирии силоҳи душман; истифодаи маводди мавҷфурӯбаранда; истифодаи воситаҳои оташандозию сӯзонандаро дар бар мегирад.

Разведкаи радиатсионӣ ва кимиёвӣ бо мушоҳидакунӣ аз болои шароити радиатсионию кимиёвӣ бо мақсади ба даст овардани маълумотҳо дар бораи далели истифодабарӣ ва ҳақиқати шароити радиатсионӣ ва кимиёвӣ, барои зарурати огоҳ кардани ҷузъу томҳо дар бораи заҳролудшавии радиатсионию кимиёвӣ, дидани чорабиниҳои ҳимоявӣ гузаронида мешавад. Он аз ҷониби мушоҳидагари таъйингашта бо истифодаи асбобҳои борти (кашонидашаванда)-и разведкаи радиатсионию кимиёвӣ иҷро мешавад.

Назорати радиатсионию кимиёвӣ дар даста бо мақсади ба даст овардани маълумот барои таъмини қобилиятнокии ҷангии ҷузъу томҳо, муайянкунии зарурияти истифодаи воситаҳои ҳимоявии инфиродӣ ва дастаҷамъӣ ва гузаронидани коркарди махсус бо истифодаи вояченкунӣ (дозиметрҳо) ва асбобҳои разведкавии радиатсионию кимиёвӣ (бахш, экипаж) гузаронида мешавад. Маълумоти санҷиши радиатсионию кимиёвӣ ба сардори боломартаба пешниҳод карда мешавад.

Огоҳкунонии қӯшун дар бораи заҳролудшавии радиатсионӣ, кимиёвию биологӣ барои сари вақт дидани чорабиниҳои ҳимоявӣ аз таъсири радиатсионӣ, заҳролудшавӣ, дигар маводди таксикологӣ ва воситаҳои биологӣ гузаронида мешавад.

Бо гирифтани огоҳӣ дар бораи таҳдиди бевосита ва ибтидоӣ, аз тарафи душман истифода бурдани силоҳи қатли ом ҳайати шахсӣ иҷрои вазифаҳои гузошташударо давом медиҳад ва воситаҳои ҳимоявиро ба ҳолати «омодабош» тайёр мекунад. Бо гирифтани огоҳӣ дар бораи зарбаи ядроӣ худи ҳайати шахсӣ дар вақти нишондодашуда чораҳои ҳимоявии инфиродӣ ва дастаҷамъӣ мебинад.

Ҳангоми аз ҷониби душман зарбаи ядроӣ ба амал овардан ҳайати шахсӣ дар баробари шуълаи зарба чораҳои ҳимоявӣ мебинад; ҳангоми дар мошини ҷангӣ қарор доштан дарҳо, равзанаҳои тирандозӣ, люкҳоро маҳкам мекунад ва системаи ҳимояи дастаҷамъии дар он мавҷуд бударо ба кор медарорад; ҳангоми аз мошин берун будан бояд ба зудӣ дар мавқеи наздиктарин муқобили таркиш ба шикам хобида, сарро ба як тараф гардонад. Баъди гузаштани мавҷи зарба ҳайати шахсӣ иҷрои вазифаҳояшро идома медиҳад.

Бо ишораҳои огоҳонӣ дар бораи заҳролудшавии радиатсионӣ, кимиёвию биологӣ ҳайати шахсие, ки бо тартиби пиёда ё дар мошинҳои кушода амал мекунад, иҷрои вазифаҳои ҷангиро хотима надода, воситаҳои ҳимоявии инфиродиро ба сар мекунанд ва онҳое, ки дар зиреҳинтиқолдиҳандаҳо (мошинҳои ҷангии пиёданизом, танкҳо) қарор доранд, воситаҳои ҳимоявии узвҳои нафаскаширо ба сар карда, люк, чиғпарда, равзанаи тирандозиро маҳкам намуда, системаи ҳимояи коллективиро ба кор медароранд. Бо ишораи «Хавфи радиатсионӣ» ҳайати шахсӣ распираторҳо (зиддигазҳо)-ро ва бо ишораи «Хатари кимиёвӣ» – зиддигазҳоро ба сар мекунанд.

Ҳангоми зарурияш пиёдашавӣ ва техникаро тарк кардан ҳайати шахсӣ воситаҳои инфиродии ҳимояи пӯсти баданро ба сар мекунад.

Истифодаи воситаҳои ҳимояи инфиродӣ ва дастаҷамъӣ, хусусиятҳои ҳимоявии маҳал, аслиҳа, техникаи ҳарбӣ ва дигар объектҳо барои ҳимояи ҳайати шахсӣ аз омилҳои зараровари таркиши ядроӣ, заҳролудшавӣ, маводди токсикологӣ ва воситаҳои биологӣ амалӣ карда мешавад.

Воситаҳои ҳимоя, хусусиятҳои ҳимоявии маҳал, аслиҳа, техникаи ҳарбӣ ва дигар объектҳо аз ҷониби ҳайати шахсӣ ҳангоми гирифтани ишораҳои муқарраршудаи огоҳонӣ, инчунин мустақилона, ҳангоми ошкор кардани нишонаҳои заҳролудшавии ҳайати шахсӣ, аслиҳа, техникаи ҳарбӣ ва дигар объектҳо бо моводди радиатсионӣ, заҳролудкунӣ, дигар моводди таксикологӣ ва воситаҳои биологӣ истифода бурда мешавад.

Ҳангоми амалҳо дар минтақаи заҳролудшавии радиатсионӣ дар ҳавои хушк бо тартиби пиёда ё дар мошинҳои кушода, ҳайати шахсӣ распиратор, плаши химиявӣ, ҷуроб ва дастпӯшак, дар минтақаи заҳролудшавии кимиёвӣ ва биологӣ бошад – зиддигазҳо, плашҳои химиявӣ, дар намуди камбинзон, ҷуроб ва дастпӯшак мепӯшад. Ҳайати шахсие, ки дар болои зиреҳинтиқолдиҳандаҳо қарор доранд, танҳо распираторҳоро (зиддигазҳоро) мепӯшанд ва дар мошинҳои ҷангии пиёданизом, танкҳо қарордошта люкҳо, дарҳо, равзанаи тирандозиро маҳкам намуда, системаи ҳимояи коллективиро ба кор медароранд. Дар обу ҳавои намнок ҳангоми амалҳо дар минтақаи заҳролудшавии радиатсионӣ бо тартиби пиёда танҳо воситаҳои ҳимоякунии пӯстро мепӯшанд.

Истифодаи воситаҳои ҳимояи инфиродӣ ва дастаҷамъӣ дар асоси маълумотҳои разведкавии радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ ва санҷишҳо (мавҷуд набудани моводди заҳролудшавӣ) бо иҷозати сардори боломартаба ба итмом мерасад.

Қисман коркарди махсуси ҳайати шахсӣ, аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ бо мақсади бартараф кардани (аз меъёр паст кардани) заҳрнокии радиатсионӣ, кимиёвию биологии он бо қувваи ҷузъу томҳо, истифодаи воситаҳои табели коркарди махсус бе хотимаи иҷрои вазифаҳои ҷангӣ ташкил ва гузаронида мешавад. Ҳангоми гузаронидани қисман коркарди нопурра танҳо қисми болоии заҳролудшуда, ки ба он ҳайати шахсӣ метавонад даст расонад, коркард мешавад.

Дар ноҳияи устуворкардашуда ба ҳимояи радиатсионӣ, кимиёвию биологӣ илова бар ин: дар истифодабарии хусусиятҳои ҳимоявии иншооти истеҳкомии дарозмуҳлат; иҷрои чорабиниҳои зидди эпидемиологӣ, санитарию гигиенӣ ва чорабиниҳои профилактикӣ бо ҳайати шахсӣ ҳангоми дар муҳлати дуру дароз қарор доштани онҳо дар иншооти истеҳкомии дарозмуҳлат; ташкили назорат аз болои ҷиҳозонидани ҳавотозакунии иншоотҳои истеҳкомии дарозмуҳлат ва дараҷаи заҳролудшавии ҳаво дар он вазифагузорӣ карда мешавад.

**Савол ва супориш:**

1. Чаро силоҳи қатли ом мегӯянд?
2. Кадом роҳҳои муҳофизат аз силоҳи зикршударо медонед?
3. Дар хусуси хавфу хатари ин навъи силоҳ бо омӯзгор суҳбат намоед.

## § 14. МАХФИГАРДОНӢ (МАСКИРОВКА)

Бо мақсади эмин нигоҳ доштани макони аслии зерқисмҳои худ, қобилияти ҷангии онҳо ва таъмини ногаҳонии ҳаракат махфигардонӣ (ниқобкорӣ) зарур аст.

Ниқобкории тактикӣ бо мақсади фиребидани душман нисбати ҳайат, макон, ҳолат, таъйинот ва хислати амали ҷузъу томҳо (аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ), матлаби амалҳои минбаъда, ташкил ва гузаронида шуда, барои ноил шудан ба амалҳои ногаҳонӣ, баланд бардоштани пойдорӣ ва нигоҳдории қобилияти размии ҷузъу томҳо нигаронида шудааст.

Вазифаҳои асосии ниқобкории тактикӣ таъмини пинҳон нигоҳ доштани фаъолияти даста (аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ), ҳақиқатнигории фаъолияти сохтакоронаи лашкар мебошад.

Тарзҳои иҷроиши вазифаҳои ниқобкории тактикӣ дар даста, пинҳонкорӣ, имитатсия ва амалҳои намоишкорона мебошад.

Пинҳонкорӣ аз бартарафсозӣ ё суст кардани нишонаҳои ошкоршавии макон, ҳайат, ҳолат ва фаъолияти ҷузъу томҳо, аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ иборат аст. Он бо қувва ва воситаҳои ҷузъу томҳо (ҳайатҳо, воҳидҳо), ҷузъу томҳои лашкари махсус амалӣ шуда, бо иҷрои чунин корҳо ба даст меояд: истифодаи воситаҳои табели паноҳкунӣ ва маводди маҳаллӣ; рангкунӣ мувофиқи табиати мавзеи амалҳо, истифодаи маводди мавҷфурӯбаранда, дудпардаи аэрозолӣ ва дигар мавод барои паст кардани дараҷаи ошкоршавии оптикӣ, гармӣ, радиолакатсионӣ, акустикӣ ва дигар нишонаҳои аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ; ҷойгиршавӣ ва ҷойивазкунии ҷузъу томҳо бо дарназардошти (истифодабарии) хусусиятҳои ниқобкории маҳал, дар паноҳ (соя)-и ашёҳои табиӣ ва сохташуда, вазъияти обу ҳаво, фасли сол, шабонарӯзӣ ва дигар шароити маҳдуди дидашавандагӣ; истифодаи рустаниҳо ва дигар тарзу усул.

Имитатсия бавуҷудоварии нишонаҳои ошкорои ҷузъу томҳо, аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, элементҳои ҷиҳозонидани муҳандисии маҳал барои нишон додани мавҷудият ё тағйирдиҳии макони онҳо, ҳайат ва ҳолат дар ноҳияҳои муайянро дар бар мегирад. Он бо роҳи дар мавқеъ, марзҳои сохташуда ва ҷиҳозонидашуда барпо намудани объектҳои аслиҳа ва техникаи ҳарбии бофтакоришуда бо истифодаи амсилаҳо, имитаторҳо ва аксдиҳандаҳо, сохтори иншооти бофташуда амалӣ мешавад.

Амалҳои намоишкорона аз қасдан ба душман намоиш додани қувваҳои махсус ҷудогардида ва воситаҳои фаъолияти ҷузъу томҳо дар мавқеъҳои бофтакорона иборат буда, намоишкорона густаришдиҳии воситаҳои оташфишонӣ ва ҷиҳозонидани мавқеъҳои оташфишонии онҳоро пешбинӣ мекунад.

Барои гумроҳ кардани душман истифода кардани аҳдшиканӣ: истифодаи нишонаҳои Ҳилоли Аҳмар, парчами миёнаравӣ (парчами

сафед), ишораҳои Созмони Милали Муттаҳид, либоси низомии душман ва нишонаҳои аслиҳа ва техникаи он, захмдоршавии бофтакорона ва ба асирӣ додани худ манъ аст.

Ниқобкории тактикӣ аз ҷониби фармонравои даста (бахш, танк) мувофиқи вазифаҳои гирифташуда, нишондоди сардори баландмартаба доир ба ниқобкорӣ ва вазъияти бавуҷудомада ташкил карда мешавад. Он доимо ва, чун қоида, бо қувваи худӣ амалӣ карда мешавад.

Дар бахши тирандозон бо роҳи нигоҳ доштани сирри ҳарбӣ, ҷойивазкунии пинҳонии ҳайати шахсӣ ва МҶП, МЗ, бо роҳи ба қоидаҳои рӯшноӣ ва шунавоии махфигардонӣ риоя намудан ва қатъан риоя намудани тартиботи махфигардонӣ ба даст меояд.

Ҳайати шахсии МҶП ва МЗ бояд моҳирона аз назари душман паноҳ шуданро донанд, рӯзона мошинаи зиреҳпӯш ва дигар лавозимоту силоҳи ҷангиро мутобиқ ба ранги атроф рангомезӣ кунанд. Барои ин кор чодарҳои махсус низ мавҷуданд.

Таъминоти муҳандисии бахши тирандози мошинсавор таҷҳизоти муҳандисии нуқтаҳо (як қисми хандаққҳо, роғҳо)-и ҷойгиршавӣ ва махфигардонии онҳо, дар нуқтаҳои муайян гузоштани монеаҳо (хорпуштҳо, монеаҳои ноаён, минаҳои ишоравӣ, минаҳои нобудсози самтӣ), гузаргоҳҳои сунъӣ (аз зери монеаҳо ва вайронаҳои душман)-ро дар бар мегирад. Барои таҷҳизонидани шуъбаи муҳандисӣ асбобҳои хандаққобӣ (асбобҳои сапёрӣ, ломҳо) ва ашёи таҳҷойӣ истифода мешаванд.

Назорати дозиметрӣ бо ёрии ченкунакҳои қӯшунии дозиметрҳо ва асбобҳои пайгирии радиоактивӣ сурат мегирад. Паст кардани сатҳи заҳролудшавӣ ва тоза намудани силоҳу муҳиммот аз заҳру микробҳо пурра ва қисман мешавад. Коркарди қисман ҳангоми супориши ҷангӣ сурат мегирад ва пурра баъд аз иҷрои супориши ҷангӣ гузаронида мешавад. Барои истифодаи дудҳо ва аэрозолҳо бо мақсади рӯйпӯш намудани ҳаракатҳои худ, инчунин муҳофизат аз нурҳои лазерӣ, асбобҳои дудҳосилкунандаи МҶП, шашка ва норинҷакҳои ба ин мақсад мувофиқ истифода мешаванд

**Муҳофизат.** Муҳофизат бо мақсади роҳ надодани пайгирони душман ва зерқисмҳо, пешгирӣ намудани ҳамлаи ногаҳонии душман, барои таъмини вақт ба қисмҳои худ барои ҳозир шудан ба муҳориба ташкил карда мешавад.

## НИҚОБКОР

Дар хотир дор! Ту бояд ҳама чизро бинӣ ва шунавӣ, вале дар навбати худ, бояд аз чашм ноаён бошӣ. Барои ин ҳар гоҳ мавқеи худро дар шафати чизҳо ё нишонаҳои ба чашм тез расанда интихоб накун; ҳангоми мушоҳида аз баландӣ аз қуллаи он сар набарор; ҳангоми мушоҳида аз паси дарахт, ғарами коҳ ва ҳезум, санг ва ғайра дар як ҷо

наист, мушоҳида бар ва аз тарафи сояи он ашё мавқеъ ишғол намо; ҳангоми дар алафзор ё дохили гандумзору зироатҳои баланд дар вақти навазидани шамол онҳоро тез-тез ҷунбондан лозим нест, зеро худро ошкор менамоӣ; ҳангоми мушоҳидабарӣ аз паси буттаҳо дар қисми поёнии онҳо мавқеъ гирифтан лозим, агар анбӯҳи буттаҳо чунин имкон надиҳад, дар назди худ якчанд шохаи дарахтро халондан лозим аст; ҳангоми дар болои дарахтҳо ҷой ишғол намудан шохаи нисбатан ғафс ва аз тарафи душман сербаргро интихоб намо; дарахтеро, ки лонаи парандагон дар болояш зиёд аст, интихоб нанамо, зеро паридани парандаҳо ва овоз баровардани онҳо туро ошкор месозанд; дар полизҳо байни ҷӯяҳо ҷой интихоб намуда, худро бо зироатҳо пӯшонидан лозим аст; дар биноҳои вайрона ҷойи худро байни вайронаҳо интихоб намо; аз болои бом ва аз паси деворҳои тахтагӣ аз тарқиши онҳо мушоҳида бар, агар чунин тарқишҳоро сохтан лозимояд, ба онҳо шакли сурохии аз тир ё оҳанпора боқимондаро додан лозим аст.

Дар ақибгоҳи душман амал намуда истода, пайгирҳо бояд ҳамеша барои ниқобкории ҳаракату амали худ чора андешанд, ба интихоби роҳи ҳаракати худ диққати асосӣ диҳанд. Мисол, дар роҳҳои сангфарш, қамишзор, агар онҳо шикаста нашаванд, дар регзори ҷӯйчаҳои обашон кам изи одам дер намеистад ва баръакс дар вақти аз қумзори соҳили обҳо гузаштан, аз саҳроҳои сиёҳхок ва лойзорҳо гузаштан из то дер вақт боқӣ мемонад. Изи ошкоршаванда, хусусан, дар соҳилҳои намноки баҳрҳо, дарё, кӯл, дар майдонҳои кушод ҳангоми ҳавои моҳтобшаб, дар замини лойдор боқӣ мемонад. Яке аз усулҳои ниқобкории ҳаракату фаъолияти пайгирон ин тақлидкорӣ бо воситаҳои дудкунанда мебошад. Аз дуд истифода бурда тавонем, воситаҳои равшанидиҳандаи душманро халалдор намоем, роҳи ҳаракати худро найрангкорӣ намоем, душмани таъқибкунандаро чапғалат диҳем, махсусан аз ин усул барои аз чархболҳои ҷангӣ наҷот ёфтан бештар истифода намудан мувофиқи мақсад аст. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳангоми истифода бурдан аз дуд, эҳтимолияти аниқ расидани бомбаҳои душман 15-20 маротиба камтар гардида буд. Дар шароитҳои замонавӣ истифода аз дуд, вобаста аз асбобҳои нишонгирии чархболу тайёраҳо талафотро 5-7 маротиба камтар менамояд, махсусан ҳангоми истифода аз мушакҳои идорашавандаи зиддитанкӣ, фоизи талафот 8-10 маротиба камтар мегардад. Барои фирефтани душман аз воситаҳои дудкунанда тақлидкории сӯхтани мошинҳоро сохтан мумкин аст. Мисол, шашкаҳои хурди дуддиҳанда дар муддати 5-7 дақиқа масофаи 50-70 метрро бо дуд пеҷонда мегиранд.

Ҳамин тавр дар ихтиёри пайгирон тарз ва воситаҳои зарурии зиёде ҷой доранд, ки фақат онҳоро бо мавридҳо ва мувофиқи шароит истифода бурдан лозим аст.

**Савол ва супориш:**

1. Махфигардонӣ бо кадом мақсад гузаронида мешавад?
2. Оид ба ниқобкорӣ дар шароити кӯҳсор чӣ маълумот доред?

## § 15. РОҲБАРӢ БА ҚИСМ

Роҳбарӣ аз пешбарии доимии қисмҳо ҳангоми омодагӣ ба муҳориба ва дар муҳориба барои иҷрои супоришҳои ба зимма гузошташуда сафарбар намудани тавоноии онҳо иборат мебошад. Роҳбарӣ кардан – маънии доимо тайёр будан ба иҷрои супоришҳо, пайгирӣ анҷом додан, саривақт қарор кардан ва супориш додан ба ҳайати шахсӣ, ташкил ва дастгирӣ, таъмини ҳаматарафаи ҳаракатҳои ҷангӣ, назорат аз рӯйи супоришҳои ба зимма гузошташударо дорад.

**Идораи ҷузъу томҳо:**

**Асосҳои идоракунӣ:**

Идораи ҷузъу томҳо (ҳайати шахсӣ) аз фаъолияти ҳадафмандонаи фармонраво оид ба нигоҳдории онҳо дар омодабошии доимии размӣ, тайёр намудани ҷузъу томҳо (ҳайати шахсӣ, аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ) барои набард (иҷрои вазифаҳои гирифташуда) ва роҳбарӣ намудани онҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳо иборат мебошад.

Идора бояд устувор, бефосила-бетаъхир, оперативӣ-фаврӣ ва пинҳонӣ бошад, омодабошии доимии размии ҷузъу томҳо, самаранок истифодабарии имконияти размии онҳо, иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои гузошташударо дар муҳлати муқарраргашта ва дар ҳама гуна шарту шароит таъмин намояд.

Идораи устувор бо равшану фаҳмо дарк намудани вазифаҳое, ки сардори баландмартаба гузоштааст, дар ҳаёт қотеона амалӣ намудани қарорҳои қабулнамуда, моҳирона ташкил намудани иҷроиши корҳо дар воситаҳои алоқа, нигоҳ доштани алоқаи устувор бо сардори баландмартаба, тобеон ва ҷузъу томҳои ҳамкор ба даст меояд.

Идораи бефосила-бетаъхир бо доимо донистан ва ҳаматарафа баҳо додани вазъияти бааммаломада, сари вақт қабул намудани қарор ва дақиқ вазифагузорӣ кардан ба тобеон, моҳирона истифода бурдани воситаҳои алоқа, дар муҳлати кӯтоҳтарин барқарор намудани идоракунии вайроншуда ба даст меояд .

Идоракунии оперативӣ-фаврӣ бо зуд эътино зоҳир намудан ба тағйирёбии вазъият, ба манфити иҷроиши вазифаҳои гузошташуда сари вақт таъсир расонидан ба амали ҷузъу томҳо ба даст меояд.

Пинҳондории идора бо пинҳондории ҷойгиркунӣ ва ҷойивазкунии пункти амрдиҳию мушоҳидавӣ (фармонраворо дар тартиби размӣ), риояи қатъии қоида ва тартиби истифодабарии воситаҳои алоқа, речаи

муқарраршудаи кори онҳо ва тадбирҳои рӯпӯшкунии радиомавҷҳо, дар рӯҳияи баланди ҳушёрию зиракӣ тарбия намудани ҳайати шахсӣ ба даст меояд.

Идораи ҷузъу томҳо (воситаҳои оташфишонӣ, ҳайати шахсӣ) дар асоси қарори фармонраво ташкил ва амалӣ карда мешавад.

Фармонравои взвод (бахш) ба воситаи радиоалоқа, амрҳои шифоҳӣ (садои овоз), воситаҳои ишоравӣ ва ибрати шахсӣ ҷузъу томҳо(ҳайати шахсӣ, экипаж)-ро идора мекунад. Дар дохили мошини размӣ фармонраво бо амрҳое, ки бо сохтори иртиботӣ, садои овоз ё ишораҳои муқарраргашта дода мешавад, амали тобеонро идора мекунад.

Дар мудофиа дар дастаи мототирандоз (гранатомётӣ, зиддитанкӣ) пункти амрдиҳию мушоҳидавӣ барпо карда шуда, он дар тартиби размии ҷузъу томҳо чунон густурда мешавад, ки ҳимояи он аз оташфишонии яроқи тирандоз ва минаандозҳо, мушоҳидаи беҳтар аз болои душман, амали тобеони худ, ҳамсояҳо ва маҳал, инчунин идораи бефосилаи-бетаъхири даста таъмин мегардад.

Дар ҳуҷум ҳангоми пиёда амалкунии дастаи мототирандоз фармонравои взвод (бахш) дар ҷое ҷойгир мешавад, ки идораи самараноки ҷузъу томҳо (тобеон) таъмин гардад.

Барои идораи ҷузъу томҳо ва оташфишонӣ сардори баландмартаба ишораҳои ягонаи идораро муқаррар менамояд.

Барои додани ишораҳои пешакӣ муқарраршуда воситаҳои ишорадиҳӣ, ракетаҳои ишорадиҳӣ, байрақчаҳо, шабчароғҳо, прожектори мошини размӣ, снаряди рассом ва дигар воситаҳои садобарор (электро ва пневмосигналҳо, ҳуштакҳо ва ғайра) истифода мешаванд. Ишораҳо метавонанд бо ёрии силоҳ, кулоҳ ва даст иҷро шаванд.

Ҷузъу томҳо танҳо ишораҳои фармонравои бевоситаи худ ва ишораҳои сиркулярии огоҳониро бояд иҷро намоянд. Онҳо то гирифтани ҷавоб (отзив) ё оғози иҷрои амрҳо (ишораҳо) дода мешаванд.

Дар хотир доштан зарур аст, ки воситаҳои ишорадиҳӣ ҳангоми идоракунии ҷузъу томҳо (тобеон) қароргоҳи фармонраворо ошкор мекунад.

Огоҳонии ҳайати шахсӣ дар бораи душмани ҳавоӣ, таҳдиди бевосита ва ибтидои истифодабарии силоҳи қатли ом аз ҷониби душман, инчунин заҳрнокшавии радиоактивӣ, кимиёвӣ ва биологӣ бо ишораҳои ягона ва доимоамалкунанда иҷро мешаванд.

Идораи оташфишонӣ уҳдадории муҳимтарини фармонравои взвод (бахш, танк) мебошад. Он разведкаи ҳадафҳои заминиву ҳавоӣ, баҳо додани муҳимияти онҳо ва муайян кардани навбати маҳвсозӣ, интихоб намудани намуди яроқ ва муҳиммот, намуд ва тарзи оташфишонӣ (тирандозӣ), ҳадафнишондиҳӣ, додани амрҳоро барои оташкушоӣ ё гузориши вазифаҳои оташфишонӣ, мушоҳидакуниро аз болои натиҷаҳои оташфишонӣ ва ислоҳкунии он, назорати сарфи муҳиммотро дар бар мегирад.

Барои идоракунии оташфишонӣ сардори баландмартаба аломатҳои (ориентири) ягона ва ишораҳоро таъйин мекунад. Иваз намудани он манъ аст. Илова бар ин, ҳангоми зарурат фармонравои даста аломатҳои (ориентири) худро ба ҳисоби на бештар аз панҷ аломат (дар самти амали бахш, сарҳади ҳудуд ва сектори иловагии тирандозӣ) метавонад таъйин намояд. Ҳангоми гузориш додан ба сардори баландмартаба ва дастгирии ҳамкорӣ танҳо аломатҳои (ориентири) ба онҳо нишондодашуда истифода мешаванд.

Ба сифати аломат (ориентир) чизҳои ба хубӣ чашмрасанда интихоб карда мешаванд. Ҳангоми истифодаи ҳадафбинии шабона (ночных прицелов) ба сифати аломат (ориентир) предметҳои маҳаллии қобилияти аккосии баланд дошта, дар ҳадди дурии амали ҳадафбин интихоб карда мешавад. Аломатҳо (ориентирҳо) аз рост ба чап ва бо марзҳо аз қароргоҳи худӣ ба самти душман рақамгузорӣ мешаванд ва ҳангоми ташкили мудофиа дар ноҳияи такягоҳӣ бошад аз қароргоҳи худӣ ба таври спиралӣ бо рафти ақрабаки соат рақамгузорӣ мешаванд. Яке аз онҳо асосӣ таъйин мешавад. Ғайр аз аломатҳо (ориентиров) барои идораи оташфишонӣ ашёи маҳаллие, ки хубтар чашмрасанд, истифода мешаванд.

**Мухтавои фармондеҳи бахши тирандоз.** Фармондеҳи бахши тирандоз муҳорибаро ҳангоми номумкинии он дар ҷойи воқеъгардидаи қисм дар шакл (макет) макон ташкил мекунад. Пас аз гирифтани супориш онро меомӯзад, вақти омода шудан барои иҷрои супориш, қоидаҳо ва муддати супориши он, дар куҷо будан ва ба чӣ кор машғул будани душман, макони ҷойгиршавии воситаҳои оташфишонии онро дақиқан таҳлил мекунад, хусусиятҳои муҳофизатӣ ва пинҳон будани онро, роҳҳои монеаҳо, шароити назорат ва гузаронидани ҷангро муайян мекунад. Сипас фармондеҳ супоришҳои ҳайати шахсиро муайян карда, фармони ҷангӣ медиҳад. Пас аз ин ҳайати шахсӣ ва аслиҳа – МҶП, МЗ-ро ба ҷанг омода менамояд ва барои таъмини ҳаракатҳои ҷангии қисм чораҳо мебинад.  Вазифаи аввалиндараҷаи фармондеҳ дар ҷанг назорат намудани оташфишонӣ мебошад. Вай пайгирии заминӣ ва ҳавоӣ, интихоби аслиҳа ва лавозимоти ҷангӣ, навъи оташфишонӣ ва тарзи гузаронидани онро, ки барои нобуд сохтани душман мусоидат мекунад, муайян месозад. Барои кушодани оташ ё супоришҳои оташфишонӣ фармон додан, ба натиҷаҳои оташфишонӣ назорат кардан ва муътадил гардонидани он, ҷойивазкунии воситаҳои оташфишонӣ, ба сарфаи захираҳои ҷангӣ назорат кардан низ аз вазифаҳои ӯ мебошанд.

**Ҷойи фармондеҳи бахш ҳангоми муҳориба.** Ҳангоми ҷанг фармондеҳ бояд чунин нуқтаеро интихоб намояд, ки барои назорат ба макон, душман, ҳаракатҳои бахш, ҳаммаслакон ва ишораҳои фармондеҳи даста мувофиқ бошад.

Идораро ташкил намуда, фармонравои даста, қароргоҳи пункти амрдиҳию мушоҳидабарии даста, рота (взвод ва баталион)-ро нишон медиҳад, радиомаълумотҳо ва тартиби истифодабарии воситаҳои алоқаро (дақиқ мекунад) мерасонад.

**Савол ва супориш:**

1. Дар хусуси сарфарбарии бахши тирандози мошинсавор дар хатти мудофиа нақл кунед.
2. Дар бораи тартиби ҳарбии бахш боз чиҳо медонед?
3. Бахш барои ҳифзи Ватан чӣ аҳамият дорад?
4. Вазифаҳои роҳбари қисмро номбар кунед.

## § 16. МУБОРИЗА БО ТЕХНИКАИ ҶАНГИИ ДУШМАН

Ба аслиҳаи бахши тирандози мошинсавор мошини ҷангии пиёданизоми «Мардер», ки барои дастгирӣ ҳангоми муҳориба пешбинӣ шудааст, дохил мешавад.

Бахши тирандози мошинсавор ба муҳориба одатан дар ҳайати дастаи тирандози мошинсавор дохил мешавад. Барои муҳориба ба номгӯйи аслиҳаи бахш мумкин аст норинҷаки зиддитанкӣ ва пулемёти якка низ дохил карда шавад. Ҳангоми хуҷум аз рӯйи супоришҳо бахши тирандози мошинсавор ба бахшҳои ҷойивазкунанда ва оташфишон ҷудо мешавад.



**Бахши тирандози мошинсавор ҳангоми ҳамла**

Вазифаи бахши ҷойивазкунанда ба душман наздик шудан ва нобуд сохтани он ё худ ӯро ба асир шудан маҷбур намудан, мебошад. Вазифаи бахши оташфишон – дастгирии бахши ҷойивазкунанда бо оташ мебошад. Ҳар як бахши оташфишон метавонад дар нақши бахши ҷойивазкунанда бошад. Бахши тирандози мошинсавор бо МЗ ҳуҷум менамояд ва дар мавриди зарурат пиёда мешавад. Дар масофаи наздики

100-150 м аз нуқтаи ҳамла пиёдагардӣ оғоз мешавад. Ҳамлаи бахшро оташи МЗ дастгирӣ менамояд. Барои оташ кушодан аз пулемёт як ё ду нафар сарбоз таъйин карда мешаванд. Ҳангоми ҳаракат ҳамроҳи танкҳо бахши пиёдашуда метавонад аз пеш ва ё аз қафои танкҳо ҳаракат намояд. Дар ҳар ду ҳолат ҳам масофаи байни танкҳо ва сарбозон бояд на камтар аз 300 м бошад. Ҳангоми мудофиа бахши тирандози мошинсавор дар пункти асосии даста ҷойгир мешавад. Бахш нуқтаҳои асосӣ ва захиравиро, ки дар ҷабҳа 100 м, ҳангоми бо норинҷакпарто ва пулемёт пурзӯр гардонидан – то 125 метрро ташкил медиҳад, омода месозад. Дар нуқтаҳо хандақҳои якка ё ҷуфт кофта мешаванд. Масофаи байни хандақҳои якка – 10 м ва хандақҳои ҷуфт бояд то 20 м бошад. Дар нуқтаи асосӣ ҳар яке аз хандақҳо бо чӯб ва хок (баландиаш 45 см) пӯшонида мешавад. Дар хандақҳо як ё ду чуқурӣ барои дар ҳолати дароз кашида пинҳон шудан канда мешаванд. Агар вақт кофӣ бошад, ба ҷойи ин чуқуриҳо метавонанд сангарҳои рӯйпӯшидаи дунафара созанд. Барои бо роҳи пинҳонӣ аз нуқтаи асосӣ ба нуқтаи захиравӣ баромадан роҳҳои ахборотӣ канда мешаванд. Барои МЗ нуқтаи алоҳида таҷҳизонида мешавад. Ҳангоми ҳамлаи душман ҳайати шахсӣ дар хандақҳо, чуқуриҳо ва блиндажҳо паноҳ мешавад. Вақти ба охир расидани оташфишонӣ ҳайати шахсӣ зуд ба ҷойҳои худ мегузаранд ва барои гардонидани ҳамлаи душман омодагӣ мебинанд. Танҳо дар масофаи барои аслиҳа дастрас оташ кушода мешавад. Душман бо оташи норинҷак (граната) ва кордҳо низ мағлуб карда мешавад. Барои нобуд сохтани танкҳо норинҷакҳо ва пулемётҳои зиддитанкӣ истифода мешаванд. Мубориза ба муқобили танкҳо ва мошинаҳои зиреҳпӯш яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа мебошад. Барои ноил шудан ба муваффақият сарбозон бояд қисмҳои пурқувват ва нозуки танкҳоро донанд.

Дар артишҳои мамолики хориҷӣ танкҳои миёна, ки барои якҷоя бо зерқисмҳои техникии пиёдагард ва алоҳида мубориза бурдан пешбинӣ шудаанд, асосӣ ҳисобида мешаванд. Танкҳои артишҳои хориҷӣ зиреҳҳои муҳофизатии хуб доранд. Онҳо бо комплекси нишонгирии инфрасурх, ки барои муҳорибаи шабона пешбинӣ шудааст, низ муҷаҳҳаз мебошанд.

Ин мошинҳо зиреҳи хуби аз монеаҳо қудрати гузаштан доранд ва метавонанд ба воситаи ҳавопаймо ва чархболҳо ба ҷойи лозима партофта шаванд.

Вале новобаста ба қувваи танк, он тарафҳои нозук ва аз ҷиҳати техникӣ ноустувор ҳам дорад, ки барои муборизаи бомуваффақият бурдан бо онҳо мусоидат менамоянд.

**Савол ва супориш:**

1. Дар бораи сохтор ва аслиҳаи бахши тирандози мошинсавори артишҳои мамлакатҳои хориҷӣ нақл кунед.

2. Дар хусуси тактикаи ҳаракатҳои бахши тирандози мошинсавори мамлакатҳои хориҷӣ ҳангоми ҳуҷум ва дифоъ нақл кунед.

3. Нақшаи ҳаракатҳои гурӯҳи мошинсавор ҳангоми ҳуҷум ва нақшаи ҷойгиршавии бахш ҳангоми дифоъро кашед.

## § 17. УСУЛҲОИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ВОСИТАҲОИ ҲУҶУМИ ҲАВОИИ ДУШМАН



Қувваи асосии зарбазани Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ – авиатсияи тактикӣ мебошад.

Сифатҳои ҷангии ҳавопаймоҳо ва чархболҳо ба ҳалли супоришҳои гуногун мусоидат мекунанд. Вазифаи асосии онҳо дастгирии қӯшунҳои хушкигард ҳангоми муҳориба ва мудофиа мебошад. Аз ин рӯ, мубориза бар зидди ҳавопаймо ва чархболҳои пастпарвоз вазифаи аввалиндараҷаи на танҳо мудофиаи зиддиҳавоӣ (МЗҲ), балки ҳамаи анвои зерқисмҳо мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки зерқисмҳои мототирандоз метавонанд бо ёрии аслиҳа ҳавопаймоҳо ва чархболҳои пастпарвози душманро нобуд созанд. Барои мубориза алайҳи ҳавопаймо ва чархболҳои душман, тавсифи ҷангии онҳо нишонҳои расмӣ ва тактикаи ҳаракатҳо ва инчунин қоидаҳои тирпаронии ҳавоиро хуб донистан зарур аст. Бомбаандозҳо – маҳвкунандаҳои реактивии баландпарвоз асоси авиатсияи тактикии артишҳои хориҷӣ мебошанд. Онҳо барои нобуд сохтани ҳадафҳои хурди заминӣ ва баҳрӣ, мубориза бо ҳавопаймо ва чархболҳои душман пешбинӣ шудаанд. Ин ҳавопаймоҳо бо дурпарвозӣ ва манёври хуб фарқ мекунанд. Онҳо бо аслиҳаи гуногун ва дастгоҳи нишонгиранда муҷаҳҳаз гардонда шудаанд ва метавонанд ба ҳадафҳои заминӣ зарбаҳои бомбавӣ зананд ва онҳоро бо ёрии тӯпу пулемётҳо, ракетаҳои гуногун ва инчунин омехтаҳои даргиранда нобуд созанд.

Бомбаандоз – маҳвкунандаҳо вобаста ба шароити зерқисмҳо ва қисмҳо ҷуфт-ҷуфт ё якка ҳаракат мекунанд. Бо мақсади муайян метавонанд аз баландии кам, миёна ва калон ҳадафҳои заминиро аз ҳолатҳои гуногуни парвоз нобуд созанд. Чархболҳои ҷангии артишҳои хориҷӣ якҷоя бо бомбаандоз – маҳвкунандаҳо дар ҳаракатҳои гуногуни ҷангӣ фаъолона ширкат меварзанд. Онҳо нишонҳои заминиро бо ёрии ракетаҳои гуногун, норинҷакандозҳо, тӯпҳо ва пулемётҳо маҳв менамоянд. Чархболҳо дар шакли зерқисмҳо ва гурӯҳҳои хурд амал карда, ҷойи худро ба самти дигаре ё ба баландие зуд иваз карда метавонанд. Чархболҳо ба ҳадаф аз баландии кам, бо истифода аз релйефи макон наздик

мешаванд, зуд ба ҳуҷум мегузаранд ва пас аз зарба задан фавран ғайб мезананд. Хусусияти асосии чархболҳо – ногаҳонии ҳаракат мебошад. Ба кадом давлат тааллуқ доштани чархболҳоро аз рӯйи нишонҳои онҳо, ки дар шаклҳои геометрӣ сабт шудаанд, муайян кардан мумкин аст. Ин нишонҳо дар боло, паҳлуи онҳо ва қисми амудӣ (вертикалӣ)-и онҳо сабт карда шудаанд. Барои мубориза алайҳи ҳавопаймо ва чархболҳои пастпарвози душман дар қатори дигар воситаҳои зенитӣ силоҳи тирпаррон низ истифода бурда мешавад. Масофаи дастрас барои кушодани оташ бар зидди ҳавопаймоҳо ба баландии 400 м ба 500 – 600 м мувофиқ аст. Банишонгирӣ дар ҳамаи ҳолатҳо ба «З» ё «П» гузошта мешавад. Тирпаррронӣ ду навъ: пешгирикунанда ва гуселкунанда мешавад. Тирпарронии пешгирикунанда бар зидди ҳадафҳое сурат мегирад, ки суръати парвози онҳо 150 м/с-ро ташкил медиҳад. Дар ҳолати ин суръат бузургии ҳаракати пешравандаро бо чашм муайян кардан душвор аст.



Барои кушодани оташ силоҳ ба боло ба самти тахминии ҳадаф равона карда мешавад. Дар масофаи 800 – 900 м будани ҳадаф оташ кушода мешавад. Дар ин ҳолат силоҳ дар як самт нигоҳ дошта мешавад. Агар самти ҳаракати тирҳо дақиқ намоён бошад, тирпаррониро қатъ накарда, силоҳ ба тарафи ҳадаф гардонида мешавад, то ки самти тирҳо ва ҳадаф ба ҳам оянд. Тирпарронии гуселкунанда барои нобуд сохтани ҳадафҳои ҳаракаташон суст (чархболҳо, ҳавопаймоҳои нақлиётӣ, парашутчиҳо) сурат мегирад. Ҳангоми тирпаррронӣ тирандозони пулемёт ҷойи аслиҳаро иваз карда, самти нишонгириро то расида омадани ҳадаф дақиқ муайян менамоянд ва ҳангоми ба ҷойи нишон расидани он оташ мекушоянд. Пешбинӣ бо дид муайян карда мешавад. Дарозии он то 500 м ба 60 – 80 м баробар аст. Тирпаррронӣ бар зидди қувваҳои ҳавоӣ дар ҳолати дарозкашида, ба зону истода, рост истода, инчунин аз даруни хандақ сурат мегирад.

**Савол супориш:**

1. Дар бораи хусусиятҳои ҷангӣ ва тактикаи ҳаракатҳои қиркунандаҳои бомбапарто ва чархболҳои душман нақл кунед.

2. Чаро масофаи мувофиқтарини кушодани оташ ба тарафи ҳадафҳои ҳавоӣ 500 – 600 метр аст ва чаро банишонгирӣ ба «З» ё ин ки «П» гузошта мешавад?

3. Дар бораи роҳҳои оташкушоӣ ба нишонаҳои ҳавоӣ нақл кунед.

# § 18. МОНЕАҲОИ МУҲАНДИСӢ ВА ТАЪМИНОТИ МУҲАНДИСӢ

Қӯшунҳои муҳандисӣ 23-юми июни соли 1993 таъсис ёфтааст. Дар ҳайати Қӯшунҳои муҳандисӣ қисмҳои ҳарбие ташкил шудаанд, ки онҳо дорои ротаҳои муҳандисӣ – сапёрӣ буда, имконияти иҷрои вазифаҳои нахустдараҷа муҳим ва хатарнокро оид ба таъминоти муҳандисӣ, муҳофизати сарҳади давлатии амалиётҳои ҷузъу томҳои муҳандисӣ дар муноқишаҳои мусаллаҳ дошта, омодагии ҷангиро дар фаъолияти ҳамарӯзаи хеш мудом нигоҳ медоранд.

Дар ин ҳол яке аз талаботҳои асосии ба қӯшунҳои муҳандисии пешниҳодшуда ин нигоҳдошти имкониятҳо оид ба иҷрои вазифаҳои давлатии ба зиммаи онҳо буда, иборат мебошад. Қӯшунҳои муҳандисӣ ягона навъи қӯшуне мебошанд, ки барои онҳо ҳеҷ гоҳ ҷанг ба охир намерасад.

Қӯшунҳои муҳандисӣ яке аз навъҳои хеле шоёни қӯшунҳо ба ҳисоб меравад. Пеш аз ҳама дар хотир бояд дошт, ки қӯшунҳои муҳандисӣ – ин қӯшуни хатти пеши ҷанг мебошад. Онҳо дар як вақт бо мототирандозон ва танкистҳо, дар бисёр ҳолатҳо ҳатто пеш аз онҳо ба майдони ҷанг медароянд.



**Минаи зиддипиёдагарди ПМД-6М**
**а - шакли умумиаш, б - буриш, в - таркандаи МУВ-2.**
**1 - тарконанда, 2 - сарпӯш, 3 - танаи мина, 4 - заряди ВВ, 5 - оташгирон, 6 - қишри оҳанин, 7 - тирмехи муҳофизат, 8 - тирмехи ҷангии Т - шакл, 9 - пружинаи ҷангӣ, 10 - буранда, 11 - кулоҳаки резинӣ, 12 - маснуоти оҳанӣ, 13 - зарбазанак.**

Махсусан, қӯшунҳои мазкурро ҳангоми ҷангу ҷидол ва муноқишаҳои низомӣ масъулияти бузурге, аз қабили убури монеъ бартараф кардани онро ва бехавфсозӣ аз минаҳоро ба уҳда доштанд.

Дар муҳорибаи муосир монеаҳои муҳандисӣ мисли пештара барои таъмини ҳаракатҳои зерқисмҳо аҳамияти бузург доранд. Таъминоти муҳандисӣ бо мақсади барои ҷузъу томҳо бунёд намудани шароити

зарурӣ барои иҷро намудани вазифаҳои размӣ, баланд бардоштани қобилияти ҳимоявӣ аз силоҳи маҳвкунанда, инчунин бо муҳиммоти муҳандисӣ талаф додани душман ва мушкил кардани амалҳои он ташкил ва амалӣ карда мешавад. Онҳо дар маконе (дар об ё дар ҳаво) ҷойгир карда мешаванд, то ки ба душман зарба зананд, ҳаракат ва қобилияти ҷангии онро суст намоянд. Монеаҳо аз рӯйи хусусиятҳои таъсирнокиашон ба душман муҳандисӣ ва минавӣ – тарканда мешаванд. Навъи асосии монеаҳои муҳандисӣ - минавии тарканда мебошад. Барои устувор кардани монеаҳои минавӣ - тарканда аз минаҳо истифода мешавад. Аз рӯйи нишондод онҳо зиддитанкӣ ва зидди пиёдагард мешаванд. Ин минаҳо барои нобуд сохтани танкҳо ва дигар навъҳои техникаи ҷангӣ пешбинӣ шудаанд. Онҳо ду навъанд – минаҳое, ки ҳангоми аз болои онҳо гузаштани танк метарканд ва минаҳое, ки аз проексия (наздикшавӣ)-и танк, ба воситаи ба кор даромадани таркандаи махсус метарканд. Минаи зиддитанкӣ нахустин бор соли 1924 аз тарафи муҳандиси шӯравӣ Д.М.Карбишев ихтироъ карда шудааст.

Мина аз корпус (оҳан, чӯб, пластмасса) заряди моддаи тарканда, тарконанда ва детонатори вақтӣ иборат аст. Дар дохил ва ду тарафи чанде аз минаҳои зиддитанкӣ сӯроххои запалии печдор барои тарконанда ҷойгир мешаванд, ки дар ҳолати дар ҷойи нонамоён ҷойгир шудани он заруранд.




**Минаи зиддитанкии ТМ-57**
**а - шакли умумӣ, б - бурриш.**
**1 - тана, 2 - заряди ВВ, 3 - таркандаи фосилавии мобайнӣ, 4 - бари таркандаи фосилавӣ, 5 - лонаи оташгиронӣ, 6 - таркандаи МВ-57 дар ҳолати ҷангӣ, 7 - рӯйбанд, 8 - сарпӯш.**

Минаҳои зидди пиёдагард барои нобуд сохтани қувваҳои зиндаи душман пешбинӣ шудаанд. Онҳо фугасӣ ва порчашаванда мешаванд.

Минаҳои фугасӣ – асосан ба як одам зарари сахт мерасонанд. Ба одаме, ки дар вақти зер кардани сарпӯши мина, хусусан зер кардани

асоси баҳаракатдароварандаи маводди таркиш, қувваи мавҷи зарба ба вуҷуд меояд.

Ғайр аз минаҳои истеҳсоли шӯравӣ боз ба минаҳои зидди пиёдагарди фугасии давлатҳои хориҷӣ дар як хел ноҳияҳои наздисарҳадӣ низ дучор шудан мумкин аст. Минаҳои зидди пиёдагарди фугасии давлатҳои хориҷӣ аз минаҳои замони шӯравӣ бо он фарқ доранд, ки механизми зарбазанак дар баъзеи онҳо дар қисми болои мина ҷойгир карда шудааст. Маводди моддаи таркандаи он бошад тавоноии нисбатан баланд доранд.




**Ҳолатҳои ошкорсозии минаҳо ҳангоми гузошта шудан**

Минаҳои зидди пиёдагарди фугасии давлатҳои хориҷиро дар ҳолати ҷангӣ гирифтан ва безарар гардондан манъ аст, чунки онҳо дар дохил як намуди қапқонак доранд, ки дар ҳолати безараргардонӣ метавонад таркишро ба амал орад. Минаҳои зидди танк дар чуқурии 5-8 см ва минаҳои зидди пиёдагард дар чуқурии 1-2 см хок ё рег гузошта мешаванд. Гузоштани мина ба одамоне иҷозат дода мешавад, ки онҳо сохт, тарзи кор, тарзи минагузорӣ ва безараргардонии онҳоро омӯхта бошанд. Минаҳои зидди пиёдагардро гирифтан манъ аст. Онҳо бо роҳи таркондани заряди моддаи тарканда нобуд карда мешаванд. Минаҳои дар майдони муайян ҷойгиршуда майдонҳои минавиро ташкил медиҳанд. Майдонҳои минавии зидди танк ва зидди пиёдагард омехта мешаванд.

Қӯшунҳои муҳандисӣ барои ҳалли вазифаҳои таъминоти муҳандисии ҷанг таъйин гардидаанд.

Ба мафҳуми «таъминоти муҳандисии ҷанг» чӣ дохил мегардад?

Таъминоти муҳандисӣ яке аз навъҳои таъминоти ҷангӣ ба шумор меравад. Таъминоти муҳандисӣ дар амалиётҳои ҷангӣ бо мақсади барпо намудани шароити зарурӣ ҷиҳати сари вақт ва номаълум ба пеш ҳаракат кардан, густариш ёфтан, манёвр намудани қўшунҳо, аз тарафи онҳо бо муваффақият иҷро намудани вазифаҳои ҷангӣ, беҳтар намудани муҳофизати қўшунҳо ва объектҳо аз ҳама гуна зарбаи душман, инчунин барои талафот расонидан ва монеа сохтан ба душман ташкил карда мешавад.

Таъминоти муҳандисӣ чунин корҳоро дар бар мегирад:

– разведкаи муҳандисии душман, маҳал ва объектҳо;

– таҷҳизонидани истеҳкомии (фортификатсионии) мавзеъҳо, сарҳадҳо (ҳудудҳо), маҳалҳо, нуқтаҳои идоракунӣ ва ғайра;

– сохтан ва нигоҳ доштани монеаҳои муҳандисӣ, инчунин барпо намудани хаpобкориҳо;

– сохтан ва нигоҳ доштани минаҳо ва фугасҳо;

– нобуд сохтан ва безарар гардонидани минаҳои ҳастаи (ядроӣ)-и душман;

– кушодан ва нигоҳ доштани гузаргоҳҳо дар монеаҳо ва хаpобаҳо;

– сохтани гузаргоҳҳо аз байни монеаҳо;

– тоза намудани маҳалҳо ва объектҳо аз минаҳо ва моддаҳои тарканда;

– омода намудан ва нигоҳ доштани роҳҳо барои ҳаракати қўшунҳо, барои кашонидан ва таҳлия (эвакуатсия);

– таҷҳизонидан ва нигоҳ доштани гузаргоҳҳо ҳангоми бартараф намудани монеаҳои обӣ;

– чорабиниҳои муҳандисӣ оид ба ниқобкории қўшунҳо ва объектҳо;

– чорабиниҳои муҳандисӣ оид ба барқарор намудани қобилияти ҷангии қўшунҳо ва бартараф намудани оқибатҳои зарбаҳои ҳастаии душман;

– пайдо намудан ва тоза (соф) кардани оби ошомиданӣ, таҷҳизонидани нуқтаҳои обтаъминкунӣ.

Вазифаҳои таъминоти муҳандисӣ аз тарафи қисму воҳидҳо, ҷузъу томҳои ҳама навъи қўшунҳо иҷро карда мешаванд.

Ҳоло яке аз вазифаи аввалиндараҷаи воҳидҳои муҳандисӣ аз мина ва дигар маводди тарканда тоза намудани маҳалҳо мебошад. Ҳарчанд ки ҳоло дар дохили кишвар сулҳу субот ҳукмфармо бошад ҳам, аммо ҳанӯз дар маҳалҳои ҷангдида ҳазорон мина, бомба ва дигар моддаҳои тарканда мавҷуд аст.

Аз ин рӯ, дар Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии аз мина безарарсозии минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳия шуда, ҳоло он амалӣ гардида истодааст. Барои баррасӣ намудани ин барнома дар қаламрави ҷумҳурӣ “Марказ оид ба масъалаҳои минаҳо” дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфт.

Бо кадрҳои муҳандисӣ, сапёрӣ таъмин намудани ин сохтор ба дӯши Қӯшунҳои муҳандисӣ вогузор шудааст.

**Савол ва супориш:**

1. Хусусиятҳои тактикӣ-техникии минаҳои зидди танк ва зидди пиёдагард кадомҳоянд?

2. Дар бораи таъйиноти сохти умумӣ ва принсипи кори минаҳои зидди танк ва зидди пиёдагард нақл кунед.

3. Вазифаҳои таъминоти муҳандисӣ барои анҷом додани кадом амалҳо пешбинӣ шудаанд?

## § 19. ТАҶҲИЗОНИДАНИ МУҲАНДИСИИ НУҚТАИ БАХШ

Таҷрибаҳои ҷангӣ нишон доданд, ки моҳирона таҷҳизонидани нуқтаҳои бахш дар бисёр ҳолат боварииро дучанд менамояд. Дар ҷанги муосир нақши таҷҳизонидани муҳандисӣ чанд баробар афзуд. Нуқтаи таҷҳизонидашуда барои оташфишонӣ ва назорат шароитҳои хуб фароҳам меорад, ҳайати шахсиро аз хавфи ҳамлаи душман эмин медорад, шароити зуд ва паноҳӣ ҷой иваз кардан дар рафти ҷанг самти ҷабҳаро таъмин менамояд. Таҷҳизонидани муҳандисӣ аз сохтани хандақҳо, роҳҳои ахборотӣ, инчунин гузоштани монеаҳои минавӣ-тарканда иборат мебошад. Дар ҳолати рӯ ба рӯ нашудан бо душман таҷҳизонидан аз кандани хандақҳо сар мешавад.

Хандақ (окоп)  иншооти болокушодаи заминӣ мебошад, Хандақҳо барои тирандоз, пулемёт, нориҷақандоз, минаандоз (миномёт), аслиҳа, танк, мошини ҷангии пиёданизом (МҶП), мошини зиреҳпӯш (МЗҶ), дастгоҳи зенитӣ ва ғайра мешавад.

Дар ин ҳолат аз техникаи заминкоб истифода кардан мумкин аст. Дар ҳолати рӯ ба рӯ шудан бо душман, таҷҳизонидани нуқта – хандақҳои якка сар мешавад.



**Кандан ва ниқобпӯш намудани хандақҳои якнарафа барои тирпарронӣ аз ҳолатҳои гуногун (аз шикам аз зону росто).**

Хандақи якнарафа чуқуриеро бо хоктӯдаҳои аз пеш ва паҳлуҳояш рехташуда истифода мекунад, ки ҷойгиршавии мусоиди сарбозро бо яроқаш ҳангоми оташ ва муҳофизатшавиашро аз воситаҳои оташфишони душман таъмин менамояд. Хандақҳои якнафара аз рӯйи сохт ва чуқуриашон 3 намуд мешаванд: хандақҳои якнафара барои тирпарронӣ аз ҳолати бо шикам, хандақҳои якнафара барои тирпарронӣ аз ҳолати ба зону, хандақҳои якнафара барои тирпарронӣ аз ҳолати росто. Барои оташфишонӣ, мушоҳидабарӣ ва ҳимоя намудани худ аз воситаҳои оташфишони душман, ҳайати шахсӣ дар мавқеи ишғол намудаашон аввал хандақҳои якнарафа барои тирпарронӣ ва баъдан онҳоро аз ҳолати зону ва росто чуқуртар мекунанд. Пеш аз кандани хандақ ҳар як сарбоз аз маҳал истифода бурда, он ҷо тарзе ҷойгир мешавад, ки барои мушоҳидабарӣ, назорат кардан ва тирпарронӣ намудани қитъаи додашуда мувофиқ буда, барои душман ноаён бошад. Сипас сарбоз барои тирпарронӣ хандақи якнафара меканад ва агар барои мушоҳида намудан ва тирпарронӣ кардан ҷисмҳои маҳал барои ӯ халал расонанд, доираи назар (мушоҳидабарӣ) ва тирпаррониашро тоза мекунад.

Яке аз одитарин хандақҳои якнафара хандақ барои тирпарронӣ аз автомат дар ҳолати бо шикам хобида мебошад.

**Тоқча барои тирдон**

Ин хандақ танҳо дар як ҳолат канда мешавад, ҳангоми таъҷилан ба мудофиа гузаштан аз зери оташи душман. Барои кандани ин гуна хандақ асбоби фардии хандаққовӣ - белчаи пиёдагардон истифода бурда мешавад.

Сарбоз бо амри командири бахш - «хандақ кан» ба кандани хандақ шурӯъ мекунад. Умуман дар куҷое сарбоз амрро шунидааст, ба кандан шурӯъ менамояд. Ҷойи кандани хандақро метавонад командири бахш таъйин кунад ё худи сарбоз интихоб намояд.

Бо амри «хандақ кан» сарбоз ба шикам ғелида, силоҳашро дар тарафи рости худ ба масофаи дасти дароз кардашуда гузошта, ба паҳлуи чап мегардад ва белчаро аз ғилофаш мебарорад. Баъд белчаро бо ҳар ду даст гирифта, бо зарбаҳои аз боло ба поён аз тарафи пеши худ чимтол меканад. Чимтолҳои кандаашро сарбоз дар тарафи пеши худ мечинад, то ин ки фавран аз оташи рости душман як қадар ҳимоя гардад. Баъд аз ин сарбоз бо белча хокро тақрибан то чуқурии 20 см меканад ва хоки кандашударо барои ба вуҷуд овардан ва ё тайёр намудани ҷонпаноҳ (бруствер) ба пеш мепартояд.

Вақте ки қисми пеши хандақ канда шуд, сарбоз ба қафо меғеҷад. Акнун қисми мобайнии хандақро канда, як қисми хоки кандашударо

ба пеш ва қисми дигарашро ба тарафи чап мепартояд. Сипас бо қафаси сина ба хандақ хазида медарояд ва онро то чуқурии 30 см меканад. Хоки кандашуда асосан ба тарафи пеш ва чап, қисман ба тарафи рост партофта мешавад. Дар ин ҳол баландии ҷонпаноҳ бояд ба 30 см расад.

Вобаста аз сахтии замин (замини яхбаста, замини серсанг) паҳнии ҷонпаноҳ ба тарафи душман бояд аз 50 см то 160 см бошад. Вобаста аз навъи замин (сахт ва нарм) сарбоз ҳангоми кандани хандақ барои тирпарронӣ аз ҳолати бо шикам аз 30 дақиқа то 1 соат вақт сарф мекунад.

Чунин хандақ бо дарназардошти баландии ҷонпаноҳ (бруствер) пӯшидашавии сарбозро бо баландии тақрибан 60 см таъмин менамояд, ки барои паноҳ ёфтан аз оташи яроқи тирандоз ва тиккаҳои тири тӯп, ки механизми тарконанда бо таъсири тиккавӣ доранд, комилан кифоя мебошад.

Ҳамин тавр доир ба андоза ва меъёри кандани хандақ барои тирпарронӣ аз ҳолати шикам кӯтоҳакак гуфтан мумкин, ки:

– бараш – 60см;

– дарозиаш –170см;

– чуқуриаш – 30см;

– баландии ҷонпаноҳ (бруствер) – 30см;

– баландии ҷонпаноҳ (бруствер) дар сектори тирпарронӣ - 20 см;

– тиркаш (бойниға) –10;

– меъёри кандан – 30 дақиқа то 1 соат;

Вале хандақ барои тирпарронӣ аз ҳолати бо шикам ҳаракати мувофиқро бо силоҳ ҷойгиркунии анҷомҳо ва муҳиммоти ҷангиро таъмин карда наметавонад. Дар чунин хандақ дуру дароз мондан низ ғайриимкон аст. Ғайр аз ин, вай мушоҳидабариро ба тарафҳо ва ба қафо мушкил мегардонад. Пас, ин гуна хандақ тадбири муваққатӣ ва маҷбурӣ ҳисобида мешавад. Бинобар ин фармони командирро интизор нашуда, сарбоз худро аз оташи яроқи душман ҳимоя намуда, барои то 60 см чуқур кандани хандақ шурӯъ мекунад.

Хоки кандашуда бештар ба тарафҳо партофта мешавад. Дар ин ҳол ҷонпаноҳ (бруствер) то 40 – 50 см, дар сектори тирпарронӣ бошад то 30 см баланд бардошта мешавад. Акнун ҷонпаноҳ (бруствер) хандақро аз пеш аз тарафи рост низ ба тамоми дарозиаш паноҳ месозад. Чунин хандақ «барои тирпарронӣ дар ҳолати бо зону нишаста» номида мешавад, ки андоза ва меъёри канданаш чунин аст:

– бараш – 60 см;

– дарозиаш – 170 см;

– чуқуриаш – 60 см;

– баландии ҷонпаноҳ (бруствер) – 40 – 50 см;

– баландии ҷонпаноҳ (бруствер) дар сектори тирпаронӣ – 30 см;
– тиркаш – 30;
– меъёри кандан – 1 – 1,5 соат;

Дар оянда сарбоз хандақро боз то чуқурии 110 см меканад, ки дар ин ҳолат баландии ҷонпаноҳ (бруствер)то 50 – 60 см мерасад. Яъне баландии паноҳкунанда 160 – 170 см-ро ташкил медиҳад, ки ин шахси дар даруни хандақ рост истодаро пурра мепӯшонад. Ҳамин тавр хандақ барои тирпаронӣ намудан дар ҳолати росто ба вуҷуд меояд, ки андоза ва меъёри кандани он чунин аст:

– бараш – 60 см;
– дарозиаш – 170 см;
– чуқуриаш – 110 см;
– баландии ҷонпаноҳ (бруствер) – 50 – 60 см;
– баландии ҷонпаноҳ (бруствер) дар сектори тирпаронӣ – 30 см;
– тиркаш (бойниға) – 60;
– меъёри кандан – 2 – 2,5 соат;

Ба мураккабии он нигоҳ накарда, гуфтан мумкин аст, ки чунин хандақ аллакай паноҳгоҳи зиддиатомӣ ҳисобида мешавад.

Дар ҷойи нав бошад, дарҳол кандани хандақҳо барои тирпаронӣ аз ҳолати росто чун қоида кандани хандақ-ҷӯйборҳо шурӯъ мегардад. Одатан то ин муддат таҷҳизоти вазнини хандаққовӣ (белҳои калони муҳандисӣ, зоғнӯлҳо) кашонида оварда шуда, техникаи хандаққовӣ мерасад. Ин ҷо белчаи пиёдагардон ҳангоми кандани хандақ тамоман истифода бурда намешавад ва ё ҳамчун асбоби ёрирасон ҳангоми кор кардан дар ҷойҳои танг (сохтани тоқча барои муҳиммоти ҷангӣ ва ғайра) истифода бурда мешаваду бас.

**Савол ва супориш:**

1. Ба таҷҳизоти муҳандисии нуқтаи ҷойгиршавии бахш чиҳо дохил мешаванд?
2. Хандақ барои тирпаронии яккаро чен ва ҳаҷму таҷҳизоти онро номбар кунед.
3. Унсурҳои хандақро, ки барои бахш пешбинӣ шудаанд, бо истифода аз харита ё асбоби аёнӣ тавсиф диҳед.
4. Дар бораи ҷойгиршавии минаҳои зидди танк ва зидди пиёда ва қоидаҳои гузаштан аз онҳоро нақл кунед.

## § 20. АМАЛҲОИ САРБОЗ ДАР МУҲОРИБА

Дар ҷанги муосир сарбоз бояд зуд ва пинҳонӣ, зери оташи душман дар ҳама ҷо ҳаракат кунад ва инчунин душманро назорат ва тавассути оташи силоҳи худ маҳв намояд.




**Ҳолати тирандозӣ ҳангоми ҳаракат:**
**а - қундоқро зер кардан ба паҳлу,**
**б - такяи қундоқ ба бозу**



Ҳангоми истифодаи силоҳи худкор, қундоқро ба қабурғаи рост ва ба пеш нигаронида доштан, пулемёти дастиро бошад, ба тасма ва барои дар вақти ҳаракат паррондан ҷиҳозонида доштан.

Масъалаи нигоҳдории масофа дар занҷири тирандозӣ дар вақти ҳаракат дар ҳуҷум, дар машғулиятҳои батанзимдарории гурӯҳ кор карда баромада мешаванд.

Барои дар вақти ҳаракат кушодани оташ сарбозон – тирандозон бояд яроқро якбора ба китф бардошта тир андохта, ҳамчунин бо тирандозӣ ҳаракаташонро давом диҳанд.

Ҳангоми ҳаракати пиёда вобаста ба хусусияти макон ва таъсири оташи душман сарбоз метавонад бо тез қадам задан ё давидан, давидани канда-канда ва ё хазидан пеш равад. Ин навъҳои ҳаракат дар ҷанг санҷида шудаанд. Маконҳои аз назорати душман дурмонда ва ҳадафи оташи он қарорнагирифтаро тез қадам монда ё худ давида гузаштан мумкин аст. Ин навъи пешравӣ ҳангоми ҳамла низ истифода мешавад. Дар ин ҳолат силоҳ бояд барои кушодани оташ омода бошад.

**Амали сарбоз дар ҳуҷум.**

Сарбоз барои амал кардан дар вақти тайёрӣ ба ҳуҷум, ҳаракат кардан дар вақти ҳуҷум ва рӯзона ҳуҷум кардан, бояд пештар машғулиятҳо оид ба оташфишонӣ, сафоройӣ, ҷисмонӣ, зидди кимиёвӣ ва муҳандисӣ, машғулиятҳои тактикӣ-сафоройӣ гузашта бошад. Дар ин машғулиятҳо омӯзиши усулҳои тирандозӣ дар вақти ҳаракат, партофтани норинҷакҳои дастӣ, фатҳ намудани монеа ва мамониатҳо, ҷанги даст ба гиребон ва мушоҳида бурдани майдони ҷангро омӯхтан зарур аст.

Сарбоз вазифадор аст, ки Оинномаи ҷангиро оид ба амали сарбоз дар вақти ҳуҷум, инчунин дастурамалҳои кори тирпарронӣ, тайёрии ҷисмонӣ, ки ба иҷрои усулҳои бурдани оташ дар вақти ҳаракат, мушоҳида аз болои майдони ҷанг, бартараф намудани монеаҳо ва ҷанги даст ба гиребон тааллуқ доранд, омӯзад.

Сарбоз дар ҳайати бахш ҳангоми ҳуҷум аз паси танк ҳаракат карда, ба нуқтаи такягоҳи душман дар як вақт бо танк расидани ӯ муфидтар аст.

Дар ҳуҷум сарбозон бояд тез қадам монда, аз рафиқон қафо намонанд ва дар вақти ҳаракат оташ кушода тавонанд. Гузаргоҳҳои дар назди монеаҳои душман бударо дар қаноти пеши он ҳаракатро тезонда бо дав гузаштан лозим аст, чунки душман метавонад оташи ҳама воситаҳои худро ба он мутамарказонида равона кунад.



а – шикамғеҷ, б – зонуғеҷ, в – паҳлуғеҷ

Ба мавқеи душман 25-30 метр наздик шуда ба он норинҷакҳои дастиро партофтан зарур аст. Норинҷакро бояд ҳуҷумкунанда ба он мавқеи хандақ партояд, ки ба он ҷо зада даромаданро пешбинӣ кардааст. Пас аз он бо садои «ура» дар якҷоягӣ бо мошинҳои ҷангӣ (танк) ба душман ҳамла карда, сарбозони душманро парронда аз болои хандақ парида мегузаранд ва ҳуҷумро давом дода ба пеш ҳаракат мекунанд.

Усулҳои бартараф намудани деворҳои симин ва минагӣ - тарканда, вобаста ба вазъияти муҳориба мумкин аст бо ду роҳ гузаронида шаванд:

1) Вақте ки гузаргоҳ ҷой дорад;

2) Вақте ки ҳоло гузаргоҳ омода набошад.

Сарбозон диққати асосиро бояд, ки ба тез бартараф карда гузаштани гузаргоҳ, ба болои монеа (симхор) партофтани ягон маводди ёрирасон (дар вақти набудани гузаргоҳҳо партофтани кӯрпа, тахта ва ғайра) ва давом додани ҳаракат аз болои онҳо равона кардан зарур аст. Ин барои он лозим аст, ки сарбоз дар вақти ба душман наздик шудан наистода, норинҷакро партофта, бо қадамҳои босуръат ва боҷуръатона ба мавқеи душман дарояд.

Сарбоз дар лаҳзаи ҳуҷумкунӣ дар назди хандақ наистад, ба қади хандақ оташ кушоданро фаромӯш накунад, хандакро аз ҷойе, ки норинҷаки партофтааш таркидааст, ҷаҳида гузарад, ба даруни хандақ

нафароянд. Дар ин ҳолатҳо сарбоз шуҷоат нишон диҳад, масъулиятро ба даст гирад. Тарз ва усули дар набард амал карданро донад, то ҳадди автоматизм малакаи коркардашудаи амалҳоро бо яроқ дар майдони набард вазифаи ба уҳдааш гузошташударо донад ва онро сарфаҳм равад.

Дар ҳуҷум сарбоз бояд ки хатти занҷирро вайрон накарда, қафо намонад ва ба пеш нагузарад, инчунин дар вақти тирпарронӣ наистода, ҳангоми ҳаракат оташ кушояд. Бояд ӯ дарк намояд, ки ҳангоми амалиёти ҷангӣ қафомонӣ ва пешгузарӣ дар вақти тирпарронӣ ба кадом оқибатҳо оварда мерасонад.

Дар омодабошии доимии ҷангӣ, устокорона соҳибӣ кунад ва моҳирона истифода барад, барои иваз намудани рафиқи аз саф баромадааш омода бошад.

Баъди нобуд кардани душман дар хандақҳо, роҳравҳои хабаррасонӣ ва дигар иншооти истеҳкомӣ сарбозони бахш таваққуф накарда, ба самти нишондодашуда ҳаракат мекунанд.

Дар рафти ҳуҷум кардан ва пас аз он, вақте ки бахш канори мудофиаро ба даст медарорад, бояд бодиққат аз болои ҳаракатҳои душман мушоҳида баранд. Агар ҳадафе ошкор шавад, ки бо воситаи яроқи оташфишони дар дасти сарбоз буда онро нест кардан мумкин набошад, он гоҳ сарбоз доир ба он ҳатман ба командираш хабар дода, самти ҷойгиршавии онро бо тирҳои равшанидиҳанда нишон медиҳад.

Давидани канда-канда барои пинҳонӣ ба душман наздик шудан ва дигар ҳаракатҳо дар майдони кушода истифода мешаванд. Пеш аз оғози давидан дар ҳолати хобида бояд самти ҳаракат ва мавқеи дамгирии ояндаро интихоб кард. Сипас зуд боло шуда, ба самти муайяншуда давон омада ба замин хобида ва ба як тараф хазида рафтан лозим аст. Ин усул барои аз назари душман пинҳон мондани ҷойи исти сарбоз истифода мешавад, зеро душмани пешакӣ банишонгирифташуда метавонад сарбозро ҳангоми ҳаракат ба самти оянда нобуд созад. Дарозии давидани канда-канда ба макон ва оташи душман вобаста мебошад. Масофаи он аксаран аз 20 то 40 қадам мешавад. Дар ин муддат душман наметавонад ба нишон гирад ва ё оташ кушояд. Ба сарҳади муайянкардаи фармондеҳ расида, сарбоз бояд ҷойи дақиқеро ишғол намояд ва барои муҳофизати давида гузаштани дигар сарбоз омода шавад. Вобаста ба табиати макон бо тамоми бадан хазидан, ба тарзи чорпоя хазидан ва ба як тараф хазидан мумкин аст.

Барои хазидан ба замин хобида, бо дасти рост автоматро гирифта, онро ба бозуи дасти рост гузошта, ҳаракат кардан лозим аст. Ҳангоми ҳаракат бо пойи рост дасти чап ба пеш гузошта шуда, ҳарчи зиёдтар масофаро пеши назар гирифтан лозим аст. Боло бардоштани сар хавфнок мебошад. Барои чорпоя хазидан ба зону истода, ба бозу ё панҷаҳо

такя кардан лозим аст. Сипас пойи рости қаткардашударо пеш оварда, дар як вақт дасти чапро ба пеш бурда, то рост шудани пойи рост ба пеш ҳаракат кардан лозим аст. Сипас пойи росту чап, дасти чапу ростро иваз карда истода, ба пеш ҳаракат кардан лозим аст. Дар ин ҳолат ҳам автомат бояд дар болои бозуи дасти рост бошад. Барои ба паҳлу ҳаракат кардан ба паҳлуи чап хобида пойи чапро ба пеш оварда, зонуро қат карда, ба бозуи дасти чап такя карда, бо пошнаи пойи рост ба замин такя намуда, ҳаракат бояд кард. Сипас пойи ростро кушода, бо бадан дар ҳолати пойи чапро иваз накардан, ба пеш хазидан лозим аст. Ҳаракатро бо чунин усул давом бояд дод. Ҳангоми ба паҳлу ҳаракат кардан, силоҳ бояд дар болои пойи чап бошад. Ин тарзи ҳаракат бисёртар ҳангоми дар майдони ҷанг барои бор ва лавозимоти ҷангиро бурда расонидан, истифода мешавад.

**Савол ва супориш:**

1. Аз ҳолати хобида бо силоҳ масофаи 80-100 метрро давида гузаред.
2. Аз ҳолати истода силоҳ дар китф масофаи 10 метрро хазида гузаред.
3. Усули гавак кашида рафтанро аз ҳолати хобида бо силоҳ нишон диҳед.
4. Ҳаракатҳои сарбозро пас аз фармонҳои «Оташ дар фронт», «Оташ аз тарафи рост (чап)» иҷро намоед.

## § 21. АМАЛИЁТИ ҲАЙАТИ ШАХСӢ ВА САРБОЗИ НАЗОРАТГАР ВА ТАРЗҲОИ АЗ НАЗАР ГУЗАРОНИДАНИ МАКОН

**Амал ҳангоми таркиши ҳастаӣ (ядроӣ).**

Барои ҳуҷумкунандагон зарбаи ядроӣ ногаҳонӣ мебошад. Сарбоз пеш аз ҳама равшании чашмхиракунандаи бузургро ҳис менамояд, ки якчанд маротиба аз равшании офтоб зиёдтар аст. Ин шуогирии равшанӣ мебошад. Вай на танҳо барои чашмон (мумкин аст кӯр шаванд), балки метавонад, ҷойҳои кушодаи пӯсти баданро сӯзонда, гӯшти онро резонад.

Дар як вақт бо шуогирии равшании таркиши ядроӣ гамма- шуоҳоро дар бар мегирад. Ин шуоҳо ҳангоми таркиш ба амал омада, ба тарафҳо паҳн мешаванд ва бо он хавфноканд, ки ҳангоми зиёд қабул намудани онҳо одамон метавонанд ба касалиҳои шуовӣ гирифтор шаванд.

Аз паси равшании ногаҳонии таркиши ядроӣ ба ҳама тарафҳо мавҷи зарба паҳн мешавад, ки воситаи асосии несткунанда ба шумор меравад. Он дар сари роҳ худ, ки бо суръати баландтар аз суръати садо ҳаракат менамояд (километри аввалинро он дар ду сония мегузарад), бо қувваи бузурги вайронкунанда ба тамоми мавҷудоти зинда таъсири марговар мерасонад.

Бо рӯй додани таркиш дарҳол бояд чораҳои ҳимоявии онро дид, самти муқобили ҳаракати мавҷи нобудкунандаро интихоб намуда, амал намудан лозим аст. Барои ин дар мошинҳо тиреза ва тамоми сӯроxиҳо маҳкам карда мешаванд. Дар мошинҳои зиреҳпӯши болокушода ҳайати шахсӣ дарҳол худро ба фарши мошин, пушт ба тарафи мавҷи таркиш партофта, рӯй ва ҷойҳои кушодаи бадани худро мепӯшонанд. Агар дар наздикиҳо теппача, чуқурӣ, хандақ ё дигар монеаҳо бошад, худро дарҳол дар паси онҳо гирифтан шарт аст.

Дар рафти ҷанг огоҳкунии ҳайати шахсӣ, дар бораи истифодаи яроқи ядроӣ, кимиёвӣ ё биологӣ ба воситаи ишораи ягонаи қабулшуда, ки аз тарафи командири калон дода мешавад, иҷро мегардад. Дар мавриди гирифтани ин ишора дарҳол воситаҳои ҳимояи инфиродӣ - шахсиро пӯшида, иҷрои вазифаҳои хизматии худро давом додан лозим аст. Пеш аз ҳама чашм, гӯш, бинӣ ва ҷойҳои кушодаи бадани худро муҳофизат намудан шарт аст.

## ТАРЗҲОИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ МАКОН

Нуқтаи назорати муайянгардида аз ҷиҳати дурӣ ба се минтақа (зона) тақсим мешавад: дохилӣ – минтақа (зона)-и наздик 400-500 м, миёна – 1000 м, дур – то дида тавонистан.

Сарҳадҳои минтақаҳо тавассути нуқтаҳои намоёни хуб муайян карда мешаванд. Азназаргузаронии макон ба ду тарз доир карда мешавад.

Тарзи аввал – аз минтақаи наздик, аз рост ба чап ба тарафи душман гузаронида мешавад. Дар ҳамин ҳолат минтақаи наздикро аз назар гузаронида, боз як бори дигар ин маконро санҷидан лозим аст. Минтақаҳои миёна ва дур низ бо чунин тарз аз назар гузаронида мешаванд.


Дуруст


Нодуруст


Дуруст


Нодуруст




**Интихоби ҷой барои пешбурди назорат**

Ҷойҳое, ки душман воситаҳои оташфишонии худро пинҳон кардааст, бодиққат аз назар гузаронида мешаванд.

Дар ҳолати дуюм сараввал роҳҳои самтӣ ва буриш, сипас баландиҳои бешазор, чакалакзор, даромадгоҳҳои маконҳои аҳолинишин, боғҳо, сипас ашёи таҳҷойӣ аз назар гузаронида мешаванд.

Душманро тавассути аломатҳои ғайрииститорӣ дарёфтан мумкин аст. Изи тасмачарх, чархҳо, пайраҳаҳои ба сӯйи паноҳгоҳ баранда, баргу алафҳои хушкшуда, ки барои иститор кардани паноҳгоҳҳои аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ истифода шудаанд, пайдо шудани дуд ба ин далолат мекунанд. Ҳангоми пай бурдани душман дар ягон нуқта, он ҷойро бо ёрии асбоби назоратӣ омӯхтан ва ҷойи душманро муайян намудан лозим аст.

Барои дуруст муайян кардани вазъияти нуқтаи ҷойгиршавии душман, нуқтаи наздиктарин, ки масофаи он қаблан муайян гардидааст, дар назар дошта мешавад. Дуршавӣ ба ду тараф бо ҳазорӣ, дуршавӣ ба дарозӣ бо метр чен карда мешавад. Ҳисобот дар хусуси натиҷаҳои назорат бояд кӯтоҳ ва фаҳмо бошад. Ин ба фармондеҳ имкон медиҳад, ки ба зудӣ нуқтаи дарёфти назоратчиро муайян созад. Назоратгар бо овози паст, вале ба фармондеҳ шунаво дар хусуси нуқтаи дарёфтааш, наздикии он ба ашёи макон ва ҳаракати он ҳисобот медиҳад. Дар ин ҳолат сараввал ҷойгиршавии объект нисбати ашёи макон (чап, рост)-ба ҳисоби км, сипас дурӣ ё наздикии он – ба ҳисоби метр хабар дода мешавад.

Ҳадафи қӯшунҳои ҳавоиро дарёфта, назоратгар зуд бонги ахборӣ медиҳад, хусусият, самт ва баландии парвози онро муайян мекунад ва ба фармондеҳ ҳисобот медиҳад. Мисол: «Ҳаво, дар болои Мулёб – бахши чархболҳо, баландӣ 50».

**Ҳаракатҳои сарбози пайгир (дозор).** Барои сари вақт муайян намудани душман ва пайгирии макон аз зерқисмҳое, ки аз қисмҳои асосиашон ҷудо пайгирӣ мегузаронанд, шуъбаи посбонӣ ташкил карда мешавад. Бахш дар МҶП, МЗ, пиёда ва дар зимистон бо лижаҳо ҳаракат мекунад. Назорат ҳангоми ҳаракат, дар вақти танаффусҳои кӯтоҳ ва аз нуқтаи барои назорат мувофиқ гузаронида мешавад. Ҳангоми номумкин будани назорат аз бахш назоратчиҳо равон карда мешаванд. Баъд аз он ки барои дар ҳайати шуъбаи посбонӣ ҳаракат кардан аз фармондеҳ супориш гирифта мешавад, вазифаи худсамт ва суръати ҳаракат, нуқтаи назорат, қоидаҳои ҳаракатҳо ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо душман ва ҳисоботи худ, ишораҳо ва вақти оғози пайгириро муайян месозад. Муваффақияти сарбоз ҳангоми пайгирӣ ба омодагии ӯ барои иҷрои супоришҳои ҷангӣ вобастагӣ дорад. Ҳангоми омодагӣ барои ҳаракат дар ҳайати бахши посбонӣ сарбоз бояд тайёрии МҶП, МЗ, аслиҳа, лавозимот, сарулибос ва пойафзоли худро тафтиш намояд. Ҳангоми пайгирӣ бо худ гирифтани ҳуҷҷатҳо, мактубҳо, китоб ва рӯзномаҳо, пул манъ карда мешавад. Ҳангоми гузаронидани пайгирӣ захмдорон, силоҳ ва лавозимоти ҷангиро ба ихтиёри душман супоридан манъ аст. Пайгирҳо одатан ҷуфт-ҷуфт равон карда мешаванд. Яке аз онҳо сардор таъйин карда мешавад. Ба онҳо самти ҳаракат, нуқтаҳо барои назорат ва бонгҳо барои алоқа ишора карда мешавад. Пайгирҳо дар самтҳо аз роҳҳои дур, аз як нуқтаи барои назорат мувофиқ ба нуқтаи дигари барои назорат мувофиқ ҳаракат мекунанд. Пайгири калон аз қафои пайгир ҳаракат мекунад. Вай ишораҳои фармондеҳро назорат мекунад ва дар ҳолати зарурӣ пайгири якумро бо оташ дастгирӣ менамояд. Пайгирон макон ва ашёи онро, алалхусус, он ҷойҳоро, ки душман метавонад паноҳ шуда, ҳамлаи ногаҳонӣ анҷом диҳад, бодиққат аз назар мегузаронанд. Дар ин ҳолат пайгирон пинҳонӣ ва зуд ба аломатҳои ғайрииститорӣ, ки тавассути онҳо душманро дарёфтан имконпазир аст, таваҷҷуҳ зоҳир карда, ҳаракат мекунанд. Чунин аломатҳо: пайи тасмачарх, мошинҳои ҷангӣ, порчаҳои рӯзнома, боқимондаҳои хӯрок, қуттии лавозимоти ҷангӣ, алафи поймолшуда, гулханҳои хомӯшшуда, навдаҳои шикаста, хокистар, чанг ва ғайра буда метавонанд. Ашёи маконро аввал аз дур назорат мекунанд, пас аз ин ба набудани душман бовар ҳосил карда, наздик меоянд. Дар бораи маълумоти ҷамъшуда пайгири калон зуд ба фармондеҳ тавассути ишораҳои муайяншуда, масалан: «Душманро мебинам!», «Роҳ озод аст!» хабар медиҳад. Ба нуқтаи барои назорат пешбинишуда расида, пайгирон дар он ҷо пинҳон мешаванд ва макони дарпешистодаро бодиққат аз назар мегузаронанд. Фармондеҳ ба бахш ва нуқтаи ҷойгиршудаи пайгирон расида меояд ва агар лозим бошад, ба онҳо супориши нав дода ба пеш равон мекунад. Азназаргузаронии беша аз баландиҳои он сар мешавад. Сараввал баландӣ аз дур назорат карда мешавад ва тавассути аломатҳои

пайгирӣ ҷой доштани душман дар беша муайян карда мешавад. Агар душман набошад, ҳаракат аз беша идома меёбад. Дар ин ҳолат ба ҷойҳое, ки мавҷудияти душман аз эҳтимол дур нест (чуқуриҳо, пулҳо, буттазор, баландии дарахтон) эътибори бештар дода мешавад. Барои аз назар гузаронидани чунин ҷойҳо пайгирон равон карда мешаванд. Назорати маҳалли аҳолинишин аз дур – аз даромадгоҳ сар мешавад. Ба ҷойҳое, ки душман метавонад зерқисмҳои муҳофизатӣ ва назоратӣ, воситаҳои оташфишони худро ҷойгир намояд, диққати махсус дода мешавад. Агар ба набудани душман бовар ҳосил шавад, наздик омадан ва аҳолиро пурсупос кардан мумкин аст. Баъдан ба ин нуқтаи аҳолинишин ҳаракат кардан лозим аст. Ҳангоми зарурат барои биноҳои алоҳидаро аз назар гузаронидан пайгирон равон карда мешаванд. Ҳангоми азназаргузаронии бино, пайгир гирдогирди он ноаён қадам мемонад, дару тирезаро аз назар мегузаронад ва ба овозҳои аз дарун омадаистода гӯш меандозад. Агар ба набудани касе боварӣ ҳосил намояд, ба дохили бино медарояд, дохили он, таххона ва болохонаро барои мабодо дар он ҷойҳо мавҷуд будани минаҳо аз назар мегузаронад. Пайгири калон дар ин ҳангом дар ҷойи паноҳ меистад, то ки дар лаҳзаи зарурӣ ба пайгир ёрӣ расонад. Назорати дарё бо азназаргузаронии фуромадгоҳҳо ва гузаргоҳҳо сар мешавад. Бо наздик шудан ба дарё ҷойҳои серрустанӣ, обшуста ва дигар ҷойҳои паноҳии ҳар ду соҳил аз назар гузаронида мешаванд. Аломатҳои аз дарё гузаштани душман: пайраҳаҳо ва роҳҳои дар дигар соҳил давомдошта мебошанд. Назорати чуқурие, ки аз боло дидани он имконнопазир мебошад, тавассути пайгирон, ки дар дохили он ҳаракат карда аз назар мегузаронанд, амалӣ гардонда мешавад.

**Савол ва супориш:**

1. Вазифаҳои сарбозро ҳангоми муҳориба номбар намоед.
2. Чаро сарбоз бояд вазифаҳои ҳарбии бахш ва дастаи худро донад ва фармондеҳро дар муҳориба муҳофизат намояд?
3. Сарбоз пас аз гирифтани супориш барои ҳуҷум намудан чиро бояд дақиқ намояд?
4. Ҳаракатҳои сарбозро пас аз фармонҳои «Бахш, барои муҳориба омода бошед!», «Бахш, ба муҳориба – ба пеш!»-ро иҷро намоед.
5. Партофтани норинҷаки дастиро ба тарафи душмане, ки дар хандақ (дар масофаи 40-50 метр) мебошад, намоиш диҳед (норинҷак дар борхалта).

# БОБИ III
# ОМОДАГӢ БА ОТАШФИШОНӢ
## § 22. ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА АСЛИҲАИ ОТАШФИШОНИ ОНҲО

Омодагӣ ба оташфишонӣ омӯзиши ҳайати шахсӣ барои истифодаи силоҳ ва лавозимоти ҷангии нобудсоз ҳангоми муҳориба мебошад. Он аз омӯзиши қисми моддии силоҳ, асос, тарзҳо ва қоидаҳои тирпарронӣ, тарзҳо ва қоидаҳои партофтани норинҷакҳои дастӣ, роҳҳои пайгирӣ ва муайян намудани дурии ҳадафҳо ва инчунин тирпарронӣ иборат мебошад. Омодагии оташфишонӣ бо омодагии тактикӣ алоқамандии зич дорад. Назарияи ин қисм дар дарсҳои омодагии тактикӣ амалӣ гардонда мешавад.Исботи омодагии пухтаи оташфишонии сарбозон – бо тири аввал нобуд кардани душман мебошад.

ТАПОНЧАИ 9 ММ-И МАКАРОВ силоҳи фардии ҳуҷум ва ҳимоя ба шумор рафта, барои нест кардани душман дар масофаҳои наздик таъйин шудааст.



**Тапончаи 5,45 мм тангмили худкори камбари системаи Макаров (ПСМ)**



**Тапончаи ҳамлавӣ (АПС)**

Аз тапонча дар масофаи то 50 м оташ кушодан дуруст мебошад. Қувваи марговари тир то 350 м нигоҳ дошта мешавад. Аз тапонча оташи яктоӣ бурда мешавад.

Суръати ибтидоии парвози тир – 315 метр дар як сония
Суръати зудпаррониии тапонча – 30 тир дар як дақиқа
Вазни тапонча бо тирдони пур аз тир – 810 г, бе тир – 730 г
Вазни патрон – 10 г.
Вазни тир – 6,1 г.
Дарозии тапонча – 161 мм.
Баландиаш – 126,75 мм.
Дарозии мил – 93 мм.
Шумораи раххои мил – 4.
Ғунҷоиши тирдон – 8 патрон.
Дарозии патрон – 25 мм.

Барои аз тапонча тир паррондан тирҳои тапончагии 9 мм истифода мешаванд.

**Сохти умумӣ, кори қисм ва олоти тапонча.** Тапонча аз рӯйи сохту муомила одӣ ва хурд мебошад, барои гардондан мувофиқ буда, ба амал кардан доимо тайёр аст. Тапонча яроқи худзаряд аст, чунки азнавтирхоликунӣ дар вақти тирпарронӣ ба таври автоматӣ ба амал меояд. Кори автоматикии тапонча, ба принсипи истифода аз қафозании кулангдони озод асос ёфтааст. Кулангдон бо мил пайваст намешавад. Маҳкамкунии боэътимоди қубури мил дар вақти тирпарронӣ бо бузургии вазни кулангдон ва қувваи баргардонандагии симпеч ба даст оварда мешавад. Ба туфайли дар тапонча мавҷуд будани худвзводи афзори зарбадиҳандаи камонаки навъи чангакӣ, мумкин аст бо бевосита пахш кардан ба думи чангаки зарбадиҳанда бе пешакӣ баланд кардани чангак оташ кушояд.

Бехатарии муомила бо тапонча ба воситаи амали боэътимоди муҳофизаки амалкунанда таъмин мегардад. Муҳофизак дар тарафи чапи тапонча ҷойгир шудааст. Ғайр аз ин, чангак ба таври автоматӣ дар зери таъсири симпечи ҷангӣ баъди сар додани чангак (оташбаси чангак) ва дар вақти сар додани чангаки камонак дар взводи муҳофизак меистад.

Барои ҳар як тапонча тирдони иловагӣ, асбобҳои тозакунӣ, ғилоф, тасмаи тапонча дода мешавад. Барои тирпарронӣ бо ангушти ишорат чангаки камонакро пахш кардан зарур аст. Куланг дар ин ҳолат ба зарбазан зарба мезанад ва он пистонро мекафонад. Дар натиҷа заряди борутӣ аланга мегирад ва газҳои зиёди борутӣ пайдо мешаванд. Тир дар зери фишори газҳои борутӣ аз ҷӯяки мил партофта мешавад. Кулангдон дар зери фишори газҳои ба воситаи таги гилза додашаванда ба қафо меравад, дар ин ҳолат вай бо партоянда гилзаро бо худ гирифта, симпечи баргардонандаро пахш мекунад.

Гилза ҳангоми бо инъикоскунанда вохӯрдан бо воситаи тирезаи кулангдон ба берун партофта мешавад. Кулангдон дар вақти то охир рафтан кулангро дар сапфаҳо ба қафо тоб медиҳад ва онро дар взводи ҷангӣ мегузорад. Кулангдон то охир ҳаракат карда, дар зери таъсири симпечи ҷангӣ ба ҳолати пеш бармегардад. Дар вақти ба пеш ҳаракат кардан кулангдон бо бозфиристанда аз тирдон тири навбатиро гирифта, ба тирдони мил равон мекунад. Қубури мил бо кулангдони озод маҳкам шуда, тапонча аз нав ба тирпарронӣ тайёр мешавад. Барои аз нав тир паррондан, бори дигар пахш кардани чангаки камонак лозим аст. Агар дар тирдон тир тамом шавад, кулангдон дар нигоҳдораки кулангдон ист карда, дар ҳолати қафо меистад. Лекин аз ҳамаи силоҳи оташфишони имрӯзаи сарбозони мо «Автомати 7,62 мм-аи Калашникови намунаи соли 1947» (АК-47) беҳтарин ба шумор меравад.

Корхонаҳои силоҳсозӣ ду навъи АК – автомати қундоқаш чӯбин ва оҳанини қундоқаш қатшаванда тавлид мекарданд. Автомати пошнааш филизӣ баъди қат кардан хурд мешуд, аз ин рӯ, онро дар қӯшунҳои десантӣ-ҳавоӣ, танкӣ ва ғайра истифода мекарданд. М.Калашников сохти автоматро такмил дода, нишонгираки ҷадвал-хаташ то 1000 метрро насб мекунад.




**Автомати Калашников.**
**а) автомати қундоқаш чӯбин; б) автомати қундоқаш оҳанини қатшаванда**

Ғайр аз ин, ба мили АК корднайза пайваст карда мешавад, ки бо он монеаҳои аз сим сохташударо қайчӣ кардан мумкин аст. Дар сохтани баъзе узвҳои он қолабкорӣ бештар истифода мешавад. Хӯлаҳои сабук ба кор мераванд. Автомати такмилёфтаи хусусиятҳои оташфишониаш беҳтар соли 1959 сохта шудааст. Онро АКМ номиданд. Кори ин автомат боэътимод, тираш хеле нишонрас ва сабук мебошад. Ин силоҳ дар солҳои минбаъда дар ҷаҳон машҳур гашт. АК-47 гӯё саромади оилаи томи силоҳи оташфишон гардид. Дар асоси он аввалҳои солҳои 60-ум лоиҳаи пулемёти  дастии тираш намунаи соли 1943 – РПК ва пулемёти ягонаи ПК-и милтиқдорро кашиданд. Қисму механизмҳои асосии онҳо аз автоматҳои АК ва АКМ буданд. Масалан, дар РПК танҳо милу пошна, нишонгираку тирдон (тирқуттӣ) тағйир дода шуда буданд. Мили пулемёт дарозтару нишонгиракаш мутаҳаррик ва тирдонаш калонтар карда шуд, ки ба он аз 40 то 75 тир меғунҷид. Пулемёти дастии системаи Калашников силоҳи пуриқтидори оташфишон шуд, ки ҳадафро дар масофаи то 1500 метр бемалол нобуд мекунад. М.Т. Калашников ҳангоми кашидани лоиҳаи пулемёти ягонаи ПК унсурҳои автоматро моҳирона кор фармуд. Ин силоҳ мисли пулемёти дастӣ сабук ва оташаш низ мисли пулемёти поядор тавоно мебошад. Сохти намунаи нав ихтирооти нодир мебошад. Барои ҳамчун пулемёти поядор кор фармудани силоҳ, онро рӯйи дастгоҳи сепояи муҳандис Саможенков шинонданд. Дар натиҷа соли 1961 сарбозони шӯравӣ соҳиби пулемёте гаштанд, ки аз ҳамаи навъҳои онрӯзаи пулемётҳои ягона беҳтарин ба ҳисоб мерафт.



**Пулемёти мукаммали Калашников (ПКМ)**

Ҳамаи мамлакатҳо кӯшиш мекунанд, ки силоҳи беҳтарини оташфишонро офаранд.

Ҳар сол даҳҳо конструксияҳои нав санҷида мешаванд. Ихтироъкорон дар офаридаҳои худ комёбиҳои навтарини илму техникаро истифода мекунанд. Навъҳои нави борути нисбатан маъмули тавонотар озмуда мешаванд. Ба нишонрасии силоҳ эътибори ҳаматарафа медиҳанд. Ба силоҳи оташфишон нишонгиракҳое насб карда мешаванд, ки бо ёрии онҳо ҳатто дар торикии шаб ҳадафро нишон гирифтан мумкин аст. Солҳои охир давлатҳои тараққикарда андозаи қутри силоҳи оташфишонро хурд карданд.



**Пулемёти Калашников бо нишонгири шабона**



**Туфанги мергании Драгунов (СКД)**



**Норинҷакандози РПГ-16**



**Норинҷакандози автоматии РГС-17 «Пламя»**

Тири хурд босуръат аз камон ҷаста, монеаро зуд мешикофад, рост мепаррад, қудрати ҳалокатбораш баланд аст. Ғайр аз ин, қолаби тири хурд вазни силоҳро сабуктар мекунад. Бинобар ин, сарбоз лавозимоти бештарро бардошта, такони силоҳ ҳангоми тир паррондан сусттар мешавад, ки ин нишонрасии онро беҳтар мегардонад.



**Пулемёти Калашников (поядор) ПКС**

Чунин навъи силоҳ дар артиши мо ҳам мавҷуд аст. Он автомати Калашников АК-74, андозаи милаш 5,45 мм аст, ки аз силоҳҳои хориҷӣ хеле беҳтар мебошад.

Милтиқи худкори мергании системаи Драгунов 7,62 мм силоҳи фардии мерганҳо буда, барои нест кардани ҳадафҳои гуногуни пайдошаванда, ҳаракаткунанда, кушода ва ниқобкоришуда таъйин шудааст.

Карабини худкори системаи Симонов (СКК-45) ҳамчун аслиҳаи оташфишон дар воҳидҳои алоҳидаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад.

**Пулемёти танкии системаи Калашников** (ПКТ)

Калашников (ПКМ, ПКМС – дар дастгоҳ, ПКТ - танкӣ) силоҳи худкори тавоно буда, барои маҳв кардани қувваи зинда ва воситаҳои оташфишонии душман, инчунин нобуд сохтани ҳадафҳои ҳавоӣ таъйин шудааст.

## § 23. АВТОМАТИ КАЛАШНИКОВ ВА ПУЛЕМЁТИ ДАСТӢ

Михаил Тимофеевич Калашников – ихтироъкори силоҳҳои оташфишон, Қаҳрамони дукаратаи Меҳнати Сотсиалистӣ (1958, 1976), Қаҳрамони Русия (2009), дорандаи ордени Андрей Первозванний (1998), барандаи ҷоизаи Ленин (1964), мукофоти Сталин (1949), мукофоти давлатии Русия (1998), доктори илмҳои техникӣ (1971), генерал - лейтенант (1999), депутати Шӯрои Олии ИҶШС (1950-1954), ихтироъкори автомати Калашников.

Ҳоло тақрибан 70 миллион автоматҳои ихтирои ӯ дар зиёда 55 давлати ҷаҳон мусаллаҳонида шудаанд. Дар асоси баҳогузории тақрибӣ берун аз ҳудуди Русия ҳоло беш 50 миллион автоматҳои Калашников АК-47 истеҳсол карда шудаанд.

Автомати Калашников бо қундоқи қатшавандаи кӯтоҳмили 5,45-мм намунаи соли 1974 (АКК-74К).

Қисмҳо ва механизмҳои асосии автомати Калашникови мукаммал. Қисмҳо ва механизмҳои асосии автомат:




*1 – мил бо қуттии мил ва олоти нишонгир, 2 – рӯкаши қуттии мил, 3 – корднайза, 4 – механизмҳои баргарданда, 5 – милаи қулангдор, 6 – найи газгузар бо рӯкаши мил, 7 – қуланг, 8 – милсунба, 9 – зерчӯбаи мил, 10 – тирдон, 11 – ҷузвдон бо таҷҳизоташ. Дар маҷмӯи яроқ муҳиммоти 12 – тасма ва халтаи тирдонҳо дохил мешаванд.*

Нахустин туфангча – пулемёт макети аввалини силоҳи автоматӣ аз тарафи силоҳсози машҳур В.Г. Фёдоров сохта шуда буд. Дар рушди силоҳи автоматӣ ихтироъкорон В.А. Дегтярёв ва Г.С. Шпагин низ ҳиссаи босазо гузоштанд.

Умуман, ихтирои аввалин ва беҳтарин навъи силоҳи оташфишони автоматӣ ба мутахассисони рус тааллуқ дорад.

Аз автомат яктоӣ (ОД) ва автоматӣ (АВ) тир холӣ кардан мумкин аст. Оташи автомат яке аз навъҳои асосии оташфишонӣ мебошад. Ҳаракати автоматии он дар истифодаи энергияи газҳои борутӣ, ки аз ҷӯяки мил ба тарафи милаи кулангдор ҷудо мешаванд, иборат аст. Мил барои муайян

намудани самти тир пешбинӣ шудааст. Дар дохили он сӯрохи чорбуришдор, ки ба чап, рост ва боло ҳаракат мекунад, вуҷуд дорад.

Фосилаи байни буришҳо – майдонҳо, масофаи байни ду майдони рӯ ба рӯ қутр (калибр)-и мил номида мешавад.

Тирхонаи мил ҳамвор, гилзашакл мебошад. Гузаргоҳи аз тирхона то қисми буриши ҷӯяки мил даромадгоҳи тир номида мешавад. Аз тарафи беруни мил бурлиш дар қисми нишонгирӣ, асоси қисми нишонгирӣ, лона (камера)-и газӣ, муфтаи пайвасткунанда, қуттии нишонгирӣ ва бурлиши барои боздоштани партоянда дар бурлиши мил дорад. Анбори лона (камера)-и газӣ ба дохили лӯлаи мил тавассути роғи газгузар расонида мешавад.

Қуттии мил барои пайвасти қисмҳо ва механизмҳои автомат, маҳкам кардани дохили лӯлаи мил бо кулангдони мил ва маҳкам намудани кулангдон пешбинӣ шудааст. Дар қуттии мил механизми кулангии дохилкунанда ҷойгир шудааст. Даҳонаки қуттии мил қисмҳо ва механизмҳои автоматро аз ифлосшавӣ эмин медорад.

Воситаи нишонгирӣ барои дар масофаҳои гуногун ба нишон гирифтан пешбинӣ шудааст. Он аз нишонгиранда ва қаровулак иборат аст. Нишон аз қуттии нишонгиранда, зеҳи пластикӣ, зеҳи тунукагӣ – планкаи нишонгирӣ ва хомут иборат аст.

Планкаи нишонгирӣ афзори хурд барои нишонгирӣ аст, ки бурлиш дорад. Инчунин буришҳое, ки барои боздоштани хомут дар нишонӣ муайян гардидаанд, низ вуҷуд доранд. Дар планкаи нишонгирӣ ҷадвал (шкала)-и тақсимотӣ аз 1 то 10 бо ҳарфи «П» ҳаст, ки масофаи зарурирo дар сад метр, ба ҳарфи «П» – навъи доимии нишон, ки ба нишони 3 рост меояд, мефаҳмонад. Барои шабона паррондан афзорҳои шабтоб дар планкаи нишонгирӣ ва қаровулак ҷой дода шудаанд. Қаровулак ба кӯшқорак (мувозана), ки ба асоси қаровулак пайваст аст, мустаҳкам шудааст. Дар кӯшқорак дар асоси қаровулак бурришҳои хурд, ки вазъи ҷойгиршавии онро муайян мекунад, ҳастанд. Дастаи чӯбӣ мувофиқан тирпаррониро таъмин менамояд. Кулангдони мил бо поршени газӣ барои ба ҳаракат овардани кулангдон ва механизми зарбавии дохилкунанда пешбинӣ шудааст.

Кулангдон барои ба тирхона дохил кардани тир, маҳкам намудани ҷӯяки мил, кафондани пистон (капсул) ва аз тирхона баровардани кортус (гилза); механизми баргарданда барои бозгаштани кулангдони мил ба ҳолати аввалааш пешбинӣ шудааст.

Найчаи газӣ бо мили рӯпӯш барои муайян намудани самти ҳаракати газ дар поршен ва муҳофизати сӯхтани даст ҳангоми тирпарронӣ пешбинӣ шудааст.

Механизми зарбавии дохилкунанда барои дохил намудани кулanг ба зарбазан, расонидани зарба, таъмини оташфишонии яктоӣ ва автоматӣ, пешгирии тирпарронии ҳангоми кулангдони кушода ва барои гузоштани автомат ба қайди муҳофиз (предохранител) пешбинӣ шудааст.

Механизми зарбавии дохилкунанда аз куланги бо зеҳи ҷангӣ манъкунандаи куланг, фурудовари худкори зеҳдор ва гузаронанда иборат аст. Куланг бо зеҳи ҷангӣ барои задани зарба ба зарбазан пешбинӣ шудааст. Дар куланг дастаи ҷангӣ, дастаи фурудовари худкор (сапфа) ва роғ (ос) мавҷуданд. Зеҳи ҷангӣ бо сапфаҳои куланг пӯшонида шудааст ва бо зеҳи хурд ба куланг таъсир мерасонад, бо нӯгҳояш – баромадгоҳҳои дарозшакли нӯгаки дохилкунанда таъсир мерасонад. Манъкунандаи куланг барои суст намудани ҳаракати он ба пеш, бо ҳадафи хубтар гузаронидани ҷанг ҳангоми тирпарронии автоматӣ пешбинӣ шудааст. Нӯгаки дохилкунанда барои боздоштани куланг дар взводи ҷангӣ ва барои ба кор даровардани куланг, шепталои тирпарронии яктоӣ – барои боздоштани куланг баъди тирпарронӣ дар ҳолати охирин (агар ҳангоми тирпарронии яктоӣ нӯгаки дохилкунанда озод карда нашуда бошад) пешбинӣ шудааст.

Фурудовари худкори зеҳдор барои ба таври автоматӣ озод намудани куланг аз взводи фурудовари худкор ҳангоми бо навбат парронидан, инчунин барои манъи дохилшавии куланг, ҳангоме ки канал ва кулангдон кушода бошанд, барои гузаштан ба тирпарронии яктоӣ, автоматӣ ё худ қайди муҳофиз ёрӣ мерасонад.

Сарпӯш барои мувофиқ сохтани ҳаракат ва эмин доштан аз сӯхтани даст ҳангоми тирпарронӣ пешбинӣ шудааст.

Тирдон барои ҷойгир намудани тирҳо ва пешбарии он ба тирхонаи мил таъйин шудааст.

Корднайза пеш аз ҳамла овардан ба зери мили автомат пайваст карда мешавад ва барои ҷанги тан ба тан муқаррар шудааст. Он инчунин ҳамчун корд, арра ва қайчӣ низ истифода мешавад. Ин корднайза ғилоф низ дорад, ки ҳангоми зарурат якҷоя бо корднайза барои буридани симҳо кор фармуда мешавад.

**Савол ва супориш:**

1. Дар бораи таъйинот, хусусиятҳои ҷангӣ ва принсипи кори автомати Калашников нақл намоед.
2. Қисмҳои асосии автоматро номбар кунед.
3. Дар бораи сохти қисмҳои автомат нақл кунед.
4. Хусусиятҳои фарққунандаи сохти автомати Калашников кадом аст?
5. Кушодан ва ҷобаҷогузории нопурраи автоматро иҷро намоед.

## § 24. БА ҚИСМҲО ҶУДО КАРДАН ВА ҶАМЪ НАМУДАНИ АВТОМАТ

Ҷудо ва ҷамъ намудани автомат дар рӯйи миз ё ҷойпӯши тоза гузаронида мешавад. Қисмҳо ва механизмҳо аз ҳамдигар ҷудо гузошта мешаванд. Бо онҳо беэҳтиётона муносибат намудан, якеро болои дигар гузоштан ё барои ҷудо кардан қувваи зиёдатӣ истифода бурдан манъ аст.

Ҷудокунии қисмҳои автомат ба таври пурра барои тоза кардани он ҳангоми зери борон, барф ё гил мондани он, ҳамчунин барои равғанҳои махсус молидан ва ҳангоми таъмир гузаронида мешавад. Дар ҳолатҳои дигар ҷудокунии нопурра гузаронида мешавад. Ҷудокунии нопурраи автомат аз ҷудо кардани тирдон сар мешавад. Бо дасти чап аз гарданаи даста ё сарпӯш – тагчӯби мил дошта истода, бо дасти рост тирдонро дошта, бо ангушти калон дастакчаро пахш намуда, қисми поёнии онро ба пеш тела дода, онро ҷудо кардан мумкин аст. Агар дар тирдон тир набошад, гузаронандаро ба поён ҳаракат дода, дастаи милаи кулангдорро ба қафо бурда, тирдонро аз назар гузаронидан лозим аст. Дастаи милаи кулангдорро озод намуда, кулангро аз взводи ҷангӣ фуровардан лозим аст. Бо ангушти дасти рост аз лоначаи даста ҷузвдон (пенал)-ро бароварда, аз дохили он шётка, ёршик, печкаш, виколотка ва шпилкаро гирифтан лозим аст. Ҷузвдони автомати дасташ қатшаванда дар халтачаи барои тирдонҳо пешбинишуда нигоҳ дошта мешавад.



**Ҷудо кардани тирдон**



**Ҷойгиркунии пенал дар қундоқ**

Қисми саршавии милсунбаро ба тарафи худ кашида, сараки онро аз дохили қаровулак бароварда, милсунбаро ба боло ҳаракат додан лозим аст. Он фавран аз ҷояш мебарояд.

Бо дасти чап гарданаи дастаро дошта бо ангушти калонии ин даст нуқтачаи баромадаистодаи милаки сомони теладиҳандаро зер карда, бо дасти рост қисми қафои онро бардошта, сарпӯшашро ҷудо кардан лозим аст.



**Ҷудо кардани сунба**



**Ҷудо кардани сарпӯш**

Автоматро бо дасти чап дошта истода, бо дасти рост механизми самтдиҳандаи милакдор (стержендор)-ро ба пеш ҳаракат додан лозим аст. Танҳо ҳангоми ин ҳаракат панҷаи он аз қуттичаи даста ҷудо мешавад. Қисми поёнии онро ба боло бардошта сомони теладиҳандаро ҷудо намудан лозим аст.



Ҷудо кардани механизми баргарданда

Мили кулангдор ва кулангро бо ҳаракати дасти рост то охир бурда, онро ҳамроҳи куланг (затвор) бардошта, аз қуттии даста ҷудо намудан лозим аст.

Ба ҳамон тарзу тартибе, ки ин қисмҳоро ҷудо намудем, автоматро ҷамъоварӣ бояд кард.

**Найчаи газгузарро бо қисми болоии пӯшонандаи мил якҷоя намудан.** Найчаи газгузарони автоматро бо дасти чап дошта, бо дасти рост нӯги пеши найчаи газгузарро ба дохили лона тела дода, қисми болои пӯшонандаи милро бо даст пахш карда, қуфлакро ба тарафи худ тоб дода, то даромадани қайдгирак (фиксатор)-и он ба қуттичаи нишонгирӣ ин ҳаракатро давом додан лозим аст.

Ҷойгирсозии куланг ба милаи кулангдор. Барои ин дар дасти чап милаи кулангдор, дар дасти рост кулангро дошта, кулангро бо қисми силиндриаш ба дохили мил гузоштан лозим аст. Ҷойи идоракунандаи шаклаш чун нӯги куланг буридашударо дар шакли даромадан тоб дода, ба самти пеш ҳаракат додан лозим аст.

**Милаи кулангдорро бо куланг ба қуттии мил ҷойгир кардан.** Бо дасти чап аз гарданаи қундоқ гирифта, милаи кулангдорро ба куланг ҳамроҳ намуда, бо сарангушт зер карда, онро ба ҳолати аввала оварда, поршени газиро ба қуттичаи нишонгирӣ даровaрда, милаи кулангдорро ба пеш чунон лағжондан лозим аст, ки аз гардиши қуттии мил ба сӯрохаки милаи кулангдор дарояд. Дар ин ҳол зӯр назада, қуттии милро ба пеш тела додан лозим аст.



Ҷудо кардани милаи кулангдори худкор бо куланг

**Якҷоякунии механизми баргарданда.** Бо дасти рост механизми баргардандаро ба ҷӯяки милаи кулангдор даровaрда, пружинаи баргардандаро пахш намуда, милаки

самтиро ба пеш ҳаракат дода, каме ба поён фуроварда, онро ба панҷаи қуттии мил дохил намудан лозим аст.

**Пӯшидани сарпӯши қуттии мил.** Сарпӯши қуттии дастаро бо қисми пешаш ба буриши нимдоираи қуттии нишонгирӣ ниҳода, ба қайди дасти рост ба пеш ва дар як ҳолат ба поён чунон зер кардан лозим аст, ки баромадгоҳҳои милаки механизми баргарданда ба роғи сарпӯши қуттичаи даста дохил шавад.



**Ҷудо кардани куланг аз милаи кулангдор**

Кулангро аз взводи ҷангӣ ба ҳолати аввала гузошта, бакордароранда пахш намуда, гузаронандаро то нуқтаи охирин ба боло бардоштан лозим аст.



**Пайваст намудани тирдон ба автомат**

**Пайваст кардани милсунба.** Ҷузъдонро ба лоначаи даста ва афзорҳоро ба дохили ҷузвдон (пенал) гузошта, сарпӯши онро пӯшида, ҷузъдонро баръакс ба лоначаи даста дохил намуда, онро то пӯшида шудани сарпӯши лонача ба самти пеш ҳаракат додан лозим аст. Ҷузвдони автомати дастааш қатшаванда ба халтаи тирдон ҷойгир карда мешавад.

**Пайваст намудани тирдон ба автомат.** Автоматро дар дасти чап нигоҳ дошта, онро аз гардана ё сарпӯши даста дошта, бо дасти рост нӯгаки тирдонро ба шикофи қуттичаи даста дохил намуда, тирдонро ба тарафи худ то мустаҳкам ҷойгир шудани он ҳаракат додан лозим аст. Ҳангоми ҷамъ намудани автомат рақамҳои дар дастаи қуттибуда ва қисмҳои алоҳида бояд мувофиқат намоянд.

**Сохти тир.** Тир аз нӯги тир (пайкон), кортус (гилза), борут ва пистон иборат аст. Тирҳои намунаи соли 1943 дар шакли тирҳои одӣ ва махсус истеҳсол карда мешаванд. Тирҳои махсус дар қисми болоиашон рангҳои фарқкунанда доранд.

Тирҳои одӣ барои нест кардани қувваи зиндаи душман, ки дар макони кушода, дар зери иститорҳои тиргузаранда ҷойгир шудаанд, пешбинӣ гардидаанд.




**а-тири одӣ, б-тири рахшони дилакаш пӯлодӣ,**
**в-тири зиреҳшикофи даргиранда**

Тири рахшон (трассируюшие) барои нобуд сохтани қувваи зиндаи душман, инчунин барои танзими тирпарронӣ ва нишон додани самт, тирҳои зиреҳшикофи даргиранда барои даргирондани моеъҳои оташангез ва нест кардани қувваи зиндаи душман, ки таҳти иститорҳои на он қадар мустаҳкам мебошанд ва дар масофаи на камтар аз 300 м ҷой доранд, пешбинӣ шудаанд. Нӯги тири одӣ аз ғилофак ва дилаки оҳанӣ ё сурбӣ, тири рахшон аз ғилофак, дилаки оҳанӣ, стаканча ва маводди рахшанда иборат аст.

**Кортус** барои пайваст намудани ҳамаи қисмҳои тир пешбинӣ шудааст. Он неруи борутро аз таъсирҳои беруна нигоҳ медорад ва барои бартараф намудани газҳои борутӣ ба тарафи куланг хизмат менамояд. Пистон барои даргирифтани борут истифода мешавад. Вай аз даҳонаки латунӣ, қисми зарбавӣ ва аз парда (либос)-и фолгавӣ иборат аст.

**Пулемёти дастии Калашников.**

Пулемёти дастии Калашников – силоҳи пурзӯри автоматӣ ба ҳисоб рафта, барои нобуд сохтани қувваи зиндаи душман пешбинӣ шудааст. Принсипи кори пулемёти дастии Калашников ба принсипи кори автомати Калашников монанд аст. Фарқаш аз дигар автоматҳо он аст, ки дар асбоби нишонгирии вай «мақсадак» вуҷуд дорад. Вай аз асбоби хурдакаки буришдор барои нишонгирӣ иборат аст. Барои бартараф намудани шамоли паҳлуӣ ва ҳаракати паҳлуӣ, ҳаракати «мақсадак» ба чап ё ба рост бо ёрии чархак иваз карда мешавад. Мили пулемёт назар ба автомат дарозтар аст. Ин барои афзудани суръати аввалаи тир мусоидат менамояд. Барои хубтар тир холӣ намудан пулемёт поя ва даста дорад.

Поя аз пулемёт ҷудо карда намешавад. Ҳангоми қисман тақсим намудани пулемёт ба поя ниҳода мешавад. Барои ин онро бо дасти чап аз сарпӯш дар ҳолати амудӣ нигоҳ дошта, бо дасти рост пояро аз зеркунаки пружинӣ озод намудан лозим аст. Сипас пояро аз танаи пулемёт чунон ҳаракат додан лозим аст, ки вай дар ҳолати рост истода қарор гирад ва пулемётро ба болои поя ба тарафи чап тоб дода гузоштан лозим аст. Пас аз ҷамъ кардани пулемёт онро бо дасти чап ба ҳолати «истода» дароварда бо дасти рост пояҳоро каме кушода, онҳоро ба бадани пулемёт зич намуда, бо фанар (пружина) мустаҳкам кардан лозим аст.

**Савол ва супориш:**

1. Дар бораи ҷойгиршавии қисмҳо ва механизмҳои автомат пеш аз тирҷойкунӣ нақл кунед.
2. Дар бораи ҷойгиршавии қисмҳо ва механизмҳои автомат ҳангоми тирҷойкунӣ нақл кунед.
3. Дар бораи кори механизмҳо ва қисмҳои автомат ҳангоми тирпаронии автоматӣ нақл кунед.
4. Дар бораи кори механизмҳо ва қисмҳои автомат ҳангоми тирпаронии яктоӣ нақл кунед.

## § 25. ФАЪОЛИЯТИ ҚИСМҲО ВА МЕХАНИЗМҲОИ АВТОМАТ. ТАЪЙИНОТИ ҚИСМУ АФЗОРҲО

Мил – барои рост кардани самти парвози тир ва ба ӯ додани ҳаракати чархзананда хизмат мекунад.

Аланганишон – барои дар буриши мил паст кардани алангаи оташ хизмат мекунад.

Муфтаи пайвасткунанда – барои пайваст намудани тагчӯби мил ба силоҳи худкор хизмат мекунад.

Қуттии мил – барои пайваст намудани қисму афзорҳои силоҳи худкор, амали байниҳамдигарии онҳо, бо қуланг пӯшидани ҷӯяки мил ва маҳкам кардани қуланг хизмат мекунад.

Воситаҳои банишонгирӣ – барои ба тарафи ҳадаф рост равона кардани силоҳи худкор хизмат мекунад.

Рӯйпӯши қуттии мил – барои аз вайроншавӣ ва чиркиншавӣ муҳофизат намудани олоти (механизми) зарбазанандаю сардиҳанда хизмат мекунад.

Асоси қулангдон бо поршени газӣ – барои ба кор даровардани қулангдон ва механизми зарбаэанандаи камонак хизмат мекунад.

Қулангдон бо зарбазананда ва партоянда – барои равона кардани тир ба тирдон, пӯшидани ҷӯяки мил ҳангоми паррондан, партофтани пучаки паррондашуда ва зарба задан ба пистон хизмат мекунад.

Механизми баргарданда – барои баргардонидани асоси қулангдон хизмат мекунад.

Найчаи газӣ бо рӯйпӯши мил – барои нигоҳ доштани ҳаракати поршени газӣ ва муҳофизат кардани дастон аз сӯхтан дар вақти тирпарронӣ хизмат мекунад.

Механизми зарбазанандаи камонак – барои аз взводи чангӣ ё худсардеҳ сар додани қуланг, расонидани зарба ба зарбазан, таъмини тирпаррони яктоӣ ё пай дар пай, қатъ намудани оташ, роҳ надодан ба тирпарронӣ ҳангоми қулангдон маҳкам шудан ва барои дар ҳолати муҳофизак гузоштан хизмат мекунад.

Тагчӯби мил – барои нигоҳ доштани ярок ва муҳофизат кардани дастон аз сӯхтан хизмат мекунад.

Тирдон – барои ҷойгир намудан ва додани тирҳо ба қуттии мил хизмат мекунад.

Шептало – барои дар взводи чангӣ нигоҳ доштани қуланг хизмат мекунад.

Қуланги сардиҳанда – барои нигоҳ доштани қуланг дар взводи чангӣ ва сар додани он хизмат мекунад.

Худсардеҳ бо пружина – барои ба таври худкорӣ озод намудани қуланг ба взводи худсардеҳ ҳангоми тирпаррони пай дар пай, инчунин барои боз доштани сардиҳии қуланг ҳангоми пӯшида шудани ҷӯяки мил хизмат мекунад.

Гузарандаи оташ – барои нигоҳ доштани худкор дар ҳолати бо навбат ё яктоии оташ ё ин ки нигоҳ доштан дар ҳолати муҳофизак хизмат мекунад.

**Нигоҳубини автомат.** Барои истифодаи моҳиронаи автомат сари вақт бартараф намудани норасоиҳои он, фаъолияти қисмҳо ва механизмҳои онро хуб донистан лозим аст. Мили кулангдор бо поршени газдор дар зери таъсири сомони теладиҳанда ва баргарданда дар ҳолати аввала мебошад. Поршени газӣ дар найчаи лонаи газӣ, ҷӯяки мил бо куланг пӯшида шудааст. Куланг ба тарафи рост дар гирди меҳвари дарозрӯя тоб дода шудааст. Баромадгоҳҳои чангии он дар буришҳои қуттичаи мил ҷойгир шудаанд, куланг маҳкам аст. Пружинаи баргарданда зичии хурдтаринро дорост. Дастаи фурудовари худкор дар зери таъсири мили кулангдор ба самти пеш ва ба поён тоб дода шудааст. Зарбазан дар зери таъсири куланг ба пеш дода шудааст. Зеҳи чангӣ, ки дар ҳолати зичии хурдтарин мебошад, бо нӯгҳои қаткардашудааш баромадгоҳҳои дарозшакли нӯгаки бакордарорандаро ба зери қуттичаи даста пахш мекунад. Дар ин ҳолат думчаи нӯгаки бакордароранда дар вазъи аввалааш қарор мегирад. Қатъкунандаи куланг дар зери таъсири зеҳи худ бо баромадгоҳи дарпешбуда, ба зери қуттии даста пахш карда шудааст. Гуза-

ронанда дар ҳолати охирини болоӣ воқеъ буда, буриши зинашакли дар даҳонаки қуттии даста бударо маҳкам менамояд. Барои ба тирпарронӣ омода сохтани автомат ба он тирдони пур аз тир пайваст намуда, гузаронандаро ба оташфишони автомат (АВ) гузошта, мили кулангдорро ба қафо то нуқтаи охирин кашида сар додан лозим аст. Акнун автомат барои тирпарронӣ омода аст.

Ҳангоми пайваст намудани тирдон тири болоӣ ба милаи кулангдор расида меистад. Ҳангоми манъ кардани гузаронанда дар оташфишонии автоматӣ буриши зинашакли дар сарпӯшаки қуттичаи мил буда, барои дастаи мили кулангдор озод мешавад, қитъа (сектор)-и гузаронанда дар буриши оташфишонии яктоӣ мемонад, вале ба гардиши нӯгаки бакордароранда халал намерасонад.

Ҳангоми ба қафо бурдани мили кулангдор, ба дарозии ҳаракати озод ба баромадгоҳи асосии куланг таъсир расонида, кулангро ба самти чап ҳаракат медиҳад ва баромадгоҳҳои ҷангии он аз буришҳои қуттии мил мебарояд ва бақафопартоии куланг ба амал меояд. Баромадгоҳи мили кулангдорро гӯшаки фурудовари худкор озод месозад ва шепталои фурудовари худкор дар зери таъсири зеҳ ба ҳамвории пеши куланг наздик мешавад.

Ҳангоми давом додани ҳаракати баръакси мили кулангдор куланг ҳам ба қафо ҳаракат мекунад, дар ин маврид ҷӯяки аз мил оянда кушода мешавад.

Зеҳи баргарданда зич мешавад. Чақмоқ дар зери таъсири мили кулангдор дар гирди меҳвар давр мезанад, зеҳи ҷангӣ тоб мехӯрад. Взводи ҷангии куланг пайиҳам ба тарафи баромадгоҳи шаклии нӯгаки бакордароранда меҷаҳад ва куланг ба шепталои фурудовари худкор меистад. Дастаи фурудовари худкор дар ин ҳолат ба боло бардошта мешавад ва дар баромадгоҳи мили кулангдор қарор мегирад.

Ҳамин ки ҳамвории дар қисми поёнии мили кулангдор буда аз тирезача мегузарад, тирҳо дар зери таъсири пружинаи тирдон ба боло ҳаракат мекунанд ва ҳаракати онҳо ҳангоми ба хамгашти девори тирдон расидан қатъ мешавад. Ҳангоми сар додани мили кулангдор куланг дар зери таъсири механизми баргарданда ба пеш ҳаракат мекунад. Куланг аз тирдон тири болоиро тела дода мебарорад, онро ба тирхона ворид менамояд ва дохили милро маҳкам мекунад. Ҳангоми ба буриши мил наздик шудани куланг, боздорандаи партоянда ба гузаргоҳи доирашакли найчаи тир ҷаҳидан мегирад. Куланг дар зери таъсири буриши чапи қуттичаи мил ба буриши чапи баромадгоҳи куланги ҷангӣ, сипас дар зери таъсири буриши фигуравии мили кулангдор ба баромадгоҳи асосии куланг дар гирди меҳвари дарозшакл ба самти рост ҳаракат менамояд. Баромадгоҳҳои ҷангии куланг ба такягоҳҳои ҷангии қуттичаи мил дохил

мегардад ва куланг маҳкам мешавад. Мили кулангдор дар ҳолати пешина ҳаракати худро давом дода, бо баромадгоҳи худ дастаи фурудовари худкорро ба пеш ва поён ба ҳаракат медарорад. Дар ин ҳолат шепталои фурудовари худкор аз зери дастаи фурудовари худкори куланг мебарояд. Куланг дар зери таъсири пружинаи ҷангӣ чарх мезанад, аз зери роғи манъкунанда мебарояд ва ба ҳолати ҷангӣ медарояд. Ҳангоми ба қайди муҳофиз (предохранитель) гузоштани гузарандаи автомат гузаронанда буриши зинашакли сарпӯши қуттичаи дастаро маҳкам менамояд ва дар роҳи ҳаракати дастаи мили кулангдор ба самти қафо меистад. Қитъа (сектор)-и гузаронанда ба тарафи рост тоб дода мешавад ва дар болои баромадгоҳи рости дарозрӯяи нӯгаки бакордароранда қарор мегирад (нӯгаки бакордарорандаро маҳкам мекунад). Барои ба таври автоматӣ тир холӣ намудан гузаронандаро ба оташфишони автоматӣ гузоштан лозим аст.

Тир дар зери таъсири гази борут аз дохили ҷӯяки мил ҳаракат мекунад. Баъди гузаштан аз роғи газгузар, як қисми гази ҳосилшуда ба воситаи ҳамин роғҳо ба лонаи газӣ ҳаракат мекунад. Гази ҳосилшуда ба поршени газӣ фишор меорад ва мили кулангдорро ба қафо мепартояд. Мили кулангдор ба қафо ҳаракат карда, кулангро дар гирди меҳвари дарозшакл давр мезанонад. Куланг ба канора меравад ва ҷӯяки мил кушода мешавад. Дастаи фурудовари худкор дар зери таъсири зеҳ ба самти боло ҳаракат намуда, баромадгоҳи мили кулангдорро озод мекунанд. Шепталои фурудовари худкор ба ҳамвории қисми пеши куланг наздик мешавад. Дар ин ҳангом тир аз мил мегузарад. Як қисми газҳои борутӣ ба лонаи ҷубронии баромадгоҳ меафтанд, дар натиҷа фишори аз ҳад зиёд ҳосил мешавад ва нӯги автомат ба тарафи чап ва ба поён ҳаракат мекунад ва ҳадафгирии дақиқ ҳангоми тирпарронии автоматӣ аз ин сабаб камтар мешавад. Мили кулангдор ҳаракат ба ақибро давом медиҳад. Пас аз он ки куланг тири болоиро ба тирхона равона мекунад ва мил бо куланг маҳкам мешавад, куланг ҳаракати худро давом дода, шепталои фурудовари худкорро аз зери фурудовар мебарорад. Дар зери таъсири зеҳи ҷангӣ куланг тоб мехӯрад ва ба роғи боздорандаи куланг зарба мезанад, боздоранда ба самти қафо тоб мехӯрад, баромадгоҳи пешро ба зери зарбаи куланг вомегузорад. Дар натиҷаи ин зарбаҳо ба боздоранда, ҳаракати куланг ба самти пеш каме оҳиста мешавад, ки ба даста пас аз зарбаи ҳамвор ба мили кулангдор имкон медиҳад, ки ба ҳолати пешинааш баргардад. Пас аз зарбаи боздоранда куланг ба зарбазан зарба мезанад ва тирпарронӣ ба амал меояд. Кори қисмҳо ва механизмҳои автомат идома ёфта, тирпарронӣ ба тарзи автоматӣ то давре, ки нӯгаки бакордароранда дар ҳолати «АВ» қарор дорад, давом меёбад.

Барои боздоштани тирпарронӣ нӯгаки бакордарорандаро ба поён фуровардан лозим аст. Дар ин ҳолат дар зери таъсири пружина нӯгаки

бакордароранда тоб мехӯрад ва дар роҳи ҳаракати куланг боз меистад. Тирпарронӣ қатъ карда мешавад, вале автомат дар ҳолати омодагӣ ба тирпарронии оянда ба таври автоматӣ мемонад. Барои тирпарронии яктоӣ гузаронандаро ба оташфишонии яктоӣ «ОД» гузоштан зарур аст.

Барои ба амал овардани тирпарронии оянда нӯгаки бакордарорандаро ба поён фуроварда, кулангро пахш намудан лозим аст. Вақте ки нӯгаки бакордароранда сар дода мешавад, дар зери таъсири пружина ҳамроҳи шептало тоб мехӯрад, шепталои тирпарронии яктоӣ аз басташавӣ бо взводи куланг мебарояд ва куланг озод мешавад. Куланг таҳти таъсири зеҳ тоб мехӯрад, аввал ба роғаки қатъкунанда, сипас ба баромадгоҳи пеши он зарба мезанад ва дар ҳолати ҷангӣ қарор мегирад. Ҳангоми ба нӯгаки ҷангӣ зер кардан, баромадгоҳи фигуравии он аз иҳотаи взводи ҷангии куланг мебарояд ва кори қисмҳову механизмҳо такрор меёбад. Тирпарронии навбатӣ ба амал меояд.

**Тозакунӣ, равғанмолӣ ва нигоҳ доштани автомат.**

Автоматро ҳамеша дар ҳолати тозаву пок ва омодагии пурра барои истифодаи ҷангӣ нигоҳ доштан зарур аст. Ба ин дар натиҷаи саривақт ва моҳирона тоза кардан ва равған молидан, инчунин, дар шароити гуногун дуруст нигоҳ доштан ва эҳтиёт намудани он муваффақ шудан мумкин аст.




**Лавозимот**
**1 - милсунба, 2 - поккунак, 3 - бурсак барои тоза кардани мили милтиқ, 4 - печтоб (печкаш), 5 - кӯбак, 6 - санҷоқ, 7 - пенал, 8 - сарпӯш, 9 - равғандон**

Ҳангоми тоза кардан ҷиҳозҳои автомат ё худ чӯбчаҳо истифода мешаванд. Ҷиҳозҳои автомат барои тоза кардану равған молидан ва ҳамчунин, барои ҷудо ва ҷамъ намудани он пешбинӣ шудаанд. Ба онҳо милсунба, тозакунак (шёткаи пахмоқ), бурсак, печтоб (отвёртка), санҷоқ (шпилка), ҷузвдон (пенал) ва равғандон дохил мешаванд.

Милсунба барои тоза кардан ва равған молидани мили асосӣ, каналҳо ва гузаргоҳҳои дигар қисмҳои автомат истифода бурда мешавад. Тозакунак барои тоза кардан ва равған молидани мили асосӣ ва гузаргоҳҳои дигар қисмҳои автомат пешбинӣ шудааст.

Бурсак барои тоза кардани мили асосӣ бо маҳлул истифода мешавад.

Печтоб, кӯбак (виколотка), санҷоқ ҳангоми ҷудо ва ҷамъ кардани автомат истифода мешаванд. Буриши охири печтоб барои кушодан ва мустаҳкам кардани қаровулак, буриши паҳлуӣ барои мустаҳкам намудани тозакунак дар милсунба пешбинӣ шудааст. Санҷоқ ҳангоми ҷамъ намудани механизми зарбавӣ – бакордароранда истифода мешавад. Он шепталои тирпарронии яктоӣ ва қатъкунаки кулангро дар нӯгаки бакордароранда боз медорад. Ҷузвдон бо сарпӯшаш барои нигоҳ доштани тозакунак, бурсак, печтоб, кӯбак ва санҷоқ истифода мешавад. Ҷузвдон ҳамчун муфтаи милсунба ҳангоми тоза намудан ва равған кардани мили асосӣ, ҳамчун даста барои печтоб ҳангоми кушодан ва мустаҳкам намудани басти қуфл (муфта) ва барои тоб додани найчаи газӣ истифода бурда мешавад.

Равғандон барои нигоҳ доштани равған истифода мешавад ва дар кисачаи халтаи нигоҳдории тирдонҳо ҷой дода мешавад.

**Тоза кардан ва равғанмолии автомат (силоҳ).** Тоза кардан ва равғанмолии силоҳ дар зери роҳбарии бевоситаи фармондеҳи бахш, дар муассисаи таълимӣ тахти роҳбари ҳарбӣ амалӣ гардонида мешавад.

Автоматро ҳангоми омода кардан ба тирпарронии навбатӣ, пас аз тирпарронӣ, пас аз дарсҳои саҳроӣ, дар шароити ҷангӣ ва ҳангоми машғулиятҳои дарозмуддат ҳар рӯз дар муддати дамгирӣ ва танаффусҳои байни машғулиятҳо тоза кардан мумкин аст. Агар автомат истифода нашуда бошад, онро на камтар аз як бор дар як ҳафта тоза кардан мумкин аст. Барои тоза кардан ва равған молидани қисмҳо ва механизмҳои автомат равғани тунуки силоҳӣ, маҳлул барои тоза кардани қисмҳои автомат (РЧС) латта ё худ коғази КВ – 22 истифода мешавад. Тозакунии автоматро дар ҷойҳои барои ин мақсад махсусгардонидашуда ва шароитҳои саҳроӣ – дар болои чодари тоза, тахта – фанерҳо гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст. Аввал афзорҳои барои тоза кардан ва равғанмолиро омода сохта, автоматро ба қисмҳо ҷудо карда, ҷӯяки асосиро тоза намуда, дигар қисмҳо ва механизмҳои автоматро тоза кардан лозим аст. Барои мили асосиро тоза кардан автоматро ба мобайни миз гузошта, ҷиҳозҳоро ҷамъ кардан лозим аст. Автоматро дар дасти чап нигоҳ дошта, ба дасти рост милсунбаро оҳиста дар дохили мили асосӣ тоб додан лозим аст. Милсунбаро гирифта, ҷиҳози равғанмолии онро иваз карда, аз нав ба равғани силоҳӣ тар намуда, ин ҳаракатро давом бояд дод. Ин амалро якчанд маротиба такрор кардан лозим аст. Баъд аз ин, милсунбаро бо латтаи хушк тоза кардан лозим аст. Латтаро аз назар гузаронда, агар дар он асари сӯхтагӣ ё занг пайдо шуда бошад, тозакуниро давом додан лозим аст, то он даме, ки пораи латтаи аз мил баровардашуда тамоман тоза шуда бошад. Милро дар ҳавои кушод тоб дода истода, дохили онро бодиққат аз назар гузаронидан лозим аст. Дар он ҳолат ба кунҷҳои буришҳо аҳамияти ҷиддӣ додан зарур аст, то ки дар

онҳо асари сӯхтагӣ намонад. Тирдонро аз тарафи қуттии мил низ бо чунин тарз тоза бояд кард.

Лонаи газӣ, найчаи газӣ ва компенсаторро бо равғани тунуки силоҳӣ ё маҳлули РЧС бо пораи латтаи ба милсунба ё чӯбак печондашуда тоза карда, сипас хушконидан лозим аст.

Қуттии мил, милаи кулангдор, куланг, поршени газиро бо порчаи латтаи ба равғани силоҳӣ таркардашуда ё маҳлули РЧС тоза карда, сипас онро хушк намудан лозим аст.

Дигар қисмҳои оҳанинро бо латтаи хушк тоза кардан лозим аст. Агар бисёр ифлос шуда бошад, бо равған тоза карда, сипас хушк намудан лозим аст. Қисмҳои чӯбини автоматро бо латтаи хушк тоза бояд кард. Пас аз ба итмом расидани равғанмолӣ автоматро ҷамъ карда, кори қисмҳо ва механизмҳои онҳоро тафтиш намуда, онро ба роҳбар ё дастурдиҳанда нишон медиҳанд.

**Савол ва супориш:**

1. Таъйиноти автомат чист ва он аз кадом қисмҳо иборат мебошад?
2. Автомат кай ва бо кадом тарз тоза ва равғанмолӣ карда мешавад?
3. Дар бораи нигоҳ доштан ва эҳтиёт намудани автомат нақл кунед.
4. Афзорҳоро барои тоза кардани автомат омода созед ва тартиби тоза кардани механизмҳои онро нишон диҳед.

## § 26. ХУСУСИЯТҲОИ АВТОМАТ. МУОМИЛА БО ИН НАВЪИ СИЛОҲ

**Нигоҳ доштан ва эҳтиёт кардани автомат (силоҳ).** Ҷавобгарӣ барои нигоҳ доштан ва эҳтиёт намудани автомат дар қисми ҳарбӣ – вазифаи фармондеҳ, дар муассисаи таълимӣ – вазифаи сардор, роҳбари муассиса мебошад. Бо автомат бо эҳтиёт муомила карда, ба дохили он афтодани ҳар гуна ашё (хок, рег ва ғайра)-ро пешгирӣ намудан лозим аст, вагарна ин ҳангоми тирпарронӣ ба варам кардан ва ё таркидани мили автомат сабаб мешавад. Бе зарурат қисмҳо ва механизмҳои автоматро кор фармудан лозим нест. Ин ба зуд аз кор баромадани онҳо сабаб мешавад. Автомат бояд дар дохили пирамида дар ҳолати ғайриомодагӣ нигоҳ дошта шуда, тирдон, корднайза ҷудо бошанд; куланг ба поён фуроварда шуда, гузаронанда дар қисми болоӣ қарор гирад; баландии нишон дар ҳолати «П» қарор дошта бошад. Дар қисми махсуси пирамида тирдонҳо, халтаҳо барои тирдонҳо, корднайза дар ғилофҳо ва равғандонҳо нигоҳ дошта мешаванд. Халтаҳо барои тирдонҳо ва тасмаҳо бояд тоза ва хушк нигоҳ дошта шаванд. Ҳангоми ҳаракат дар машғулиятҳо ва дар сафарҳои пиёда автомат бо тирдони пайвастшуда бурда мешавад, тирдонҳои боқимонда дар халта меистанд. Тасмаро чунон кашидан лозим

аст, ки автомат ба чизҳои сахт барнахӯрад. Ҳангоми танаффусҳои байни машғулиятҳо автомат дар даст нигоҳ дошта мешавад.

**Азназаргузаронӣ ва ба тирпарронӣ омода намудани автомат.** Автоматро барои санҷидани омодагии қисмҳояш, тозагӣ, сифати равғанмолӣ ва омодагӣ барои тирпарронӣ аз назар мегузаронанд. Автомат ҳар рӯз пеш аз ба машғулият баромадан, пеш аз ба посбонии шабонарӯзӣ рафтан, дар ҳолати ҷангӣ – мунтазам дар давоми рӯз ва пеш аз иҷрои супориши ҷангӣ дар ҳолати омода нигоҳ дошта мешавад. Ҳангоми азназаргузаронии ҳаррӯза мавҷуд будани ҳамаи қисмҳои автомат санҷида шуда, занг задани қисмҳо, чиркин шудан, харошидан, қат шудан ва дигар камбудиҳо ислоҳ карда мешаванд. Инчунин мавҷуд набудани кафидагиҳои қисмҳои чӯбини автомат, мустаҳкамии милсунба низ санҷида мешавад. Ҳолати равғанмолӣ дар қисмҳои намоёни автомат, мавҷуд будани тасма, таҷҳизот, тирдонҳо, халта барои онҳо, мавҷудият ва ҳолати корднайза низ аз назар гузаронида мешавад.

Хуб кор кардани қисмҳои автомат санҷида ва омода карда мешавад. Барои омодагӣ автоматро тоза карда, дар ҳолати ба қисмҳо ҷудокардашуда аз назар гузаронида, тирдонҳоро санҷидан лозим аст. Пеш аз тирпарронӣ ҳатман мили асосиро бо матои хушк тоза намудан лозим аст. Агар автомат муддати дароз дар зери барфу борон хобида бошад, тирдонро ҷудо карда, сипас бо тамоми қувва милаи кулангдорро якчанд бор ба пешу қафо ҳаракат додан зарур аст. Пеш аз тирпарронӣ тирҳои ҷангиро бояд омода сохт. Дар ин ҳолат занг назадани найчаи тир ва қатшавӣ дар он, наҷунбидани тир дар найчаи тир, набудани ранги сабз дар пистон ва баромадани пистон аз қисми зери найчаи тир, набудани тири машқӣ дар дохили тирҳои ҷангӣ аз назар гузаронида мешавад.

Агар тирҳо чанг ё чирк гирифта бошанд, каме занг зада бошанд, онҳоро бо матои хушк тоза кардан лозим аст. Бо матои равғанолуд тоза кардани тирҳо ва бо тирҳои равғани зиёд молидашуда пур намудани тирдон манъ аст, зеро ҳарорати паст ва чиркинӣ боиси қатъ гардидани тирпарронӣ мегардад.

Тирҳо бояд дар хонаи нигаҳдорӣ дар ҷойи хушк ва аз нурҳои офтоб пинҳон нигоҳ дошта шаванд. Одӣ будани сохти автомат кори онро мустаҳкам ва хуб менамояд. Вале чиркин ва куҳна шудани қисмҳо, инчунин муомилаи беэҳтиёт бо автомат ё ин ки корношоям гаштани тирҳо боиси қатъшавии тирпарронӣ мегардад. Дар ин ҳолат автомати ба тирпарронӣ омодаро ба ҳолати аввала овардан лозим аст. Сипас милаи кулангро аз нав сахт ба қафо кашида сар додан зарур аст. Автомат боз барои давом додани тирпарронӣ омода мешавад.

Ҳангоми истифодаи силоҳ қисми тиргузарон ҷойи худро иваз мекунад.

Бо муқовимати фанар (пружина)-и баргарданда ба душман зарбаи ҳалокатовар расонида мешавад. Дар ин ҳангом тирпарронӣ ба амал меояд. Баъди тирпарронии аввал қисмҳо ҳамон кореро иҷро мекунанд, ки дар натиҷа тирпарронии бонавбат ба вуҷуд меояд. Аммо дар ҳолати зер накардани моша (курок) тирпарронӣ қатъ мешавад, зеро пеши роҳи тирҳо банд мегардад. Қисми зикршуда дар ҳолати аввала боқӣ мемонад.

Барои тирпарронии такрорӣ бояд мошаро зер кард. Вақте ки кулангги баргарданда зер карда мешавад, тирпарронии яктоӣ ба вуҷуд меояд. Дар ҳолати зер кардани моша ҳамин ҳолат такрор шуда, қисмҳои тирпарронӣ ба кор медароянд.

**Қатъ гардидани тирпарронӣ аз автомат ва усулҳои бартараф кардани он.** Қисмҳои механизмҳои автомат ҳангоми истифодаи дурусти он метавонанд дуру дароз ва боэътимод хизмат намоянд. Дар ҳолати ифлос шудан ва ё бе эҳтиёт кор фармудани автомат ҳангоми тирпарронӣ баъзан кори он қатъ мегардад.

Ҳангоми бартараф кардани норасоиҳо дар вақти тирпарронӣ қисми кулангдони автоматро ба ақиб оварда тирпаррониро давом додан лозим аст. Барои бартараф намудани норасоиҳои пайдогашта метавон аз нишондодҳои зерин истифода намуд.

**Норасоиҳо ва тавсифи онҳо. Сабабҳои норасоиҳо. Роҳҳои бартарафсозӣ.**

1. Нарафтани тир.

Куланг дар ҳолати пеш, аммо тирпарронӣ нест, дар тирдон ягон дона тир нест. 1. Ифлосшавии тирдон. Дубора омода сохтани автомат ва давом додани тирпарронӣ. Иваз кардани тирдон. Дар сурати корношоямӣ фиристодан ба таъмиргоҳи махсус.

2. Тир ба ҷойи асосии мил намегузарад. Қисмҳои ҳаракатӣ дар ҳолати муқарарӣ меистанд. 2. Корношоям будани забонаки қатъшавии деворҳои паҳлуии тирхона. Дастаро дошта, тирпаррониро давом додан. Ҳангоми такрор шудани ин ҳолат тирдонро иваз кардан.

3. Ҳолати қатъ гаштани баромади тир (осечка). Тир ҳаст, аммо тирпарронӣ ба вуҷуд намеояд. 1. Корношоямии тир. 2. Корношоямии қисмҳои зарбазан ва ифлосшавии онҳо. Зарурати назорати молидани равған. Автоматро ба кор даровarда давом додани тирпарронӣ. Ҳангоми такроршавии ҳолати қатъ гардидани тирпарронӣ, тоза кардани механизми зарбазан ва худи зарбазан.

Дар ҳолатҳои корношоямӣ ба таъмиргоҳҳои махсус фиристодан.

4. Набаромадани кортус аз тирхона. Қисмҳои автомат дар ҳолати муқаррарӣ қарор мегиранд. Ифлос будани тир ё ҷойи тир. Ифлосшавии зеҳ ва нодуруст кор кардани қисмҳои тирбаро. Ба ақиб бурдани дастаи куланг ва нигоҳ доштани он; ҷудо кардани тирдон; бо ёрии милсунба баровардани тир. Давом додани тирпарронӣ.

**Қоидаҳои умумӣ ҳангоми истифодаи силоҳ.**

Силоҳ ва лавозимоти ҷангӣ танҳо бо иҷозат (фармон)-и командир ё сардор гирифта мешавад. Баъд аз қабул силоҳро аз назар гузаронидан лозим аст, то ин ки силоҳ дар муҳофизак бошад ва тир ба мил ҷойгир карда нашуда бошад.

Барои донистани он ки патрон дар ҷӯяи патрон ҷойгир карда нашудааст, силоҳро аз муҳофизак набароварда, мили онро ба тарафи бехатар равон намуда, тирдонро ҷудо намудан лозим аст (агар тирдон ба силоҳ васл карда шуда бошад);

Силоҳро аз муҳофизак озод намуда, милаи қулангдорро ба қафо бурда, ҷӯяи патронро аз назар гузаронида, сипас аз он милаи қулангдорро озод намуда, ба қайди муҳофизак гузоштан лозим аст.

Силоҳро ба ҷониби одамон равон намудан қатъиян манъ аст, ҳатто агар тир ба мил ҷойгир набошад ва ё умуман тирдон холӣ бошад.

Силоҳи худ ва дигар шахсро бе иҷозат (фармон)-и сардор гирифтан ва ба ягон шахс додан мумкин нест.

Ҳангоми супоридани силоҳ бо иҷозат (фармон)-и сардор ба дигар шахс, огоҳ намо, ки силоҳ тир ба мил надорад (ё дорад) ва дар муҳофизак монда шудааст.

Ҳангоми қабули силоҳ аз дигар шахс аз назар гузарон, то ки силоҳи қабулкардаат дар муҳофизак монда шудааст ё не.

Гузоштани силоҳ бе иҷозати (фармони) сардор дар ҳар ҷой қатъиян манъ аст.

Ҳангоми роҳгардӣ, давидан, дастгир намудани ҷинояткорони хавфнок, инчунин дар нақлиёт, қатора ва ҳавопаймо тамоми қоидаҳои бехатарии муомила бо силоҳро риоя намудан зарур аст.

Ҳангоми муайян кардани корношоямии силоҳ ба сардор гузориш додан лозим аст.

Ҳангоми ҷойгир намудани тирдон ба дастаи тапонча бо зарбаи сахти даст задан манъ аст, тири дуюм аз боло таркиданаш имкон дорад.

**Қоидаҳои бехатарӣ ва муомила бо силоҳ ҳангоми хизмат.**

Ҳангоми хизмат тирдон бояд ба силоҳ пайваст бошад ва силоҳ барои истифодабарӣ омода бошад.

Шахсоне, ки хизматро бо автомат пеш мебаранд, дар ҳолати тайёрӣ барои рост истода оташ кушодан бо истифодаи тасма, гирифта гарданд.

Шахсоне, ки хизматро бо тапонча пеш мебаранд аз тарафи чап тапончаро дар ғилоф ба тасмаи миён дар ҳолати маҳкам ҷойгир намоянд. Ин ҳолат барои зуд гирифтани силоҳ аз ғилоф мусоидат менамояд.

Ҳангоми қабули патронҳо, миқдори онҳоро санҷидан ва аз назар гузаронидан лозим аст, чунки патронҳо метавонанд зангзада, пачақ ё ин ки патронҳои таълимӣ бошанд, инчунин ҷойгиршавии тир дар патронро низ санҷидан зарур мебошад.

Тир ба мил намудан ва баровардани тир аз мил танҳо дар ҷойҳои муайяншуда, бо фармони сардори даста ва мувофиқи қоидаҳои Оинномаи гарнизонӣ ва қаровулии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

Ҳангоми пеш бурдани хизмат мунтазам дар хотир дореd, ки силоҳ бояд ба қайди муҳофизак гузошта шуда бошад.

Тирро аз мил бароварда, силоҳро ба қайди муҳофизак монда, ба сардори дастаи хизматӣ гузориш додан лозим аст.

Зарурати ҳолати истифодаи силоҳ набошад, патронро ба ҷӯяи патрон ворид намудан манъ аст.

Ҳангоми хизмат, агар патрон дар ҷӯяи патрон бошад, ба вазъиятҳои хавфноку вазнин оварда расониданаш мумкин аст.

Ҳангоми тирпарронии огоҳонӣ мили силоҳро ба тарафи бехатар ё осмон равона намудан зарур аст.

Пас аз истифодаи силоҳ онро ҳатман ба муҳофизак гузоронидан лозим мебошад.

Ҳангоми пеш бурдани хизмат силоҳи худро ба ҷойе мондан ва ба дигар шахс додан манъ аст.

Ҳангоми бо силоҳ ба толори хизматӣ ворид шудан, силоҳро барои нигоҳдорӣ ба навбатдор супоридан лозим аст.

Қатъиян манъ аст:

– ҳангоми хизмат дар дидбонгоҳ силоҳро ба қисмҳо ҷудо намудан, аз муҳофизак озод намудан, патрон дар ҷӯяи патрон ҷой намудан ва ангуштонро ба чангаки худсардеҳ гузоштан;

– тирдонро аз силоҳ ҷудо намудан ва аз он патронҳоро баровардан;

– агар патрон дар ҷӯяи патрон бошад, хизматро пеш бурдан.

Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми тоза намудани силоҳ.

– Бо роҳбарӣ ва назорати сардор (командири даста) дар ҷойи муайянгардида тоза ва равған намудани силоҳ иҷозат дода мешавад.

– Тоза намудани силоҳ пас аз тирпарронӣ бо патронҳои ҷангӣ ё таълимӣ дар майдони тирпарронӣ, ё ин ки дар толори тирпарронӣ (ТИР) гузаронида мешавад.

– Пеш аз тоза намудани силоҳ ҳамаи патронҳоро ба навбатдор супорида, силоҳро аз назар гузаронидан лозим аст, ки патрон дар ҷӯяи патрон мавҷуд набошад.

– Силоҳро бо сӯзишвории навъи бензин тоза намудан ва инчунин ҳангоми тоза намудани он сигор кашидан қатъиян манъ аст.

– Пас аз тоза намудани силоҳ ба сардор гузориш додан лозим мебошад. Сипас бо иҷозати ӯ силоҳро равған намуда, қисмҳои онро васл намоед.

Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми гузаронидани дарсҳо ва ҳангоми тирпарронӣ.

– Пеш аз истифодаи патронҳои таълимӣ аз назар гузаронидан лозим аст, ки патронҳои ҷангӣ набошанд.

– Пас аз анҷоми дарс ва тирпарронӣ, ҳамаи патронҳои ҷангӣ, таълимӣ ва инчунин патронҳои тангмил (мелкокалиберные патроны) ҳатман бояд ба сардор супорида шаванд.

– Пеш аз тирро ба мил ҷой намудан силоҳро аз назар гузаронидан лозим аст, то ки дар мили он монеаҳо мавҷуд набошанд.

– Тирро ба мил ҷой намудан ва ё аз он ҷой баровардан пас аз амри командир иҷро карда мешавад, дар ин ҳолат мили силоҳро ба ҷониби нишон ё ҷониби бехатар равона намуда, бо иҷозати командир иҷро намудан лозим аст.

Ҳангоми тирпарронӣ худсарӣ ва асабонӣ шудан мумкин нест, озод намудани силоҳ аз қайди муҳофизак пас аз гирифтани ҳолати тирпарронӣ ва амри «Оташ» иҷро карда мешавад.

Оташфишонӣ ба таври мустақилона ва ё бо амри роҳбари тирпарронӣ дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

– пайдо шудани одамон, мошинҳо ё ҳайвонот дар майдони ҳадафҳо, инчунин парвози пасти тайёраҳо ва чархболҳо дар мавзеи тирпарронӣ;

– боло бардоштани парчами (фонуси) сафед дар нуқтаи назоратии командир ва ё дар паноҳгоҳ;

– оташ гирифтани воситае аз тирпарронӣ;

– пайдо намудани бонг аз тарафи муҳосира, ки тирпарронӣ хатарнок мебошад;

– гум намудани самти тирпарронӣ, хусусан шабона.

Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми истифодаи воситаҳои тақлидӣ (имитационные средства).

Истифодаи воситаҳои тақлидиро танҳо шахсоне мегузаранд, ки қисмҳои асосӣ ва қоидаҳои истифодаи онро хуб аз худ карда бошанд.

Вайрон намудани қоидаҳои бехатарӣ ба фалокатҳо (куштор, ярадор шудани одамон, оташгириҳо ва ғайра) оварда мерасонад.

Қатъиян манъ аст:

– истифода бурдани патронҳои таълимӣ, таркандаи коғазин ва дигар воситаҳои тақлидӣ, ки корношоям мебошанд;

– истифода бурдани втулк (чӯяни губчак, оҳани губчак) барои патрони таълимӣ ва тирпарронӣ, ки рахпечи корношоям дорад;

– тирпарронӣ бо патрони таълимӣ аз силоҳи ҷангӣ ва таълимӣ, ки корношоям мебошад;

– сохтани бастҳои таркандаи қоғазин барои пурзӯршавии таркиш;

– партофтани таркандаи қоғазин, норинҷаки дудбарорӣ ва тирпарронӣ дар маҳалҳои истиқоматӣ;

– партофтани таркандаи қоғазин дар ҷойи истодани одамон, иншоотҳо ва маводди оташангез дар масофаи аз 20 м камтар;

– истифода бурдани таркандаи қоғазин, ки сими оташангезиши кутоҳ, ё корношоям бошад;

– дар даст нигоҳ доштани таркандаи коғазин пас аз оташ додани сари оташгирон, норинчаки таълимию тақлидӣ пас аз озод намудани фишанги муҳофизаткунанда;

– тирпарронӣ аз тапончаи аломатӣ ва тирҳои реактивӣ, дар кунчи баландшавӣ, на камтар аз 40-45 дарача;

– ба қисмҳо чудо намудани тирҳои аломатӣ ва реактивӣ;

**Савол ва супориш:**

1. Дар бораи азназаргузаронии автомат пеш аз машғулиятҳо ва ҳангоми гирифтани супориш маълумот диҳед.

2. Дар бораи аз назар гузаронидани тирҳо пеш аз тирпарронӣ нақл намоед.

3. Қатъшавии тирпаррониро шарҳ диҳед. Сабабҳои рӯй додан ва тарзҳои пешгирии онҳо кадомҳоянд?

4. Ҳангоми муомила бо автомат ва тирҳо ба кадом қоидаҳо риоя кардан лозим аст?

## § 27. ТИРПАРРОНӢ. ХУСУСИЯТ ВА ТАРЗҲОИ ОН

Дар натиҷаи сӯхтани борути кортус дар зери таъсири газҳои борутӣ аз дохили мил ҷаҳидани тирро тирпарронӣ меноманд. Вай дар лаҳзаи ниҳоят кӯтоҳ (0,001-0,06с) ба амал меояд. Аз зарбаи сахт дар пистони патрон оташ ба амал меояд ва он борутро дармегиронад. Дар ин ҳангом газҳои тафсон ҳосил мешаванд, ки онҳо ҳаҷман зиёд гашта, фишори баландро ба вуҷуд меоранд ва ба ҳама тарафҳо бо қувваи яксон ҳаракат мекунанд. Тир дар зери фишори газ 250-500 кгс/см 2 (1 кгс/см 2 -01 МП а) аз ҷояш ҳаракат карда, ба роғи мил дохил мешавад ва ин лаҳза ҳаракати тобхӯранда пайдо менамояд. Сӯхтани борут давом меёбад ва ҳаҷми газ дар дохили мил зиёд шудан мегирад. Ҳаҷми калонтарини фишори газ (2,800 кгс/см 3) ҳангоми ба масофаи 4-6 см парвоз намудани тир ба амал меояд. Сипас дар натиҷаи зуд зиёд шудани суръати тир фишор паст шудан мегирад. Дар лаҳзаи аз мил баромадан суръати ҳаракати тир 300-900 кгс/см 3-ро ташкил медиҳад. Суръати ҳаракати тир дар мил зиёд мешавад, зеро газ ҳоло ҳам таъсири худро давом медиҳад. Тир бо суръати мунтазами афзоянда аз дохили мил ҳаракат менамояд ва ба самти меҳвари мил ҷаҳида мебарояд. Гази тасфоне, ки аз ҷӯяки мил мебарояд, ҳангоми бо ҳаво омехта шудан оташ ба вуҷуд меорад. Дар ин ҳангом мавҷи зарбавӣ ба амал меояд, ки сабабгори ҳосилшавии садо мешавад. Парвози тир дар ҳаво бо инерсия давом меёбад ва асосан ба суръати аввалаи он вобаста аст.

**Суръати аввалаи тир.** Суръате, ки бо он тир аз мил мебарояд, суръати аввала номида мешавад. Суръати аввалаи тир ҳолати ҷангии силоҳро

нишон медиҳад. Зиёдшавии суръати аввала дурии парвози тирро зиёд менамояд. Тезии суръати аввалаи тир ба дарозии мил, вазни тир, неруи борут ва дигар омилҳо вобастагӣ дорад. Мил ҳарчи дарозтар бошад, гази борутӣ ба тир ҳамон қадар зиёдтар таъсир мерасонад ва суръати аввалаи он бештар мегардад.

**Қафопартоии силоҳ.** Ба ҳамаи тарафҳо бо қувваи яксон ҳаракат намудани газро ба назар гирифта, ҳаминро донистан лозим аст, ки ҳангоми тирпаррониӣ газ на танҳо тирро ба самти пеш, балки силоҳро ҳаракати баръакси силоҳ ҳангоми тирпарронии пошназанӣ номида мешавад.



**Ҳаракати баръакси силоҳ ҳангоми тирпарронӣ**

Пошназании силоҳи оташфишон ҳамчун зарба ба китф, даст ё мушак ҳис карда мешавад. Энергияи пошназании автомат аз 2 кгс/см (19,6 Ҷ) зиёдтар нест ва ба шахси тирпарронанда дард намеорад. Қувваи пошназанӣ ва қувваи зидди пошназанӣ дар як самти рост набуда, дар самтҳои муқобили ҳамдигар ҷой гирифтаанд. Онҳо ҷуфти қувваҳоро ҳосил менамоянд, ки дар зери таъсирашон мил ба самти боло ҳаракат менамояд. Ғайр аз ин, ҳангоми тирпарронӣ мил ба ҳар самт ҳаракат менамояд. Ҳангоми ин ҳаракатҳо мил дар лаҳзаи ҷаҳидани тир ба самти гуногун ҳаракат мекунад. Ҳангоми нодуруст интихоб намудани такягоҳ ва чиркин шудани силоҳ бузургии ин ҳаракат зиёд мешавад. Таъсири ҷунбиши мил, пошназании силоҳ ва дигар сабабҳо ба пайдошавии кунҷи байни самти меҳвари мил сабаб мешаванд. Ин кунҷ – кунҷи парвоз номида мешавад.

Барои яксон кардани кунҷи парвоз ва кам намудани таъсири пошназанӣ ба натиҷаҳои тирпарронӣ навъҳои дурусти тирпаррониро истифода бурда, бо силоҳ дуруст муомила намудан лозим аст.

**Траекторияи тир.** Дар лаҳзаи тирпарронӣ дастаи автомат вобаста ба кунҷи баландӣ нуқтаи муайянро ишғол менамояд. Парвози тир дар ҳаво аз хатти рост оғоз меёбад, ки ҳамчун давоми мил ба назар мерасад. Ин хат – хатти партоиш номида мешавад. Ҳангоми парвоз дар ҳаво ба тир ду қувва – қувваи вазнинӣ ва қувваи муқовимати ҳаво таъсир мерасонанд. Қувваи вазнинӣ ҳарчи зиёдтар тирро ба поён аз самти партоиш фуруд меорад ва қувваи муқовимати ҳаво ҳаракати тирро дар ҳаво суст карда, онро ба қафо партофтан моил мегардонад. Дар зери таъсири ин ду қувва тир ҳаракати худро ба самти каҷ, самти поёнтари партоиш

давом медиҳад. Самти кац, ки маркази вазнинии тирро акс менамояд, траектория номида мешавад. Ҳаҷми траектория ба бузургии кунҷи баландӣ вобастагӣ дорад ва ба бузургии дарозии тирпарронӣ таъсир мерасонад.

Вақте ки меҳвари мил дар лаҳзаи то тирпарронӣ баландтар аз ҳолати тирпарронӣ бошад, кунҷи мусбат, поёнтар бошад, кунҷи манфӣ ҳисобида мешавад.

Бо зиёдшавии кунҷи баландӣ, баландии траектория ва дурии пурраи уфуқии парвози тир зиёд мешавад, вале ин то сарҳади муайян амалӣ мегардад. Бо гузаштан аз ин сарҳад баландии траектория зиёду дурии пурраи уфуқии он кам мешавад.




**Ҳолати тирандозӣ ба такя**
**а - доштани автомат аз тирдон; б - доштани автомат аз тагчӯби мил**

Кунҷи баландие, ки ҳангоми мавҷуд будани он дурии пурраи уфуқии парвози тир аз ҳад зиёд мешавад, кунҷи дурии зиёдтарин номида мешавад. Бузургии кунҷи дурии зиёдтарин барои тирҳои гуногуни силоҳ 350-ро ташкил медиҳад.

**Ҳаракати сӯрохкунанда ва нобудсозандаи тир**

Ҳаракати сӯрохкунандаи тир – тавоноии тир ва сӯрох кардани монеаи мустаҳкам ва ғафсии муайян аст. Ҳаракати маҳвсозандаи тир – таъсири он ба қувваи зинда ва аз кор баровардани он мебошад. Дар ин ҳолат энергияи кинетикиро қабул намудани организм, бофтаҳои муҳофизатӣ ва аъзои ҳаётан муҳимми онро нобуд месозад. Барои бе муҳофизати махсус нобуд сохтани аъзои ҳаётан муҳимми инсон, энергияи кинетикӣ бояд на камтар аз 8 кгс/м (78,5 Ҷ) бошад. Таъсири сӯрохкунанда ва маҳвкунандаи тир ба вазн, ҳаҷм ва суръати он ҳангоми ба ҳадаф расиданаш вобастагӣ дорад. Қувваи нобудсозандагии тир то дурии охирини парвоз боқӣ мемонад.

**Тирпаррониии рост ва аҳамияти он.** Тирпаррониии рост – он навъи тирпарронииеро меноманд, ки дар вақти парвози тир траекторияи он дар болои самти хатти ҳаракаташ боло намебарояд. Аҳамияти ин дар он аст, ки ҳангоми ҳолатҳои ҳалкунандаи муҳориба тирпаррониро бе иваз намудани нишонгирӣ давом дода, танҳо нуқтаи банишонгириро аз боло, аз буриши поёнии ҳадаф интихоб намудан мумкин аст. Дурии

тирпарронии рост ба баландии ҳадаф ва кушодии траектория вобастагӣ дорад. Ҳадаф ҳар қадар баланд ва траектория ҳар қадар кушод бошад, дурии тирпарронии рост ҳамон қадар зиёд мегардад ва аз ин бармеояд, ки ҳадаф аз як нуқтаи банишонгирӣ нобуд мегардад. Ин шароити зуд пештар аз душман тир холӣ карданро фароҳам меорад.

**Майдонҳои пӯшида, нестшаванда ва эмин.** Майдони дар паси иститорҳои тирнагузаранда ҷойгиргашта – майдони пӯшида номида мешавад. Ҳар қадар ки иститор баландтар ва траекторияи он кушодтар бошад, майдони пӯшида ҳамон қадар калон мешавад.

Қисми майдони пӯшида, ки дар он мувофиқи траекторияи додашуда ҳадафро нест сохтан номумкин аст, майдони амн номида мешавад. Паноҳгоҳ ҳар қадар ки баланд бошад ва баландии ҳадафу траектория хурд бошад, майдони эмин ҳамон қадар бузург мешавад. Барои аз оташи душман худро муҳофизат намудан, аз майдонҳои пӯшида ва эмин моҳирона истифода бурдан лозим аст.

## § 28. ТАРЗҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАСОФА ҲАНГОМИ ТИРПАРРОНӢ

Масофаи то ҳадаф одатан бо чашм, аз рӯйи бузургии кунҷӣ муайян карда мешавад. Масофаи дақиқро бо масофаи муайяншаванда муқоиса карда ё худ бо масофаи ашёи макон, ки то ин вақт муайян гаштааст, аз рӯйи як қисми дарёдмондаи макон, дараҷаи аёният ва бузургии ба назар намояндаи ҳадаф муайян кардан мумкин аст. Агар андозаи ҳадаф муайян бошад, масофаро аз рӯйи бузургии кунҷӣ бо формулаи ҳазорие, ки дар ин ҷо Д – дурии масофа то ҳадаф ба ҳисоби метр; Б – баландӣ ба ҳисоби метр, бузургии кунҷ – бузургии кунҷии ҳадаф ба ҳисоби ҳазорякӣ мебошад, муайян кардан мумкин аст.




$$Д • \frac{Б • 1000}{бузургии\ кунҷӣ} •$$




ки дар ин ҷо *Д* – дурии масофа то ҳадаф ба ҳисоби метр; *Б* – баландӣ ба ҳисоби метр, бузургии ҳадаф ба ҳисоби ҳазорякӣ мебошад

Шкалаҳои кунҷченкунии дурбин

Бузургиҳои кунҷии ҳадафҳо ба воситаи дурбинҳои саҳроӣ муайян карда мешаванд. Ин дурбинҳо ва дигар афзорҳои назорат шкалаҳои кунҷсанҷӣ доранд. Бузургии як тақсимоти калони шкала ба 10 ҳазорякӣ, камаш 5 - ҳазоряк мувофиқ аст (навишта мешавад 0 – 10,0 – 0,5). Мисол, бузургии кунҷии шахси бо дурбин назоратшаванда, ки қадаш 1,7 м аст, ба як тақсимоти хурди сеткаи дурбин (0-05) баробар аст.

Бузургии кунҷии ҳадафро бо ёрии ашёи дар даст буда (ҷадвал, қалам, қуттии гӯгирд) танҳо дар ҳолати аҳамияти ҳазории онҳоро донистан чен кардан мумкин аст; 1 мм ҷадвал 0 – 02; қалами доирашакл – 0-12; қуттии гӯгирд – дарозиаш – 0-90; бараш – 0-60; баландиаш – 0-30; панҷаҳои даст: ангушти калон – 0-40; ангушти ишоратӣ – 0-30; ангушти хурд – 0-20. Барои мисол, агар ҳангоми муайян намудани бузургии кунҷии ҳадаф бо ёрии ҷадвал масофаи байни кунҷҳои ҳадаф ба дарозӣ, ба бар ё ба баландӣ 4 мм-ро ташкил намояд, бузургии кунҷи ҳадаф ба 0-02х40-08 баробар мебошад.

Дуруст муайян кардани масофа ба воситаи ашёи дардастбуда ба дуруст дур намудан аз чашм ба масофаи 50 см вобастагӣ дорад.

**Унсурҳои омодашавӣ**

**Омодашавӣ** – тайёрии меҳвари мили асосӣ барои тирпарронӣ дар майдон мебошад. Он унсурҳои зеринро дар бар мегирад; қаровулакро рост дошта, онро ба нуқтаи нишонгирӣ баробар намудан.

Нуқтаи дар ҳадафбуда, ки ба он автомат рост нигоҳ дошта мешавад, нуқтаи банишонгирӣ номида мешавад. Дуруст доштани қаровулак – қаровулакро дар буриши нишонгирак дуруст нигоҳ доштан аст. Қисми болоии он дар маркази буриши нишонгирак бояд намоён ва бо кунҷҳои болоии он дар як самт ҷойгир бошад.

Интихоби нишон ва нуқтаи нишонгирӣ ҳангоми ба нуқтаҳои беҳаракат тир холӣ кардан.

Нишон ва нуқтаи нишонгирӣ бояд чунон интихоб шаванд, ки ҳангоми тирпарронӣ траекторияи миёна аз маркази ҳадаф гузарад. Ҳангоми ба масофаи 300 м аз автомат тир холӣ намудан, ба ҳолати нишонгир «З» ё»П» гузошта, ба кунҷи поёнии ҳадаф, агар ҳадаф баланд бошад, ба маркази он оташ кушодан лозим аст. Мисол, ҳангоми ба маркази ҳадаф тир холӣ намудан аз масофаи 100 м нуқтаи нишонгириро аз буриши поёнии ҳадаф гирифта, оташро дар ҳолати «П» кушодан ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин ҳолат, зиёдшавии траектория аз самти нишонгирӣ ба 25 см баробар мебошад, ки ин барои аз маркази ҳадаф гузаштани траектория мусоидат мекунад.

Ҳангоми тирпарронӣ ба масофаҳои зиёда аз 300 м, нишонгирӣ аз рӯйи масофаи то ҳадаф муайян карда мешавад. Аз рӯйи қоида, маркази ҳадаф ҳамчун нуқтаи нишонгирӣ қабул карда мешавад. Агар шароит аз

рӯйи масофаи то ҳадаф иваз намудани нуқтаи нишонро талаб нанамояд, то нуқтаи охирини тирпарронии рост аз нуқтаи «П» нуқтаи поёнии ҳадафро нишон гирифта тир холӣ кардан лозим аст. Танҳо ҳангоми тирпарронӣ дар мавзеъҳои кӯҳӣ дар масофаи 400 м ба кунҷи макон дигаргунӣ дохил намудан имконпазир мебошад. Барои омода намудани автомат ба оташкушоӣ онро аз қисми марказиаш – зерчӯбаи мили туфанг ба дасти чап дошта, бо дасти рост аз дастача гирифта ҳадафро аз назорат дур насохта, қундоқи автоматро ба китфи рост зер намудан лозим аст.

Ангушти ишоратии дасти ростро дар моша нигоҳ доштан лозим аст. Дар ин ҳолат оринҷҳои ҳар ду даст, тахминан дар кушодии китфҳо ба замин гузошта мешавад, сарро каме ба поён хам намуда, рухсораи ростро ба қундоқи автомат гузоштан лозим аст.

Қисми қафои даста бояд бо миёнааш ба китфон зич истад. Агар қисми болоии даста зич истода бошад, ҳангоми тирпарронӣ тирҳо ба поён, агар қисми поёнии он ба китфҳо зичтар истода бошад, тирҳо ба самти боло парвоз менамоянд.

Барои дурустии ҳолати дастаи автоматро санҷидан, дасти ростро то баландии китф бардошта, бо ин ҳаракат ҷойгиршавии дастаи автоматро дуруст кардан лозим аст.




**Доштани автомат ҳангоми тирзанӣ дар ҳолати дарозкашӣ**
**а - бо дасти чап аз зермил; б - бо дасти чап аз тирдон**

Нишонгирӣ бо як чашм сурат мегирад. Дар ин ҳолат ҳар як сарбоз бояд бо чашми «асосӣ»-и худ нишон гирад. Барои инро муайян намудан дар порчаи коғаз сӯрохии доирашакл кашидан зарур аст, ки диаметраш 2,5-3 см бошад. Онро бо тарзи амудӣ дар даст дошта, аз сӯрохӣ ба нуқтаи нишонгирӣ, ки дар рӯшноӣ устувор гардонда шудааст, нигаристан лозим аст. Сипас бо навбат чашми чап ва ростро пӯшида ба нуқтаи нишонгирӣ нигоҳ бояд кард. Агар ҳангоми пӯшидани чашми чап, нуқта аз сӯрохӣ намудор бошаду ҳангоми пӯшидани чашми рост он дар қафои коғаз ниҳон шавад, чашми «асосӣ»-и ин шахс чашми рост мебошад. Барои ба нишон гирифтан бо чашми асосӣ то дар маркази бурӣш омадани қаровулак нигаристан лозим аст. Қисмҳои болоии он бояд бо кунҷҳои

болоии планкаи нишонгирӣ дар як самт ҷой гиранд. Нафасро бароварда дар ҳамин ҳолат оринҷҳоро, агар лозим бошад, тамоми бадан ва пойҳоро ҷобаҷо гузошта, қаровулаки ростро ба нуқтаи нишонгирӣ баробар намуда, ҳамзамон ба моша бо ангушти ишоратӣ зер кардан лозим аст.

Ҳангоми нишонгирии самти уфуқӣ, гирифтани планкаи нишонгириро дар назар доштан лозим аст.

Барои дақиқии тирпаррониро гум накардан, масофаи дурро ба нишон гирифтан салоҳ нест.




**Нигоҳ доштани автомат бо истифода аз тасма дар ҳолати тирандозӣ**
**а - ба зону истода; б - рост истода**




**Доштани автомат ҳангоми тирандозӣ**
**а - ба зону истода; б - рост истода**

Агар кушодани оташ бо ягон сабаб қатъ карда шавад, банишонгириро қатъ намуда, чашмро 5-10 сония дам додан лозим аст. Барои кулангро ба кор даровардан автоматро аз зерчӯбаи мили туфанг, сарпӯш ё тирдон бо дасти чап сахт дошта, бо дасти рост аз дастача ба китф сахт пахш намуда, нафасро ба дарун кашида, кулангро то ба взводи ҷангӣ афтиданаш ва ба амал омадани тирпарронӣ оҳиста пахш кардан лозим аст. Ҳангоми пахш кардани куланг ҷунбишҳои оҳистаи қаровулаки рост дар назди нуқтаи нишонгирӣ он қадар аҳамият надорад. Кӯшиши ҳангоми дар як самт омадани қаровулаки рост бо нуқтаи нишонгирӣ, зуд зер

кардани куланг ба дакка хӯрдани он ва тирпарронии ғалат оварда мерасонад. Агар ҳангоми нишонгирӣ ҳис карда шавад, ки дигар нафас накашидан имконпазир аст, қувваи ангушти ишоратиро суст карда, кулангро оҳиста озод намуда, нафаскаширо барқарор карда, сипас нафасро аз нав ба дарун кашида нишонгириро давом додан мумкин аст. Ҳангоми ба тарзи автоматӣ тир холӣ кардан, дастаи автоматро ба китф сахт пахш карда, нигоҳ доштан ва қаровулаки рости дар нуқтаи нишонгирӣ ҷойдоштаро нигоҳ доштан лозим аст.

**Қатъ кардани оташфишонӣ.** Ҳолати муҳорибаро ба назар гирифта, тирпаррониро муваққатан ва пурра қатъ намудан мумкин аст. Барои қатъ кардани тирпарронии муваққатӣ, фармони «Ист» ё худ «Оташфишонӣ қатъ карда шавад» дода мешавад. Мувофиқи ин фармон, сарбоз ба моша зер карданро қатъ менамояд ва автоматро ба қайди муҳофиз мегузорад. Барои пурра қатъ намудани оташфишонӣ ғайр аз фармони **«Ист»,** фармони **«Тирҳои силоҳҳо гирифта шавад»** дода мешавад. Баъди ин фармон автоматро ба қайди муҳофиз гузошта, нишонро барқарор намуда (агар ба нишони дигар гузошта шуда бошад), тирдонро ҷудо кардан лозим аст. Барои аз оташфишонӣ озод кардани автомат тирдонро ҷудо карда, автоматро аз қайди муҳофиз гирифта, милаи кулангдорро оҳиста ба қафо кашида, тирро аз тирхона гирифта, милаи кулангдорро ба поён ҳаракат дода, мошаро пахш намуда, автоматро ба қайди муҳофиз гузоштан зарур аст. Сипас онро ба замин гузошта, тирҳоро аз тирдон гирифтан лозим аст. Барои аз тирдон гирифтани тирҳо, тирдонро ба дасти чап дар ҳолати боло будани гарданаи он нигоҳ дошта, бо дасти рост (бо ёрии тир) пайи ҳам тирҳоро ба берун бароварда, сипас тирдонро ба автомат ҷо карда тирҳои истифоданашударо ҷамъ кардан лозим аст. Автоматро бо дасти рост аз зерчӯби мил дошта, дастаи онро ба замин фуроварда, қисми банишонгирии онро ба оринҷи дасти чап гузоштан лозим аст. Баъди аз вазъияти оташфишонӣ озод кардан, агар лозим шавад, силоҳ бо фармони **«Силоҳ барои азназаргузаронӣ омода шавад»** аз назар гузаронида мешавад. Баъди ин фармон тирдонро аз автомат ҷудо карда (дар вазъияти дарозкашида), гарданаи онро ба самти боло гардонда гузоштан лозим аст. Баъди аз тарафи фармондеҳ (роҳбар, инструктор) назорат кардани автомат, милаи кулангдорро ба самти пеш ҳаракат дода, кулангро аз взводи ҷангӣ бароварда, автоматро ба қайди муҳофиз гузоштан лозим аст. Сипас тирдонро ҷобаҷо гузошта автоматро дар ҳолати «Ба тасма» гирифтан лозим.



**Автомат барои азназаргузаронӣ дар ҳолати рост омода аст**

## § 29. ЧОРАҲОИ БЕХАТАРӢ ҲАНГОМИ ГУЗАРОНИДАНИ ТИРПАРРОНӢ

Бехатарӣ ҳангоми тирпарронӣ бо дуруст ташкил намудани он, аниқ риоя намудани талаботҳои курси тирпарронӣ, интизомнокии баланди тамоми хизматчиёни ҳарбӣ таъмин карда мешавад. Дар ҳар як тирпарронӣ дар маҳалли тирпарронӣ дастурамалҳо доир ба тарзи гузаронидани он, вобаста аз шароити гузаронидани он, ҳуҷҷатҳои риояи чораҳои бехатарӣ аз тарафи тамоми ҳайати шахсии тирпаррон тартиб додашуда овехта мешавад.

Ҳайати шахсие, ки тарзи дурусти риояи чораҳои бехатариро намедонад, ба гузаронидани тирпарронӣ роҳ дода намешавад.

Командирони қисмҳои ҳарбӣ ва воҳидҳои онҳо барои риояи қоидаҳои бехатарӣ аз тарафи зердастони худ ҳангоми иҷрои аниқи тирпаррониҳо ҷавобгӯ мебошанд.

Сарҳадҳои маҳалли тирпарронӣ, ки аз ҳудуди маркази таълимӣ дур воқеъ аст, бо хандакҳо ишора карда мешаванд, дар роҳ ва пайроҳаҳои ба ин маҳалҳо баранда ишораҳои намоён бо навиштаҷоти «Гузаргоҳ манъ аст!», «Ист, мепарронанд!» гузашта мешаванд. Ба ғайр аз ин дар маҳалҳои аҳолинишини назди тирпарронӣ бо забони бурройи ин аҳолӣ навиштаҷоти ба сарҳадҳои ин майдонҳо даромадан бе иҷозати сардори маҳалли тирпарронӣ қатъиян манъ аст, тартиб ва овехта мешаванд. Бевосита пеш аз оғози тирпарронӣ тамоми ҳудуди маҳалли тирпарронӣ аз таҳти назорат гузаронида мешавад, то ки дар ин ҳудуд ягон нафар ё ҳайвоноте набошанд.

Иҷозат барои оташкушоӣ танҳо роҳбари калони чорабинии тирпарронӣ медиҳад. Дар мавриде, ки муҳофизаи дар тамоми ҳудуди маркази таълимӣ гузошта мешавад, иҷозати тирпаррониро сардори маркази таълимӣ медиҳад. Оташкушоӣ дар маҳалҳои тирпарронӣ танҳо баъди бардоштани байрақчаи сурх оғоз карда мешавад.

Ба ҳолати омодабошӣ овардани силоҳ танҳо баъди амри **«Оташ!»** дар ҳадди оташкушоӣ ба ҷо оварда мешавад. Пеш аз ҳар дафъаи ҷой намудани тир ба мил бояд боварӣ ҳосил намуд, ки дар мил ягон чизи зиёдатӣ (лой, хасу хошок, сангреза) нест.

Дар ҳадди анҷоми оташкушоӣ силоҳ аз ҳолати омодабошӣ баровар-да мешавад, ки барои ин чангаки сардиҳанда зер карда сар дода мешавад, баъди ин тирандоз гузориш медиҳад: **«Силоҳ аз ҳолати омодабошӣ баровардa шуд»,** баъди аз назорат гузаронидани силоҳ он ба муҳофизак гузошта мешавад. Бо мақсади таъмини бехатарӣ дар маҳалҳои тирпарронӣ муҳиммоти ҷангиро ба тирандозҳо пеш аз тирпарронӣ медиҳанд. Ҳангоми тирпарронии шабона бояд тирандоз дар пушташ чароғ дошта бошад, инчунин ҳадҳои тирпарронӣ бо чароғҳо таъмин карда мешаванд. Оташкушоӣ аз тарафи ҳар як тирандоз мустақилона ё бо амри роҳбарони тирпарронӣ қатъ карда мешавад, агар:

– дар майдони тирпарронӣ одамон ё ҳайвонот пайдо шаванд;

– ҳангоми бардошта шудани байрақчаи сафед ё ишораи дигари қатъгардонӣ;

– аз тарафи мушоҳидачиҳо ё назоратчиҳо додани ишораҳои таҳдиди хатар;

– рӯй додани сӯхтор аз тирпарронӣ;

– гум кардани нишонаҳо аз тарафи тирандозҳо, махсусан ҳангоми шабона. Аз мавриди ишораи **«Анҷом»** то ишораи **«Оташ»** ба мавқеъҳои тирпарронӣ даромадани касе, ки набошад, манъ аст.

**ҚАТЪИЯН МАНЪ АСТ:**

– ба ҳолати омодабошӣ овардани яроқ ё ба он ҷой намудани тири ғайриҷангӣ то додани ишораи «Оташ»;

– ба тарафи одамон, ақибгоҳи ҷойи тирпарронӣ гардондани мили силоҳ новобаста аз он ки вай тир дорад ё не;

– аз силоҳи корношоям тир паррондан ба тарафи хавфнок ва дар мавриди бардошта шудани байрақи сафед;

– аз даст гузоштани силоҳи тирдор дар куҷое, ки набошад ё ба каси дигар додани он, дар ҳадди оташкушоӣ гузоштани силоҳи шахсӣ бе амри роҳбари тирпарронӣ;

– пайдошавии одамон наздиктар аз 30 м ба ҳадди тирпарронӣ, гузошта зер кардани мили силоҳ ба замин ё ягон ашёи дигар;

– паррондани тирҳои муқаррарӣ аз автомат ё туфангчае, ки ба онҳо асбобҳои садопахшкунанда ё алангахомӯшкунанда васл карда шудаанд;

– наздикшавӣ ба норинҷакҳои натаркида.

**Савол ва супориш:**

1. Дар бораи тирпарронӣ нақл кунед.
2. Траекторияи парвози тир чӣ гуна ҳосил мешавад?
3. Нишонгирӣ чист ва кадом ҳаракатҳоро дар бар мегирад?
4. Масофаи байни ҳадафро дар баландии 2,5 м аз тақсимоти шкалаи хурди дурбин муайян созед.
5. Бузургии кунҷи ҳадафро, ки бараш 3 м, дуриаш то 200 м мебошад, муайян созед.
6. Дар бораи қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми машғулиятҳо ва дар майдони тирпарронӣ нақл кунед.
7. Тартиби таҷҳизоти тирдон ва автоматро нишон диҳед.
8. Дар хусуси омода кардани автомат барои «азназаргузаронӣ»-и роҳбар нақл кунед ва амалан нишон диҳед.

## § 30. НОРИНҶАКҲО

**Норинҷакҳои дастии тиккашаванда.** Норинҷакҳои дастӣ (граната) дар давоми садсолаҳо дар аслиҳаи артиши рус мавҷуд буданд. Онҳо ҳангоми ҳамлаи душман бомуваффақият истифода мешуданд. Дар ҷанги муосир норинҷакҳои дастӣ воситаи мустаҳками маҳвсозии душман мебошанд.




**Норинҷак ва сохти он**
**а - РГД-5 ва б - Ф-1**
**1 - тана, 2 - муҳиммоти тарканда, 3 - сарпӯш, 4 - сарпӯши муҳофизатӣ, 5 - найча барои тарканда, 6 - мағзӣ, 7 - тарканда, 8 - қисми поёнӣ, 9 - сарпӯши поёнӣ**

**Нишондод ва хусусиятҳои ҷангии норинҷакҳо.** Норинҷакҳои дастии тиккашаванда барои бо порчаҳо нобуд сохтани қувваи зиндаи душман махсус гардонида шудаанд. Ҳангоми таркиш норинҷак ба порчаҳои зиёде, ки барои нобуд сохтани қувваи зинда кифояанд, тақсим мешавад.

Норинҷакҳои дастии порашаванда ҳангоми ҷанги наздик бартарӣ доранд. Омодасозии норинҷакҳо, ҳангоми фармони **«Норинҷакҳо омода карда шаванд»** ва ҳангоми ҷанг мустақилона амалӣ карда мешаванд. Барои омода сохтан, норинҷакро бо дасти чап аз халтача гирифта, даҳонаки онро аз дохили найча бо дасти рост гирифтан лозим аст.



**Тоб додани оташзани (запал) норинҷаки дастӣ**



**Кашидани ҳалқаи муҳофизи тирмехи норинҷак**

Сипас норинҷакро дар дасти чап нигоҳ дошта, бо дасти рост аз лоначаи халта оташзани мунфаҷираро гирифтан лозим аст. Оташзан (запал)-ро ба дохили найчаи марказӣ гузошта, онро то нуқтаи охирин бояд тоб дод. Норинҷак барои партофтан омода аст. Норинҷакҳои дастии порашаванда аз ҳар гуна ҳолат – рост истода, ба зону истода, дароз кашида, инчунин, ҳангоми ҳаракати МҶП, МЗ ва ҳуҷуми пиёда партофта мешаванд. Барои партофтани норинҷак макон ва ҳолате интихоб мешавад, ки норинҷак бе монеа ҳаво дода шавад. Яъне дар самти парвози норинҷак шохаҳои дарахт, алафҳои баланд, сим ва дигар монеаҳо набошанд. Партофтани норинҷак бо фармони: «Бо норинҷак – оташ!»

ва ҳангоми муҳорибаи ҷангӣ мустақилона низ амалӣ гардонида мешавад. Барои партофтани норинҷак онро ба дасти рост гирифта, бо ангуштҳо гӯшаки бакордарорандаро ба танаи норинҷак пахш намуда, бо дасти дигар кунҷҳои нуқтаи қайди муҳофизро зер карда, сипас ҳалқаи нуқтаи қайди муҳофизро кашида, баъд аз он дасти ростро алвонҷ дода, норинҷакро ба ҳадаф партофтан лозим аст.




**Тарзи партофтани норинҷак ҳангоми рост истодан**
**а, б, в, г - пайдарҳамии иҷрои амал**

Барои ҳаракаткунон партофтани норинҷак, онро дар дасти рости нимқат, силоҳро дар дасти чап нигоҳ дошта, ҳалқаи қайди муҳофизро кашидан лозим аст. Бо қадами пойи чап дасти норинҷак доштаро ба пеш ва поён ҳаракат дода, дар қадами дуюм даст дар шакли нимдоира ба поён ва қафо ҳаракат менамояд, баъдан ба тарафи рост тоб мехӯрад; ҳангоми қадами сеюм нӯги пойи чапро дар самти душман ба пеш гузошта, пойи ростро дар зону каме қатъ карда, тобхӯриро қатъ намудан лозим аст. Аз суръати ҳаракат истифода бурда, қувваи пойҳо, бадан ва дастҳоро ба партофтан равон карда, норинҷакро ба болои китф бардошта, сипас онро партофтан лозим аст. Барои аз хандақ партофтани норинҷак, силоҳро ба болои хоктӯдаи беруни сангар гузошта, норинҷакро ба дасти рост гирифта, ҳалқаи қайди муҳофизро кашидан лозим аст. Сипас пойи ростро каме ба қафо гузошта, қоматро то миён каме ба қафо қатъ намуда, ҳар ду пойро каме дар зону хам карда, дасти ростро якҷоя бо норинҷак то нуқтаи охирин ба қафо бурда, ба дасти

чап такя карда, зуд қоматро рост намуда, норинҷакро ба нишон ҳаво дода, зуд дар хандақ паноҳ шудан лозим аст. Барои нобуд сохтани қувваи ҷангии дар хандақ будаи душман норинҷакро таҳти кунҷи 35-45$^0$ тавре партофтан лозим аст, ки норинҷак бисёр нағелида, ба дигар самт нарафта, рост ба дохили хандақ афтад.




**Тарзи партофтани норинҷак ҳангоми дарозкашӣ**
**а, б, в, г - пайдарҳамии иҷрои амал**



**Халта барои норинҷак**

### Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо норинҷакҳо

Норинҷакҳо дар халтачаҳои махсус нигоҳ дошта мешаванд. Оташзанҳо аз норинҷакҳо ҷудо нигоҳ дошта мешаванд. Ҳар як оташзан (запал) бо коғаз ё бо порчаи матоъ печонида мешавад. Пеш аз ба халтача гузоштан ва ба ҷанг омода сохтан, норинҷакро аз назар гузаронидан шарт аст. Бадани норинҷак зарбхӯрда набошад

ва набояд аломатҳои зангзанӣ дошта бошад. Инчунин, найчаи оташзан ва худи оташзан бояд тоза бошанд ва аломатҳои зангзадагӣ надошта бошанд. Нӯгҳои нуқтаи қайди муҳофиз бояд ба ду тараф равона шуда бошанд ва дар ҷойи қатъшудаашон сӯрохӣ надошта бошанд. Бо оташзанҳои сӯрохдор ва ранги сабз пайдокарда кор кардан хавфнок аст. Ҳангоми гирифта гаштан, норинҷакҳоро аз зарбаҳо, оташ, ифлосӣ ва намнокӣ эҳтиёт намудан лозим аст. Норинҷак ва оташзанҳои намкашидаро тоза ва хушк кардан лозим аст. Ин кор бо назорати фармондеҳ иҷро карда мешавад ва дар назди оташ хушк кардани норинҷакҳо қатъиян манъ аст. Норинҷакҳо ва оташзанҳо бояд мунтазам аз назар гузаронида шаванд. Омода сохтани норинҷак танҳо пеш аз партофта шудани он мумкин аст. Норинҷакҳои ҷангиро кушодан ва ҷамъ кардан, камбудиҳои онҳоро дур кардан, бе халтача гирифта гаштан, инчунин норинҷакҳои нотаркидаро даст расонидан манъ аст. Барои ҳаво додани норинҷакҳои дастӣ ашхосе роҳ дода мешаванд, ки машқҳои ҳаводиҳии норинҷакҳои дастиро нағз омӯхта аз худ намудааст.

Норинҷакҳои ҷангиро танҳо ба шахсоне додан мумкин аст, ки қоидаҳои ҳаводиҳии онҳо ва муносибат бо онҳоро нағз омӯхтааст.

Ҳангоми ҳаво додани норинҷакҳо қоидаҳои бехатарии зеринро ҳатман риоя бояд кард:

– омӯзандаҳо бояд бо кулоҳи пӯлодин таъмин бошанд;

– пеш аз васл намудан бояд норинҷак ва таркандаи онро нағз аз назар гузаронд;

– васл намудани норинҷак бо таркандаи он танҳо пеш аз ҳаво додан ба ҷо оварда мешавад;

– ҳаво додани норинҷакҳои пошхӯранда ва барои ҳимоя пешбинишуда танҳо аз хандақ ё ҷойи бехавф иҷро карда мешавад;

– аз хандақ танҳо баъди гузаштани 10 сония аз мавриди таркиши норинҷак баромадан мумкин аст;

– ҳудуди ҳаводиҳии норинҷакҳо то радиуси 300 м зери назорати қатъӣ гирифта мешавад.

**Савол ва супориш:**

1. Дар бораи таъйиноти норинҷакҳои дастии тиккашавандаи РГД-5 ва Ф-1 нақл кунед ва хусусиятҳои ҷангии онҳоро номбар намоед.

2. Қисмҳои асосии норинҷакҳои РГД-5 ва муҳиммоти тарканда УЗРГМ-ро номбар кунед.

3. Омода сохтани норинҷак барои партофтан бо кадом тартиб иҷро мешавад?

4. Тартиби иҷрои шаклҳои партофтани норинҷакро аз ҳолати ростистода нишон диҳед.

5. Дар бораи қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муомила бо норинҷак нақл кунед.

# БОБИ IV
# АСОСҲОИ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ
## § 31. САВГАНДИ ҲАРБӢ

Ман________________________________ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, барои садоқат ба халқи худ, Сарвари ҷумҳурӣ савганд ёд мекунам ва ботантана қасам мехӯрам:

Қонуни асосӣ ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро қатъӣ риоя намоям, оинномаҳои ҳарбӣ, амрҳои фармондеҳону сардоронро бечуну чаро иҷро мекунам; сарбози бошараф, боинтизом, далер ва ҳушёр бошам; қасам мехӯрам, ки то охири нафас ба халқи худ содиқ бошам, нeру ва ҳаёти худро дареғ надошта, ватанро мардонавор ва моҳирона мудофиа мекунам, ҳама душвориву маҳрумиятҳои хизмати ҳарбиро суботкорона паси сар менамоям, сирри давлатӣ ва ҳарбиро қатъиян пинҳон медорам.

Агар ман ин қасами тантанавори худро шиканам, бигузор ба ҷазои сахти қонун ва нафрати халқ гирифтор шавам.

## МАРОСИМИ ҚАБУЛИ САВГАНДИ ҲАРБӢ

Ҳар як хизматчии ҳарбӣ ва уҳдадори ҳарбӣ ба таври инфиродӣ Савганди ҳарбӣ қабул намуда, онро бо имзои шахсии хеш тасдиқ менамояд. Инҳо Савганди ҳарбӣ қабул мекунанд:

– сарбозоне, ки барои такмили ҳайати шахсӣ омадаанд, пас аз гузаштани барномаи пешбинишуда ва аз худ намудани вазифаҳои асосии сарбоз ва аҳамияти Савганди ҳарбӣ, Байрақи Ҷангии қисми ҳарбӣ ва интизоми ҳарбӣ, вале на дертар аз якуним моҳи баъди расидан ба қисми ҳарбӣ;

– курсантҳо ва таълимгирандагони муассисаҳои ҳарбию таълимӣ, маълумоти касбӣ (мактабҳо), ки пеш аз ин савганд қабул накардаанд, бо гузашти ҳамон муҳлат;

– уҳдадорони ҳарбӣ, ки пеш аз ин савганд ёд накардаанд ва хизматчиёни ҳарбии ҷинси зан баъди даъват ба хизмати ҳарбӣ.

– Сарбозоне, ки барои такмили ҳайати шахсӣ омадаанд, хизматчиёни ҳарбии ҷинси зан, инчунин курсантҳо ва таълимгирандагони муассисаҳои ҳарбию таълими маълумоти касбӣ (мактабҳо), ки аз ин пеш савганд ёд накардаанд, таҳти роҳбарии командири қисми ҳарбӣ ё сардори муассисаҳои ҳарбию таълимӣ маросими савгандёдкуниро иҷро менамоянд.

Вақти қабули Савганди ҳарбӣ тибқи фармони командири қисми ҳарбӣ эълон карда мешавад. То он вақт бо онҳое, ки савганд ёд мекунанд, дар ҷузъу томҳо доир ба аҳамияти Савганди ҳарбӣ ва талаботи қонунгузорӣ роҷеъ ба масъалаҳои ҳимояи Ватан корҳои тавзеҳотӣ гузаронда мешаванд.

– Дар вақти муқарраршуда қисми ҳарбӣ зери Байрақи ҷангӣ ва навои оркестр пиёда, бо либосҳои идона ва дар давраи ҷанг бо либосҳои

саҳроӣ, бо силоҳ саф мекашад. Қисм маъмулан, дар хати сафҳои рота ё даста саф мекашад. Хизматчиёни ҳарбие, ки барои қабули савганд омодагӣ гирифтаанд, дар сафи пеш меистанд. Командири қисми ҳарбӣ дар нутқи кӯтоҳаш аҳамияти Савганди ҳарбӣ ва он вазифаҳои муқаддасу масъулиятноки ба зиммаи хизматчиёни ҳарбӣ гузошташуда, ки савганди ҳарбии вафодорӣ ба Ватани хешро қабул намудаанд, ёдрас мешавад.

– Ба нутқи тавзеҳотӣ командири қисми ҳарбӣ амри «ОЗОД!» дода, ба командирони ҷузъу томҳо фармон медиҳад, ки ба қабули Савганди ҳарбӣ шурӯъ намоянд. Командирони ротаҳо ва ҷузъу томҳои дигар бо навбат аз дохили саф онҳоеро, ки Савганди ҳарбӣ ёд мекунанд, даъват менамоянд. Ҳар як хизматчии ҳарбӣ, ки ба қабули савганд омадааст, бо садои баланд дар назди сафи ҷузъу том матни Савганди ҳарбиро қироат намуда, сипас шахсан дар рӯйхати махсус, рӯ ба рӯйи насаб имзо намуда, ба ҷойи худ, ба саф бармегардад. Варақаҳои рӯйхати ашхосе, ки Савганди ҳарбиро қабул менамоянд, қаблан, тибқи намунаи аз тарафи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда тайёр карда мешаванд, ки дар саҳифаи аввал матни Савганди ҳарбиро дорад. Баъди анҷоми маросими қабули Савганди ҳарбӣ рӯйхат бо имзои онҳое, ки савганд ёд намудаанд, аз ҷониби командирони ҷузъу томҳо ба командири қисми ҳарбӣ супурда мешавад. Командири қисми ҳарбӣ сарбозонро (курсантҳо, таълимгирандагони мактабҳо, уҳдадорони ҳарбиро) бо қабули Савганди ҳарбӣ ва тамоми қисми ҳарбиро бо такмили нави ҳайати шахсӣ табрик менамояд ва сипас оркестр Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро менамояд. Баъди иҷрои Суруди миллӣ қисми ҳарбӣ бо марши мутантан, тибқи тартибе, ки дар Оинномаи сафороии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои азнавгузаронии сафӣ муайян кардааст, мегузарад. Дар ҳолати сардии ҳаво ва бориш маросими қабули Савганди ҳарбӣ метавонад дар дохили бино доир гардад. Ҷузъу томҳо пас аз хатми нутқи командири қисми ҳарбӣ ба биноҳои худ бармегарданд. Баъди хатми қабули Савганди ҳарбӣ тибқи амр ҷузъу томҳо аз сари нав дар ҷойи муайяншуда барои гузаштан бо марши тантанавӣ ҷамъ мешаванд. Ҳамаи хизматчиёни ҳарбие, ки бо ин ё он сабаб дар рӯзи муқарраршуда Савганди ҳарбиро қабул накардаанд, дар рӯзҳои минбаъда барои қабули он ба Ситоди қисми ҳарбӣ ҳозир шуда, таҳти роҳбарии командирони қисми ҳарбӣ қасам ёд мекунанд. Қабули Савганди ҳарбӣ метавонад дар ҷойҳои таърихӣ, маҳалҳои шуҳрати ҷангӣ ва меҳнатӣ, инчунин дар сари мазори бародарии ҷанговароне, ки барои озодӣ ва истиқлолияти Ватан ҷони худро фидо намудаанд, сурат гирад. Дар ин маврид бо маҳалли баргузории маросими қабули савганд танҳо ҳамон хизматчиёни ҳарбие, оварда мешаванд, ки савганди ҳарбӣ ёд мекунанд.

– Рӯзи қабули Савганди ҳарбӣ барои ҳамин қисми ҳарбӣ рӯзи ғайрикорӣ буда, чун рӯзи ид ҷашн гирифта мешавад.

– Рӯйхати онҳое, ки Савганди ҳарбӣ қабул кардаанд, дар ситоди қисми ҳарбӣ, дар парвандаи махсус рақамгузорӣ гардида дӯхта мешавад ва бо тамғаи сурғуч муҳр гузошта, ҳифз мешавад. Пас аз гузаштани мӯҳлати муқарраршуда рӯйхатҳо ба бойгонӣ супурда мешаванд.

Дар билети ҳарбӣ ва варақаи бақайдгирии корномаи ҳарбӣ аз ҷониби сардори ситоди қисми ҳарбӣ чунин сабт мешавад. "Савганди ҳарбӣ қабул намудааст(рӯз, моҳ,сол)".

– Уҳдадорони ҳарбие, ки дар қисмҳои ҳарбӣ сабти ном шудаанд ва аз ин пештар Савганди ҳарбӣ қабул нанамудаанд, на дертар аз панҷ рӯзи баъди ба қисми ҳарбӣ расидан, ҳангоми ҷамъомадҳои таълимӣ, савганд ёд мекунанд.

Бо эълон шудани сафарбарии умумӣ ё қисмӣ тамоми хизматчиёни ҳарбие, ки Савганди ҳарбиро дар давраи осоишта қабул накардаанд, бо расидан ба қисми ҳарбӣ савганд ёд мекунанд.

– Хизматчиёни ҳарбии ҷинси зан, ки ба хизмати ҳарбӣ қабул шудаанд, дар ситоди қисми ҳарбӣ, таҳти роҳбарии командири қисми ҳарбӣ Савганди ҳарбӣ ёд мекунанд.

– Барои иҷрои саривақтӣ ва дақиқи маросими мазкур ва баҳисобгирии хизматчиёни ҳарбие, ки Савганди ҳарбӣ қабул намудаанд, инчунин барои нигаҳдорӣ ва ҳифзи рӯйхати ашхоси Савганди ҳарбӣ қабулкарда командири қисми ҳарбӣ ҷавобгар аст.

**Савол ва супориш:**

1. Матни савганди ҳарбиро шарҳ диҳед.
2. Савганди ҳарбиро барои чӣ аз ёд мекунанд?
3. Кӣ шаҳрванди Тоҷикистон ҳисоб меёбад?
4. Савганд ёд намудан чӣ гуна бояд сурат гирад?

## § 32. ҶАВОБГАРИИ САРБОЗОН ҲАНГОМИ ХИЗМАТ

Барои иҷро накардани супоришҳо ва вазифаҳо, инчунин барои вайрон намудани қоидаҳои нигоҳдорӣ ва эҳтиёт накардани силоҳ ва техникаи ҳарбӣ сарбоз ба ҷавобгарии интизомӣ ва ҷиноӣ кашида мешавад. Ҳамчунин, ҳангоми вайрон намудани тартиботи ҳарбӣ ва қоидаҳои ҷамъиятӣ сарбоз ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешавад. Ҷавобгарии ҷиноӣ ҳангоми ҳуқуқвайронкуниҳои нисбатан хавфнок сурат мегирад. Ба ин силсила ҳуқуқвайронкуниҳо ё ба вайрон кардани вазифаҳои хизматӣ водор намудани сардор; ҳаракатҳои хатарнок ва маҷбурӣ нисбати сардор; ҳақорати хизматчии ҳарбӣ, дур шудан аз хизмати ҳарбӣ, ошкор сохтани сирри ҳарбӣ, гум кардан ё аз кор баровардани силоҳи бовар карда супурдашуда, техника ва лавозимоти ҳарбӣ, қоидаи истифода ва рондани мошинро вайрон кардан, инчунин қоидаҳои навбатдории ҳарбиро вайрон намудан дохил мешаванд. Фармондеҳ ҳолатҳо ва

оқибатҳои ҳаракати иҷрошударо ба назар гирифта, масъалаи аз ин роҳ бозгардонидан, сирри ҳарбӣ ва давлатиро қатъӣ нигоҳ доштан, сардорон ва шахсони рутбаашон нисбатан баландро ҳурмат намудан, ба қоидаҳои муоширати ҳарбӣ қатъӣ риоя кардан, силоҳро доимо тоза нигоҳ доштан, техникаи ҳарбиро хуб омӯхтан, вазифаҳо, рутбаҳои ҳарбӣ, насаби фармондеҳони худро то фармондеҳи дивизия донистан, моликияти ҷамъиятиро эҳтиёт намудан, ба сару либос ва пойафзол муносибати эҳтиёткорона кардан, онҳоро сари вақт ва шинам дӯхтан, ҳар рӯз тоза карда дар ҷойи муайян нигоҳ доштан, қоидаҳои беҳдошт (гигиенаи)-и шахсӣ ва ҷамъиятиро риоя кардан, ба қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо силоҳ, кор бо техника ва дар дигар ҳолатҳо риоя намудан, инчунин, қоидаҳои бехатарии сӯхторро азбар кардан, ҳангоми ба ҷое рафтан, иҷозат пурсидан ва ҳангоми бозгаштан гузориш додан, доимо дар либоси ҳарбии шинам будан, ҳангоми берун аз қисми ҳарбӣ будан худро сазовор нигоҳ доштан, ба вайрон гаштани қоидаҳои ҷамъиятӣ ва кирдорҳои ношоям нисбати аҳолӣ роҳ надодан ва дигар қонуну қоидаҳоро ба сарбозон меомӯзонад ва талқин мекунад.

**Мустаҳкам намудани интизоми ҳарбӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Ҳолати тартиботи ҳуқуқӣ ва интизоми ҳарбӣ дар ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани корҳои таълимӣ, тарбиявӣ, хизматӣ ва шароити маишию маънавии хизматчиёни ҳарбӣ ба талаботи оинномаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад:

– ба интизоми ҳарбӣ ҳамчун қисми таркибии муҳимтарини омодабошии ҷангӣ диққати ҷиддӣ дода, ҳолати интизоми ҳарбӣ ва тартиботу маърифати ҳуқуқӣ, фаъолияти хизматии қисмҳои ҳарбӣ ва ҷузъу томҳо доир ба иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ таҳти назорат гирифта мешавад;

– риояи қонуният, тартиботи оинномавӣ ва интизоми ҳарбиро ба роҳ монда, сабабҳои ба вуқӯъ омадани қонунвайронкуниҳоро таҳлил намуда, барои пешгирӣ ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта чораҳо меандешанд;

– дар қисму воҳидҳои ҳарбӣ ба таври доимӣ ташкил намудани кор бо наваскарон ва чорабиниҳои истироҳатӣ барои онҳо;

– хизмати қаровулӣ ва дохила аз тарафи командирон (сардорон) ва ситодҳо дар асоси талаботҳои оинномаҳои умумиҳарбӣ, инчунин, фармонҳо ва дастурҳо ташкил карда мешаванд;

– назорат аз болои нигоҳдории аслиҳа, техника ва воситаҳои техникаи ҳарбӣ дар қисмҳои ҳарбӣ, таълимӣ ва воҳидҳои ҳарбӣ пурзӯр карда мешавад.

Барои баланд бардоштани интизоми ҳарбӣ, пешгирии қонуншиканиҳо ва муайяи намудани сабаб ва шароитҳои ба қонуншиканиҳо мусоидаткунанда дар қисму воҳидҳои ҳарбӣ санҷишҳо гузаронида мешавад.

Пеш аз саршавии ҳар як мавсими таълимӣ бо ҳайати шахсии роҳбарикунанда ҷамъомадҳои таълимӣ- методӣ доир ба давраи нави таҳсил, ташкили самараноки хизмати ҳарбӣ, таълим ва тарбияи хизматчиёни ҳарбӣ гузаронида шаванд.

Ба сержантон ва сарбозон омӯзонидани риояи интизоми ҳарбӣ мувофиқи оинномаи интизомӣ ба роҳ монда мешавад.

Тарбияи ҳуқуқии ҳайати шахсӣ ва ахбори ҳуқуқӣ ба ҳайати шахсӣ ба роҳ монда мешавад.

Судҳои сайёр нисбати хизматчиёни ҳарбие, ки ҷинояти содиркардаашон вобаста бо муносибатҳои ғайриоинномавӣ, саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ, сӯйистеъмол аз вазифаҳои хизматӣ ва тасарруфи амвол алоқамандӣ доранд, гузаронида мешаванд.

Сари вақт ба ҳайати шахсӣ оид ба ҳодиса, ҷиноятҳо ва дағалона вайрон кардани интизоми ҳарбӣ аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ, сабаб ва шароитҳое, ки ба он оварда расонидааст, инчунин, ҷазое, ки барои содир кардани чунин кирдорҳо таъйин шудааст, ахбор дода мешавад.

Баҳисобгирии ҳодиса, ҷиноят ва дағалона вайрон кардани интизоми ҳарбӣ аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ мувофиқи Нишондод дар бораи бақайдгирии ҷиноятҳо, ҳодисаҳо, кирдорҳои дағалона вайрон кардани интизоми ҳарбӣ, фавт ва маъюбшавии хизматчиёни ҳарбӣ ба роҳ монда мешаванд.

Назорат аз болои рафтори хизматчиёни ҳарбӣ берун аз ҳудуди қисми ҳарбӣ, ҳамкорӣ бо комендатураи ҳарбӣ, волидон ва хешовандони сержантону сарбозон ба роҳ монда мешавад.

Сари вақт баргаштани хизматчиёни ҳарбӣ аз рухсатӣ, сафари хизматӣ ва аз муассисаҳои табобатӣ зери назорат гирифта мешавад.

Ҳангоми ошкор кардани ҳолатҳои барнагаштани хизматчиёни ҳарбӣ аз рухсатӣ, сафари хизматӣ ва аз муассисаҳои табобатӣ, ҳатман ба комендатураи ҳарбӣ, шуъбаҳои корҳои дохилӣ ва комиссариатҳои ҳарбӣ ва волидони хизматчиёни ҳарбӣ хабар дода мешавад.

Истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ дар ҳудуди қисмҳои ҳарбӣ, ҷойҳои хоб, паркҳои автомобилӣ ва биноҳои хизматӣ қатъиян манъ карда шудааст. Оид ба ҳар як ҳодисаи дар ҳолати мастӣ ба ҷойи хизмат омадани хизматчиёни ҳарбӣ санҷишҳои хизматӣ гузаронида чораҳои таъсирбахш андешида шуда, ҷазои интизомӣ татбиқ карда мешавад.

## § 33. ТАРЗИ МУРОҶИАТ БА САРДОРОН

Зердастҳо ва шахсони рутбаашон нисбатан хурд ҳангоми муроҷиат ба сардорон ва шахсони рутбаашон нисбатан баланд, онҳоро аз рӯйи рутбаи ҳарбиашон бо иловаи калимаи «Рафиқ» ном мегиранд. Мисол: «Рафиқ сержант, иҷозат диҳед, гузориш диҳам». Барои муроҷиат

намудан ба сарбози дигар дар ҳузури сардор аз сардор иҷозат пурсидан лозим аст. Масалан, «Рафиқ сержанти калон! Рухсат диҳед ба сарбоз Рустамов муроҷиат намоям». Сардорон ва шахсони рутбаашон нисбатан калон, ҳангоми муроҷиат ба зердастон ва рутбахурдон онҳоро бо рутба ва насабашон ё худ танҳо бо рутбаашон бо иловаи калимаи «Рафиқ» ном мегирад, мисол: «Сарбози қаторӣ Иномов»; «Рафиқ сарбози қаторӣ».

**Вазифаҳои сарбоз.** Сарбоз вазифадор аст, ки қарзи сарбозии худро амиқ дарк намояд, ба савганди ҳарбӣ содиқ бошад, кори ҳарбиро поквиҷдонона аз худ намояд, донишҳои ҳарбии омӯхтаашро хуб дар хотир нигоҳ дорад, вазифаҳои хизматии худро ба тарзи намунавӣ иҷро кунад, талаботи оинномаҳои ҳарбиро хуб донад ва онҳоро риоя намояд, фармонҳои сардоронро зуд ва дақиқ иҷро намояд, ҷасур ва боинтизом бошад, ба корҳои ношоям даст назанад, ҳангоми ба якдигар муроҷиат намудан сарбозон бояд рост истанд, агар дар сар кулоҳ дошта бошанд, даст ба чаккаи сар баранд. Хизматчиёни ҳарбӣ вазифадоранд, ки фарҳанги баланд дошта, хоксор бошанд. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ё нақлиёт хизматчии ҳарбӣ вазифадор аст, ки саломи ҳарбӣ диҳад ва дар ҳолати ҷойи нишаст набудан, ҷойи худро пешниҳод намояд. Агар ҳангоми вохӯрӣ ҷой камӣ кунад, хизматчии ҳарбӣ роҳро бояд холӣ намуда, ба сардор саломи ҳарбӣ диҳад, ӯро ба пеш гузаронад, агар лозим бошад, аз сардор иҷозат пурсида, ба ӯ расида гирад. Хизматчиёни ҳарбӣ бояд нисбати аҳолӣ хушмуомила бошанд, обрӯ, ҳайсияти онҳоро ҳимоя намоянд ва ба онҳо ҳангоми сар задани ҳодисаҳои фавқулода, сӯхтор, ҳодисаҳои табиӣ дасти ёрӣ дароз намоянд. Хизматчиёни ҳарбӣ бояд доимо бо либоси тоза ва шинам бошанд, дастҳоро дар кисаҳо нигоҳ надоранд, инчунин, дар ҳузури сардор ё шахси рутбааш нисбатан баландтар нишастан ё тамоку кашидан низ мумкин нест. Аз тамокукашӣ дар кӯча ва ҷойҳои ҷамъиятӣ худдорӣ намоянд.

**Қоидаи фармон додан ва иҷро намудани онҳо.** Фармон – супориши хаттӣ ё шифоҳии сардор аст, ки иҷрои он аз тарафи зердастон ҳатмист. Фармони сардор барои зердастон қонун аст. Дар давоми фаъолияти ҳаррӯза, фармондеҳони зерқисмҳо масъалаҳоро аз рӯйи саволҳои гуногун дар шакли супоришҳо пешкаш менамоянд. Фармондеҳони зерқисмҳо ва қисмҳо фармонҳо ва супоришҳоро ба таври шифоҳӣ медиҳанд. Фармон ва супоришҳо ба воситаи фармодеҳони хурд дода мешавад. Танҳо ҳангоми зарурат фармондеҳи асосӣ метавонад бевосита ба зердастон супориш диҳад. Ҳангоми супориш ё фармон додани фармондеҳ, зердаст рост истода, пас аз гирифтани фармон «Хуб шудааст»-гӯён ҷавоб диҳад ва аз пайи иҷрои он шавад. Барои фармонро дуруст фаҳмидан ё нафаҳмидани сарбозро санҷидан, фармондеҳ метавонад талаб намояд, ки зердаст онро ба таври кӯтоҳ фаҳмонад. Дар бораи иҷрои супориш

хизматчии ҳарбӣ бояд ба фармондеҳи бевоситаи худ ё фармондеҳи асосӣ гузориш диҳад. Агар сарбози супоришро иҷрокардаистода аз фармондеҳи рутбааш болотар супориши нав гирад, вай дар ин бобат ба шахси фармондода гузориш медиҳад. Фармондеҳон шахсони вазифадореанд, ки нисбати зердастони худ ҳуқуқ ва вазифаҳои муайян доранд. Онҳо ҳуқуқ доранд ба зердастони худ фармон диҳанд ва иҷрои онро талаб намоянд. Зердастон бояд бе чунучаро ба фармондеҳон итоат намоянд, фармонҳои онҳоро дақиқ ва дар муддати муайян иҷро кунанд. Ҳангоми иҷрои супориш чобукӣ ва чолокӣ зоҳир намоянд. Аз рӯйи рутбаи ҳарбӣ барои сарбозон ва бахрнавардони дар хизмати ҳарбӣ буда, афсарон, генералҳо, адмиралҳо ва маршалҳо, инчунин, прапоршикҳо, мичманҳо, сержантҳо ва старшинаҳои як қисми ҳарбӣ – фармондеҳ шуморида мешаванд.

Хизматчиёни ҳарбие, ки нисбати дигар сарбозон фармондеҳ ва зердаст маҳсуб намешаванд, калон ва хурд буда метавонанд. Калонии онҳо мувофиқи рутбаи ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ муайян карда мешавад. Хизматчиёни рутбаи нисбатан калонтари ҳарбӣ, ба хизматчиёни рутбаи нисбатан хурд ҷазои интизомӣ эълон карда метавонанд, аз онҳо риоя намудани талаботи ҳарбӣ, қоидаҳои ҷамъиятӣ ва сифати сару либос, инчунин, қоидаҳои муошират ва саломи ҳарбӣ доданро талаб карда метавонанд.

**Савол ва супориш:**

1. Вазифаҳои умумии сарбозонро номбар кунед ва онҳоро маънидод намоед.
2. Барои сарбозон киҳо сардор ҳисоб мешаванд?
3. Дар бораи тартиб додан ва иҷро намудани фармонҳои низомӣ, саломи ҳарбӣ додан, иҷрои қоидаҳои шарафи ҳарбӣ ва ахлоқи сарбозон нақл кунед.
4. Риоя намудани қоидаҳои муомилаи ҳарбӣ нисбати сардорон ҳангоми машғулиятҳо дар чист?

## § 34. БАЙРАҚИ ҶАНГИИ ҚИСМИ ҲАРБӢ

Байрақи Ҷангии қисми ҳарбӣ рамзи ифтихор, шуҷоат ва шаъну шарафи ҳарбӣ мебошад. Он барои ҳар як хизматчии ҳарбӣ баёнгари қарзи муқаддаси хизмати садоқатмандона ба Ватан, мардонавор ва моҳирона муҳофизат намудани он, суботкорона мудофиа кардани ҳар як ваҷаб хоки Ватан ва барои ин мақсад дареғ надоштани ҳаёти худ мебошад.

Байрақи Ҷангии қисми ҳарбӣ дар тамоми давраи мавҷудият, қатъи назар аз тағйири ному рақами он, дар қисми ҳарбӣ маҳфуз дошта мешавад. Тағйири ном ва рақами қисми ҳарбӣ ба Сипосномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳангоми супоридани Байрақи Ҷангӣ тақдим мегардад, ворид карда мешавад.


**Мавқеи Байрақи Ҷангӣ дар саф (дар ҷойи ист)**

Байрақи Ҷангӣ ҳамроҳи қисми ҳарбии марбута, замони ҷанг дар майдони ҷанг, дар минтақаи амалиёти ҷангии қисми ҳарбӣ нигоҳ дошта мешавад. Тамоми ҳайати шахсии қисми ҳарбӣ вазифадор аст, ки Байрақи Ҷангиро дар майдони ҳарб фидокорона ва мардонавор муҳофизат намуда, имкон надиҳад, ки он ба дасти душман афтад. Ҳангоми гум кардани Байрақи Ҷангӣ хизматчиёни ҳарбие, ки бевосита дар он гунаҳкоранд, бояд ба суди ҳарбӣ супурда шуда, қисми ҳарбӣ барҳам дода шавад. Байрақи Ҷангӣ ба полкҳо (баталиони алоҳида), дивизионҳо, эскадриляҳои ҳавоӣ, қисмҳои таълимӣ ва муассисаҳои ҳарбию таълимӣ супорида мешавад. Ба қисмҳои муттаҳида ва қисмҳои таъминоти техникӣ, ақибгоҳ, посбонӣ ва хизматрасонӣ, интизомӣ, ҳарбию бинокорӣ ва қисмҳои ҳарбии ба ин шабеҳ Байрақи Ҷангӣ супорида намешавад. Дар ҳар як қисми ҳарбӣ танҳо як Байрақи Ҷангӣ, ки муқаррар гардидааст, нигоҳ дошта мешавад. Байрақҳои хотиравии дигар дар қисми ҳарбӣ ҳамчун муқаддасот дар дидбонгоҳи назди Байрақи Ҷангии қисми ҳарбӣ нигоҳ дошта шуда, ҳамроҳи он ба маҷлисҳои тантанавӣ, ки ба рӯзҳои ҷашн ва воқеаҳои хотиравӣ бахшида шудаанд, бароварда мешаванд.

## ВАЗИФАҲОИ МУҲИММИ САРДОРИ ПОСБОНҲО ДАР ҲИМОЯИ БАЙРАҚИ ҶАНГИИ ҚИСМИ ҲАРБӢ

Дар вақти Байрақи Ҷангиро барои муҳофизат ба қаровул баргардонидан сардори қаровул мувофиқи варақаи дидбонгоҳ ҳолати матои он, мавҷуд будани орденҳо, ҳолати навори орденҳо, шилшила, пӯпак, нӯг ва дастаи байрақро муоина карда, дуруст печонидани Байрақи Ҷангиро аз ҷониби байрақдор ё ёварони ӯ назорат мекунад, баъди он ки Байрақи Ҷангӣ ба ғилоф андохта мешавад, (байрақ дар ҷевон ҷой карда мешавад) ва ба ғилоф (ҷевон) муҳри нишондор зада мешавад, сардори қаровул муҳрро бо қолаби он ки дар даст дорад, муқоиса карда, ба посбонон фармон медиҳад, ки Байрақи Ҷангиро барои муҳофизат қабул намоянд. Барои муҳофизат қабул кардани Байрақи Ҷангӣ сардори посбон дар варақаи дидбонгоҳ қайдҳои дахлдоро сабт карда, нишон медиҳад, ки чӣ гуна орденҳо ва навори орденҳо ва бо кадом микдор қабул карда шудаанд; баъд аз ин сардори қаровул ва афсаре, ки Байрақи Ҷангиро супурд, дар зери ин навиштаҳо имзо мегузоранд.

Баъди иваз шудани қаровул иҷозатномаи хаттӣ ҳамроҳи варақаи дидбонгоҳ супурда мешавад. Агар баъди супурдани Байрақи Ҷангӣ

посбон аз дидбонгоҳ гирифта шавад, дар бораи гирифтани ӯ аз дидбонгоҳ ва аз нав дар ин дидбонгоҳ посбон гузоштан дар варақаи дидбонгоҳ қайдҳои дахлдор сабт карда мешаванд.

• Вақте ки ба дидбонгоҳи Байрақи Ҷангӣ ягон фалокат (сӯхтор ё офати табиӣ) таҳдид кунад, сардори қаровул шахсан барои наҷоти он чораҳо меандешад ва муҳофизати онро дар ҷойи нав ташкил мекунад.

## ТАРТИБИ ҲИФЗ ВА НИГОҲДОРИИ БАЙРАҚИ ҶАНГӢ

• Байрақи Ҷангии қисми ҳарбӣ бояд чунин нигоҳдорӣ шавад:

– дар сурати ҷойгирии қисми ҳарбӣ дар сарбозхонаҳо ва ҷобаҷошавии он дар маҳалли аҳолинишин дар бинои ситоди қисми ҳарбӣ;

– дар қисмҳои ҳарбие, ки навбатдории ҷангиро адо менамоянд - дар нуқтаи фармондеҳии қисми ҳарбӣ;

– дар машқгоҳи тирандозӣ (полигон) ҳангоми ҷойгирии қисми ҳарбӣ ба таври лагерӣ (дар хаймаҳо) – дар хатти сафи аввали хаймаҳо, дар маркази ҷойгирии қисми ҳарбӣ, зери соябони махсус;

– дар машқҳои таълимӣ – дар ҷое, ки командири қисми ҳарбӣ муайян кардааст.

Байрақи Ҷангии қисмҳои муттаҳида бо фармони командири чунин қисм, чун қоида, дар қисми ҳарбии беҳтарин, якҷоя бо Байрақи Ҷангии ин қисм, нигоҳдорӣ мешавад.

Иҷозат дода мешавад, ки Байрақҳои Ҷангии якчанд қисмҳои ҳарбии камшумори муттаҳида, ки дар як шаҳрчаи ҳарбӣ ҷойгир шудаанд, якҷоя нигоҳ дошта шаванд.

Байрақи Ҷангӣ бояд ҳамеша таҳти ҳимояи қаровул буда, ҳангоми баровардани он ба назди қисми ҳарбӣ – таҳти дастаи байрақдор ин кор анҷом дода шавад.

Байрақи Ҷангӣ дар дидбонгоҳ ба таври печонидашуда дар ғилоф (ҷилд), бо муҳру сурғучи дорои нишони давлатӣ муҳр нигоҳдорӣ мешавад. Он бояд дар ҳолати амудӣ, дар пояи махсуссохташуда (пояе, ки дорои пайвасткунакҳо барои дастаи байрақ мебошад), гузошта шавад.

Ҳангоми ҷойгирии қисми ҳарбӣ дар сарбозхонаҳо иҷозат дода мешавад, ки Байрақи Ҷангӣ дар дохили ҷевони оинабандӣ ва муҳршуда таври афрохта нигоҳ дошта шавад.

• Ҳангоми ҳамлу нақли қисми ҳарбӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоӣ барои Байрақи Ҷангӣ ҷойи алоҳидаи тайёра ҷудо карда мешавад. Ҳамроҳ бо Байрақи Ҷангӣ байрақдор, ёварони ӯ, қаровул, инчунин, метавонанд сандуқи пул ва ҳуҷҷатҳои махфӣ интиқол дода шавад.

• Барои нигоҳдорӣ ва ҳифзи дурусти Байрақи Ҷангӣ сардори ситоди қисми ҳарбӣ мустақиман ҷавобгар аст:

– мунтазам шахсан ё тавассути муовину ёваронаш адои хизмати посбониро дар дидбонгоҳи назди Байраҷи Ҷангӣ тафтиш намояд;

## § 35. САРБОЗОН ВА ФАРМОНДЕҲОН

Сарбоз шахсест, ки дар хизмати ҳарбӣ мебошад. Вай муҳофизатгари Ватани худ аст. Сарбоз барои муҳофизати Ватан ба зимма масъулияти ҷиддие мегирад. Барои муҳофизи арзандаи Ватан шудан сарбоз бояд талаботи оинномаҳои ҳарбӣ ва вазифаҳои худро иҷро намояд, мунтазам малакаи сиёсӣ ва ҳарбии худро пурра намояд, аслиҳаи ба ӯ супоридашударо хуб донад ва эҳтиёт кунад, инчунин, техникаи ҳарбӣ, лавозимоти ҳарбӣ ва халқиро эҳтиёт намояд, ташкилотчӣ бошад, ҳамаи душворӣ ва норасоиҳои хизмати ҳарбиро паси сар намояд, дӯстии ҳамхизматиро пос дорад, ба рафиқон ёрӣ расонад, онҳоро аз корҳои ношоям гардонад ва ҳаёти худро дареғ надошта, онҳоро аз хатар наҷот диҳад, ҳушёр бошад ва сирри ҳарбию давлатиро фош насозад. Ҳар як сарбоз ба хизмати ҳарбӣ бояд ҳамчун ба касби худ муносибат намояд ва онро аз рӯйи виҷдон иҷро намояд, ӯ набояд роҳи осонро интихоб кунад, дурӯғ нагӯяд, зеро фиреби рафиқон ва фармондеҳон ба шаъни сарбоз намезебад ва ба оқибатҳои бади ҷиддӣ оварда мерасонад. Пояи баландтарини дӯстии ҳамхизматии ҳарбӣ – муҳаббати сарбозон ба фармондеҳи худ мебошад. Сарбозон бояд дар лаҳзаҳои хавфнок барои фармондеҳро аз хатар ва аз марг наҷот додан омода бошанд. Кори ҳарбӣ мунтазам тараққӣ меёбад ва ба қӯшунҳо ҳар сол аслиҳа ва техникаи нави ҳарбӣ дохил мешавад.

**Номгӯйи рутбаҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Ҳайати хизматчиёни ҳарбӣ ва уҳдадорони ҳарбӣ | Рутбаҳои ҳарбӣ |
|---|---|
| Сарбозон | Қаторӣ (курсант)<br>Ефрейтор<br>Сержантҳо<br>Сержанти хурд<br>Сержант<br>Сержанти калон<br>Старшина |
| Прапоршикҳо | Прапоршик<br>Прапоршики калон |

| | |
|---|---|
| Афсарони хурд | Лейтенанти хурд<br>Лейтенант<br>Лейтенанти калон<br>Капитан |
| Афсарони калон | Майор<br>Подполковник<br>Полковник |
| Афсарони олирутба | Генерал–майор<br>Генерал–лейтенант<br>Генерал–полковник<br>Генерали артиш |

**Фармондеҳон ва зердастон, калонҳо ва хурдҳо.** Мувофиқи вазифаи ҳарбӣ ва рутбаи ҳарбӣ як бахши сарбозон нисбати бахши дигар фармондеҳ ва зердаст буда метавонанд. Ба ҷавобгарии интизомӣ ё худ ҷиноӣ кашидани гунаҳкорро ҳал менамоянд.

Бо мақсади пешгирии вайронкуниҳои оинномаҳои ҳарбӣ, рафторҳои ношоиста дар байни сарбозон, пешгирии зӯроварӣ, латукӯби сарбозон, муносибатҳои ғайриоинномавӣ, омилҳои худкушӣ ва дигар хелҳои қонунвайронкуниҳо дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дастури методӣ оид ба пешгирӣ намудани муносибатҳои ғайриоинномавӣ, ҳолатҳои худкушӣ ва ҷиноятҳои ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод карда мешавад.

**Сабабҳо ва шароитҳои асосие, ки ба содир намудани ҷиноятҳои ҳарбӣ мусоидат мекунанд, инҳоянд:**

– то даъват шудан ба хизмати ҳарбӣ аз ҷониби як қисми хизматчиёни ҳарбӣ истифода намудани зӯроварӣ, рӯоварии онҳо ба қувваи ҷисмонӣ дар ҳал намудани ҳолатҳои зиддиятнок ;

– қабул накардани тартиби оинномавии дохилӣ, интизоми ҳарбӣ ва талаботи оинномавии командирон ва сардорон;

– назорати нодуруст аз болои ҳайати шахсӣ дар фаъолияти ҳамарӯза, аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ иҷро нашудани реҷаи рӯз, иҷрои нодурусти вазифаҳои хизматии худ аз ҷониби шахсоне, ки ба ҳайати наряд дохил мешаванд, дониши сусти хизматчиёни ҳарбӣ нисбат ба оинномаҳои умумиҳарбӣ.

**Чораҳо оид ба пешгирии ҷиноятҳо**

Истифодаи шаклу усулҳои анъанавии пешгирии ҷиноятҳои зидди тартиботи тобеият. Дар навбати аввал андешидани чораҳо оид ба мустаҳкам кардани яккасардорӣ, тақвияти масъулияти командирон ва сардорон барои тамоми тарафҳои зиндагӣ ва фаъолияти зертобеони қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳо, барои нигоҳдории тартиботи қатъии оинномавӣ.

Ба хизматчиёни ҳарбӣ фаҳмондани талаботи оинномаҳои умумиҳарбӣ ва қонунҳое, ки хизмати ҳарбиро ба танзим медароранд.

Ба ҳар як хизматчии ҳарбӣ расонидани ҳукмҳои судҳои ҳарбӣ оид ба маҳкум намудан барои ҷиноятҳои зидди тартиботи тобеият, қарорҳо дар бобати ба ҳабси интизомӣ кашидани хизматчиёни ҳарбӣ.

Истифодаи фаъолонаи иштироки ҳайати шахсӣ дар мурофиаҳои судии судҳои ҳарбӣ дар ҳудуди қисми ҳарбӣ.

Омӯзиши риояи фармонҳо ва супоришҳо аз ҷониби шахсони мансабдори зертобеъ мутобиқи талаботи оинномаҳои уммумиҳарбӣ.

**Пешгирии ҷиноятҳо бар зидди шахсият.**

Аломатҳои мавҷудияти вайронкунии қоидаҳои оинномавии муносибати байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ чунинанд:

– мавҷудияти нишонаҳои расонидани зарари ҷисмонӣ дар бадани хизматчиёни ҳарбӣ (доғи кабуд, варам, сӯхта, ҷароҳат ва захмҳои бадан);

– мавҷуд набудани чизҳои алоҳидаи сарулибос дар хизматчиёни ҳарбӣ;

– мавҷуд будани аломатҳои бад шудани ҳолати хизматчиёни ҳарбии алоҳида (хашму ғазаби зиддиятнок, бадқаҳрӣ, туршрӯйӣ ва ғ.);

– нишон надодани фаъолнокӣ нисбати бепарвоӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ, иҷрои нопурраи супоришҳо, сифати пасти иҷрои нақшаҳои корӣ;

– дилхунукӣ, канораҷӯйӣ, изҳори фикр оид ба ҳолати ғайри ҷабрдидагони вайронкунии қоидаҳои оинномавии муносибати байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ метавонанд хизматчиёни ҳарбии зерин бошанд:

– аз ҷиҳати хислат беирода, тарсончак ва ба қувваю имкониятҳои худ нобовар;

– навдаъватшудагон ва сарбозони аз ҷиҳати хислат ноустувор;

– дар сатҳи пасти инкишофи зеҳнӣ қарордоштагон;

– шахсони дорои камбудиҳои нутқ, шунавоӣ ва биниш;

– шахсоне, ки кӯшиш мекунанд бо рафторҳои ғайриоинномавӣ мубориза баранд, аз он ҷумла, бо роҳи хабардор кардани командирон ва падару модарон ;

– мунтазам аз хизмат ва таълимоти ҷангӣ ақибмондагон;

– бо дуздӣ дастгиршудагон ва ғайра.

Шахсони дилозор ва рӯҳафтода, пеш аз ҳама, метавонанд хизматчиёни ҳарбии зерин бошанд:

– шахсони ба нӯшокиҳои спиртӣ, маводди психотропӣ ва мухаддир майлдошта;

– шахсони дорои бемориҳои рӯҳӣ;

– шахсоне, ки бо тайёрии ҷисмонии худ фарқ мекунанд;

– шахсоне, ки дар оилаҳои носолим тарбия ёфтаанд;

– шахсоне, ки аз ҷиҳати сифатҳои ахлоқӣ ақибмонда ва ниҳоят суст.

Самтҳои асосии ташхис ва пешгирии вайронкунии қоидаҳои оинномавии муносибати байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ чунинанд:

– таҳлили муҳити ахлоқию рӯҳии ҳайати шахсӣ ва муносибати байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ;

– омӯзиши таркиби сохтори ғайрирасмӣ (ошкор намудани пешвоёни ғайрирасмии гурӯҳҳои хурд) ва равандҳои иҷтимоию рӯҳӣ дар онҳо;

– таъсиррасонӣ ба пешвоёни гурӯҳҳои хурд дар байни ҳарбиён;

– ташкили аксуламал ба ҳодисаҳои манфӣ;

– таъсиси шароитҳои хизматии оинномавӣ, ғамхорӣ оид ба қаноатбахшии худ, бадбинии атрофиён;

– маишат ва саломатии ҳайати шахсӣ.

**Шаклҳои пешгирии вайронкунии қоидаҳои оинномавии муносибати байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ чунинанд:**

– корҳои инфиродии тарбиявӣ;

– маҷлисҳои тарбиявии хизматчиёни ҳарбӣ;

– ба шефӣ гирифтани шахсони аз ҷиҳати сифатҳои ахлоқӣ суст;

– кор дар якҷоягӣ бо падару модарон;

– таъсир ба воситаи ахбори умум, ташвиқоти аёнӣ, рӯзномаҳои деворӣ;

– истифодаи намоишномаҳои бадеӣ ва мустанад, адабиёти бадеӣ оид ба дӯстии ҳарбӣ;

– тарбияи ҳуқуқӣ;

– кор дар атрофи ҳукми судҳои ҳарбӣ (бо истифодаи маводди видеоӣ), ташкили мурофиаи кушодаи судӣ;

– омӯзонидани тарзҳои худидоракунии рӯҳӣ;

– ошкор намудани пешвоён ва кор бо онҳо;

– тайёрии методии афсарон, прапоршикон ва сержантон.

**Муносибатҳои ғайриоинномавии байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ ва самтҳои кор оид ба пешгирии онҳо**

Муносибатҳои ғайриоинномавии байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ, ки сабаби содир гардидани ҷиноятҳои ҳарбӣ мегарданд, чунинанд:

– латукӯб, фишори ахлоқӣ, дашном, маҷбур кардан ба иҷрои супоришҳои гуногун, таҳдид;

– ба зиммаи дигарон гузоштани вазифаҳои худ дар бобати хидмат (дӯхтани таги гиребон, дарзмол кардани сарулибос, тоза кардани пойафзор, рӯбучини бино ва ҳудуди қисми ҳарбӣ), тамаъҷӯйӣ;

– навъҳои дигари муносибатҳои ғайридӯстона, таъсири ҷисмонӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ, қасосгирӣ аз хизматчиёни ҳарбӣ ва таҳқир.

**Сабабҳои ҳодисаҳое, ки боиси ҷиноятҳо мегарданд, чунинанд:**

– камбудиҳо дар тарбияи тодаъватӣ, пуррагардонии ҷузъу томҳо, ташкили сусти омӯзиши оинномаҳои умумиҳарбӣ ва камбудиҳо нисбат

ба иҷрои талаботи онҳо дар фаъолияти ҳамарӯзаи ҷузъу томҳо, вайронкунии доимии реҷаи рӯз ва ҷадвали машғулиятҳо;

– баҳодиҳии ғайританқидии ҳолатҳои кор ва пинҳон кардани қонунвайронкуниҳо, беҷазо мондан ва саҳлангорӣ;

– интихоби нодурусти посбонони шабонарӯзӣ, хизмати ғайриқаноатбахш;

– вайрон кардани қоидаҳои адолат ҳангоми тақсимоти посбонон;

– дониши суст нисбат ба эҳтиёҷот ва дархостҳои хизматчиёни ҳарбӣ, наандешидани чораҳо ё амалҳои нодуруст оид ба ҳаллу фасли шикоятҳои онҳо;

– надонистани равандҳои иҷтимоию рӯҳӣ;

– канораҷӯйи командирон аз тафтиши далелҳои поймол кардани ҳуқуқ ва беҳурматӣ:

– баҳодиҳии интизом аз рӯйи миқдори ҷиноятҳои бақайдгирифта;

– нокифоя фаҳмондани ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ оид ба ҳифзи шаъну шарафи шахсӣ аст.

**Мунокиша яке аз ҳодисаҳои манфии ҳаёти сарбозон аст**

Муноқиша (конфликт) – муросо накардан ё нофаҳмӣ дар муносибатҳои гурӯҳи сарбозон мебошад.

Дар ҳаёти коллективи ҳарбӣ низ муноқиша дар бисёр мавридҳо сабаби нохушиҳо мегардад. Бинобар ин муноқишаҳоро бояд пешгирӣ намуд.

Барои пешгирӣ намудани муноқишаҳо пеш аз ҳама сабабҳои онро фаҳмидан лозим аст.

Сабабҳои муноқишаҳо чунинанд:

– тайёрии касбии нокифояи хизматчиёни ҳарбӣ;

– фарҳанги пасти муоширати байни хизматчиёни ҳарбӣ;

– кӯшиши бо роҳҳои гуногун пайдо намудани эътибор (лидер);

– эҳсосоти бемаврид зоҳир намудан;

– қарори беасос ё хато қабул кардан;

– адолати иҷтимоиро дар вақти хизмат сарфи назар кардан;

– мутобиқ нашудан ба хизмати ҳарбӣ;

– таъминоти нокифоя барои иҷрои супоришҳои омодагии ҷангӣ.

**Роҳҳои пешгирии мунокиша:**

– бо шахсоне, ки шуморо гӯш кардан намехоҳанд, бояд роҳи ҳаллашро ёфт;

– аз шахсоне, ки беасос шуморо муҳокима мекунанд, худро дур гирифтан лозим;

– ба эҳсосоти беҳуда дода шудан лозим нест;

– муносибати худро бо атрофиён дӯстона кардан лозим аст;

– кӯшиш намудан лозим, ки бо шахсони сабаби муноқиша гардида муносибати рафиқонаро барқарор намоед;

– мавқеи шахсии худро муайян намоед;

– ба дахолати дигарон роҳ надиҳед!

– агар гуфтаҳои боло фоида накарданд, аз вазъияти ба вуҷудомада сардор (командир)-ро хабардор кунед.

**Роҳҳои бартараф намудани муноқиша**

Панҷ роҳи баромадан аз муноқиша вуҷуд дорад: рақобат, гуфтушунид, канораҷӯйӣ кардан, мутобиқ шудан ва ҳамкорӣ кардан.

Мутаассифона, на ҳама вақт пеши роҳи муноқиша гирифта мешавад. Дар ин ҳолат чӣ кор бояд кард?

– гуфтушунид кардан шарт аст;

– аз шахсони миёнарав истифода бурдан лозим аст;

– сухан ва андешаи ҳамдигарро гӯш кардан лозим аст;

– бахшиш пурсидан ва бахшидани ҳарифи худро омӯхтан лозим аст;

– мутобиқат кардан – дар натиҷаи фаҳмидани хатоии худ ё сабаби ночиз доштани муноқиша;

– ҳамкорӣ беҳтарин роҳи баромадан аз муноқиша ва барҳам додани оқибатҳои он аст;

– вақт лозим аст, то ки эҳсосоти дар натиҷаи муноқиша ба вуҷуд омада аз байн равад.

**Самтҳои асосии пешгирии ҷиноятҳо, ҳангоми муносибати ғайриоинномавии байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ:**

- мақсаднок ва ботартиб гузаронидани кор оид ба мубориза бар зидди ҳама навъи вайронкуниҳои талаботи оинномавӣ дар муносибати байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ;

-расонидани ҳукми судҳои ҳарбӣ оид ба маҳкум кардани хизматчиёни ҳарбӣ;

- алоқа ва мукотибот бо падару модар ва хешу табори хизматчиёни ҳарбӣ.

**Савол ва супориш:**

1. Тартиботи ҳарбӣ чист, асос ва аҳамияти онро дар чӣ мебинед?
2. Дар бораи вазифаҳои сарбоз ҳангоми нигоҳ доштани тартиботи ҳарбӣ нақл намоед.
3. Нисбати сарбозон кадом ҳавасмандкуниҳо истифода мешаванд?
4. Сабабҳои асосие, ки боиси содир намудани рафторҳои ношоиста ва ҷиноятҳо мегарданд, кадомҳоянд?
5. Оид ба ҷиноятҳои ҳарбӣ ва вайронкунии қоидаҳои оинномавӣ чӣ медонед?
6. Кадом сабабҳо боиси содиршавии ҷиноятҳо мегарданд?

## БОБИ V

# ҲУҚУҚИ НИЗОЪҲОИ МУСАЛЛАҲОНА (ТИБҚИ ДАСТУРИ ВАЗОРАТИ МУДОФИАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

## § 36. ҲУҚУҚИ НИЗОЪҲОИ МУСАЛЛАҲОНА

Дар боби мазкур шумо мефаҳмед, ки Ҳуқуқи Низоъҳои Мусаллаҳона чист ва кадом гурӯҳҳои асосии шахсон ва иншоотҳоро баррасӣ менамояд. Ин фан низ номи дигар ҳам дорад: «Ҳуқуқи Ҷанг» ё «Ҳуқуқи Байналмилалии Инсондӯстӣ». Ҳамаи ин номҳо як маъно ва як мазмун доранд ва шумо метавонед ҳар кадоми онҳоро истифода баред.

**Таърихи пайдоиш ва фаъолияти Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар**

Оғози фаъолияти КБСС ба рӯзи 24 июни соли 1859 дар деҳаи Солферино, воқеъ дар шимоли Итолиё, рост меояд. Он вақт лашкари Фаронса ва Итолиё бо лашкари Утриш (Австрия), ки мамлакатро забт карда буд, муҳориба мекарданд. Дар ин муҳорибаи шадид дар зарфи ҳамагӣ чанд соати ҳарбу зарб 40000 нафар куштаю захмдор гардиданд. Хадамоти тиббии тарафҳои даргир бағоят нокифоя буд. Анри Дюнани Суисӣ, ки дар ин диёр бо корҳои тиҷорат сафар дошт, аз дидани азобу шиканҷаи беандозаи захмиён ба даҳшат омад. Вай аз бошандагони деҳоти атроф мадад ҷуста, ба ёрии ҳамаи захмиён, сарфи назар аз миллату нажоди онҳо, камар баст. Анри Дюнан ба ватанаш баргашт, вале он ҳама даҳшатро ҳеҷ аз ёд бароварда натавонист. Вай қалам ба даст гирифт, то аз ин фоҷиаи бисёр такроршавандаи ҷанг ба аҳли олам хабар диҳад. Дар соли 1862 иншои китоби «Ёде аз Солферино» ба анҷом расид. Дюнан он китобро бо маблағи худ нашр карда, ба шоҳони онвақтаи аврупоӣ, ба сиёсатмадорон, ба ҳарбиён, ба алоқамандон ва ба ёру дӯстони худ ирсол намуд. Шухрати китоби Дюнан ногаҳонӣ ва ғайричашмдошт буд. Ин китоб аврупоиёнро ба шӯр овард, зеро аксар аз ҳақиқати ҷонкоҳи майдонҳои муҳориба дарак надоштанд. Аввалин маротиба чаҳор шаҳрванди Суис (Швейтсария) бо роҳбарии Анри Дюнан 17 феврали соли 1863 «Кумитаи байналмилалии ёрӣ ба захмиён»-ро ташкил намуданд. Дар натиҷаи фаъолияти самараноки ин панҷ узви Кумита моҳи октябри соли 1863 дар Женева конфронси байналмилалие баргузор гардид, ки дар он намояндагони шонздаҳ давлат иштирок доштанд. Ба ин муносибат нишони Салиби Сурх дар зерманзари сафед интихоб шуд. Мақсад аз интихоби нишон мушаххас намудан ва билохира, муҳофизат кардани онҳое буд, ки дар майдони муҳориба ба ҷанговарони захмӣ кумак мерасонанд. Ин конфронс асоси бунёди Салиби Сурх гардид. Худи Кумита минбаъд номи Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх (КБСС)-ро

гирифт. КБСС созмони байналмилалӣ буда, қароргоҳаш дар Женева (Швейтсария) мебошад.

**Ҳуқуқи Низоъҳои Мусаллаҳона**

Ҳуқуқи Низоъҳои Мусаллаҳона, Ҳуқуқи Байналмилалии Инсондӯстӣ ё Ҳуқуқи Ҷанг яке аз бахшҳои махсуси ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки дар шароити низоъҳои мусаллаҳона, яъне дар вазъияти ҷанг амал менамояд. ҲНМ талош менамояд, ки оқибатҳои ҷангро сабуктар намояд, якум интихоби воситаҳо ва усулҳои гузаронидани амалиёти ҳарбиро маҳдуд месозад ва дуюм тарафҳои даргирро вазифадор мекунад ба ашхосе, ки дар амалиёти ҷангӣ иштирок накардаанд ё ки аз ширкат кардан даст кашидаанд, раҳм намоянд. Меъёрҳои ҲНМ беҳтарин дастовардҳои андешаҳои инсондӯстонаи башарро дар бар гирифта, мисли гуфтаҳои «Қуръони Маҷид», «Инҷил», «Авасто», «Қонунҳои Ману», «Шоҳнома» ва дигарон, баҳри сабук сохтани оқибатҳои низоъҳои мусаллаҳона истифода бурда мешаванд. Принсипҳои ҲНМ дар ҳама ҳолатҳо бояд дастгирӣ карда шаванд. Агар рафтори ҳар як афсар, новобаста аз рутбааш, ҳар як шаҳрванд новобаста аз уҳдадориаш ба принсипҳо ва қонунҳои ҲНМ мухолиф бошад, ба вай аз рӯйи қонун, мувофиқи кодекси ҷиноӣ, ҷазо дода мешавад.

Сарчашмаҳои ҲНМ ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд:

– санадҳое, ки ба ҳуқуқи инсондӯстӣ мансубанд (Женева);

– санадҳое, ки ба ҳуқуқи ҷанг мансубанд (Гаага);

– санадҳое, ки баъзе иншоотҳоро ҳимоя мекунанд;

– санадҳое, ки ба доираи ҳуқуқи байналмилалӣ мансубанд.

КБСС – ҳамчун ташкилоти бетарафи ғайридавлатии ташаббускор ва созмондиҳандаи ҲНМ ваколатдор аст:

– Риояи ҲНМ-ро назорат намояд.

– Ҳимояи ҳуқуқи маҷрӯҳон, беморон, киштишикастагон, асирон, маҳбусони ҳарбӣ ва аҳолии дар асоратмондаро таъмин намояд.

– Ба сифати миёнарави бетараф амал намояд.

– Ҷустуҷӯйи шахсони беномунишонгашта ва мукотибаи байни оилаҳои ҷудошударо ба роҳ монад.

– Ба аҳолии азияткашида маводди ниёзи аввалия расонад.

– КБСС ягона ташкилоти байналмилалиест, ки ҳуқуқи ҳузурро дар тамоми минтақаҳо дорад ва дахлнопазир аст.

Принсипҳои асосии Ҳуқуқи Низоъҳои Мусаллаҳона:

– эҳтироми ҳуқуқи одамоне, ки аз ҷанг даст кашидаанд ё дар амалиёти ҳарбӣ иштирок надоранд;

– фарқ кардани ҷанговарон ва онҳое, ки ҷанговар нестанд;

– душмани таслимшударо маъюб кардан ва ё куштан манъ аст;

– муҳофизати беморон, маҷрӯҳон, намояндагони Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх, Ҷамъияти миллии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар;

– ҷазо додани аҳолии ғайринизомӣ ва маҳбусон манъ аст.

**Манбаъҳои Ҳуқуқи Низоъҳои Мусаллаҳона**

Дар хотир нигоҳ доштан хеле муҳим аст, ки ҳуқуқи мазкур ҳангоми низои мусаллаҳона татбиқ карда мешавад. Аз ҳамин сабаб ба хизматчиёни ҳарбии касбӣ, новобаста аз вазъиятҳои ҳарбӣ ва сиёсӣ, донистани ин фан тавсия карда мешавад. ҲНМ дар барномаи тайёрии ҷангӣ ва фармондеҳии ҷузъу томҳо ва қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

**1. Таърифҳо.** Ҳуқуқи Низоъҳои Мусаллаҳона як қисми ҳуқуқи байналмилалии маъмулӣ мебошад. Он ҳуқуқ ва ухдадориҳои тарафҳои ҷангкунандаро танзим менамояд ва қурбониҳои амалиётҳои ҷангиро ҳангоми низоъҳои мусаллаҳона, новобаста аз сабабҳои низоъ, ҳимоя мекунад.

**2. Мақсади Ҳуқуқи Низоъҳои Мусаллаҳона** мувофиқгардонии ниёзҳои ҳарбӣ бо Принсипҳои муайяни инсондӯстӣ мебошад, то ки ба қадри имконпазир даҳшатҳои ҷанг камтар карда шаванд.

**Чаҳор принсипи асосиро баррасӣ менамоем:**

а) Принсипи маҳдудият.

Ҳуқуқи тарафҳои ҷангкунанда дар интихоби воситаҳои ба душман зарар расонидан, номаҳдуд нест. Масалан, истифода бурдани газҳои заҳролудкунанда манъ аст.

б) Принсипи мутаносибӣ.

Усулҳо ва воситаҳои гузаронидани амалиёти ҳарбӣ ҳангоми ба даст овардани бартарии муайян ва мустақим бояд аз ҳад зиёд набошанд.

в) Принсипи инсондӯстӣ.

Принсипи инсондӯстӣ ба азобу шиканҷадиҳии одамон ё харобкорӣ намудан, ки аз ин амалҳо ҳангоми мағлуб кардани душман худдорӣ намудан имконпазир аст, роҳ намедиҳад. Ҳамлаҳое, ки ба тарафи аҳолии осоишта равона карда шудаанд, манъ аст.

г) Зарурати ҳарбӣ.

Бояд ҳар гуна амалиёти ҳарбӣ нақша ё рисолати иҷозатдодашударо пайгирӣ намояд, вале зарурати ҳарбӣ ё ба мақсад мувофиқ будан, куштани асирони ҳарбиро аз ҷониби командири қисми ҳарбие, ки дар ақибгоҳи душман амал мекунад, дуруст намешуморад. Агар онҳо ба қисми ҳарбӣ бо асирони ҳарбӣ бозгашта натавонанд, онҳоро ҳатман озод кардан лозим аст. Командири қисми ҳарбӣ ё дастаи таъйиноти махсус бояд худро аз қонун болотар нашуморанд.

**3. Сарчашмаҳои пайдоиши ҲНМ.**

ҲНМ сарчашмаҳои гуногун дорад. Ин ҳуқуқи Салиби Сурх ё танҳо ҳуқуқи Муоҳадаҳои Женева нест. Чӣ тавре ки мо минбаъд мебинем, он омезиши ҳуқуқи маъмулӣ ва ҳуқуқи шартномавӣ мебошад. Барои боэътимодӣ ҲНМ ба ҳуқуқи маъмулӣ (ҳуқуқи нонавишта) ва ҳуқуқи шартномавӣ тақсим мешавад.

а) Ҳуқуқи маъмулӣ (нонавишта). Ҳуқуқи маъмулии байналмилалӣ ин он ҳуқуқе нест, ки онро тамоми давлатҳо риоя менамоянд. Ин қоидаҳои муайяни рафтор аст, ки кайҳо боз ба вуҷуд омадаанд ва онҳоро ҳамаи ҷонибҳои дар низоъ ширкаткунанда, ҳатто агар ин ҳуқуқ дар шакли навишта мавҷуд набошад ҳам, риоя мекунанд.

б) Ҳуқуқи шартномавӣ

Дар радифи инкишофи навъҳои гуногуни аслиҳа, зарурати дар шакли хаттӣ муқаррар намудани қонунҳо дар бораи истифодабарии онҳо ба миён омад. Ба хелҳои гуногуни аслиҳае, ки истифода бурда метавонанд, маҳдудиятҳо муқаррар намуданд. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ як қатор шартномаҳои хеле муҳим бо номи «Муоҳадаҳои Женева» имзо карда шуданд. Ин 4 шартнома ё муоҳада муносибати навро ба Ҳуқуқи Низоъҳои Мусаллаҳона муайян намуданд, зеро онҳо вазъи (статуси) ҳимояи қурбониҳои ҷангро муқаррар мекарданд.

Қурбониҳо он одамоне ба шумор мераванд, ки дар амалиёти ҷангӣ иштирок намекунанд: инҳо занҳо, бачаҳо ё одамоне мебошанд, ки минбаъд дар амалиётҳои ҷангӣ ширкат намеварзанд, яъне асирони ҳарбӣ ва маҷрӯҳон. Ҳамаи ин муқаррарот дар чаҳор Муоҳадаи Женева ва ду Протоколи иловагӣ ворид карда шудаанд. То имрӯз Муоҳадаҳои Женеваро 196 давлат, Протоколи иловагии 1-ро 152 давлат ва Протоколи иловагии 2-ро 144 давлат имзо намудаанд.

1) Муоҳадаи якуми Женева аз соли 1949 «Дар бораи беҳбудӣ бахшидан ба сарнавишти маҷрӯҳон ва беморон дар артишҳои амалкунанда» мебошад.

Низои мусаллаҳонаи ғайрибайналмилалӣ.

Низои мусаллаҳона дар қаламрави давлат худ аз худ мутобиқи моддаи 3-юми Муоҳадаи Женева аз соли 1949 ва моддаи 4-уми Муоҳадаи Гаага аз соли 1954 дар бораи ҳимояи арзишҳои фарҳангӣ ҳангоми низои мусаллаҳона баррасӣ карда мешавад ва муқаррароти камтаринро пешбинӣ мекунад, ки дар чунин вазъиятҳо татбиқ карда мешаванд. Мутобиқи моддаи умумии 3-юм:

Ашхосе, ки мустақиман дар амалиёти ҳарбӣ иштирок намекунанд, аз ҷумла ашхоси аз ҳайати неруҳои мусаллаҳ, ки силоҳ ба замин гузоштаанд, ҳамчунин, онҳое, ки ширкати худро ба асари беморӣ, маҷрӯҳшавӣ, боздоштшавӣ ё дигар сабабҳо дар амалиёти ҳарбӣ қатъ намудаанд, бояд дар ҳама ҳолатҳо бе ягон ҳуқуқпоймолкунии мансуб ба миллат, нажод, ранги пӯст, эътиқоди динӣ, ҷинс, аслу насаб ё дороӣ ва ё ҳар гуна меъёрҳои дигари ба ҳаминҳо монанд, аз муносибати инсондӯстона бархӯрдор бошанд.

Бо ҳамин мақсад, амалҳои зерин нисбат ба ашхоси дар боло зикршуда манъ карда мешаванд ва ҳамеша ва дар ҳама ҷой мамнуанд аст:

• таарруз ба ҳаёт ва дахлнопазирии ҷисмонӣ, аз ҷумла ҳама навъи куштор, маъюб кардан, муносибати бераҳмона, азобу шиканҷадиҳӣ;

• гаравгон гирифтан;

• таарруз ба шаъну эътибори инсон, аз ҷумла муносибати таҳқиромез ва пастзананда;

• маҳкум намудан ва ҷазо додан бидуни қарори қаблии суд, ки аз ҷониби суди бо тарзи муқарраршуда таъсисдода, мутаносибан бо кафолатҳои судие, ки аз тарафи миллатҳои мутамаддин воҷиб буданашон эътироф шудаанд, бароварда шуда бошад;

• маҷрӯҳон ва беморонро аз майдони ҷанг берун меоваранд ва ба онҳо ёрӣ мерасонанд.

2. Созмонҳои беғаразӣ башардӯст, чун Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх ба ҷонибҳои даргир хизмати худро пешниҳод карда метавонанд. Вазъияти шиддатноки дохилӣ ва нооромиҳо, вайронкуниҳои алоҳида ва гоҳ-гоҳ рухдиҳанда, амалҳои дигари ба ҳамин монанд ё ҷиноятҳои террористиро ҲНМ пешбинӣ намекунад.

3. Истифодабарӣ.

Давлатҳо ва ҷонибҳои ҷангкунанда уҳдадоранд, ки дар ҳар ҳолат ва дар ҳамаи сатҳҳо ҲНМ-ро риоя намоянд.

## § 37. ҶАНГОВАР ВА ГУРӮҲИ ОДАМОН ВА ИНШООТЕ, КИ АЗ ВАЗЪИ ҲИМОЯ БАРХӮРДОР ҲАСТАНД

ҲНМ одамонро ба ҷанговарон, ки онҳо дар низои мусаллаҳона мустақиман иштирок мекунанд ва ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳ шомиланд ва одамоне, ки ба ҳайати онҳо дохил мешаванд, ҷудо мекунад. ҲНМ гурӯҳи зерини шахсонро зери ҳимояи махсус қарор медиҳад: хадамоти тиббӣ, маҷрӯҳон, беморон, ҳайати командирони рӯҳонӣ, асирони ҳарбӣ, шахсони мулкӣ ва шахсони мулкии маҷбурӣ кӯчонидашуда. ҲНМ инчунин, инҳоро ҳимоя мекунад: иншоот ва маҳалҳое, ки арзишҳои фарҳангӣ доранд, госпиталҳо, иншооте, ки неруҳои хатарнок доранд (истгоҳҳои барқии атомӣ, сарбандҳо, оббандҳо ва ғайра).

1. Неруҳои мусаллаҳ

Неруҳои мусаллаҳи давлатҳое, ки дар ҳолати низои мусаллаҳона қарор доранд, тамоми қувваҳои мусаллаҳ, гурӯҳҳо ва воҳидҳои муташаккил мебошанд.Ба онҳо ҳамчунин, милитсия ва гурӯҳҳои ихтиёриён, ки ба неруҳои мусаллаҳ ворид карда шудаанд, мансуб ҳастанд. Неруҳои мусаллаҳ бояд:

• Аз ҷониби давлати ҷангкунанда фармондеҳи масъул дошта бошанд;

• Интизоми дохилиро, ки риояи амали қонунҳои ҳуқуқи байналмилалии ҳангоми низои мусаллаҳона истифодашавандаро таъмин менамояд, пайравӣ кунанд.

А) Мақоми(статуси) ҷанговар.

Ҷанговарон мутобиқи ҳуқуқи ҷанг ҳақ доранд, ки дар низои мусаллаҳона мустақиман иштирок намоянд. Ҷанговарон мутобиқи ҲНМ дар қатори уҳдадориҳояшон, боз барои ҳимоя ҳуқуқ доранд:

• Ба ҷанговари асиргирифта бояд мақоми асири ҳарбӣ дода шавад. Вай барои дар амалиёти ҷангӣ иштирок карданаш бояд дар назди қонун ҷавобгӯ набошад.

• Ҷанговарон уҳдадор ҳастанд, ки ба хотири аз шахсони мулкӣ фарқ кардан, ҳангоми гузаронидан ё тайёрӣ ба гузаронидани амалиёти ҳарбӣ аломати фарққунанда дошта бошанд. Барои иҷрои ин амал ҷанговарон бояд либоси расмӣ бипӯшанд ё аломатҳои фарққунандаи доимӣ дошта бошанд. Бояд ҳамаи ҷанговарон ошкоро бо аслиҳа бигарданд.

• Аҳолии қаламрави истилошуда, ки ҳангоми наздикшавии душман ба таври ғайримуташаккил барои зарба задан ба душмани ҳамлакунанда аслиҳа ба даст гирифтаанд ва барои ташкил кардани ҳаракати муташаккили муқовимат ё барои ҳамроҳ шудан ба неруҳои мусаллаҳи мунтазам (чунин номида мешаванд Lee en masse) фурсат надоштанд, низ ҷанговар ба шумор меравand. Онҳо бояд ошкоро силоҳ гирифта гарданд, қонунҳо ва расму оинҳои ҷангро ҳангоми гузаронидани амалиёти ҳарбӣ риоя намоянд.

• Ҷанговарон, масалан, дастаи посбонҳои ҳаракати муқовимат, ки дар бар либоси ҳарбӣ доранд ва ҳангоми ҷамъоварии маълумот дар қаламрави душман ё ҳангоми гузаронидани амалиёти ҳарбӣ дастгир шудаанд, ҳуқуқи гирифтани мақоми асири ҳарбиро доранд. Бо онҳо набояд ҳамчун ҷосусҳо муносибат намоянд, вале, ба ҷанговароне, ки чунин амалро дар либоси мулкӣ ё либоси расмии душман содир кардаанд, ҷазо дода мешавад. Сарфи назар аз ин, онҳо барои тафтишоти муқаррарии ҳуқуқӣ ҳақ доранд.

• Журналистони ҳарбӣ, ҳайати шахсии мулкӣ ва хадамоти хизматрасонии маишӣ, онҳое, ки барои таъмини маишии зиндагии сарбозон ҷавобгар ҳастанд, ҷанговар ба шумор намераванд.

**Қоидаҳои рафтори ҷанговарон ҳангоми ҷанг**

• Танҳо ба муқобили ҷанговарони душман амалиёти ҷангӣ гузаронидан; танҳо ба иншооти ҳарбӣ ҳамла кардан мумкин аст.

• Аз андозае, ки барои иҷрои супориши ҷангӣ зарур аст, бештар харобкорӣ накардан.

• Бо душмане, ки аслиҳаашро гузоштааст ё таслим мешавад, ҷанг накардан. Ӯро халъи силоҳ намуда, ба командир супоридан. Маҷрӯҳон ва беморонро аз майдони ҷанг берун баровардан ва ба онҳо новобаста аз он ки ба кадом ҷониб мансубанд, кумак расонидан.

• Бо ҳамаи шахсони мулкӣ ва душмани асиргирифта инсондӯстона муносибат кардан.

• Асирони ҳарбӣ ухдадоранд, ки танҳо маълумотеро бигӯянд, ки барои муқаррар намудани шахсияти онҳо зарур аст. Азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ё рӯҳӣ додани асирони ҳарбӣ манъ аст. Гаравгонгирӣ мамнуъ аст. Аз ҳар гуна амалҳои қасосгирӣ худдорӣ намудан.

• Бо шахсон ва иншооте, ки аломатҳои Салиби Сурх, Ҳилоли Аҳмар, Шер ва Хуршеди Сурх, Булӯри Сурх ва парчами сафеди сулҳи муваққатӣ, аломатҳои арзишҳои фарҳангиро ишоракунанда доранд, боэҳтиромона муносибат намудан. Ғоратгарӣ манъ аст.

• Барои роҳ надодан ба вайрон кардани ин қоидаҳо кӯшиш намудан. Дар бораи ҳамаи қонуншиканиҳо ба командири худ хабар додан. Ҳар гуна вайронкунии қонунҳои ҷанг муҷиби ҷазо мешавад.

**Б. Зархаридон**

Зархаридон – ҷанговарони ғайриқонунӣ мебошанд. Зархарид шахсест, ки барои манфиати шахсии худ дар низоъ иштирок мекунад. Вай хизматчии ҳарбии неруҳои мусаллаҳи мунтазами давлати ҷангкунанда нест ва ӯ вазифаҳои хизматии давлатеро, ки дар низоъ ширкат намекунад ва ба вай супориш дода бошад, иҷро намекунад. Зархариди асирафтода вазъи асири ҳарбиро надорад. Сарфи назар аз ин, ӯро аз ҳуқуқҳои асосиаш маҳрум намудан ва бе суд ҷазо додан мумкин нест.

**В.Ҷосусҳо**

Ҷосусҳо шахсоне мебошанд, ки пинҳонӣ ё бо роҳи фиреб амал намуда (масалан, либоси расмии ҳарбии неруҳои мусаллаҳи душманро истифода бурда), дар қаламраве, ки таҳти назорати душман мебошад, маълумот ҷамъ меоваранд. Ҳатто агар онҳо узви неруҳои мусаллаҳ бошанд ҳам, ба мақоми асири ҳарбӣ ҳуқуқ надоранд. Ба шахси ҳангоми иҷрои супориши ҷосусӣ ба дасти душман афтода, бояд трибунали ҳарбӣ ё дигар сохторҳои ҳуқуқӣ ҷазо диҳанд, вале ҷосусҳоро бе ҳукми суд ҷазо додан мумкин нест.

II. Шахсоне, ки аз вазъи ҳимоя бархӯрдоранд.

1. Маҷрӯҳон, беморон ва ҳалокшудагон.

• Маҷрӯҳон, беморон бояд таҳти ҳимоя бошанд ва дар ҳар ҳолат ба муносибати шоиста ҳақ доранд. Онҳо ҳамчун хизматчии ҳарбӣ ё ҳамчун шахси мулкӣ буда метавонанд, ки дар натиҷаи зарба хӯрдан, беморӣ ё ягон зарари дигари ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ё маъюбӣ ба ёрии тиббӣ ё нигоҳубин муҳтоҷ ҳастанд ва инчунин, онҳое ки аз ҳар гуна амалҳои дорои хусусияти душманона дошта худдорӣ мекунанд. Мафҳуми «маҷрӯҳшавӣ ва бемор», инчунин, ба занҳои таваллудкарда, кӯдакони навтаваллудшуда ва дигар шахсоне, ки дар айни замон ба ёрии тиббӣ ва нигоҳубин ниёзманд, мансуб аст.

• Дар ҳолате, ки агар бемор ё маҷрӯҳ ягон хел амали дорои хусусияти душманона содир намояд, мақоми ҳимоя эътиборашро гум мекунад.

• Таъзир ба муқобили маҷрӯҳон ва беморон манъ аст.

Барои аз майдони муҳориба ҷамъ оварда баровардани маҷрӯҳону беморон ва ба онҳо ёрии дахлдори тиббӣ расонидан, ҳатман тамоми тадбирҳои имконпазирро андешидан зарур аст.

• Дафтари Марказии КБСС доир ба ҷустуҷӯ дар ин масъала кумак расонида метавонад. Ин шуъбаи махсуси Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх мебошад, ки ба ҷустуҷӯйи одамони ҳангоми низоъ бедарак ва ҳалокшуда машғул аст.

2. Ҳайати командирони тиббӣ.

• Ҳайати командирони тиббии мулкӣ ва ҳарбӣ ба ҳимояи махсус ҳуқуқ доранд. Онҳо набояд ҳадафи ҳамла қарор гиранд ва ба онҳо бояд иҷозат дода шавад, ки иҷрои вазифаҳои худро идома диҳанд. Ҳайати командирони тиббӣ ҷанговар нестанд. Ин шахсон табибон ва ҳамшираҳои шафқат мебошанд, ки танҳо барои ёрӣ расонидан, ҷамъ овардан, интиқол додани маҷрӯҳон ва беморон, табобаткунӣ ва пешгирии бемориҳо фаъолият мекунанд.

• Аломати фарқкунандаи Ҳилоли Аҳмар дар заминаи сафед. Ин аломат бояд дар парчам ва таҷҳизоте, ки воҳидҳои тиббӣ истифода мебаранд, тасвир карда шавад. Аломате, ки воҳидҳои тиббӣ барои ҳимоя аз ҳамла истифода мебаранд, бояд ба қадри кофӣ ҳаҷман калон ва аз масофаи дур возеҳ намоён бошад.

• Истифодабарии аломатҳои Салиби Сурх, Ҳилоли Аҳмар, Шер ва Хуршеди Сурх ва Булӯри Сурх барои ниқобпӯш кардани иншооти ҳарбӣ ҷинояти ҷиддии ҳарбӣ мебошад.

• Ҳайати командирони тиббӣ барои ҳимояи маҷрӯҳон ва бемороне, ки барои парасториашон ҷавобгаранд, инчунин, барои ҳимояи худ ҳақ доранд, ки бо худ аслиҳаи сабук дошта бошанд. Муассисаҳои тиббӣ барои ҳимоя аз duздию ғоратгарӣ посбонҳои мусаллаҳ дошта метавонанд.

• Ҳайати командирони тиббии доимоамалкунанда, ки асир гирифта шудаанд, бояд баъди анҷоми иҷрои вазифаҳои худ таҳти роҳбарии тарафи асиргирифта то он лаҳзае, ки тарафи мазкур метавонад мустақилона нигоҳубини заруриро барои беморон ва маҷрӯҳон таъмин намояд, озод карда шаванд.

• Ҳайати командирони рӯҳонии ҳарбӣ, ки вазифаҳои онҳо танҳо қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти рӯҳонии хизматчиёни ҳарбӣ мебошад, метавонад бозубанди дорои тасвири аломатҳои Салиби Сурх, Ҳилоли Аҳмар, Шер ва Хуршеди Сурх ва Булӯри Сурх банданд ва барои ҳимояи худ аслиҳаи сабук дошта бошанд.

• Асирони ҳарбӣ ва шахсони мулкӣ низ ба гурӯҳи ашхосе мансуб ҳастанд, ки аз ҳимояи махсус бархӯрдоранд.

III. Аломатҳои муҳофизаткунанда ва иншоотҳое, ки аз ҳимояи махсус бархӯрдоранд.

Барои ҳимояи одамон, биноҳо ва муассисаҳо якчанд аломат ва тамғаҳое истифода бурда мешаванд, ки аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ эътироф карда шудаанд ва онҳоро шартномаҳо ва муоҳадаҳои байналмилалӣ пешбинӣ мекунанд. Мақсади ин аломатҳо ҳимояи иншоот ё шахсони бо онҳо ишоратшуда аз ҳамла мебошад. Агар ҷанговар донад, ки иншоот ё шахси мазкур аз ҳимояи махсус бархӯрдор аст, он гоҳ бояд ҳимоя карда шавад. Вале, дар амал масъалае ба миён меояд, ки он аз ин иборат аст: ба ҳуҷумкунанда шинохтани он ки оё шахс ё муассисаи мазкур аз ҳимоя бархӯрдор аст.

1. Бо шахсоне, ки ин аломатҳоро доранд, эҳтиромона муносибат намоед ва амволи ба онҳо таъйиншударо эҳтиёт бикунед.

2. Ба ин шахсон барои иҷрои вазифаҳояшон монеа нашавед, агар шумо амри дигаре нагирифта бошед.

3. Ин биноҳо, иншоот, ёдгориҳо дахлнопазиранд. Ба дохили онҳо ворид нашавед, агар шумо амри дигаре нагирифта бошед.

4. Ба ҳаракаткунии автомашинаҳо, киштиҳо, дастгоҳҳои парвозкунандае, ки аломатҳои муҳофизаткунанда доранд, халал нарасонед. Кӯшиши ба онҳо ворид шудан накунед, агар шумо амри дигаре нагирифта бошед.

Нишони Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх (КБСС)
Нишони Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар (ҶҲА)
Нишони Федератсияи ҷамъиятҳои СС ва ҲА
Нишони Булӯри Сурх
Хадамоти тиббӣ, ҳайати рӯҳониён (ҳарбӣ ва мулкӣ)
Мудофиаи шаҳрвандӣ
Арзишҳои фарҳангӣ: ёдгориҳои таърихӣ, ибодатгоҳҳо, осорхонаҳо
Оббандҳо, сарбандҳо, неругоҳҳои барқиву атомӣ

Парчами сафед (парчами қосид, парчами сулҳи муваққатӣ, ки барои музокирот ва таслимшавӣ истифода бурда мешаванд).

## § 38. АСИРОНИ ҲАРБӢ. ШАХСОНИ МУЛКӢ. ҚОИДАҲОИ ИСТИЛО

Асирони ҳарбӣ.

а) Хизматчиёни ҳарбие, ки ба дасти душман афтодаанд, асирони ҳарбӣ ба шумор мераванд. ҲНМ  асирони ҳарбиро махсус ҳимоя мекунад. Асирони ҳарбӣ қурбониҳои ҷанганд ва ҷинояткорони ҳарбӣ нестанд ва ҳангоми дар асорат қарор доштан онҳо ба муносибати инсондӯстона ва шоиста ҳуқуқ доранд.

б) Ғайр аз ҷанговароне, ки дар бар либоси расмӣ доранд, ба мақоми асири ҳарбӣ гурӯҳҳои зерини шахсон ҳуқуқ доранд:

– ҳайати командирони тиббии иловагӣ;

– шахсони мулкие, ки неруҳои мусаллаҳро ҳамроҳӣ мекунанд;

– шахсони мулкие, ки ба таври номунтазам ва фавран мусаллаҳ шудаанд ва ба муқобили қувваҳои душмани ҳуҷумкарда бархостаанд;

– дастаҳои ихтиёри милитсия, ки сохти фармондеҳӣ доранд, ҲНМ-ро риоя менамоянд, ба интизоми ҳарбӣ итоат мекунанд, аломатҳои фарққунанда ё либоси расмӣ дар бар доранд ва бо худ ошкоро аслиҳа гирифта мегарданд.

в) Асорат:

**I. Кофтуков**

Ҳангоми асир гирифтани душман аввалин амале, ки шумо бояд ҳатман анҷом диҳед, халъи силоҳ ва кофтуков кардани асирони ҳарбӣ мебошад. Аслиҳа ва асноди ҳарбӣ бояд гирифта шаванд, шумо аз асири ҳарбӣ гирифтани ашёи зеринро ҳақ надоред:

– ҳар гуна либосҳои муҳофизаткунанда, ба монанди ҷавшан ва тоскулоҳ; противогазҳо ва либосҳои аз аслиҳаи ядроӣ, биологӣ ва кимиёӣ муҳофизаткунанда;

– хӯрокворӣ ва ашёе, ки арзиши шахсӣ доранд, масалан, аксҳо, аломатҳои фарққунандаи низомӣ ва мукофотҳои ҳарбӣ;

– маблағҳои пулиро танҳо баъди додани забонхат ва бо амри афсар гирифтан мумкин аст.

**II. Пурсиш**

Асири ҳарбиро пурсидан мумкин ва ҳатман маълумоти муҳимми ҳарбии гирифтаро фавран ба афсари разведка хабар додан лозим аст. Аксари асирони ҳарбӣ дар ҳолати тарсу ҳаяҷон қарор доранд, ки ин ҳангоми пурсиши онҳо ба шумо мусоидат мекунад. Пурсиши ҳарбӣ бояд моҳирона ва оқилона бошад ва зарур будани чӣ гуна маълумотро бояд пешакӣ, қабл аз савол додан муайян намудан лозим аст: истифодабарии ҳар гуна навъҳои азобу шиканҷадиҳии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ манъ аст;

– асири ҳарбиро бо забони ба ӯ фаҳмо пурсидан лозим аст;

– асири ҳарбӣ вазифадор аст, ки танҳо ном, рутбаи ҳарбӣ, санаи таваллуд ва рақами шахсии худро бигӯяд.

**III. Таҳлия кардан**

Асирони ҳарбиро, бояд дар аввалин фурсати имконпазир аз хатти ҷабҳа ба қаламрави бехатар таҳлия намуд. Таҳлияи асирони ҳарбӣ бояд дар шароитҳое анҷом дода шавад, ки ба шароитҳои барои неруҳои мусаллаҳи давлатӣ дар асорат нигоҳдоранда пешбинишуда баробар бошанд. Ҳуҷуми аҳолии мулкиро ба асирони ҳарбӣ пешгирӣ кардан лозим аст.

**IV. Шароити дар асорат нигоҳдорӣ**

Давлати асирони ҳарбиро дар асорат нигоҳдоранда бояд онҳоро дар лагерҳои асирони ҳарбӣ ҷойгир намояд.

• Лагери асирони ҳарбӣ бояд дар қаламрави бехатар, берун аз маҳалли амалиёти ҷангӣ ҷойгир шуда бошад.

Лагери асирони ҳарбӣ бояд бо ҳарфҳои «PW», ки аз ҳаво намоён бошанд, ишорат карда шавад. Лагер бояд ба шароитҳои камтарини беҳдоштиву назофатӣ ҷавобгӯ бошад.

• Асирони ҳарбӣ бояд мутобиқи миллаташон, анъанаҳояшон, забоне, ки бо он ҳарф мезананд, ҷойгир карда шаванд.

• Асирони ҳарбӣ бояд бо хӯроки кофӣ, либос ва хизматрасонии тиббӣ таъмин карда шаванд.

• Асирони ҳарбиро ба корҳое, ки хусусияти ҳарбӣ надоранд, ҷалб кардан мумкин аст.

**V. Интизом**

Интизом ба ду навъи гуногун тақсим карда шудааст. Асири ҳарбиро барои ҳамон як кирдор ё ҳамон як гуноҳ танҳо як маротиби ҷазо додан мумкин аст. Ҷазо бояд ҳамон тавре бошад, ки барои хизматчиёни ҳарбии давлатӣ дар асорат нигоҳдоранда пешбинӣ шудааст. Ба асири ҳарбӣ бояд ҳуқуқи ҳимоя дода шавад.

**Ҷазои интизомӣ**

Ҷазоро бояд сардори лагер ё яке аз афсарон, ки ӯ таъйин кардааст, диҳанд. Навъҳои ҷазо метавонанд инҳо бошанд:

**Ҷарима**

Агар асири ҳарбӣ аз давлати дар асорат нигоҳдоранда барои дар лагер кор карданаш музд гирад.

Кори маҷбурӣ (на бештар аз ду соат дар як рӯз).

Танҳо ҳабс кардан (на бештар аз 30 рӯз). Дар ҳама ҳолатҳо ҷазои интизомӣ бояд ғайриинсонӣ, бераҳмона ё барои саломатии асирони ҳарбӣ хатарнок набошад.

Посбонҳои лагери асирони ҳарбӣ дар ҳеҷ ҳолат ҳуқуқи мустақилона ҷазо доданро надоранд.

**Ҷазои ҳуқуқӣ**

Ҳангоми вайронкуниҳои ҷиддӣ таъйин карда мешавад. Асири ҳарбӣ бояд ба суд кашида шавад ва бо ҳамон тартибе, ки ба хизматчии давлатии дар асорат нигоҳдоранда ҷазо медиҳанд, муҷиби ҷазо мегардад.

Дар сурати ба асири ҳарбӣ баровардани ҳукми қатл, ҳадди ақал муҳлати на камтар аз шаш моҳ пештар давлатҳои ҳомиро хабардор кардан лозим аст.

**Аҳолии мулкӣ**

а) Шахсони мулкӣ қурбониҳои бегуноҳи низои мусаллаҳона ба шумор меравaнд. Бо онҳо бо ҳисси ҳамдардӣ ва боэҳтиромона муносибат

карда, нисбат ба онҳо муносибати дағалона, бераҳмона ё таҳқиромезро раво дидан лозим нест.

б) ҲНМ эътироф мекунад, ки дар аксари мавридҳо талафот дар байни шахсони мулкӣ ногузир аст. Вале уҳдадориҳои муайяне мавҷуданд, ки масъулияташон ба зиммаи фармондеҳии ҳарбӣ ва иҷрокунандаҳои қабули тадбирҳои махсус барои таъмини кам кардани талафот ва азобу шиканҷа дар байни аҳолии мулкӣ гузошта шудааст. Агар барои ин зарурат набошад, онҳо уҳдадоранд, ки амволи мулкиро вайрон ва хароб накунанд. Манъкуниҳои махсусе дар робита ба он мавҷуданд, ки аҳолии мулкӣ бояд ҳадафи ҳамлаҳо ё таъзир нагарданд.

в) Аҳолии мулкӣ бояд аз иштирок кардан дар амалиёти ҳарбӣ худдорӣ намояд.

г) Агар эҳтимоли талафот дар байни аҳолии мулкӣ мавҷуд бошад, ҲНМ огоҳкунии пешакиро дар бораи ҳамла талаб мекунад. Агар эҳтимоли талафот дар байни аҳолии мулкӣ камтар, ғайримутаносиб ё огоҳкунӣ иҷрои амалиёти ҳарбиро дар хатар гузорад ё бефоида неруҳои дӯстро ба хатар гирифтор намояд, чунин огоҳкунӣ тақозо карда намешавад. ҲНМ эътироф мекунад, ки баъзан дар бораи ногаҳонӣ ва зарурат, ҳангоми дуруст шуморидани талафоти тасодуфӣ ва мутаносиб дар байни аҳолии мулкӣ ба эътибор гирифта намешавад.

д) Ҳар гуна суиқасд ба номуси занҳо, аз он ҷумла таҷовуз ба номус, ба фоҳишагарӣ маҷбур намудан ё ҳар гуна навъҳои таҳқиркунӣ манъ аст.

е) Бачаҳо бояд махсус эҳтиром ва ҳимоя карда шаванд. Барои онҳо бояд ғамхорӣ ва ёрии зарурӣ таъмин карда шавад. Бачаҳои ба синни понздаҳсола нарасида, бояд мустақиман дар амалиёти ҳарбӣ иштирок накунанд. Онҳоро ба неруҳои мусаллаҳ шомил кардан мумкин нест.

ж) Рӯзноманигорони мулкӣ, ки бо сабаби вазифаи касбиашон ба минтақаи хатарноки низои мусаллаҳона афтодаанд, ба мисли шахсони мулкӣ аз ҳамин гуна вазъи ҳимоя бархӯрдоранд.

**Ҳуқуқи истило**

Ҳангоми истилои як давлат аз тарафи давлати дигар қоидаи истилои тарафҳои ҷангкунаида тадбиқ карда мешавад. ҲНМ низ аҳолии қаламрави истифодашударо танзим мекунад.

**Хизмати ҳарбӣ**

Давлати истилогар аҳолиро маҷбур карда наметавонад, ки дар неруҳои мусаллаҳи он хизмат намоянд. Ҳар гуна фишор ё таблиғ аз тарафи давлати истилогар дар робита ба ҷалби неруҳои душман ба сафҳои артиш манъ аст.

**Кор**

Давлати истилогар аҳолии мулки синнашон аз ҳаждаҳсола болоро барои кор кардан маҷбур карда метавонад. Вале кор бояд хусусияти

ҳарбӣ надошта бошад, масалан, кофтани хандақҳо ё бунёди истеҳкомҳо. Одамонро танҳо дар қаламрави истилошуда, на берун аз он ба кор маҷбур кардан мумкин аст. Коргарон бояд музди меҳнати муносиб гиранд ва кор бояд ба сарфи қувваи ҷисмонӣ ва интеллектуалӣ мутаносиб бошад.

**Хизматрасонии тиббӣ**

Давлати истилогар дар ҳамкорӣ бо ҳукумати қаламрави истилошуда бояд ба шахсони мулкӣ ёрирасонии тиббиро таъмин намояд ва нигоҳ дорад. Он инчунин уҳдадор аст, ки ба ҳолати тозагии қобили қабули аҳолӣ назорат намояд.

**Шахсони мулкии боздоштшуда**

Аз ҷониби давлатҳо ҳангоми ҷанг боздошт кардани аҳолии худашонро ҲНМ баррасӣ намекунад. Ин қоидаҳо дар ҳуқуқҳои байналмилалии инсон мавҷуданд, вале ҲНМ ҳангоми ҷанг масъалаҳои аҳолии боздоштшудаи душманро танзим мекунад. Муносибат бо шахсони боздоштшуда, бо муносибат бо асирони ҳарбӣ монанд аст. КБСС аз шахсони боздоштшуда дар лагерҳояшон боздид намуда, бо онҳо бе ҳузури шоҳидон суҳбати хос карда метавонад. Шахсони боздоштшуда бояд аз асирони ҳарбӣ ҷудо нигоҳ дошта шаванд.

## § 39. ҲУҚУҚИ НИЗОЪҲОИ МУСАЛЛАҲОНА ВА УСУЛҲОИ ҶАНГКУНӢ

Мутобиқи Ҳуқуқи Низоъҳои Мусаллаҳона шумо бо душман ҷангида ва ӯро мағлуб карда метавонед, вале баъзе амалҳое мавҷуданд, ки ҳангоми ҷанг манъ карда шудаанд ва ҷиноятҳои ҳарбӣ мебошанд. Мавзӯи мазкурро омӯхта, шумо ба он диққат диҳед, ки ҲНМ ба хизматчиёни ҳарбии касбӣ барои иҷрои супоришҳои ҷангӣ ёрӣ мерасонад ва муайян менамояд, ки чӣ гуна амалҳо ҳангоми ҷангкунӣ манъ карда шудаанд.

**1. Ҳилаҳои ҳарбӣ**

Ҳилаҳои ҳарбӣ ҳар гуна амалҳоеро ифода мекунанд, ки душманро гумроҳ, бесарусомон мекунад ё боиси шитобкорона амал намудани он мегарданд. Мисоли ҳилаҳои ҳарбӣ инҳо мебошанд: ниқобпӯш кардан, паҳн намудани хабарҳои дурӯғ, хабарҳои сохта, домҳо ва ғайра. Истифода бурдани ҳилаҳои ҳарбӣ манъ нест.

**2. Аҳдшиканӣ**

Аҳдшиканӣ ҳар гуна амалҳое ба шумор мераванд, ки душманро маҷбур мекунанд, то ба он бовар намояд, ки бо сабабҳои инсондӯстӣ ҳуҷум кардан ва ин далелро бо мақсадҳои дарёфти бартарияти ҷангӣ истифода бурдан мумкин нест. Намунаҳои аҳдшиканӣ инҳо мебошанд:

– ба хотири он истифода бурдани парчами сафед, ки душман худро ошкор намояд; худро маҷрӯҳ вонамуд кардан ба хотири он ки ба душмани барои ёрирасонӣ наздик омада оташ кушодан;

– кӯшиши худро шахси мулкӣ нишон додан. Аз ҷумла ғайриқонунӣ истифода бурдани аломатҳои муҳофизаткунандаи Салиби Сурх, Ҳилоли Аҳмар, Шер ва Хуршеди Сурх ва Булӯри Сурх барои ниқобпӯш намудани мавқеи ҷойгиршавии пулемёт (аслиҳа).

**3. Куштор**

Аз ҷониби умум эътироф шудааст, ки куштани шахси ғайринизомӣ аз кишвари душман вайронкунии Ҳуқуқи Низоъҳои Мусаллаҳона мебошад.

**4. Истифодабарии либосҳои расмии душман, давлати бетараф ё аломатҳои онҳо**

Истифодаи парчам ё аломатҳои ҳарбӣ, нишонҳои фарққкунанда ё либоси ҳарбии тарафи душман ҳангоми ҳуҷум ё истифодаи онҳо бо мақсади пинҳонкунӣ, ҷойгиркунӣ, ҳимоякунӣ ё монеъшавӣ барои гузаронидани амалиёти ҳарбӣ манъ аст. Ба ҷонибҳои дар низоъ ширкаткунанда истифодаи либоси ҳарбии давлати бетараф манъ аст.

**5. Раҳм кардан**

Додани фармони **«асир нагиред»** ё таҳдиди ҳамин амал ё гузаронидани амалиёти ҳарбӣ дар асоси принсипи **«асир нагиред»** манъ асг. Дар ҳолате, ки агар ҳангоми гузаронидани разведкаи на он қадар калон ё посбонӣ дар қаламрави душман асирони ҳарбӣ дастгир карда шаванд ва асирони ҳарбӣ бояд озод карда шаванд.

Ҳар шахсе, ки дар низои мусаллаҳона иштирок намекунад, инчунин, агар он дар дасти душман асир бошад ё хоҳиши возеҳи ба асорат таслимшавӣ дорад, ҳамчунин, агар беҳуш бошад, бояд ҳадафи ҲАМЛА қарор нагирад.

**6. Гуруснагӣ ва бенавоӣ**

Аҳолии мулкиро бо гуруснагӣ ҷазо додан, инро ҳамчун усули ҷангкунӣ истифода бурдан манъ аст. «Ҳадафи ҳамла қарор додан ё нобуд кардан, кашонида бурдан ё корношоям намудани иншооти барои зинда мондани аҳолӣ зарур, ба монанди: захираҳои хӯрокворӣ, минтақаҳои кишоварзӣ киштзорҳо; чорво; иншоот барои таъмини оби нӯшиданӣ ва захираҳои об, инчунин иншооти обёрикунӣ, махсус бо мақсади роҳ надодан барои истифодаи онҳо аз тарафи аҳолии мулкӣ ё тарафи душман ҳамчун воситаи нигоҳдории зинда мондан новобаста аз мақсадҳо хоҳ бо мақсади мубталои гуруснагӣ кардани аҳолии мулкӣ бошад, хоҳ барои тарки манзил намудани онҳо бошад ё бо ягон сабаби дигар манъ аст».

**7. Ҳимояи муҳити атроф**

Истифода бурдани усулҳо ва воситаҳои ҷангкунӣ, ки ба муҳити атроф харобиҳои тӯлонӣ, дар миқёси васеъ ва ҷиддӣ мерасонанд ва бо ҳамин боиси осебрасонӣ ба саломатӣ ё ҳаёти аҳолӣ мегарданд, манъ аст.

**8. Ҷосусӣ ва коршиканӣ**

Ҳуқуқи Низоъҳои Мусаллаҳона истифодаи ҷосусиро иҷозат медиҳад. Ҷосусӣ ҳамчун усули пинҳонӣ ҷамъ овардани маълумотро дар қаламрави душман ё минтақаи гузаронидани амалиёти ҷангӣ дар либоси шахсони мулкӣ ё намудҳои дигари ниқобпӯшкунӣ ифода карда метавонад. Ҷосусҳо дар ҳолати ба асорат афтодан таҳти эътибори қонунҳои тарафи онҳоро дастгиркарда қарор мегиранд, вале ба онҳо бояд имконият дода шавад, ки дар назди суд ҷавоб гӯянд. Ҷосусиро аз разведка, ки амалиёти ҳарбии муқаррарие мебошад, ки қисми ҳарбӣ ё ҳайати шахсӣ дар либоси низомӣ мегузаронанд, ҳатман фарқ кардан лозим аст. Дастаҳои разведкачиён дар ҳолати ба дасти душман асир афтодан, ба муносибат монанди асирони ҳарбӣ ҳуқуқ доранд, ҳатто агар дар қаламрави душман ҳам дастгир шуда бошанд. Коршиканӣ амалест, ки мутобиқи Ҳуқуқи Низоъҳои Мусаллаҳона иҷозат дода шудааст, ба шарте ки иншооту муассисаи коршиканӣ ҳарбӣ бошад. Коршиканҳо дар либоси низомӣ ба муносибат мисли асирони ҳарбӣ ҳуқуқ доранд. Коршиканиҳои дар бар либоси низомӣ надошта ё шахсони мулкӣ ба ҳимояи вазъи асири ҳарбӣ ҳуқуқ надоранд.

**9. Минтақаҳои мудофианашаванда**

Минтақаҳои мудофианашаванда ин маҳалҳои сукунати аҳолӣ ё минтақаҳои ноободе мебошанд, ки дар наздикии неруҳои мусаллаҳи душман ҷойгир шудаанд, минтақаҳое, ки ҷонибҳои ҷангкунандаи он маҳалҳоро барои аз тарафи душман истило кардан бе ягон муқовимат кушода мондаанд. Барои минтақаи мудофианашаванда ба шумор рафтан, бояд шартҳои зерин иҷро карда шаванд:

– неруҳои мусаллаҳ ва дигар ҷанговарон ба монанди аслиҳадорон ва шахсони мусаллаҳ бояд таҳлил карда ё бо ягон тарзи дигар безарар гардонида шаванд.

– ягон хел фаъолият барои дастгирии амалиётҳои ҳарбӣ анҷом дода нашавад.

**10. Минтақаҳои бесилоҳкардашуда**

Дар минтақаҳое, ки аз рӯйи созишнома минтақаҳои бесилоҳкардашуда эътироф шудаанд, гузаронидани амалиётҳои ҷангӣ манъ аст. Минтақаҳои бесилоҳкардашуда аз минтақаҳои мудофианашаванда бо он фарқ мекунанд, ки ин минтақаи махсусе аст, ки як артиш ишғол кардааст ва дар он амалиёти ҷангӣ гузаронида намешавад. Ин минтақаҳоро барои ҷойгир намудани бемористонҳо, лагерҳо барои гурезаҳо истифода бурдан мумкин аст ё онҳо қаламравҳое мебошанд, ки дар онҳо шумораи зиёди шахсони мулкӣ зиндагӣ мекунанд. Маҳалли ҷойгиршавии минтақаҳои бесилоҳкардашуда бояд муҳокима ва бо розигии дутарафаи ҷонибҳои дар низоъ ширкаткунанда таъйин карда шаванд.

**11. Муҳосира**

Командири неруҳои мусаллаҳи ҳуҷумкунанда бояд барои огоҳ кардани мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар бораи бомбаборонкунии ояндаи маҳалли муҳосирашуда ба истиснои ҳамлаи қатъӣ, тамоми тадбирҳои имконпазирро андешад. Барои ҳифз намудани иншооти дорои хусусиятҳои динӣ, санъат, илм ва хайрия, бемористонҳо ва маҳалҳои нигоҳдории беморон ва маҷрӯҳон бояд то андозаи имконпазир тамоми тадбирҳои заруриро андешанд, ба он шарте ки онҳо ба мақсадҳои ҳарбӣ хизмат накунанд. Аҳолии муҳосирашуда бояд бо аломатҳои возеҳ намоён биноҳо ё маҳалҳоеро, ки ҳатман ҳимоя кардан лозим аст, ишора намоянд ва бояд неруҳои ҳамлакунандаро дар бораи ин аломатҳо огоҳ намоянд.

Ба кормандони дипломатӣ ва консулии давлати бетараф, вақте ки онҳо қабл аз оғози амалиётҳои ҷангӣ қаламрави муҳосирашударо тарк карданӣ мешаванд, ягон хел монеа ба миён овардан мумкин нест.

Қоидае мавҷуд нест, то командирро маҷбур намояд ба нафароне, ки ҷанговар нестанд, иҷозат диҳад қаламрави муҳосирашударо тарк намоянд, ба истиснои мавридҳое, ки дар боло зикр шудаанд. Шахсоне, ки бе иҷозат кӯшиши қаламравро тарк намудан мекунанд, гирифтори тирпарронӣ мешаванд ва онҳоро бозмегардонанд ва боздошт менамоянд.

**12. Парашутчиён**

Ҳайати ҳавопаймоии ба садама дучоршуда, ки бо парашут худро наҷот дода, ба замин фаромада истодааст, дар лаҳзаи то ба замин фуромадан, бояд ҳадафи ҳамла қарор нагирад.

**13. Парчами сафед**

Истифодаи парчами сафед ишора ба нияти қатъ намудани амалиётҳои ҳарбӣ мебошад. Ин ҳатман ба он ишора намекунад, ки шахси мазкур мехоҳад таслим шавад. Сабабҳои зиёде мавҷуданд, ки шахс мехоҳад амалиётҳои ҷангиро қатъ намояд. Масалан, барои аз майдони муҳориба баровардани маҷрӯҳон ва дафни ҳалокшудагон.

Вақте командир ё сарбоз парчами сафедро мебинанд, бояд ин тавр рафтор намоянд:

– тирпаррониро ба тарафи маҳалле, ки дар он парчами сафед афрохта шудааст, қатъ намоянд;

– ба он нафаре, ки парчами сафед дорад, амр кунед, ки ба назди шумо омада худро муаррифӣ намояд ва фаҳмонад, ки ба кадом мақсад ва сабаб парчами сафедро бардоштааст;

– ё командир ба разведкачиён амр диҳад, ки пеш рафта сабаби бардоштани парчами сафедро бифаҳманд.

Ба тарафи шахсе, ки парчами сафедро бардоштааст ё маҳалле, ки дар он парчами сафед афрохта шудааст, қасдан тир паррондан ҳамчун ҷинояти ҳарбӣ баррасӣ карда мешавад. Ва баръакс, истифода бурдани

парчами сафед барои ҷамъоварии маълумоти разведка ё пардапӯшонии дигар амалиёти ҳарбӣ низ ҷинояти ҳарбӣ мебошад.

**14.Амволи аҳолии мулкӣ**

Нобуд ё мусодира кардани амволи шахсони мулкӣ, новобаста аз он ки ин амвол ба шахсони хусусӣ ё давлат тааллуқ дорад, манъ аст, ба истиснои ҳолатҳои зарурати ҳарбӣ. Ғоратгарӣ, зӯран аз они худ намудани амволи шахсони хусусӣ манъ аст.

## § 40. АСЛИҲА

• Ҳангоми ҳар гуна низои мусаллаҳона ҳуқуқи тарафҳои ҷангкунанда дар интихоби воситаҳои ҷангкунӣ номаҳдуд нест.

• Истифодаи аслиҳа, тиру тӯпҳо, воситаҳо ва усулҳои ҷангкунӣ, ки боиси маҷрӯҳшавӣ ё азобу шиканҷаи аз ҳад зиёд мегарданд, манъ аст.

• Истифода бурдани усулҳо ва воситаҳои ҷангкунӣ, ки барои дар миқёси калон, ба муддати тӯлонӣ ва харобкунии ҷиддии муҳити табиат равона карда шудаанд ё боиси ин мусибатҳо мешаванд, манъ аст.

• Истифодаи аслиҳае, ки ба иншооти ҳарбӣ равона карда нашудааст ё таъсири зарбаи он ҳадду ҳудуд надорад, манъ аст.

**Аслиҳаи манъкардашуда**

• Аслиҳае, ки истифодаи он маҳдуд карда шудааст ва бояд танзим карда шавад.

**1. Аслиҳаи кимиёӣ (химиявӣ).** Ҳангоми ҷанг истифода бурдани газҳои заҳролудкунанда ва намудҳои дигари он ва моеъҳои заҳролудкунанда манъ аст. Инчунин, манбаъҳои оби ошомиданӣ ва анборҳои маводди ғизоиро заҳролуд намудан манъ аст. Муоҳада дар бораи истифодаи аслиҳаи химиявӣ аз соли 1993 давлатҳои ин созишнома имзонамударо уҳдадор менамояд, ки истеҳсол, кашонидан, истифода бурдани аслиҳаи химиявиро ғайриқонунӣ эътироф намоянд ва захираҳои онҳоро нобуд бикунанд.

**2. Аслиҳаи бактериологӣ.** Истифодаи аслиҳаи бактериологӣ манъ аст.

**3. Заҳрҳо.** Бо сабаби доштани таъсири беҳадафи эҳтимолӣ истифодаи заҳрҳо ва аслиҳаи заҳролудкунанда манъ аст.

**4. Тирҳои «дум-дум».** Истифодаи тирҳои «дум-дум», ки захмҳои дардовар мерасонанд, манъ аст. Ба ҳар як сарбози касбӣ сохти аслиҳаи худро тағйир додан манъ аст.

**5. Тирҳои тарканда.** Истифодаи тирҳои таркандаи тӯпҳое, ки вазнашон то 400 г аст, манъ мебошад.

Аслиҳае, ки истифодабарии он мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ манъ, танзим ё маҳдуд карда мешавад.

Як қатор шартномаҳои байналмилалие мавҷуданд, ки истифодаи навъҳои муайяни аслиҳаро танзим мекунанд.

**1. Аслиҳаи ҳастаӣ (ядроӣ).** Истифодаи аслиҳаи ҳастаӣ мутобиқи қоидаҳои асосие танзим мешавад, ки ба хелҳои гуногуни аслиҳаи ҳастаӣ татбиқ карда мешаванд. Якчанд навъи шартномаҳои байналмилалӣ ва дутарафа мавҷуданд, ки истеҳсоли аслиҳаи ҳастаиро танзим мекунанд. Давлатҳои Осиёи Марказӣ минтақаи худро минтақаи аз аслиҳаи ҳастаӣ озод эълон намудаанд.

**2. Аслиҳаи оташангез.** Истифодаи аслиҳаи оташангез ва аслиҳае, ки барои бо аланга ё ҳарорати баланд таъсир расонидан сохта шудаанд (масалан: напалмҳо).

Ин аслиҳа бояд ба муқобили шахсони мулкӣ ё иншооти ҳарбӣ, ки дар паҳлуи маҳалҳои аҳолинишин ҷойгиранд, истифода нашавад.

Аслиҳаи оташангезро бар зидди ҷанговарон ва иншооти ҳарбӣ истифода бурдан мумкин аст.

**3. Пораҳои тирҳои ошкорнашаванда.** Протоколи I Муоҳадаи СММ дар бораи аслиҳаи муқарраpӣ аз с. 1980 истифодаи аслиҳаеро, ки дар бадани инсон пораҳои тирҳои онро бо нурҳои рентгенӣ ошкор кардан номумкин аст, манъ мекунад. Чунин пораҳои тирҳо ба инсонҳо азобу шиканҷаи зиёд меоваранд ва онҳоро аз бадани шахси маҷрӯҳ гирифтан имконнопазир аст.

**4. Аслиҳаи нобинокунанда.** Протоколи IV Муоҳадаи СММ дар бораи аслиҳаи муқаррарӣ аз соли 1997 истифодабарӣ ва ба кишварҳои дигар кашонидани аслиҳаи лазериро, ки инсонро доимӣ нобино мекунад, манъ кардааст.

**5. Минаҳо.** Дар тамоми минтақаҳои низоъҳои замони муосир миқдори зиёди минаҳои зиддипиёдагард ҳамчун масъалаи асосӣ барои аҳолии мулкӣ эътироф карда шуд. Аз соли 1980 ба ин тараф ҷомеаи байналмилалӣ бо мақсади танзим ё манъ намудани истифодабарии минаҳо, мина-домҳо ва минаҳои зиддипиёдагард шартномаҳои гуногунро дар амал ҷорӣ намуда истодаанд.

• Беҳадаф истифода бурдани минаҳо ва мина-домҳо манъ аст.

• Бояд барои ҳимояи шахсони мулкӣ аз маҷрӯҳшавӣ тамоми тадбирҳои имконпазири эҳтиётӣ андешида шаванд.

• Дар шаҳрҳо ва деҳот минаҳо ва мина-домҳоро танҳо ба муқобили иншооти ҳарбӣ истифода бурдан мумкин аст.

• Майдони минадор бояд бо аломатҳои махсус ишора карда шавад.

Барои истифода бурдани мина-домҳо маҳдудияти муайян мавҷуд аст. Дар ҳама ҳолатҳо истифода бурдани мина-домҳо ва дигар таҷҳизоте манъ аст, ки бо ягон тарз ҳамроҳ аст ё пайваст карда шудааст бо:

• аломатҳои аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ эътирофшуда, аломат ё сигнал (ба монанди Салиби Сурх ё Ҳилоли Аҳмар, Булӯри Сурх);

• беморон ва ҷасади одамони ҳалокшуда;

• ҷойҳои дафн, сӯзонидани ҷасад ё қабрҳо;

• воҳидҳои тиббӣ, таҷҳизоти тиббӣ, асбобу ашё ё нақлиёти тиббӣ;

• бозичаҳои бачаҳо, ашё, либос ва ашёе, ки барои омӯзонидани бачаҳо пешбинӣ шудаанд, хӯрокворӣ ва нӯшобаҳо, ашё ва таҷҳизоти ошхона, ашёи дорои хусусиятҳои динӣ;

• ёдгориҳои таърихӣ, асарҳои санъат, ки арзиши фарҳангӣ ва таърихӣ доранд;

• ҳайвонот ва хӯсаҳои онҳо.

Истифода бурдани мина-домҳо ё дигар таҷҳизоте манъ аст, ки аз рӯйи шаклашон, намудашон ба ашёи сайёри бехатар шабоҳат доранд ва ҳангоми наздикшавии инсон ё расидан ба он метарканд.

Моҳи декабри соли 1997 беш аз 100 давлат шартномаи байналмилалиеро имзо намуданд, ки мутобиқи ин шартнома онҳо комилан истифодаи минаҳои зиддипиёдагардро дар неруҳои мусаллаҳи худ ғайриқонунӣ мешуморанд. Давлатҳои имзонамуда ҳамчунин уҳдадор мешаванд, ки минаҳои зиддипиёдагарди дар анборҳояшон бударо нобуд бикунанд ва истеҳсоли онро манъ намоянд. Ин муоҳадаи байналмилалиро инчунин Шартномаи Оттава меноманд.

Шартномаи Оттава масъалаи истифодаи минаҳои зидди воситаҳои нақлиёт ва минаҳои зиддитанкиро баррасӣ намекунад.

**6. Аслиҳаи аз душман гирифташуда.** Аслиҳаи аз душман гирифташуда ғанимати ҳарбӣ мебошад ва аз тарафи ишғолгар метавонад истифода бурда шавад.

Қабл аз истифода бурдани аслиҳа ва таҷҳизоти аз душман ғаниматгирифта, ҳатман аломатҳо ва нишонаҳои душманро гирифта, ба ҷояш аломатҳои худро гузоштан лозим аст.

**7. Қоидаҳои ҷанг.** Ин қоидаҳое мебошанд, ки командир бояд ба тобеони худ фаҳмонад, маҳз дар кадом ҳолатҳо қувваро истифода бурдан мумкин аст. Баъзан ду сатҳи қоидаҳо шуданаш мумкин аст: сатҳи аввал барои командирон ва сатҳи дуюм барои хизматчиёни ҳарбии қаторӣ.

• Қоидаҳои ҳамла ба таври анъанавӣ ҳангоми иҷрои амалиёти посдори сулҳ истифода бурда мешаванд, ки дар онҳо аслиҳаи марговарро танҳо дар ҳолатҳои ниҳоӣ истифода мебаранд.

• Қоидаҳои ҳамла барои ба иҷрои супоришҳои ҳарбӣ комёб шудан ва инчунин, барои неруҳои мусаллаҳи ҳайати қаторӣ махсус таҳия карда шудаанд, то ки дар вуҷуди онҳо нисбат ба он ки онҳо то чӣ андоза қувваро истифода бурда метавонанд, шубҳа пайдо нашавад.

• Қоидаҳои ҷангкунӣ бояд ба ҲНМ мутобиқ бошанд.

• Барои самараноктар шудани қоидаҳои ҷангкунӣ онҳо бояд дорои хусусиятҳои зерин бошанд:

• Ҳамаро дарбаргиранда. Бояд тамоми вазъиятҳое баррасӣ карда шаванд, ки дар онҳо сарбоз ҳангоми иҷрои супориши ҷангӣ афтоданаш мумкин аст.

• Мулоҳизакорӣ. Қоидаҳо бояд иҷрошаванда бошанд. Бояд ҳаёти сарбоз ҳангоми иҷрои қоидаҳое, ки мудофиакунӣ ва мудофиаи инсон ё қаламраверо манъ мекунанд ва амр карда шудааст ва онҳоро муҳофизат кунанд, муҷиби хатар нашавад.

• Фаҳмо будан. Онҳо бояд сода ва фаҳмо навишта шаванд.

• Дастури мухтасар. Бояд дастур мухтасар ва аз рӯйи моҳияти масъала бошад. Қоидаҳои барои сарбозон пешбинишуда бояд мисли дафтарчаи хурд чоп карда шаванд ва онро сарбоз дар ҷайбаш гирифта гашта тавонад.

• Паҳнкунӣ. Ҳар як афсар ва сарбоз бояд қоидаҳоро дар сатҳи барои худ кофӣ бидонад.

• Ба вазъият баҳо диҳанд ва муайян намоянд, ки оё таҳдид марговар аст ё марговар нест.

• Сарбозон набояд ба тарафи маҷрӯҳон тир парронанд, дар ҳолате ки ба сарбозон хатар таҳдид мекунад, онҳо бояд аслиҳаро истифода бурда, фавран ва самарабахш ба ин диққат диҳанд. Ба сарбозон барои бартараф намудани таҳдид истифода бурдани аслиҳа иҷозат дода шудааст. Барои тирпарронии силсиладор маҳдудият мавҷуд нест.

• Ҳангоми тайёрӣ барои омӯзиши қоидаҳои ҷангкунӣ ба масъалаи муносибати боэҳтиромона бо аҳолии маҳаллӣ диққати махсус додан лозим аст. Ҳатман масъалаи ҷавобгарии шахсии сарбозро барои амалҳояш ба тафсил баррасӣ намудан лозим аст.

Сарбозонро қабл аз иҷрои супориши ҷангӣ дар шароитҳои ба таври сунъӣ бунёднамуда тайёр кардан лозим аст.

## § 41. ҲАДАФҲОИ ҲАРБӢ

Принсипҳои ҲНМ дар бораи зарурати ҳарбӣ, инсондӯстӣ, принсипи маҳдудият ва мутаносибӣ ҳадафи ҳарбиро муайян мекунанд.

Гузаронидани амалиёти ҳамлакунӣ: **Қоидаи 1.** Ҳамла бояд танҳо ба тарафи иншооти ҳарбӣ равона карда шавад. Ҳамла бояд ба тарафи иншоот ва шахсони аз мақоми ҳимоя бархӯрдор равона карда нашавад. Намунаҳои иншооти ҳарбӣ: Пойгоҳҳои ҳарбӣ, анборҳо, захираҳои сӯзишворӣ, бандарҳо, майдонҳои ҳавоӣ, ҳавопаймоҳои ҳарбӣ, аслиҳа, таҷҳизот, биноҳо ва иншооте, ки дасгирии маъмурии амалиёти ҳарбиро таъмин менамоянд ва дигар иншооте, ки дар амалиёти ҳарбӣ истифода мешаванд. Ба киштиҳои мулкӣ, воситаҳои наклиёт ва биноҳо ҳамла кардан мумкин аст, агар онҳо ҷанговарон ё таҷҳизоти ҳарбиро кашонанд. Ба ҳар гуна иншооте, ки бо мақсадҳои ҳарбӣ

истифода бурда мешаванд ва вазъи мулкӣ надоранд, ҳамла кардан мумкин аст ба шарте, ки харобиҳои иловагӣ аз ҳад зиёд нашаванд. **Қоидаи 2.** Принсипи мутаносибӣ бояд мунтазам истифода бурда шавад. Барои бомуваффақият ишғол намудани иншооти ҳарбии душман бояд разведкаи ҳаматарафа анҷом дода шавад. **Қоидаи 3.** Аҳолии мулкӣ ва шаҳрвандони алоҳида бояд ҳадафи ҳамла нашаванд. Ҳар гуна амалҳое, ки мақсадашон тарсу ваҳм андохтан дар байни аҳолии мулкӣ мебошад, манъ аст. Ҳамла кардан ба иншооте манъ аст, ки барои зинда мондани аҳолии мулкӣ заруранд, ба монанди: манбаъҳои об, захираҳои хӯрокворӣ, истгоҳҳои баркӣ. **Қоидаи 4.** Ҳамлаи бе интихоби ҳадаф манъ аст.

Ҳамлаи бе интихоби ҳадаф ба шумор меравад:

- ҳамлае, ки ба иншооти махсуси ҳарбӣ равона карда нашудааст;
- ҳамлае, ки дар он усулҳо ё воситаҳои ҷангкуниеро истифода мебаранд, ки онҳоро ба иншооти муайяни ҳарбӣ равона кардан номумкин аст.

Намунаҳои ҳамлаи ба ҳадаф равона накарда инҳоянд:

Бомбаборонкунии тамоми шаҳр бо сабаби он ки дар он лагери ҳарбӣ ҷойгир аст. Қоидаҳои манъ кардани бомбаборонкунии лагери ҳарбӣ вуҷуд надорад, вале шаҳреро, ки атрофи лагерро иҳота намудааст, нобуд кардан манъ аст. **Қоидаи 5.** Бемористонҳо ва муассисаҳои тиббӣ мақоми ҳимояро доранд. Бемористонҳо, ҳавопаймоҳое, ки маҷрӯҳонро интиқол медиҳанд, мақоми ҳимоя аз ҳамларо доро ҳастанд, ба шарте ки онҳо танҳо бо мақсадҳои тиббӣ ва инсондустӣ истифода шаванд. Чунин муассисаҳо бояд бо аломатҳои фарқкунандаи Салиби Сурх ё Ҳилоли Аҳмар ишора карда шаванд. **Қоидаи 6.** Ҳайати кормандони тиббӣ бояд ҳадафи ҳамла нашавад. Чунин ҳайати кормандон бояд дар либосҳои худ аломатҳои Салиби Сурх ё Ҳилоли Аҳмарро тасвир намоянд. Онҳо бояд бо худ ҳуҷҷатҳое дошта бошанд, ки мансубияти онҳоро ба ҳайати кормандони тиббӣ тасдиқ намоянд. **Қоидаи 7.** Ҳайати кормандони рӯҳонӣ, ки вазифаҳои худро иҷро мекунанд, бояд ҳадафи ҳамла нашаванд. Масалан, ба шахси рӯҳонӣ, ки маросими диниро дар болои ҷасади шахси ҳалокшуда анҷом медиҳад, ҳамла кардан манъ аст. **Қоидаи 8.** Ба ҳамаи беморон ва маҷрӯҳон, ҳам ҳарбиён ва ҳам нафарони мулкӣ, ҳамла кардан манъ аст, вале агар сарбозони маҷрӯҳи душман тирпаррониро идома диҳанд, он гоҳ онҳо вазъи ҳимояро аз даст медиҳанд. Масалан, сарбози маҷрӯҳи душман ба даст аслиҳа гирифта, аз ҷое, ки қарор дорад, оташ мекушояд. Ӯ мақоми ҳимояро, ки ба он маҷрӯҳ ҳуқуқ дорад, аз даст медиҳад ва ҳадафи қонунӣ мегардад. Вале агар сарбози маҷрӯҳ бо худ аслиҳа дошта бошаду аз он истифода набарад, ӯ мақоми ҳимояро аз даст намедиҳад, ба шарте ки барои аслиҳаро бар зидди душман истифода

бурдан кӯшиш накунад. **Қоидаи 9.** Иншооте, ки дорои неруҳои хатарнок ҳастанд (истгоҳҳои барқии атомӣ, оббандҳо ва сарбандҳо), бояд ҳадафи ҳамла қарор нагиранд, ба истиснои ҳолатҳои таҳдиди ҷиддии ҳарбӣ. Дар чунин мавридҳо, қабл аз оғози ҳамла, ҳатман аз сардорони боломақом иҷозат гирифтан лозим аст.

Масалан, командири полк ошкор намуд, ки душман тӯпро дар болои сарбанди обанборе, ки ба самти роҳи муҳим дар ин қаламрав мебарояд, ҷойгир карда, эшелони дуюмро муҳосира намуд. Агар ӯ илоҷи дигаре пайдо накунад, командир танҳо пас аз гирифтани иҷозати махсус аз сардори боломақом метавонад ба тарафи тӯпҳо оташ кушояд. Дар ин маврид командири полк бояд кӯшиш намояд, ки сарбандро хароб накунад. **Қоидаи 10.** Биноҳое, ки арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва динӣ доранд, бояд ҳадафи ҳамла қарор нагиранд. Агар душман ин биноҳоро ишғол карда бошад, қабл аз ба ҳуҷум шурӯъ намудан, ҳатман супориши сардорро гирифтан лозим аст. Мисол, дастаро, ки аз миёни деҳа ҳаракат мекард, аз боми бинои масҷиди кухна бо аслиҳаи мергaнӣ тирборон карданд. Усули ягонаи нобуд кардани мерган ин бо гранатомёт зарба задан мебошад. Дар ин вазъият командири даста бояд қабл аз ҳамла кардан аз командири рота иҷозат гирад. **Қоидаи 11.** Душмане, ки дар муҳосира аст ва муқовимат намекунад, бояд ҳадафи ҳамла қарор нагирад. Додани фармони «Асир нагиред!» ҷинояти ҷиддии ҳарбӣ мебошад. **Қоидаи 12.** Минтақаҳои мудофианашаванда ё минтақаҳои бетараф бояд ҳадафи ҳамла қарор нагиранд. Маҳалҳои мудофианашаванда минтақаҳое мебошанд, ки дар онҳо неруҳои мусаллаҳ боқӣ намондаанд, инчунин, қаламравҳое ҳастанд, ки ба мақсадҳои ҳарбӣ истифода бурда намешаванд. Мисол, ҳангоми амалиёти мусаллаҳона командир бояд минтақаҳои муайянро бетараф эълон намояд, то ки дар он маҳалҳо аҳолии мулкӣ ё беморхонаро ҷойгир кардан мумкин бошад. Душман бояд тавассути миёнаравҳо ё тавассути музокираҳои мустақим дар бораи маҳалли ҷойгиршавии ин минтақаҳо хабардор карда шавад. Ҳангоми низоъ дар ҷазираҳои Малвин (Фолкленд) дар баҳр минтақаи бетараф бунёд карда буданд, ки дар он киштиҳои тиббиро ҷойгир карданд ва ин киштиҳо дар маҳалли бехатар кор мекарданд. **Қоидаи 13.** Ҳайати шахсии мудофиаи шаҳрвандӣ бояд ҳадафи ҳамла қарор нагирад ва ба он имкон дода шавад, ки вазифаҳои худро анҷом диҳад. Кормандони мудофиаи шаҳрвандӣ шахсоне мебошанд, ки вазифаҳои инсондӯстона, на вазифаҳои ҳарбиро иҷро мекунанд. Сӯхторхомӯшкунакҳо, сапёрҳо, дастаҳои ҷустуҷӯкунанда ва наҷотдиҳанда ҳамин гуна мақом (статус) доранд. Мудофиаи шаҳрвандӣ бояд бо аломатҳои дахлдор возеҳ ишора карда шавад. **Қоидаи 14.** Ба тарафи қӯшунҳои десантӣ ҳангоми фурудоӣ тир парронидан

мумкин аст, аммо ба лётчикҳо ва ҳайати экипажи ҳавопаймоии аз зарбаи аслиҳа ба садама дучоршуда, ки бо парашут поён мефуроянд, ҳамла кардан мумкин нест. Қўшунҳои десантӣ, ки дар маҳал бо мақсади гузаронидани амалиётҳои ҷангӣ фуромаданӣ ҳастанд, ҳангоми ба поён фуромадан, ҳадафи қонунӣ мебошанд. Ба ҳайати шахсии душман, ки ҳавопаймои ба садама дучоршударо тарк мекунад, имконият додан зарур аст, ба асирӣ таслим шавад. **Қоидаи 15.** Қосидоне, ки парчами сафед доранд, бояд ҳадафи ҳамла нашаванд, вале парчами сафед, ҳамчун рамзи нияти музокира кардан, ҳатман маънои хоҳиши ба асирӣ таслим шуданро надорад. Парчами сафедро бо эҳтиёткории зиёд бурдан лозим аст, махсусан, агар мавқеи ҳамсояи душман аз парчами сафед, ки ба назари ҳамхизматони онҳо намоён аст, огоҳ набошад. Ҳангоми низоъ дар ҷазираҳои Малвин (Фолкленд) афсар ва ду сарбози пиёдагарди флоти баҳрии Шоҳигари Британия ба мавқеи аргентиниҳо, ки парчами сафедро бардошта буданд, наздик омаданд, аммо аз мавқеи дигари аргентиниҳо ба тарафи гурўҳи сарбозони пиёдагарди баҳрӣ оташ кушоданд ва ҳамаи се нафарро куштанд. Ҳангоми таҳқиқот, оё аргентиниҳо ҷинояти ҳарбӣ содир намуданд ё не, исбот карда шуд, ки онҳо дарк накарданд, ки як нафар аз мавқеи худи онҳо парчами сафед бардоштааст ва воқеан гумон карданд, ки сарбозони пиёдагарди баҳрӣ ба мавқеи онҳо ҳуҷум кардаанд. **Тадбирҳои эҳтиётӣ ҳангоми амалиёти ҳуҷумкунӣ:** ба хотири роҳ надодан ба харобкориҳои нодаркор ва ҳодисаҳои нохуш бояд ҳангоми банақшагирии ҳамла тадбирҳои эҳтиёткорӣ андешида шаванд. Командир бояд аз рўйи имконият:

• қабл аз ҳамла маълумоти зарурии разведкаро ҷамъ оварад;

• дар маҳалҳои аҳолинишин ва наздикиҳои онҳо ба интихоби ҳадаф роҳ надиҳад;

• аҳолии мулкиро аз минтақаҳои амалиётҳои ҷангӣ таҳлия (эвакуатсия) намояд, агар вазъият имконият диҳад, аҳолиро пешакӣ дар бораи бомбаборонкунӣ огоҳ намояд;

• назорат намояд, ки чӣ гуна аслиҳа истифода мешавад. Ин амал ба хотири он анҷом дода мешавад, ки ба иншооти мулкӣ харобиҳои аз ҳад зиёд расонида нашавад.

# БОБИ VI
# ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚӢ
## § 42. ОИННОМАҲО

Қувваҳои Мусаллаҳи (ҚМ) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи 4 Оинinfoнома амал мекунанд:

– Оинномаи интизомии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Оинномаи сафороии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Оинномаи хизмати дохилии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Оинномаи хизмати гарнизонӣ ва посбонии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Оинномаи интизомии ҚМ Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар асоси фармони вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июли соли 2000-ум ба амал ҷорӣ карда шуд.

Оинномаи мазкур моҳияти интизоми ҳарбӣ, уҳдадориҳои хизматчиёни ҳарбиро оид ба риояи он, навъҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазои интизомӣ, ҳуқуқҳои командирон (сардорон) оид ба истифодаи онҳо, инчунин, тартиби пешниҳод ва баррасии арзу шикоятро муайян менамояд.

**Оинномаи сафороии ҚМ Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар асоси фармони вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми сентябри соли 2001 ба амал ҷорӣ карда шуд. Ин оиннома тарзу ҳаракатҳои машқи саф ва ҳаракати бе силоҳ ва бо силоҳ; сафороии ҷузъу томҳоро ҳангоми ҳаракати пиёда ва бо мошинҳо; тартиб додани саломи ҳарбӣ, гузаронидани муоинаи саф; мавқеи Парчами ҷангӣ дар саф, тартиби баровардан ва бурдани он; вазифаҳои хизматчиёни ҳарбӣ пеш аз сафороӣ ва дар саф, талабот нисбат ба таълими сафороии онҳо, инчунин, тарзҳои ҳаракати хизматчиёни ҳарбиро дар майдони ҷанг ва амали онҳоро дар ҳолати ҳамлаи ногаҳонии душман муайян менамояд.

Амали оиннома нисбат ба хизматчиёни ҳарбии ҚМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳое, ки тибқи қонун дар онҳо хизмати ҳарбӣ пешбинӣ гардидааст, татбиқ карда мешавад.

**Оинномаи хизмати дохилии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар асоси фармони вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2001 ба амал ҷорӣ карда шуд. Оинномаи мазкур ҳуқуқ ва уҳдадориҳои умумии хизматчиёни ҳарбии ҚМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муносибати байниҳамдигарии онҳо, вазифаҳои ашхоси асосии мансабдори полк (баталиони алоҳида) ва ҷузъу томҳои он, инчунин қоидаҳои тартиботи дохилиро муайян мекунад.

Оинномаи хизмати дохилиро ҳамаи хизматчиёни ҳарбии қисмҳои ҳарбӣ, ситодҳо, раёсатҳо, муассисаҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо ва

муассисаҳои таълими ҳарбии маълумоти касбии ҚМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дастури амал қарор медиҳанд.

Муқаррароти оинномаи мазкур, аз ҷумла вазифаҳои ашхоси мансабдори полк (баталиони алоҳида) ва ҷузъу томҳои он ба дараҷаи баробар ба хизматчиёни ҳарбии ҳамаи қисмҳои ҳарбӣ ва ҷузъу томҳо дахл дорад.

Амали оинннома нисбат ба хизматчиёни ҳарбии ҚМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳое, ки тибқи қонун дар онҳо хизмати ҳарбӣ пешбинӣ гардидааст, татбиқ карда мешавад.

**Оинномаи хизмати гарнизонӣ ва посбонии ҚМ Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар асоси фармони вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми апрели соли 2002 ба амал ҷорӣ карда шуд. Ин оиннома ташкил ва тартиби адои хизмати гарнизонию посбонӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои ашхоси мансабдори гарнизон ва хизматчиёни ҳарбиеро, ки хизматро адо менамоянд, муайян ва тартиби гузаронидани чорабиниҳои гарнизониро бо иштироки қӯшунҳо танзим менамояд.

Ин оинномаро хизматчиёни ҳарбии қисмҳои ҳарбӣ, ситодҳо, раёсатҳо, муассисаҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои таълими ҳарбии маълумоти касбии ҚМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дастури амал қарор медиҳанд.

Амали оинномаи мазкур нисбати хизматчиёни ҳарбии ҚМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳое, ки тибқи қонун дар онҳо хизмати ҳарбӣ пешбинӣ гардидааст, татбиқ карда мешавад.

## § 43. ХИЗМАТИ ПОСБОНӢ

Барои хуб муҳофизат намудани объектҳои ҳарбӣ ва давлатӣ хизмати посбонӣ таъйин карда мешавад;

– хизмати посбонӣ иҷрои супориши ҷангӣ буда, аз ҳайати шахсӣ иҷрои дурусти ҳамаи муқаррароти ҳамин оиннома – Оинномаи хизмати гарнизонӣ ва посбонии ҚМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳушёрӣ, ҷасорат ва ташаббускориро талаб мекунад.

Вайронкунандагони талаботи хизмати посбонӣ ба ҷавобгарии интизомӣ ё ҷиноӣ кашида мешаванд.

Барои иҷрои хизмати посбонӣ таълим дода мешаванд.

Воҳиди мусаллаҳеро посбонӣ меноманд, ки барои иҷрои супориши ҷангӣ оид ба ҳифз ва ҳимояи парчамҳои ҷангӣ, объектҳои ҳарбӣ ва давлатӣ, ҳамчунин ашхоси дар маҳбаси ҳарбӣ (гаупвахта) ва баталиони интизомӣ буда таъйин шудааст.

Хизмати посбонӣ ва дохила аз тарафи командирон (сардорон)-и ситодҳо дар асоси дастурамал ва талаботи оинномаҳои умумиҳарбӣ, инчунин фармонҳо ва директиваҳои вазири мудофиаи Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва сардори Ситоди генералии ҚМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешавад.

Бо мақсади ворид нашудани шахсони бегона ба ҳудуди посбонхона девори гирду атрофи посбонхона бо симхор ва тирезаҳои он бо панҷараҳои оҳанин ва тӯри зидди норинҷак ҷиҳозонида мешавад.

Ҳуҷраҳои посбонхона мувофиқи бандҳои 100, 103-и оинномаи хизмати гарнизонӣ ва посбонии ҚМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳозонида мешавад.

Ҳамаи иншооти муҳофизатшаванда ва дидбонгоҳҳо бояд бо воситаҳои равшандиҳӣ таъмин буда, равшан бошанд.

Ҳамаи тирезаҳои қисми навбатдории қисмҳои ҳарбӣ, паркҳо, пунктҳои назоратӣ ва рухсатӣ бо панҷара ҷиҳозонида шуда, ба дарҳо ҳалқаи (запор) мустаҳкам гузошта мешавад. Ҳангоми рӯй додани ҳолатҳои фавқулода ё ҳуҷуми ногаҳонӣ ба қисми навбатдорӣ, ба парк ё ба пункти гузаргоҳи назоратӣ барои огоҳонидани посбонон ҳамаи воситаҳои алоқаро ҷиҳозонидан зарур аст.

Ҳар моҳ ҳолати посбонхона, маҳбасхона, иншооти муҳофизатшаванда, дидбонгоҳ ва ҷойҳои пеш бурдани хизмати наряди шабонарӯзӣ санҷида мешавад.

Доимо такмил додани назорат аз болои шахсоне, ки хизмати навбатдории шабонарӯзӣ мебаранд:

– барои пешбарии хизмати посбонӣ ва дохилӣ бояд шароитҳои пешбурди хизматӣ мувофиқи талаботҳои оинномаҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда мешавад.

Тайёр кардани ҳайати шахсии посбонон барои бурдани хизмат дар 3 марҳала гузаронида мешавад:

якум, ду рӯз пеш аз дохил шудан ба посбонӣ интихоб ва тақсимоти хизматчиёни ҳарбӣ ба дидбонгоҳҳо дар асоси ҷадвали посбонон ба роҳ монда мешавад;

дуюм, дар соатҳои худомӯзӣ, рӯзи ба посбонӣ дохил шудан, дар синфхонаҳои махсус ҷиҳозонидашуда барои тайёрии посбон бо ҳайати шахсӣ оид ба омӯзиши дастурамалҳои оинномавӣ машғулиятҳо гузаронида, табели дидбонгоҳҳо ва ташкили ҳамкории байни посбонҳою гурӯҳи эҳтиётӣ дар ҳолати фавқулода омӯхта мешавад;

сеюм, рӯзи ба посбонӣ дохил шудан, дар соатҳои муайяншуда дар шаҳраки посбонон машғулиятҳои амалӣ оид ба амали посбонӣ доир ба боздошти вайронкунандаи сарҳади дидбонгоҳ ва истифодаи яроқ, истифодаи воситаҳои алоқа, сӯхторхомӯшкунӣ, доир ба омӯзиши амалҳо ва дигар масъалаҳои бехатарӣ гузаронида мешавад. Муҳиммоти ҷангӣ (тир ва ғайра) ба ҳайати шахсии посбонӣ, баъди гузаштани машғулиятҳои амалӣ дар шаҳраки посбонӣ тақсим карда мешавад.

Муваффақ шудан ба он ки шахсони навбатдори шабонарӯзӣ ҳолати корро дар қисму воҳидҳои ҳарбӣ донанд ва назорат баранд, ҷавобгариро барои нигоҳ доштани тартиботи оинномавӣ ҳис намоянд, барои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо чораҳо андешида, оид ба ҳар як ҳодиса сари вақт ба командирон (сардорон) хабар диҳанд.

Сардорони посбонон, ки дар ихтиёрашон муҳофизат кардани иншооти муҳим ва анборҳое, ки дар онҳо аслиҳа ва муҳиммоти ҷангӣ нигоҳ дошта мешаванд, танҳо аз ҷумлаи афсарон ва прапоршикон таъйин карда мешаванд, ки онҳо шахсан аз сардорони анбор қабул карда, тахти муҳофизат гирифтани анборҳо вазифадор карда мешаванд.

Дар вақти ба дидбонгоҳ рафтани посбон ба ӯ ду тирдони пуркардашуда дода мешавад.

Муҳиммоти ҷангии эҳтиётӣ барои ҳайати шахсӣ дар қуттии махсуси оҳанин, дар ҳуҷраи сардори посбонон барои дар ҳолатҳои фавқулода тақсим кардан нигоҳ дошта мешавад.

Ҳуҷҷатҳои зерин дар ҳолати бонги хатар барои иваз намудани посбонҳо дар конверти мӯҳркардашуда дар сейфи навбатдори қисми ҳарбӣ, ҳамроҳи асноди махфӣ нигоҳ дошта мешавад:

– ведомости дидбонгоҳӣ;

– нақшаи ҷойгиршавии дидбонгоҳҳо;

– рамз барои иваз намудани посбонҳо.

**Посбонҳо** гарнизонӣ ва дохилӣ мешаванд, онҳо метавонанд доимӣ ё муваққатӣ бошанд.

Вазифаҳои хизмати посбониро посбонҳо, ки зерқисмҳои мусаллаҳро ташкил медиҳанд, пеш мебаранд. Хизмати посбонӣ иҷрои супориши ҳарбӣ мебошад ва аз ҳайати шахсӣ риоя намудани вазифаҳои муайнеро талаб менамояд, ки дар оинномаи хизмати гарнизонӣ ва посбонӣ муқаррар шудааст.

Ба ҳайати посбонӣ посбонҳо мувофиқи шумораи маконҳо (постҳо) ва бастҳо, нафари ҷобаҷогузор (разводяшые), ҳангоми зарурат ёвари сардори шуъбаи посбонӣ ва ронандаҳои мошинҳои нақлиётӣ дохил мешаванд. Барои нигаҳбонӣ ва ҳимояи бевоситаи объектҳо аз ҳисоби ҳайати посбонҳо посбонон гузошта мешаванд.

**Дидбон -** посбони мусаллаҳе мебошад, ки иншоот ва маконҳоро посбонӣ менамояд. Ӯ бо автомати дорои корднайза ва ду тирдони пур аз тир мусаллаҳ гардонида мешавад.

**Уҳдадориҳои посбон**

Посбон шахси дахлнопазир мебошад.

Дахлнопазирии ӯ дар ин аст:

– аз тарафи қонун махсус ҳимоя шудани шаъну шарафи вай;

– ҳамаи ашхос вазифадоранд талаботи мувофиқи хизмат муайяншудаи посбонро бечунучаро иҷро кунанд;

– ӯ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои дар Оинномаи хизмати гарнизонӣ ва посбонӣ зикршуда аз силоҳ истифода барад.

Вай фақат ба шахсони муайяншуда (сардори посбонҳо, ёвари сардори посбонҳо ва ҷобаҷогузори худ, ки посбон ба ӯ тобеъ аст) итоат мекунад. Сардори посбонҳо, ёвари сардори посбонҳо ва ҷобаҷогузор – ҳама бояд талаботи аз тарафи хизмати посбонӣ таъйингардидаро иҷро намоянд.



**Тарзи автоматро доштани посбон ҳангоми тайёрии рост истода паррондан бо истифодаи тасма**

Посбон вазифадор аст дидбонгоҳи худро пуртоқатона ва хуб муҳофизат намояд, хизматро бо ҳушёрӣ анҷом диҳад, силоҳро аз даст нагузорад ва онро ба касе надиҳад, ба ғайр аз шахсоне, ки вай ба онҳо итоат мекунад. Макон (пост)-ро то иваз шуданаш, ҳатто дар ҳолате ки ҳаёти ӯ дар хатар бошад ҳам, ба ҳоли худ гузошта наравад. Ба масофаи муайянгардида касеро наздик шудан (ғайр аз сардори посбонӣ) намонад.

Посбон бояд аз воситаҳои сӯхторнишонии дар макон буда истифода карда тавонад, самтҳо ва ҷадвали ҳаракати воситаҳои нақлиёти шуъбаи посбониро донад. Танҳо ба саволҳои шахсоне, ки дар тобеияти онҳо мебошад ва шахсони ба тафтишот омада ҷавоб гӯяд, нишонаҳо ва ишораҳоро фаҳмад. Хоб кардан, нишастан, ба чизе такя намудан, навиштан,

хондан, суруд хондан, гап задан, нӯшидан, тамоку кашидан, ба қазои ҳоҷат рафтан, ба касе чизе додан ва аз касе чизе қабул намудан, ғайри зарурат тир ба тирдон равон кардан ба дидбон манъ карда шудааст.

**Ҷиҳозонидани дидбонгоҳи ҳарбӣ ва рӯшноӣ додан ба он.**

Ҳамаи чизҳое, ки барои муҳофизат супорида шудаанд, инчунин, маконе, ки дар он дидбон вазифаҳои худро иҷро менамояд, *дидбонгоҳ* номида мешавад.

Аз ҷиҳати ҷойгиршавӣ дидбонгоҳи дохилӣ ва берунӣ мешавад. Объектҳои ба ҳайати дидбонгоҳ дохилшаванда аз рӯйи қоида иҳота гирифта шудаанд. Объектҳои нисбатан зарууртар, ҳам аз дохил ва ҳам аз берун баландтар иҳота гирифта шудаанд. Инҳо анборҳо бо моддаҳои тарканда ва лавозимоти ҷангӣ, инчунин, сӯзишворӣ мебошанд. Барои хубтар ташкил намудан дидбонӣ аз болои ин объектҳо дар масофаи байни ин объектҳо (манора) дидбонгоҳҳои дар баландӣ буда (бурҷҳо), ки бо воситаҳои алоқа, ишорадиҳӣ ва воситаҳои рӯшноидиҳанда таҷҳизонида шудаанд, гузошта мешавад.

Дар гузаргоҳҳои самти объектҳои муҳофизатшаванда навиштаҷоти **«Гузаштан манъ аст!»** сабт мешавад. Самти гузаштан бо ақрабак ишорат карда мешавад. Сарҳади минтақа бо навиштаҷоти хуб намоёни **«Минтақаи мамнӯъ. Гузаштан манъ аст!»** ишорат карда мешавад. Ҳар як макон бо сигнализатсияи баргарданда таҷҳизонида мешавад. Дар дидбонгоҳи беруна воситаҳои сӯхторнишонӣ, оташнишонакҳо, қуттиҳои регдор, зарфҳои калони об, сатилҳо ва ашё (табар, бел, лом, чангаки дастадор) гузошта мешаванд. Инчунин дар кулбаи дидбонгоҳӣ либосовезак барои овехтани сару либоси дидбонгоҳӣ, дар дидбонгоҳи дохилӣ ҷевон ё либосовезак барои овехтани шинел гузошта мешавад. Ба сифати сарулибоси дидбонгоҳӣ дар фасли зимистон шинел, мӯза, дар тобистон плаши брезентӣ ё плаш–палатка (чодар) истифода мешаванд.

**Ҳолати аслиҳаи посбон дар дидбонгоҳ ва марзҳои муҳофизати пост.**

Ҳангоми иҷрои супоришҳо дар дидбонгоҳ посбон бояд силоҳи ханҷараш дар ғилоф дошта бошад. Рӯзона силоҳ бояд дар ҳолати **«Дар тасма»** ё дар ҳолати **«Аз ҷой истода тир холӣ намудан»**, шабона дар ҳолати **«Омодагӣ ба тирпарронӣ аз ҷойи истода»** бошад. Ҳангоми дар постҳои дохилӣ ва дидбонгоҳи **«Парчами ҷангии қисм»** истодан, автомати дастааш чӯбин бояд дар тасма ва автомати дасташ қатшаванда дар қафаси сина бошад; даҳони халтачаи тирдор бояд пӯшида бошад. Дар ҳолати хомӯш намудани сӯхтор ва мубориза бо офатҳои табиӣ посбон метавонад «**силоҳро дар паси китф**» гирад. Ҳангоми саломи ҳарбӣ додан, автомат аз ҳолати омодагии тарзи тирпарронӣ **«Ба тасма»** гирифта мешавад. Муҳофизати объектҳоро посбон бо роҳи гузоштани дастаи

гаштӣ (патрул) (агар объект иҳота карда шуда бошад) ва бо тарзи чарх задан дар атрофи объект (агар он иҳота карда нашуда бошад) ва инчунин, аз болои манора ташкил карда метавонад. Объектҳои махсус бо посбонҳои беҳаракат муҳофизат карда мешаванд. Посбон дар самти ҳаракат пиёда, бо суръате, ки муҳофизати дурусти объектро таъмин мекунад, ҳаракат менамояд. Вай муддати кӯтоҳ барои аз назар гузаронидани объект меистад. Инчунин ҳангоми гузаштани нуқтаҳои воситаҳои сигналдиҳӣ барои ишора додан низ таваққуф менамояд.

**Савол ва супориш:**

1. Хизмати посбонӣ ба иҷрои супориши ҳарбӣ дохил мешавад. Чаро? Барои иҷрои хизмати посбонӣ аз ҳайати шахсии посбонҳо чӣ талаб карда мешавад?

2. Вазифаҳои сарбози посбонро номбар кунед.

3. Ҳолати силоҳи посбонро дар нуқтаи посбонӣ, ҳангоми хомӯш намудани сӯхтор, тартиби тирпуркунии автомат ҳангоми ба нуқтаи посбонӣ баромадан ва ба ҳолати аввала овардани он ҳангоми баргаштан аз нуқтаи посбонӣ номбар кунед.

4. Дар бораи ҳаракатҳои сарбози посбон ҳангоми супоридани нуқтаи посбонӣ ва ҳаракатҳои сарбози посбон дар нуқтаи посбонӣ нақл кунед.

**Қоидаҳои омода сохтан ва ба ҳолати аввала баргардонидани силоҳ.** Омодасозии аслиҳа пеш аз баромадан ба ҷойи махсус бо тирдорак, ки назди хонаи посбон мебошад, гузаронида мешавад. Агар дар наздикии атрофи хонаи посбонӣ хонаҳои иқоматӣ ва хизматӣ воқеъ гашта бошанд, гирифтани тир дар дохили хонаи посбонӣ, ки бо тирдорак (пулеулавливател) таҷҳизонида шудааст, амалӣ гардонида мешавад. Ҳангоми тир ҷой намудан ва ё тирро берун намудан, дастаи автомат таҳти кунҷи 45–60$^0$ ҷой дода мешавад. Ин барои тирпарронии мабодо ҷиҳати бехатарӣ лозим аст. Ба автомат тир ҷой намудан бо фармони сардори посбонӣ ё ёвари ӯ сурат мегирад ва зери назорати онҳо мебошад. Ҳангоми ба тирпарронӣ омода сохтан автомат ба даст ҳамчун дар ҳолати тирпарронӣ дар ҳолати истода гирифта шуда, аз назар гузаронида, ба қайди муҳофиз гузошта мешавад. Сипас ба он тирдон ҳамроҳ карда мешавад. Баъди ба ҷояш гузоштани тирдон, мили кулангдор ба қафо ҳаракат дода мешавад. Сипас автомати омодашударо «Ба тасма» мегиранд. Аз ҳолати омодагӣ баровардани автомат баъди баргаштан аз пост амалӣ гардонида мешавад. Бо фармони ҷобаҷогузор «Аз тарафи рост бо навбат аз ҳолати омодагӣ бароред» посбонон як қадам ба пеш мегузоранд, автоматҳоро ба ҳолати тирпарронӣ истода мегиранд. Сипас тирдонро ҷудо намуда, онро ба халтача мегузоранд ва «Силоҳ

безарар гардонида шуд» гӯён гузориш медиҳанд; милаи кулангдорро ба қафо кашида, силоҳро барои аз назар гузаронидан пешниҳод менамоянд. Баъди силоҳро аз назар гузаронидан онро «Ба тасма» мегиранд ва як қадам ба қафо мераванд.

**Ҳаракати посбон ҳангоми қабул намудан ва супоридани дидбонгоҳ.** Посбон ҳангоми наздик омадани табдили посбон (смена) рӯ ба рӯйи он меистад ва силоҳро ба ҳолати «Ба тасма» мегирад. Ба дидбон наздик мешавад, **«Низом!»** (Смирно) мегӯяд. Сипас бо фармони «Сарбози қаторӣ Иномов, ба дидбонгоҳ қадам занед!» дидбон як қадам ба тарафи рост мегузорад, посбон ба назди дидбон меояд ва рӯяшро ба дигар тараф карда меистад. Бо фармони **«Посбон, дидбонгоҳро супор!»** дидбон бо сухан постро месупорад. Масалан: «Рафиқ сержант, аскари қаторӣ **Мирзоев** дидбонгоҳи рақами фалонро супурд». Дар ин ҳолат посбон ва дидбон ба тарафи якдигар менигаранд.



**Тартиби ивазкунӣ дар дидбонгоҳ**

Аҳамияти супоридани дидбонгоҳ дар он аст, ки дидбон рақами дидбонгоҳро гуфта, ба посбони омада, ҳамаи ашёе, ки аз рӯйи табели дидбонгоҳ ба он дохил аст, номбар менамояд, инчунин, ҳаракатҳои фавқулодаи ҳангоми дар дидбонгоҳ буданаш рӯйдодаро қайд менамояд. Баъди шифоҳан супоридани дидбонгоҳ аз тарафи дидбон бо фармони ҷобаҷогузор **«Посбон, дидбонгоҳро қабул кун!»,** посбон дар шоҳидии танзимгар дидбонгоҳро аз назар мегузаронад; ба дурустии иҳотаҳо, дарҳо, тирезаҳо, шумораи қуттиҳо, мошинҳо, ҳавопаймоҳо, аслиҳа ва дигар техникаи ҷангӣ аҳамият медиҳад. Агар қулф ва муҳри сурбӣ ё

сурғучӣ (пломбаҳо) супорида шаванд, посбон вазифадор аст, ки дурустии онҳо ва симҳоро низ аз назар гузаронад. Агар ҳангоми қабули пост нодурустии дарҳо, тирезаҳо, муҳрҳо, пломбаҳо ё дигар будани мухр, нодурустии шумораи ашёи пост ба нишондодҳои дар табелбуда, инчунин, нодурустии шумораи техникаи ҳарбии дарпостбуда ба назар расад, танзимгар супоридани постро манъ менамояд ва сардори шуъбаи посбониро даъват мекунад. Супоридан ва қабул кардани постро ба охир расонида, дидбон ва қабулкунанда рӯйи худро ба тарафи пост мегардонанд: **«Рафиқ сержант, сарбози қаторӣ Паҳлавонов дидбонгоҳи №4-ро супурд», «Рафиқ, сержанти калон, сарбози қаторӣ Иномов дидбонгоҳи №4-ро қабул кард».**

Баъди қабул кардани дидбонгоҳ посбон силоҳи худро дар ҳолати омодагӣ ба тирпарронӣ мегирад ва ба муҳофизати маҳал шурӯъ менамояд. Гузаштани дидбон ба ҳолати посбон ё посбон ба ҳолати дидбон бо ахбори онҳо дар бораи қабул ё супоридани пост муайян карда мешавад.

**Амалиёти посбон дар дидбонгоҳ.** Посбон ҳангоми муҳофизати дидбонгоҳ вазифадор аст, ки пайроҳаҳои ба тарафи он оянда, сигнализатсия ва нуқтаҳои пайвасти онро бодиққат аз назар гузаронад. Ҳангоми мушоҳидаи ягон ноқисӣ ё нодурустӣ дар ягон қисми маҳал посбон бояд сардори шуъбаи посбониро даъват кунад. Дидбон ҳангоми ҳамла ба вай ё ба маҳал метавонад бе огоҳӣ аз силоҳ истифода барад. Ҳамаи шахсони ба дохили пост даромадаро, ғайр аз сардори шуъбаи посбонӣ, ёвари ӯ, ҷобаҷогузор ва шахсони ӯро роҳбаладикунанда, дидбон бо суханони **«Ист!. Кӣ меояд?»; «Ист!, Ба қафо»** ё **«Ист!, Аз тарафи рост гузар!»** манъ мекунад. Дар ҳолати итоат накардани омадаистодагон ба ин фармон дидбон **«Исто, мепарронам!»** мегӯяд ва зуд сардори шуъбаи посбониро даъват мекунад. Ҳангоми боз иҷро нанамудани фармон дидбон ба ҳаво тир холӣ мекунад. Агар пас аз ин ҳам ҳаракати дохил шудан ба пост давом дода шавад, ё аз пайи гурез шавад, силоҳ истифода бурда мешавад. Агар шахси омадаистодаро дидан номумкин бошад, дидбон бо садои **«Исто, кистӣ?»** манъ мекунад. Агар ҷавоб дода нашавад, огоҳӣ медиҳад: **«Исто, мепарронам!»** – ва вайронкунандаро бозмедорад. Агар пас аз ин ҳам ҳаракати ба пост дохил шудан давом ёбад ё рӯ ба гурез орад, ба ҳаво тир холӣ мекунад; дар ҳолати наистодани вай силоҳро истифода мебарад. Агар ба саволи дидбон ҷавоби **«Сардори бахши посбонӣ меояд»** дода шавад, сардори посбонӣ **«Ба назди ман, дигарон дар ҷояш!»** гӯён фармон медиҳад. Агар лозим шавад, дидбон талаб менамояд, ки ба рӯяш рӯшноӣ диҳад. Ба дурустии сухани омадаистода бовар ҳосил намуда, ҳамаи шахсони омадаро барои ба пост наздик шудан рухсат медиҳад. Агар шахси худро сардори бахши посбонӣ муаррифинамуда шахси бегона бошад ва рафиқони ӯ

ба фармони дидбон итоат нанамоянд, дидбон аз силоҳ истифода мебарад. Ҳангоми зарурати ба ҷанги тан ба тан даромадан дидбон бояд аз ханҷар ва дастаи автомат моҳирона истифода намояд. Ҳангоми захмдор шудан ё бемории ногаҳонӣ дидбон бо ёрии воситаи алоқа ва сигнал сардори шуъбаи посбонӣ ё ҷобаҷогузорро даъват мекунад ва то омадани онҳо хизматро давом медиҳад. Ҳангоми зарурати қатъӣ ё вайрон будани нуқтаи сигнализатсия дидбон бояд ба ҳаво тир холӣ карда, сардори шуъбаи посбониро ҷеғ занад ва ё дар ҳолати сар задани сӯхтор дар пост, зуд ба хонаи посбонӣ хабар диҳад ва назоратро давом дода, барои хомӯш намудани сӯхтор чора андешад.

Агар амали постсупорӣ шабона сурат гирад, парол истифода карда мешавад.

Ҳангоми сар задани сӯхтор дар наздикии пост, дар макони дидбонгоҳи техникӣ, муҳофизатшаванда дидбон назоратро давом дода, зуд ба хонаи посбонӣ хабар мерасонад.

**Савол ва супориш:**

1. Вазифаҳо ва масъулиятҳои посбонро номбар кунед.
2. Уҳдадориҳои посбон кадомҳоянд?
3. Таҷҳизоти постҳо кадомҳоянд ва аз онҳо чӣ тавр истифода мекунанд?
4. Ҳолатҳои посбон дар пост чӣ гуна аст?
5. Муоширати посбониро дар амал нишон диҳед.

# БОБИ VII
# САФ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН
## § 44. ОМОДАГИИ САФОРОӢ

Омодагии сафороӣ кадом малакаҳоро дар бар мегирад: машқҳои инфиродии сафӣ бе силоҳу бо силоҳ; машқи саф ва ҳаракатҳои бахшҳо ва гурӯҳ ҳангоми ҳаракатҳои пиёда, муоинаи бахшҳо. Дар машғулиятҳои иҷрои амалҳои сафии якка омӯзгорон дар ибтидо ҳамчун намуна иҷрои амалҳои сафиро дар маҷмӯъ нишон медиҳанд, минбаъд ба қисмҳо нишон доданро бо тариқи ҳаракатҳои оҳиста ва бо маънидод кардани кӯтоҳ. Баъд аз ин иҷрои машқ бо қисмҳо, минбаъд дар маҷмӯъ, бо иҷрои ҳаракатҳои маъмулӣ оҳиста то такмил додан ба дараҷаи суръати муқаррарии қадамзании оинномавии сафӣ ва сафарӣ. Агар хонандагон иҷрои дурусти машқҳои сафороиро аз худ кунанд, омӯзгорон ба тамрини машқҳо мегузаранд ва онҳоро пайиҳам чандин маротиба бо ҳайати гурӯҳ иҷро мекунанд. Баъзан иҷрои машқҳо мустақилона гузаронида мешаванд, ҷуфт бо ҷуфт, бо амри омӯзгор бо ҳисоби худи таълимгирандагон ё дар зери табл бо гурӯҳ. Дар рафти иҷрои машқҳо омӯзгор аз болои иҷрои амалҳои ҳайати хонандагон назорат мебарад ва дар ҳолатҳои роҳ додан ба камбудиҳо барои ислоҳи онҳо маслиҳат медиҳад. Дар қисми хотимавии машғулиятҳои таълимӣ омӯзгорон вазифадоранд, ки ҷамъбасти онро гузаронанд:
- командири бахш оид ба дуруст ва нодуруст иҷро кардани машқҳои таълимӣ ба ҳар як хонанда баҳо медиҳад ва муайян мекунад, ки то кай камбудиҳо бартараф шаванд ва омодагӣ ба машғулиятҳоиояндаро эълон мекунад.

Омӯзгор беҳтарин бахш ва беҳтарин хонандагонро, ки аз уҳдаи иҷрои машқҳо баромадаанд, қайд намуда, машғулиятро ҷамъбаст менамояд. Бо мақсади пайваста сайқал додани таълими машқҳои сафӣ ба хонандагон ва дуруст будани фаъолияти бахшҳо дар ҳар як давраи таълимӣ муоина кардани сафороӣ гузаронида мешавад.

Омодагии сафороӣ яке аз қисмҳои асосии омӯзиш ва тарбияи хизматчиёни ҳарбӣ мебошад. Ин бахш сафҳо ва идораи онҳо, машқҳои сафӣ ва ҳаракати бесилоҳу босилоҳ ва ҳолати дар саф истоданро меомӯзад.

Додани саломи ҳарбӣ, баромадан аз саф ва баргаштан ба саф, омадан ба назди сардор ва рафтан аз назди сардор, сафи гурӯҳ ва даста ва ташкили зерқисмҳо ҳангоми пиёдагардӣ ва дар мошинҳо, нишон додани сафороии зерқисмҳо низ ба ин фан дохил мешаванд. Дар машғулиятҳо оид ба омодагии сафороӣ ба сарбозон тозагӣ, тартиб, боаҳамиятӣ, навъҳои сафороии якка ва сафороӣ дар ҳайати зерқисмҳо омӯзонида мешавад. Маданияти ҳарбӣ, тартиб, омодагӣ бо ҳаракатҳои моҳирона дар

саф ва дар муҳориба – ин аст талаботи омодагии сафорой. Омодагии сафороии сарбозон дар машғулиятҳо оид ба омодагии тактикӣ, оташфишонӣ, омодагии ҷисмонӣ ва дигар машғулиятҳо ҳангоми сафорой аз як самт ба самти дигар ҳаракат намудан ва дар баланд бардоштани малакаи ҳарбӣ мустаҳкам карда мешаванд.

**Сафҳо ва идораи онҳо.** Барои бомуваффақият иҷро намудани тарзҳои гуногуни ҳаракатҳо дар саф сарбоз бояд дар бораи саф ва унсурҳои он, тарзи иҷрои фармонҳо, донистани вазифаҳои худ пеш аз сафорой ва дар саф тасаввурот дошта бошад.

**Саф** – ҷобаҷогузории хизматчиёни ҳарбӣ, ҷузъу томҳо ва қисмҳои ҳарбӣ барои фаъолияти якҷояи онҳо дар ҳолати пиёда ва дар мошинҳо.

**Радиф** – сафест, ки дар он хизматчиёни ҳарбӣ яке паҳлуи дигаре дар як хат ҷойгир шудаанд.

**Қанот** – тарафи рост ё чапи охири саф. Ҳангоми гардиши саф номи қанотҳо тағйир намеёбад.

**Ҷабҳа –** он тарафи саф, ки хизматчиёни ҳарбӣ рӯй гардонидаанд.

**Паси саф** – тарафи муқобили ҷабҳа.

**Фосила** – масофа ба дарозии ҷабҳа байни хизматчиёни ҳарбӣ (мошинҳо), ҷузъу томҳо ва қисмҳо.

**Масофа** – масофаи байни хизматчиёни ҳарбӣ (мошинҳо), ҷузъу томҳо ва қисмҳо.

**Паҳнои саф** – масофаи байни қанотҳо.

**Умқи саф** – масофаи байни радифи аввал (аз хизматчии ҳарбии пешгард) ва радифи охир (то хизматчии ҳарбии пасгард).

**Сафи дурадифа** – сафе, ки дар он хизматчиёни ҳарбии як радиф пушти сари хизматчиёни ҳарбии радифи дигар дар фосилаи як қадам (ба қади дасти дарозшудае, ки кафи он ба китфи хизматчии ҳарбии пешистода гузошта шудааст) қарор доранд.

Радифҳо якум ва дуюм номида мешаванд. Ҳангоми гардиш номи радифҳо тағйир намеёбад.

**Рада –** ду хизматчии ҳарбие, ки дар сафи дурада яке пушти сари дигар истодаанд. Агар дар пушти сари хизматчии ҳарбии радаи аввал хизматчии ҳарбии радифи дуюм набошад, чунин қатор қатори нопурра шуморида мешавад; қатори охир ҳамеша бояд пурра бошад. Ҳангоми ба қафо гаштани сафи дурада хизматчии ҳарбии қатори нопурра ба радифи пеш мегузарад. Чор нафар ва аз он камтар ҳамеша дар як рада саф мекашанд.

Сафи якрада ва сафи дурада метавонанд зич ё фосиладор бошанд.

**Сафи зич** – сафест, ки хизматчиёни ҳарбӣ дар рада ба дарозии ҷабҳа яке аз дигаре дар фосилаи кафи даст то оринҷ меистанд.

**Сафи фосиладор** – сафест, ки хизматчиёни ҳарбӣ дар радаҳо ба дарозии ҷабҳа яке аз дигар дар фосилаи як қадам ё дар фосилае, ки командир нишон медиҳад, қарор мегиранд.

**Қатор** – сафе, ки дар он хизматчиёни ҳарбӣ пушти сари якдигар ва ҷузъу томҳо, мошинҳо яке паси дигаре дар фосилае, ки оиннома ё командир муқаррар кардаанд, ҷо мегиранд.

Қаторҳо якнафара, дунафара, сенафара, чорнафара ва аз он бештар мешаванд.

Қаторҳо барои сафороии ҷузъу томҳо ва қисмҳо дар сафи сафарӣ ва сафи паҳн истифода мешаванд.

**Сафи паҳн** – сафест, ки дар он ҷузъу том дар як хатти ҷабҳа дар сафи якрада ё дурадифа (дар хати мошинҳо) ё хатти қаторҳо дар фосилае, ки оиннома ё командир муқаррар кардааст, саф кашидаанд. Сафи паҳн барои гузаронидани санҷишҳо, ҳисоб, муоинаҳо, параду намоишҳо, инчунин, дар ҳолатҳои дигари зарурӣ истифода мешавад.

**Сафи сафарӣ** – сафе, ки дар он ҷузъу том дар қатор саф кашидааст ё ҷузъу томҳо дар қаторҳо яке паси дигар дар фосилае, ки оиннномаи сафороӣ ё командир муқаррар кардааст, саф кашидаанд.

**Пешгард** – хизматчии ҳарбие (ҷузъу томе, мошине), ки дар аввали саф ба самти таъйиншуда ҳаракат мекунад. Аз рӯйи пешгард дигар хизматчиёни ҳарбӣ (ҷузъу томҳо, мошинҳо) ҳаракати худро танзим менамоянд.

**Пасгард** – хизматчии ҳарбӣ (ҷузъу томҳо, мошинҳо), ки дар охири қатор ҳаракат мекунад. Саф бо амру фармонҳое, ки аз тарафи командир бо овоз, ишораҳо ва намунаи шахсӣ ва инчунин, бо ёрии воситаҳои техникӣ ва ҳаракаткунанда дода мешаванд, идора мешавад.

Амру фармонҳо дар қаторҳо тавассути командирони ҷузъу томҳо (сардорони мошинҳо) ва нозирони таъйиншуда дода мешаванд.

Дар саф командири калон дар ҷое қарор мегирад, ки аз он ҷо амр додан барояш муносибтар бошад.

Сарбоз ё мошини дар сафи аввал истода – пешгард, дар охири саф истода – пасгард номида мешавад.

Роҳбарии саф бо фармонҳо ва супоришҳо амалӣ гардонида мешавад, ки онҳо бо садо ё ишораҳо расонида мешаванд.

Амри тавассути садоро ба амри ибтидоӣ ва амри иҷрошаванда ҷудо менамоянд. Мисол; **«Қисм, ист!»** дар ин ҷо **«қисм»** – амри ибтидоӣ; «ист» – иҷрошаванда мебошад.

Ҳангоми амри ибтидоӣ сарбозон рост меистанд, ҳангоми ҳаракат пояшонро сахттар мегузоранд. Ин фармон бо овози баланд, фаҳмо ва дароз такрор карда мешавад, то сарбозон донанд, ки аз онҳо чӣ талаб карда мешавад. Барои ҷалб намудани диққати сарбозон ё зерқисм,

ҳангоми амр номи зерқисм ё ному насаби сарбози алоҳида гирифта мешавад. Мисол: **«Дастаи сеюм, ист!»** ё **«Сарбози қаторӣ Иномов – ист!».** Ҳангоми иҷрои навъҳои фармонҳо бо силоҳ, ба номи силоҳ ишора карда мешавад. Мисол: **«Автомат – ба сина!»** ҳангоми амри иҷрошаванда иҷрои дақиқ ва дурусти он амалӣ гардонида мешавад. Амри иҷрошаванда баъди таваққуф бо овози баланд, шунаво ва кӯтоҳ талаффуз карда мешавад.

Барои зуд иҷро намудани амр танҳо фармони **«Хезед», «Омодагӣ», «Рост истед», «Саф каш»** ва ғайра дода мешавад. Барои қатъ гардидани иҷрои супориш амри **«Мононда шавад»**, **«Бозист», «Диққат»** дода мешавад. Пас аз ин амрҳо, сарбоз ҳолати тоамрдоштаашро қабул менамояд. Амрдиҳии ишоравӣ бо ёрии даст, байрақчаҳо ва рӯшноидиҳандаи **«фонус»** амалӣ гардонида мешавад. Байрақчаҳои зард, сурх ё зард истифода мешаванд. Рӯшноидиҳандаҳои сафед, сурх ва сабз низ мавриди корбаст қарор мегиранд. Ҳангоми бо ёрии ишора амр додан, амри **«Диққат»** дода мешавад.

Омодагӣ барои қабули ишора низ бо фармони **«Диққат»** ишора карда мешавад.

Қабул намудани ишора бо такрор карданаш тасдиқ мешавад.

Ҳар як сарбоз бояд вазифаҳои худро хуб донад ва аз рӯйи виҷдон иҷро намояд. Пеш аз сафкашӣ сарбоз бояд дурустии аслиҳаи худ ва техникаи ҳарбии ба худаш тааллуқдошта, лавозимоти ҷангӣ, воситаҳои мудофиаи шахсӣ, сарулибос ва аслиҳаро тафтиш намояд, мӯяшро ба тартиб орад, либосашро шинам пӯшад, аслиҳаи худро дуруст гирад, ба рафиқаш барои бартараф намудани камбудиҳо ёрӣ расонад.

Дар саф сарбоз бояд ҷойи худро донад ва зуд бе ягон душворӣ онро ишғол намояд. Ҳангоми ҳаракат аз саф набарояд, бе иҷозат гап назанад ва ба хомӯшии мутлақ риоя намояд. Ба фармонҳо бо диққат аҳамият диҳад. Ба дигарон халал нарасонда, фармонро зуд ва дуруст иҷро намояд. Ҳангоми назоратчӣ будан ахбор ва ишораҳоро дуруст ва бо овози баланд расонад.

**Савол ва супориш:**

1. Дар бораи ҳаракатҳои сафӣ нақл кунед.
2. Байрақчаҳои сурх ва зардро омода созед.
3. Қоидаҳои равон кардан ва қабул кардани фармонҳо тавассути ишораҳо кадомҳоянд?
4. Аз байрақчаҳо истифода бурда, ишораҳои идора намудан ва сафороиро намоиш диҳед.
5. Дар бораи вазифаҳои сарбоз пеш аз сафоройӣ дар саф маълумот диҳед.

## § 45. МАШҚҲОИ САФӢ ВА ҲАРАКАТҲОИ БЕСИЛОҲ

Дар саф истодан унсури асосии омӯзиши қаторӣ мебошад. Ин ҳаракат ҳангоми фармонҳои **«Саф каш»** ё **«Низом»** иҷро карда мешавад. Ҳангоми супоридан ва қабул намудани супориш, ҳангоми ҳисобот ва муроҷиати сарбозон ба якдигар, ҳангоми иҷрои Суруди миллӣ, ҳангоми додани саломи ҳарбӣ низ ин ҳаракат иҷро мешавад. Барои дар саф дуруст истодан пошнаи пойҳоро якҷоя, нӯги пойҳоро ба самти ҷабҳа кушода, пойҳоро дар зону рост намуда, қафаси синаро каме бардошта, тамоми қоматро каме ба пеш дода, шикамро ба дарун кашида, китфҳоро кушода, дастҳоро ба поён сар дода, кафи даст каме ҷамъ карда мешавад ва дар маркази рони пой ҷойгир мешавад, ангуштҳоро каме қат намуда, ба пойҳо расонида, сарро баланд ва рост нигоҳ дошта, манаҳро ба пеш набароварда, ба тарафҳо нигоҳ накарда ва барои ҳаракат намудан омода шуда истодан лозим аст.

Бо амри **«Озод»** озодона истода, пойи чап ё ростро дар зону қат намуда, вале аз ҷой наҷунбида, гап назада ва бодиққат будан лозим аст. Амрҳои **«Омода!»** **«Пӯшок ба тартиб!»** ҳангоми дар саф будани сарбозон дода мешавад. Бо фармони **«Низом!»** ҳамаи сарбозон, ба ғайр аз сарбози қаноти рост, сарашонро ба тарафи рост мегардонанд ва чунонки ҳар яки онҳо қафаси синаи сарбози чорумро дида тавонанд, дар саф рост меистанд. Бо фармони **«Ба чап! Баробар шав»** ин ҳаракат ба тарафи чап такрор мешавад. Ҳангоми ин амр сарбозон метавонанд бо мақсади дар саф рост шудан, каме ба пеш, қафо ё ба тарафҳо ҳаракат намоянд. Пас аз ростшавӣ бо фармони **«Низом»** ҳамаи сарбозон ба пеш нигоҳ мекунанд ва рост меистанд.



**а б в**

**Тарзи нигоҳ доштани кулоҳ дар даст а – фуражка, б – пилотка, в – телпак**

Бо фармони **«Пӯшок – ба тартиб»** ҷойи худро дар саф нагузошта, силоҳ, сарулибос ва дигар аслиҳаро ба тартиб даровардан лозим аст. Барои зарурати аз саф баромадан аз сардор бевосита иҷозат пурсидан лозим аст. Дар саф гап задан танҳо бо иҷозати фармондеҳ мумкин аст. Барои кулоҳҳоро гирифтан фармони **«Кулоҳ гир!»,** барои пӯшидани онҳо бошад, фармони **«Кулоҳ пӯш!».** Кулоҳ бо

дасти рост гирифта ва пӯшида мешавад. Кулоҳи аз сар гирифташуда дар дасти чапи аз оринҷ қат кардашуда бо нишонааш ба пеш нигоҳ дошта мешавад.

**Гардиш дар ҷойи ист.** Гардиш дар ҷойи ист бо амри **«Рост–гард», «Ним давр рост– гард»**, **«Чап–гард», «Ним давр чап– гард», «Ақиб–гард»** иҷро мешавад. Гардиш ба қафо, ба чап, нимдаври ба чап, ба тарафи дасти чап, бо пошнаи пойи чап ва нӯги пойи рост иҷро мешавад; ба рост ним гардиш ба рост, ба тарафи дасти рост бо пошнаи пойи рост ва нӯги пойи чап иҷро мешавад.

Гардишҳо дар ду ҳисоб иҷро карда мешаванд. Бо ҳисоби як тоб хӯрда, мувозинати баданро дуруст нигоҳ медоранд ва пойҳоро аз зону хам накарда, вазни баданро болои пойи пеш монда, бо ҳисоби ду фавран пойи дигарро пеш мегузоранд, то ин ки ҳар ду пой ҳамҷо шаванд.

Гардишҳо бо риоя намудани тамоми қоидаҳои омодагии сафоройӣ иҷро мешавад.

**Ҳаракат.** Ҳаракат бо қадам ё бо давидан иҷро карда мешавад. Ҳаракати қадам ва дав суръати мунтазамро дорост. Суръати муқаррарии қадамзанӣ дар як дақиқа 110 –120 қадам мебошад. Масофаи байни қадамҳо 70 – 80 см аст. Суръати ҳаракати маъмулӣ дар шакли давидан дар як дақиқа 165–180 қадам мебошад. Андозаи қадам 80 – 90 см аст. Қадам ду навъ аст. Қадами сафӣ ва қадами сафарӣ.




**Ҳаракат бо қадами сафӣ**

**Қадами сафӣ** ҳангоми гузашти тантанавии ҷузъу томҳо, додани саломи ҳарбӣ, ҳангоми ҳаракат, ҳангоми ба назди командир омадан ё аз назди ӯ рафтани хизматчии ҳарбӣ, ҳангоми аз саф баромадан ё

ба саф баргаштан, инчунин дар машғулиятҳои сафӣ ба кор бурда мешавад.

Ҳаракат бо қадами сафӣ бо амри **«Бо қадами сафӣ – марш!»** ва ҳаракат бо қадами сафарӣ бо амри **«Бо қадам – марш!»** оғоз меёбад. Бо амри пешакӣ қоматро каме ба пеш ҳаракат дода, вазни баданро бештар рӯйи пойи рост қарор дода мувозинатро нигоҳ медоранд; бо амри иҷрошаванда ҳаракатро аз пойи чап бо қадами пурра шурӯъ мекунанд.

Ҳангоми ҳаракат бо қадами сафӣ нӯги пойро ба пеш кашида, дар баландии 15 – 20 см аз сатҳи замин баланд бардошта, онро устуворона бо тамоми кафи пой ба замин гузошта ва ҳамзамон пойи дигарро аз замин мебардоранд. Бо дастҳо ҳаракатҳои пешу қафо иҷро намудан лозим аст. Дар ин ҳолат ҳангоми дастро ба пеш овардан бояд тасмаи миён як ваҷаб болотар, ҳангоми ба қафо бурдан то охири даст ҳаракат додан, ҳангоми ҳаракат сарро рост нигоҳ дошта ба пеш нигоҳ кардан лозим аст.

**Қадамзании сафарӣ** дар ҳамаи дигар ҳолатҳо истифода мешавад. Ҳаракат бо қадамзании сафарӣ бо амри **«Бо қадам–марш!»** оғоз меёбад. Ҳангоми ҳаракат пойро озодона бардошта, нӯги пойро ба пеш набурда ва онро ба замин нагузошта монанди қадамзании озод, бо дастҳо низ ҳаракатҳои озодона намудан лозим аст. Ҳангоми ҳаракати қадамзании сафарӣ, агар амри **«Низом»** дода шавад, ба қадамзании сафӣ гузаштан, ҳангоми қадамзании сафӣ, бо фармони **«Озод»** ба қадамзании сафарӣ гузаштан лозим аст.

Барои дар ҷойи ист қадамзаниро оғоз намудан фармони **«Дар ҷой бо қадам»** дода мешавад. Дар ин ҳолат пойҳо бонавбат ба баландии 15 – 20 см бардошта ва фуроварда мешаванд ва дастҳо якҷоя бо пойҳо ҳаракат дода мешаванд. Бо амри **«Бо қадам – марш»**, пас аз ба замин гузоштани пойи рост, пойи чапро ба пеш бурда, бо қадами пурра қадамзаниро оғоз намудан лозим аст. Барои манъ кардани ҳаракат фармон дода мешавад; Мисол: **«Сарбоз Иномов – ист»**. Бо амри **«Ист»**-и иҷрошаванда пойи чап ё ростро ба замин гузошта, боз як қадами дигар мондан ва пойҳоро дар як хат гузошта, рост истодан лозим аст. Барои суръати ҳаракатро иваз намудан фармонҳои **«Қадам – васеъ»**, **«Қадам – кӯтоҳ»**, **«Қадам – зуд»**, **«Қадам–оҳиста», «Ним–қадам», «Қадам – пурра»** дода мешавад.

Барои ҷойивазкунии сарбозони алоҳида чунин амр дода мешавад:

Мисол: **«Сарбоз Иномов, ду қадам ба рост (чап) – марш»**. Ба ин фармон ду қадам ба рост (ба чап) ба пас аз ҳар як қадам ҷо ба ҷо гузоштани пойҳо ҳаракат намудан лозим аст. Барои ба пеш ё қафо гузаронидани сарбоз ба якчанд қадам амри: **«Ду қадам–ба пеш!»** дода мешавад. Бо ин

амр ду қадам ба пеш гузошта, пойҳоро наздик гузоштан лозим аст. Ҳангоми ба рост, ба чап, ба пеш, ба қафо ҷой иваз кардан дастҳо ба ҳаракат дароварда намешавад.

**Гардишҳо ҳангоми ҳаракат.** Гардишҳо дар ҳаракат барои самти ҳаракати сарбозони алоҳида ва зерқисмҳоро иваз намудан истифода бурда мешаванд.

Гардишҳо ҳангоми ҳаракат бо қадамзанӣ зери амри **«Рост – Гард!», «Чап – Гард!», «Ақиб – Гард!»** иҷро карда мешаванд. Барои иҷро намудани фармони **«Рост – Гард!»,** бо гузоштани пойи рост ба замин бо пойи чап як қадам гузошта ва нӯги пойи чапро ба тарафи рост тоб дода, гаштан лозим аст. Ҳамзамон, пойи ростро дароз намуда, ҳаракатро ба самти нав идома додан лозим аст. Барои ба тарафи чап тоб хӯрдан, бо амри фармондеҳ иҷрокунанда пойи ростро ним қадам пеш ба замин монда ва нӯги пойи ростро ба самти нав мегардонад, сипас нӯги пойи чапро ба тарафи чап тоб хӯронда, ҳаракатро давом додан лозим аст. Ҳангоми гардишҳо ҳаракати дастҳо бо зарби қадам иҷро мешавад.

**Савол ва супориш:**

1. Дар бораи сафкашӣ ва дар саф рост истодан нақл кунед ва ин амалро намоиш диҳед.
2. Ҳаракатҳои сарбозро бо фармонҳои **«Диққат», «Низом», «Баробар шавед», «Озод», «Пӯшок ба тартиб»** ба иҷро расонед.
3. Пӯшидан ва гирифтани кулоҳи ҳарбиро намоиш диҳед.
4. Дар ҷойи ист ва ҳангоми ҳаракат тоб хӯрданро нишон диҳед.

## § 46. ДОДАНИ САЛОМИ ҲАРБӢ БЕ СИЛОҲ, ДАР ҶОЙИ ИСТ ВА ҲАНГОМИ ҲАРАКАТ

Саломи ҳарбӣ бояд дақиқ ва далерона, бо риояи дурусти қоидаҳои ҳолати сафистӣ ҳаракат дода шавад. Ҳамаи хизматчиёни ҳарбӣ ҳангоми вохӯрӣ бо якдигар бояд саломи ҳарбӣ диҳанд. Зердастон ва шахсони рутбаашон нисбатан хурд аввалин шуда, саломи ҳарбӣ медиҳанд. Саломи ҳарбӣ бо тарзу қоидаҳои омодагии сафӣ ва ҳаракати махсус дода мешавад. Салом дар ҷойи ист, ҳангоми ҳаракат, бо кулоҳ ва бе кулоҳ дода мешавад.

**Саломи ҳарбӣ додан дар ҷойи ист.** Барои додани саломи ҳарбӣ дар ҷойи ист, берун аз саф, бе кулоҳ аз масофаи 5 – 6 қадам то сардор, ба тарафи ӯ гашта, рост истода ба рӯйи вай нигариста, аз ақиби ӯ сарро гардонда нигаристан лозим аст. Агар дар сар кулоҳ дошта бошед, дасти ростро ба кулоҳ бурдан лозим аст.



**Додани саломи ҳарбӣ**



**Додани саломи ҳарбӣ ҳангоми ҳаракат**

Дар ин ҳолат ангуштон бояд ба ҳамдигар ҷафс карда шуда, ангуштони миёнаро ба қисми поёнии кулоҳ расонида, оринҷ бояд дар хатти баландии китф рост бошад. Ҳангоми сарро ба тарафи сардор гардонидан ҳолати даст иваз намешавад. Пас аз гузашта рафтани сардор дар як вақт сарро рост намуда, дастро фуровардан лозим аст.

**Саломи ҳарбӣ ҳангоми ҳаракат.** Барои саломи ҳарбии берун аз саф ҳангоми ҳаракат (бе кулоҳ) 5–6 қадам дуртар то сардор бо қадамзании сафӣ ҳаракати дастро қатъ намуда, сарро ба тарафи сардор гардонида, ҳаракатро давом дода истода, рӯйи худро ба тарафи вай гардонидан лозим аст. Пас аз гузаштан аз назди фармондеҳ сарро ба самти пеш гардонда, ҳаракати дастҳоро идома додан лозим аст.

Дар сурати кулоҳ доштан бо қадамзании сафӣ, сарро ба тарафи сардор гардонида, дасти ростро ба кулоҳ гузошта, дасти чапро беҳаракат дар ростои пойи чап доштан лозим аст.

Аз сардор гузашта, бо гузоштани қадамҳои ғайрисафӣ сарро ба тарафи пеш гардонда, дасти ростро ба поён фуровардан лозим аст. Ҳангоми ҳаракат дар лаҳзаи ба сардор расидан, саломи ҳарбӣ додан лозим аст. Бо қадами аввалини ба сардор наздик расида, дастро ба кулоҳ бурда, бо қадами дуюм дастро ба поён фуровардан лозим аст.

Агар дастҳои хизматчии ҳарбӣ банд бошанд, саломи ҳарбӣ бо тарзи гардонидани сар ба тарафи фармондеҳ дода мешавад.

**Баромадан аз саф ва баргаштан ба саф.** Барои аз саф баромадани хизматчии ҳарбӣ амр дода мешавад. Масалан, **«Сарбоз Аслиддинов, аз саф се қадам берун шав!»** ё **«Сарбоз Аслиддинов, ба назди ман!», «Бо дав ба назди ман!»** дода мешавад.

Барои баромадан аз саф сарбоз бояд мувофиқи амри сардор амал кунад. Бо амри **«Аз саф се қадам берун шав!»** хизматчии ҳарбӣ бо шунидани насаби худ **«Ман!»** гӯён ҷавоб медиҳад ва **«Итоат!»** гӯён бо қадамҳои сафӣ аз саф бо қадамҳои аз тарафи фармондеҳ муайянгардида аз қатори якум ҳисоб карда мебарояд, меистад ва ба тарафи саф рӯ мегардонад.

Ҳангоми аз сафи дуюм баромадан сарбоз дасташро оҳиста ба болои китфи сарбози дар сафи пеш истода мегузорад, ки ӯ як қадам ба пеш ва пойи рости худро ба замин нагузошта, ба тарафи рост мегузарад, сарбозро ба пеш мегузаронад ва боз бо тарзи аввала ба ҷойи худ меистад. Ҳангоми аз сафи аввал баромадани сарбоз ҷойи ӯро сарбози қатори дуюм ишғол менамояд.

Барои ба қатор баргаштани сарбоз фармони: масалан, **«Сарбоз Аслиддинов,** Ба саф. **Ист!»** ё танҳо **«Ба саф – Ист!»** дода мешавад.

Бо фармони **«Сарбоз Аслиддинов!»**, сарбози рӯ ба тарафи саф истода насаби худро шунида, рӯ ба тарафи сардор мегардонад ва **«Ман!»** мегӯяд, бо фармони **«Ба саф, ист!»** дасти ростро ба кунҷи кулоҳ гузошта, **«Итоат!»** мегӯяд. Бо қадами аввал дасташро ба поён мефурорад ва бо қадамҳои сафӣ бо роҳи кӯтоҳтарин ба саф бармегардад.

**Омадан ба назди сардор ва рафтан аз назди ӯ**. Ба назди сардор омадан ва аз саф берун шудан чунин сурат мегирад. Барои иҷрои ин ҳаракат амр дода мешавад. Масалан: **«Сарбоз Аслиддинов, ба назди ман!».** Бо шунидани насаби худ, хизматчии ҳарбӣ **«Ман!»** гӯён ҷавоб медиҳад ва бо шунидани фармони иҷрошаванда **«Итоат!»** мегӯяд. Аз сафи аввал як-ду қадам ба пеш гузошта, ҳангоми ҳаракат ба тарафи фармондеҳ тоб мехӯрад, ҳангоми берун аз саф будан, бо роҳи кӯтоҳтарин ба назди фармондеҳ бо қадамҳои сафӣ ё давида меояд ва то 5-6 қадам пеш аз ӯ ба қадамгузории сафӣ мегузарад. Дар фосилаи 2-3 қадам дар рӯ ба рӯйи сардор истода, ҳамзамон бо гузоштани пой, дастро ба кулоҳ мебарад ва баъд гузориш медиҳад, Масалан: **«Рафиқ сержант, сарбоз Аҳмадов бо фармони шумо ҳозир шуд!»** ё **«Рафиқ полковник, капитан Файзуллоев бо фармони шумо ҳозир шуд!»** Пас аз анҷоми гузориш дасташро поён мекунад. Ҳангоми аз назди сардор ба саф баргаштан, хизматчии ҳарбӣ рухсат мепурсад. Пас аз рухсат гирифтан дасти росташро ба кулоҳ бурда **«Итоат»** мегӯяд ва ба тарафи саф тоб хӯрда, пас аз қадами аввалин дасташро мефурорад, бо қадамҳои сафӣ бо роҳи кӯтоҳтарин ба ҷойи худ ба саф бармегардад. Ҳангоми берун аз саф аз назди сардор баргаштан пас аз гирифтани рухсат сарбоз **«Итоат»** мегӯяд ва ба самти ҳаракати худ тоб мехӯрад. Бо қадами аввалин дасташро ба поён мефурорад ва баъди 4-5 қадами сафӣ бо қадаммонии сафарӣ ҳаракати худро давом медиҳад.

**Ҷавоб ба саломи ҳарбӣ.** Ба саломи сардор ё шахси рутбааш калонтар **«Салом, рафиқон!»** ҳамаи сарбозони дар қатор ё берун аз он буда: **«Саломатӣ мехоҳем!»** – гӯён ҷавоб медиҳанд. Ба хайрухуши сардор ё шахси рутбааш калонтар **«Хуш бошед, рафиқон!»** сарбозон **«Хуш бошед!»** гӯён ҷавоб медиҳанд. Дар охири ҷавоб калимаи «рафиқ» ва рутбаи ҳарбии калонтар илова мешавад.

Мисол: **«Саломатӣ мехоҳем, рафиқ майор», «Хуш бошед, рафиқ майор».** Ба саломи сардор сарбозон бояд як хел, бо як овоз, бурро ва фаҳмо ҷавоб диҳанд. Барои ҷавоби якхела гуфтан сарбозон ҳангоми ҳаракат баробари пойи чапро ба замин гузоштан оғоз менамоянд ва ҳар як калимаро дар ҳолати ба замин гузоштани пойи дигар такрор менамоянд.

**Додани саломи ҳарбӣ бо силоҳ дар ҷойи ист ва ҳангоми ҳаракат.** Додани саломи ҳарбӣ бо силоҳ дар ҷойи ист, берун аз саф низ монанди додани саломи ҳарбии бесилоҳ анҷом дода мешавад. Бо силоҳ дар ҳолати **«Ба пушт!»** саломи ҳарбиро бо гузоштани даст ба кулоҳ медиҳанд. Барои додани саломи ҳарбӣ ҳангоми ҳаракат берун аз саф бо силоҳ, **«Ба китф!»** ё **«Ба сина!»** дар масофаи 3-4 қадам то командир (сардор) ҳамзамон бо гузоштани пой ба замин сарро ба тарафи ӯ гардонида, ҳаракати дасти озодро қатъ мекунанд. Бо силоҳ дар ҳолати **«Ба пушт!»** ба ғайр аз ин дастро ба кулоҳ намебаранд. Саломи ҳарбӣ бо додани амри **«Барои истиқбол аз рост (чап, рӯ ба рӯ), ба посбон»** анҷом мегирад.

**Савол ва супориш:**

1. Саломи ҳарбӣ дар ҷойи ист ва ҳангоми ҳаракатро намоиш диҳед.
2. Аз қатор баромадан ва баргаштанро амалан нишон диҳед.
3. Наздик шудан ба командир дар саф ва берун аз онро намоиш диҳед.
4. Ба саломи командир сарбозон чӣ тавр ҷавоб мегӯянд?

## § 47. МАШҚҲОИ САФКАШӢ ВА ҲАРАКАТҲО БО СИЛОҲ

Сафкашӣ бо силоҳ ҳам мисли ҳолати сафкашӣ бе силоҳ мебошад.

Барои ҳаракатҳои якранг бо силоҳ дар ҳайати зерқисм инчунин ҳангоми муҳорибаро омӯхтан силоҳ зарур аст. Барои бехатарӣ пеш аз иҷро намудани амалиёт силоҳ аз назар гузаронида мешавад.

**Истодан дар саф бо силоҳ.** Қоидаҳои иҷрои дар саф истодан бо силоҳ чунин аст: автомати дастааш чӯбинро дар ҳолати **«Дар тасма!»** милаш ба тарафи боло, автомати дастааш қатшаванда бошад, милаш ба тарафи поён нигаронида мешавад. Дар ҳолати «Дар тасма» будани автомат он дар китфи рост овехта мешавад. Дасти рост аз оринҷ қат карда шуда, тасма бо кафи дасти аз қисми марказиаш дошта ва даст ба бадан пахш карда мешавад. Дасти чап ба поён фуроварда шуда автоматро дар се ҳолат: **«Дар тасма!», «Дар сина!», «Силоҳ ба пушт!»** гирифтан мумкин аст.

**Иҷрои амал бо силоҳ дар ҷойи ист.** Пеш аз омӯхтани автомат онро ба қайди муҳофиз (предохранител) – ҳолати аввала гузоштан лозим аст. **«Ба тасма»** барои гирифта гаштани автомат дар ҳолатҳои гуногун истифода мешавад. Барои ин амри **«Тасма – Дароз!»** ё худ **«Тасма– Кӯтоҳ!»** дода мешавад.



а б в г д

**Истодан дар саф бо силоҳ:**
**а) бо автомати чӯбқундоқ, б) бо автомати қундоқаш оҳанини қатъшаванда, в) бо карабин (милтиқи дурбиндор), г) бо пулемёти дастӣ (ротагӣ), д) бо норинҷакандози дастӣ**

Ҳангоми фармони омодашавӣ автоматро ба дасти рост гирифта, дастаи автомати қатъшавандаро кушодан лозим аст. Бо амри иҷрошаванда ба тарафи рост ба таври нимдавр гашта, дар як вақт пойи чапро як қадам ба тарафи чап бояд гузошт. Қоматро хам карда, дастаи автоматро ба нӯги пойи чап гузошта, пойҳоро дар зону қат кардан лозим аст. Тасмаро бо дасти рост нигоҳ дошта, бо дасти чап онро кашида, ҳолати аввалаи дар саф истоданро мустақилона қабул кардан лозим аст. Аз ҳолати «Ба тасма!», ба ҳолати «Ба қафаси сина!» автомат бо амри **«Автомат ба сина!»** гирифта мешавад. Ин ҳолат се намуд дорад: **Навъи I. Намуди аввал:** Дасти рост дар тасма каме ба боло ҳаракат дода мешавад, автомат аз тасма гирифта шуда, бо дасти чап аз зерчӯбаи мили туфанг, қисми марказиаш дошта, дар назди худ ба таври амудӣ, тирдон ба чап ва бурриши қисми болоии он дар баландии чоғи поён нигоҳ дошта мешавад.

**Намуди дуюм:** Бо дасти рост тасма ба тарафи рост кашида мешавад ва аз зераш бо кафи даст ангуштонро қат намуда, ба тарафи худ гардонда мешаванд, яъне дар як вақт дасти рост ба зери тасма гузаронида мешавад.

**Намуди сеюм:** Тасма аз гардан гузаронида мешавад ва автомат бо дасти рост аз қисми болоиаш гирифта шуда, дасти рост ба поён фуроварда мешавад. Автомат бо дастаи қатъшаванда аз ҳолати «Ба тасма!» бо амри пештара ба ҳолати «Ба сина!» гирифта мешавад.

**Навъи II. Намуди аввал:** Автомат аз китф бо дасти рост гирифта мешавад ва тасмаи он дар оринҷи дасти рост боқӣ мемонад. Автоматро аз қисми марказиаш бо дасти чап дошта, дар пеши худ тирдонро поён намуда, қисми болоии автомат ба тарафи чап гардонда дар ин ҳолат нигоҳ дошта мешавад.

**Намуди дуюм:** Тасма бо дасти рост аз паси гардан ба китфи чап партофта мешавад. Автомат аз қуттии даста аз назди тасма гирифта, дасти чап зуд фуроварда мешавад. Автомат аз ҳолати **«Ба сина»** ба ҳолати **«Ба тасма»** бо фармони **«Ба тасма»** бо се намуд гирифта мешавад.

**Зернамуди аввал:** Автоматро аз қисми марказиаш бо дасти чап гирифта, каме ба пеш ва ба боло ҳаракат додан лозим аст. Дасти рост аз зери тасма бароварда мешавад ва аз гарданаи даста медорад.

**Зернамуди дуюм:** Автомат ба боло бардошта, тасма аз паси гардан гузаронида мешавад. Дар ин ҳолат автомат ба тарзи амудӣ, тирдон ба тарафи чап, буриши қисми нӯги автомат дар баландии ҷоғи поён дар пеши худ нигоҳ дошта мешавад.

**Зернамуди сеюм:** Бо дасти рост тасма аз қисми болоиаш дошта мешавад ва автомат ба қафои китфи рост дар ҳолати **«Ба тасма!»** партофта мешавад. Дасти чап зуд ба поён фуроварда мешавад.

Автомати дастааш қатъшаванда аз ҳолати **«Ба сина!»** ба ҳолати **«Ба тасма!»** бо амри пешакӣ гирифта мешавад.

**Навъи III. Намуди аввал:** Автоматро бо дасти чап аз қисми болоиаш дошта, каме ба боло бардоштан лозим аст. Оринҷи дасти рост аз зери тасма мебарояд. Кафи дасти рост дар қисми поёнии автомат истода, тасма аз назди қуттии даста дошта мешавад.

**Намуди дуюм:** Автоматро аз қисми қуттии даста ба боло бардошта, тасмаро аз болои сар гузаронида, автоматро бо тарзи тирдон ба тарафи рост нигоҳ доштан лозим аст.

**Намуди сеюм:** Автомат аз болои китфи рост ба ҳолати **«Ба тасма»** дароварда мешавад, дасти чап зуд ба поён фуроварда мешавад.

Автомат аз ҳолати **«Ба тасма!»** ба ҳолати **«Ба пушт!»** бе корднайза, бо амри **«Автомат – ба пушт!»** гузошта мешавад. Дар ин ҳолат ду намуд истифода мешаванд:

**Зернамуди аввал.** Бо дасти чап тасмаро каме аз китф поёнтар дошта, бо дасти рост аз дастаи автомат гирифтан лозим аст.

**Зернамуди дуюм.** Бо дасти рост автоматро каме ба боло бардошта, бо дасти чап тасмаро ба паси сар партофта, автоматро ба китфи чап гирифта, дастҳоро зуд ба поён фуровардан лозим аст.

Автомат аз ҳолати **«Ба пушт»** ба ҳолати **«Ба тасма»** бо амри **«Автомат – Ба тасма!»** гирифта мешавад.

Ин ҳаракат низ ду тарз дорад:

**Тарзи аввал.** Бо дасти чап тасмаро каме аз китф поёнтар дошта, дар як вақт бо дасти рост аз дастаи автомат гирифтан лозим аст.

**Тарзи дуюм.** Бо дасти рост автоматро каме бардошта, бо дасти чап тасмаро гирифта, дасти чапро зуд ба поён фуровардан лозим аст. Сипас бо дасти рост тасмаро гирифта, дасти чапро зуд ба поён фуровардан лозим аст.

Барои аз ҳолати **«Ба сина!»** ба ҳолати **«Ба пушт!»** ва аз ҳолати **«Ба пушт!»** ба ҳолати **«Ба сина!»** гузаронидан, автоматро пешакӣ ба ҳолати **«Ба тасма!»** тайёр намудан лозим аст.

Автомати дастааш қатъшаванда аз ҳолати **«Ба сина!»** ба ҳолати **«Ба пушт!»** бо дасти рост аз қисми болоии он дошта, **«Ба пушт!»** гузаронида мешавад. Ҳангоми аз ҳолати **«Ба пушт!»** ба ҳолати **«Ба сина!»** гузаронидан қисми болоии автоматро бо дасти рост дошта, ба тарафи китфи чап бурда, ба ҳолати **«Ба сина!»** гузаронидан лозим аст.

**Савол ва супориш:**

1. Бо автомати дар ҳолати «Дар тасма» буда иҷрои ҳолати «Истода»-ро дар саф намоиш диҳед.
2. Ҳолатҳои автомат «Дар тасма», «Дар сина», «Силоҳ ба пушт»-ро иҷро намоед.

## § 48. САФИ БАХШӢ

Бахш (отделение) дар сафҳои кушода ва саёҳатӣ ҳаракат менамояд. Сафкашӣ ба қатори якрада (дурада) бо амри: **«Бахш – як рада (ду рада) саф каш!»** иҷро карда мешавад. Бо ин амр сарбозон аз тарафи чапи фармондеҳ дар масофаи дар Оинномаи тайёрии сафоройӣ муқарраршуда ба тавре ки нӯги пойафзори ҳамаи сарбозон дар як хати рост ҷой гирифта бошанд, саф мекашанд. Бо сар шудани сафкашӣ фармондеҳи бахш аз саф баромада ба ҷараёни сафкашӣ назорат мекунад. Бахш иборат аз чор нафар ё камтар аз он ҳамеша дар як қатор саф мекашанд. Дар ҳолате ки рост кардани бахш дар ҷояш зарур бошад, амри **«Баробар шав!»** ё **«Ба чап–баробар шав!»** дода мешавад. Бо амри **«Баробар шав!»** ҳама, ғайр аз сарбози аввали қаноти рост, сари худро ба тарафи рост мегардонанд (Гӯши рост аз гӯши чап болотар, манаҳ каме боло бардошта мешавад). Тарзе баробар мешаванд, ки ҳар кас синаи шахси пас аз худаш, яъне сарбози чорумро бинад. Сафкашии бахш, ба қарори яккатора (дуқатора) дар ҷойи ист бо фармони **«бахш – як қатор – саф каш!»** иҷро карда мешавад. Ҳаракати бахш бо амри **«Марш!»** – қадам задан оғоз меёбад.

Бо амри иҷрошаванда ҳамаи сарбозон якбора аз пойи чап, дурустӣ ва масофаро риоя намуда, қадамзаниро оғоз менамоянд. Манъшавии бахш бо амри **«Бахш–ист!»** амалӣ гардонида мешавад. Бо амри: **«Бахш – пароканда шав!»** (Разойтись) сарбозон аз саф мебароянд.



**Сафи сафарии бахш - қатори якнафара**

**Ҷудошавӣ ва наздикшавии бахшӣ.** Ҷудошавии бахш дар ҷойи ист бо амри **«Баробар шав!»** ё **«Ба рост**

**(чап) аз марказ баробар шав!»** дода мешавад. Бо амри иҷрошаванда ҳамаи сарбозон, ғайр аз сарбозе, ки ҷудошавӣ аз назди он сар мешавад, ба самти муайяншуда тоб хӯрда, ҳамзамон, бо гузоштани пой сарро ба тарафи ҷабҳаи саф мегардонанд. Сипас, бо қадамҳои хурд оҳиста-оҳиста аз сари китфи рост ба рафиқи аз пасаш омадаистода ва аз вай канда нашуда мераванд. Баъди истодани сарбози аз қафо омадаистода ҳар як сарбоз боз як қадам гузошта (ё ҳамон қадаре ки дар амр қайд карда шуда бошад) ба тарафи чап ва рост мегардад. Агар масофа муайян нашуда бошад, ҷудошавӣ ба як қадам амалӣ мегардад. Ҳангоми ҷудо шудан аз марказ ба сарбози дар марказ истода ишора мешавад. Сарбоз баробари насаби худро шунидан **«Ман!»** – гӯён ҷавоб медиҳад, дасти чапашро ба пеш мегузорад, сипас онро мефурорад. Ҳангоми баробар шудани бахш, танҳо масофаи вақти ҷудошавӣ боқӣ мемонад. Ҷамъшавии бахш дар ҷойи ист бо амри: **«Бахш, ба рост (чап, байн) ҷамъ шавед»** амалӣ гардонида мешавад. Бо амри иҷрошаванда ҳамаи сарбозон, ғайр аз сарбозе, ки ҷамъшавии амалӣ ба тарафи ӯ нигаронида шудааст, ба тарафи ҷамъшаванда тоб мехӯранд ва бо қадамҳои оҳиста– оҳиста ба масофаи муайянгардида меоянд ва пас аз расида омадан, мустақилона меистанд ва ба тарафи чап (рост) тоб мехӯранд. **Сафивазкунии бахшӣ.** Қаторивазкунии бахш аз як қатор ба ду, пас ба якум ва дуюм ҳисоб кардан бо амри: **«Бахш – ба якум ва дуюм ҳисоб кун!»** амалӣ мегардад. Ҳисоб аз қаноти рост оғоз меёбад. Дар ин ҳолат ҳар як сарбоз сарашро ба тарафи рафиқи аз тарафи чап истодааш мегардонад ва рақами худро номбар менамояд ва боз ба пеш менигарад. Сарбози дар қаноти чапи охир истода сарро ҳаракат намедиҳад. Ҳисоби умумии бахш бо фармони **«Бахш ба тартиб ҳисоб кун!»** бо қоидаҳои дар боло зикршуда амалӣ карда мешавад.



**Сафи паҳн:**
**а – бахши якрадифа, б – бахши дурадифа**

Дар сафи дунафара сарбози қаноти чапи қатори дуюм бо ба охир расонидани ҳисоб «Пурра» ё «Нопурра» гӯён гузориш медиҳад. Аз радифи якнафара ба радифи дунафара бо амри **«Бахш – ба ду қатор саф оро!»** гузашта мешавад. Бо амри иҷрошаванда рақами дуюм, бо ҳисоби «як» бо пойи чапашон як қадам ба қафо мегузаранд, бо ҳисоби «ду» пушти рафиқҳои сафи «як» меистанд, бо ҳисоби «се» пойи чапро ба ҷояш мегузоранд. Барои дар ҷойи ист аз қатори ҷамъшудаи дунафара ба қатори якнафара гузаштан бахш аввал ба масофаи як қадам ҷудо мешавад, сипас бо амри **«Бахш – ба қатори якнафара – саф оро!»** рақамҳои дуюм ба хати рақамҳои якум, бо ҳисоби як бо пойи чап ба тарафи чап қадам гузошта, бо ҳисоби «ду» пойи ростро ба замин нагузошта, як қадам ба пеш ва бо ҳисоби «се» пойи чапро мегузоранд. Саф кашидани бахш аз қатори ҷудошуда ба қатор бо амри **«Бахш ба рост!»** иҷро карда мешавад. Сафкашии бахш аз қатори якнафара ба бахши дунафара бо амри **«Бахш бо қатори дунафара қадам занед!»** иҷро мешавад. Бо амри иҷрошаванда сарбози аввалин бо ним қадам ҳаракат мекунад, рақамҳои дуюм ба рост мебароянд, бо ҳамоҳангии қадамзанӣ ҷойҳои худро дар қатор ишғол менамоянд, то амри **«Рост!»** ё худ **«Бахш– ист!»** бо ним қадам ҳаракат мекунанд.

**Савол ва супориш:**

1. Дар бораи сафкашии бахш ва сафивазкунии бахшӣ нақл намоед.
2. Ҳаракатҳои бахшро ҳангоми пароканда шудан ва наздикшавӣ ба чап ва аз марказ иҷро намоед.
3. Дар бораи тартиби ҳисоби сарбозон дар саф нақл кунед.

# БОБИ VIII
# МАҲАЛНИГОРИИ (ТОПОГРАФИЯ)-И ҲАРБӢ
## § 49. ОМӮЗИШИ МАКОН ВА САМТҲО

Топографияи ҳарбӣ усулҳои омӯзиши макон, самтёбӣ, ҷойи исти худро муайян кардан (ориентатсия) ва дигар масъалаҳои алоқаманд бо баҳодиҳии макон барои ҳаракатҳои ҷангии қӯшунҳо, истифодаи харитаҳои топографию аэрорасмҳо, иҷрои вазифаҳои гуногуни ҷангиро дар бар мегирад.

Масъалаҳое, ки дар қисми топографияи ҳарбӣ омӯхта мешаванд, ба ҳаракати ҳайати шахсӣ ҳангоми иҷрои супоришҳои ҷангӣ муносибати бевосита доранд. Донишу малакаи аз ин фан гирифташуда барои ба ҳолати макон дуруст баҳо додан, хулосаи мақсаднок баровардан, дуруст ба роҳ мондани назорат, системаи оташфишонӣ ва ҳангоми муҳориба роҳбарӣ намудани зерқисмҳо, истифодаи пурраи воситаҳои муҳофизаткунанда ва тактикӣ барои бомуваффақият пеш бурдани амалиёти ҷангӣ ёрӣ мерасонад. Омӯхтани топографияи ҳарбӣ ба рушди хусусиятҳои асосии ҳайати шахсӣ: назорати дуруст анҷом додан, баҳо додан ба натиҷаҳои назорат ва дар бораи таъсири макон барои иҷрои вазифаи ҳарбӣ зарур мебошад.

### БЕ ХАРИТА САМТГИРӢ ДАР МАҲАЛ

Самтгирии бе ҳаракатӣ дар маҳал, дар муайян кардани тарафҳои уфуқ (самтҳои шимол, шарқ, ҷануб, ғарб) ва ҷойи ҷойгиршавии худ дар маҳал нисбат ба нишонаҳо, банду баст мегардад ва дар ҳудуди маҳдудшуда истифода бурда мешавад. Ба сифати нишонаҳо ҷисмҳои ба чашм намоёни иқлими маҳал, ки нисбат ба ҷойи ист, самти ҳаракат, ҷойгиршавии нишонҳо ва дигар иншоот муайян карда мешаванд, хизмат мекунанд. Нишонаҳоро аз рӯйи имкониятҳои вуҷуддошта бо умқ ва ҷабҳа баробар интихоб мекунанд. Нишонаҳои интихобшударо оид ба ҳудудашон аз рост ба чап ва аз ҷойи исти худ ба тарафи душман рақамгузорӣ мекунанд. Ғайр аз рақам ба ҳар як нишона номҳои шартӣ, ки ба шакл ва андозаи онҳо мувофиқанд мегузоранд, масалан “Дарахти хушк”, “Хонаи вайрона” ва ғайра.

Тарафҳои уфукро дар кӯҳҳо аз рӯйи Офтоб, Ситораи қутбӣ, Моҳтоб, инчунин, аз рӯйи баъзе нишонаҳои маҳаллӣ муайян мекунанд. Офтоб дар қутб (нишебии осмон) роҳи худро аз шарқ ба ғарб бо самти ҳаракати ақрабаки соат тай мекунад, ки кунҷи гардиши он дар ҳар як соат 15 дақиқаро ташкил медиҳад ва он то нимрӯзӣ соати 13:00 дар ҷануб ҷойгир мешавад. Вақтро дониста кунҷи ҳаракати Офтобро то нуқтаи расиш ба қутби ҷануб ё аз он гузаштани онро муайян кардан мумкин аст.

Масалан, соати 9:00 Офтоб то нуқтаи ҷануб ба кунҷи 150. (13-9)-ӣ 600 ҳаракат мекунад (600 то нуқтаи ҷануб намерасад). Ҳамин тавр, самти ҳаракат ба ҷануб нисбат ба Офтоб 600 -ро ташкил медиҳад. Ҳамин амалиётро бо соати ақрабакдор ба амал баровардан мумкин аст. Барои ин соатро ба ҳолати уфуқӣ гузошта, онро то он вақт давр мезанонем, ки ақрабаки соат бо самти Офтоб дар як хат хобад (ақрабаки дақиқа ҳисобкунӣ дар ин ҳолат ба назар гирифта намешавад). Кунҷи байни ақрабаки соат ва рақами 1-и сиферблати соат ба ду ҳиссаи баробар тақсим карда мешавад. Хатти ҳамин кунҷро тақсимкунанда, самти ҷанубро нишон медиҳад.



**Қутбнамои (компас) Адрианов**

Дар шаби софи беғубор, самти тарафи шимолро аз рӯйи Ситораи қутб муайян мекунанд. Барои он, ки онро дар нишебии осмон ёбед, бояд аввал ситораҳои Хирси Калонро ҷустуҷӯ кунед, ки ӯ дар байни дигар ситораҳо ба шакли кафлез буданаш фарқ карда, аз ҳафт ситораи равшан иборат аст.

Самти ба шимол ва ҷануб наздикро дар кӯҳҳо аз рӯйи баъзе нишонаҳои маҳаллӣ муайян кардан мумкин аст. Қабати барф дар тарафи шимол назар ба ҷануб зиёдтар боқӣ мемонад.

Дар шаб аз рӯйи тӯдаи ситораҳои Роҳи Каҳкашон низ тарафҳои уфукро муайян кардан мумкин аст. Тӯдаи ситораҳои номбурда ба абр монанд буда, аз тарафи ҷануб тӯл кашидаанд.

Дигар нишонаҳои маҳаллӣ, ки дар вақти самтгирӣ истифода кардан мумкин аст, инҳо шуда метавонанд:

• пӯсти аз тарафи шимол воқеъ будаи бисёрии дарахтон дурушттар мебошанд;

• шираи бисёрии дарахтони сӯзанбарг аз тарафи ҷануб ҷойгиранд;

• аз тарафи шимоли дарахтон, сангҳо ва ғайра бо замбӯруғ ва обсабзҳо пӯшонида мешаванд;

• тобистон хоки тарафи ҷануби дарахтон, сангҳо ва ғайра нисбатан хушк мебошанд, ки онро дар натиҷаи даст задан ҳис мекунанд;

• дар нишебиҳои ҷануби кӯҳҳо бисёртар дарахт мерӯяд;

• дар дарахти бо арра буридашуда ҳалқаҳои тарафи ҷануби кунда нисбат ба тарафи шимол кушоданд;

• шоху барги дарахтон аз тарафи шимол кам буда, аз тарафи ҷануб бошад зиёду ҷафс ҷойгиранд.

**Бе харита дар макон кор бурдан.** Дар макон муайян кардани тарафҳо – муайян намудани ҷойгиршавии макони худ аз вобастагии уфуқ ва ашёи ба назар намоён ва дуруст нигоҳ доштани самти муайянгардида мебошад. Дар шароити ҷангӣ муайян кардани тарафҳо – инчунин, муайян намудани макони худ нисбати қӯшунҳои худ ва душман мебошад. Зуд ва дуруст муайян кардани макони худ ба бомуваффақият иҷро намудани супоришҳои ҷангӣ дар макони бегона, беша, кӯҳ ва дар шароитҳои биниши паст мусоидат менамояд.

**Самтгирӣ бо харита**

Ба самтгирӣ аз рӯйи харитаи маҳалнигорӣ дар маҳал инҳо дохил мешаванд – нишонагузории харита, ташхиси нишонаҳо ва муайян кардани нуқтаи қароргирифта. Самти харита – бо қутбнамо, хатти маҳал ё самт нисбат ба ягон нишонаи муқарраршуда муайян карда мешавад.

Самтгирии харита бо қутбнамо аз ҳисоби майлкунии магнитӣ ба амал бароварда мешавад. Барои ин қутбнаморо дар яке аз хатҳои амудии харита чунон ҷойгир мекунанд, ки хатҳои ба штрихи 0 ва 180-ҷадвал гузаранда, бо хати харита ҳамҷоя шаванд. Баъд харитаро чунон тоб медиҳанд, ки охири ақрабаки магнитӣ аз штрихи 0 ба бузургии дурусткунии самти дар кунҷи чапи поёнии харита нишондода майл кунад. Барои самтгирии харита бо хатти маҳал, харитаро чунон тоб медиҳанд, ки хатти шартии ҷисми маҳаллӣ, масалан, роҳ бо самти худи ҷисми маҳаллӣ мувофиқ бошад, расми ҳамаи иншооти аз тарафи рост ва чапи он ҷойгиршуда бошад, аз ҳамон тарафе, ки дар маҳаланд, ҷойгир бошанд. Самтгирии харитаро ба самти нишона дар ҳолатҳое истифода мебаранд, ки агар нуқтаи қароргирифта муайян бошад ва аз он нишонаи дар харита ишорашуда дида шавад. Харитаро чунон тоб медиҳанд, ки самти "нуқтаи қароргирифта-нишона" бо самти мувофиқ ба маҳал бо ҳам афтанд.

Ташхиси нишонаҳо – марҳалаи масъулиятноки самтгирӣ бо харита мебошад, чунки нуқтаи қароргириро танҳо аз рӯйи нишонаҳое, ки барои харита ва маҳал умумиянд, муайян кардан мумкин аст. Аз ҳама нишонаҳои хислатноки релъефи кӯҳӣ барои самтгирӣ ин шаклҳои гуногуни баландкӯҳҳо, қуллаҳо, гардана, қаторкӯҳ, харсангҳои калонҷуссаи алоҳида ва ғайра шуда метавонанд. Ғайр аз ин, бо мақсади самтгирӣ мумкин аст баъзе маҳалҳои назарраси кӯҳӣ, ба монанди таги водӣ, ҷойҳои сангреза ва регзор, майдонҳои барфпӯш, нишебиҳои алафпӯш ва ғайра истифода шаванд.

Ташхиси нишонаҳоро аз иншооти азимҷуссаи аз дигарашон фарққунанда ва он иншооте, ки монанди онҳо дар ҳамин маҳал кам вомехӯранд, сар мекунанд. Дар вақти аз харита ёфтани нишонаи дар

маҳал мушоҳидашаванда, ҷойгиршавии байниҳамдигарии онҳо нисбат ба уфуқ ҷойгиршавии онҳоро ба назар мегиранд.

Ҳангоми чен кардани ҷойи қароргирифта, дар харита ду-се нишонаро ёфта, бо чашм масофаи то онҳо ҷойгирифтаро ҳисоб мекунанд. Аз рӯйи масофаи то нишонаҳои ҷойгирифта бо баҳисобгирии самт, ҷойи қароргирифтаро муайян мекунанд. Бо ин тарз дар харита аниқ муайян кардани ҷойи қароргирифта, аз масофаи то нишонаҳо ҷойгиршуда вобаста аст, чӣ қадар ин масофа зиёд бошад, ҳамон қадар муайян кардани ҷойи қароргирифта душвор мешавад.

Барои ҷойи исти худро дар харита муайян кардан, аввал координати худро дар харита муайян кунед. Барои ин квадрати ҷойи қароргирифтаро меёбед, масалан, координати ҷойи ист квадрати 40 (70), баъд аз он квадрати ёфтаатонро ба нуҳ ҳиссаи баробар тақсим кунед (дар дохили квадрат ду хатти параллели амудӣ ва ду хатти уфуқӣ гузаронед). Баъд аз рӯйи миқёси харита масофаро бо ҷадвал ҳисоб карда, ҷойи исти худро муайян мекунед (миқёси харита 1:50 000 бошад, он гоҳ дар 1 см 500 м ҷойгир шудааст).

## САМТГИРӢ ДАР ВАҚТИ ҲАРАКАТ

Вобаста ба хислати маҳал ва ҳолати роҳ, ҳангоми самтгирӣ дар вақти ҳаракат, чун қоида аз харитаи миқёсаш 1:100000 ё 1:200000 истифода мебаранд. Вазифаи асосии самтгирӣ дар вақти ҳаракат нигоҳ доштани ҳаракати лозима ё дар харита нишон додашуда мебошад. Самтгирӣ дар вақти ҳаракат барои донистани ҷойи худ доимӣ бурда мешавад. Барои ин аввал харитаро тайёр мекунанд, дар роҳ бошад, амали муайянро нигоҳ медоранд.

Ба тайёр кардани харита ширешкунии харита (бо ҳам пайваст кардани харитаҳои ҷудогона мувофиқи амал ва маҳал), нишон додани масири ҳаракат ва азимутҳои самтҳои алоҳида дохил мешаванд. Дар вақти дар даст доштани аэрорасмҳо, бояд мувофиқат кардани маҳалро дар самти ҳаракат муайян карда, дар ҳолатҳои зарурӣ ба он илова ё аниқӣ дароранд.

Тартиби амал кардан дар роҳ ҳангоми нигоҳ доштани масири ҳаракат инҳоянд. Дар нуқтаи ибтидоӣ, нишондоди масофасанҷи мошинро навишта мегиранд ва онро дар харита дар нуқтаи якум (ибтидоӣ) қайд менамоянд. Баъд масофаро, то ҳар як нишона ба нишондоди аввалаи масофасанҷ гузаронда, қимати онҳоро ба нишондоди масофасанҷ зам намуда онро ба нуқтаи мувофиқ менависанд.

Пеш аз оғози ҳаракат, аз рӯйи харита минтақаи масир то нишонаи назоратии якум бодиққат аз назар гузаронида шуда, аломати чашмраси роҳ, инчунин, ҷисмҳои асосии қад-қади роҳ ҷойгиршуда ва дигаргуниҳои иқлимии он, дар хотир нигоҳ дошта мешаванд.

Дар роҳ харитаро одатан аз рӯйи роҳ (дар ҳар як гардиш, харитаро ба кунҷи мувофиқ тоб медиҳанд) дуруст менамоянд, ҳангоми ҳаракат ба бероҳаҳо бошад, онро ба ҷисмҳои маҳаллӣ дуруст менамоянд.

Маслиҳат дода мешавад, ки ҳангоми гузаштан ба нишонаи назоратии дигар, ҳатман ба харита муроҷиат карда шавад. Ба дурустии ҷойгиршавии ҷисмҳо бовар ҳосил карда, масирро то нишонаи оянда бодиққат омӯхта, мушоҳидаи маҳалро давом медиҳанд. Агар дар маҳал иншооте вохӯрад, ки дар харита қайд карда нашудааст ё ҳангоми омӯзиши масир ба назар нанамудааст, зарур аст, ки чунин қитъаҳои харитаро амиқ омӯзанд ва бовар ҳосил кунанд, ки ин иншоот дар харита нишон дода нашудааст.

Дар вақти ба нишонаи санҷиши гардишгоҳи масири ҳаракат (на камтар аз 200-500 м) наздик шудан, бояд сари вақт ба ронанда нишонаро нишон диҳад ва самти ҳаракати ояндаро баён кунад, масалан: “Дар сарҳади маҳалли аҳолинишин ба тарафи чап, ба роҳи хокӣ”. Нишонаҳоро бояд ба ронанда фаҳмонанд. Агар дар вақти ҳаракат ёфтани нишонаҳо ба ронанда душвор бошад (аз сабаби душвории биниш), он гоҳ барои аз болои нишонаҳои роҳ мушоҳида бурдан, шахси дигар ҷалб карда мешавад. Ҳар як нишонаро бо роҳи аз рӯйи масофасанҷи мошин тайкарда муайян мекунанд.



**Аз рӯйи аломатҳои ашёи маконӣ муайян намудани тарафҳои уфуқ**

**Муайян намудани тарафҳои уфуқ.** Вобаста ба хусусиятҳои макон, вақт ва ғайра биниши тарафҳо бо ёрии қутбнамо (компас) муайян карда мешавад. Ин амал бо вазъи ҷойгиршавии офтоб ва соат,

бо ситораҳо ва аз рӯйи ҳолати ашёи макон гузаронида мешавад. Барои бо қутбнамо муайян намудани тарафҳои уфуқ, ки принсипи кории он ба воситаи ақрабакҳои магнитӣ ба самти меридиани магнитӣ, шимол – ҷануб асоснок гардонида шудааст, сараввал мушкаро бо тақсимоти сифрии лимб ҷойгир кардан лозим аст.

Сипас қутбнаморо ба муайян кардан омода сохтан зарур аст. Барои ин, қутбнаморо ба тарзи хати уфуқӣ гузошта ақрабаки онро ба кор даровардан лозим аст. Қутбнаморо тоб дода истода, ба он ноил шудан лозим аст, ки кунҷи шимолии ақрабаки магнитӣ ба тақсимоти сифрии лимб муқобил истад. Дар қутбнамои бакордаромада ҳолати ақрабаки магнитӣ дар тақсимоти сифрии лимб ба самти шимол нигаронида мешавад. Самтро ба тарафи шимол дониста истода, тарафҳои дигари хатти уфуқро муайян намудан имконпазир мегардад. Барои бо вазъи офтоб муайян намудани самтҳои хатти уфуқ, донистани он ки дар нимдоираи шимолӣ тахминан дар соати 7.00 (тобистон дар –8.00) – шарқӣ, дар соати 13.00 (14.00)–ҷанубӣ дар соати 19.00–20.00 – ғарбӣ меистад, кифоя аст. Барои муайян намудани тарафҳои хати уфуқ бо офтоб ва соат, соатро ба ҳолати хатти уфуқӣ чунон гузоштан лозим аст, ки ақрабак ба тарафи офтоб нигаронида шуда бошад. Соатро дар ин ҳолат нигоҳ дошта, фикран кунҷи байни ақрабак ва рақами 1–(2)-ро ду тақсим кардан лозим аст. Кунҷи рости ҳосилшуда ба самти ҷануб ишора мекунад. То нисфирӯзӣ кунҷе, ки ақрабак то соати 13–14 гузашта метавонад, баъди нисфирӯзӣ кунҷе, ки ақрабак баъди соати 13–14 гузошта метавонад, тақсим карда мешавад. Барои мувофиқи ситораи саҳроӣ муайян намудани самтҳои уфуқ, дар само ситораи Дубби Акбарро ёфтан лозим аст. Сипас масофаи байни ситораҳои охирини нимдоираро ба самти кушодашавии он давом дода, панҷ мартаба гузоштан лозим аст. Нуқтаи ҳосилшуда ҳолати ситораи саҳроиро нишон медиҳад, ки он ба гурӯҳи ситораҳои (Дубби Асғар) дохил шуда, ҳамеша дар самти шимолӣ меистад.

**Аз рӯйи аломатҳои ашёи маконӣ муайян намудани тарафҳои уфуқ нисбати Офтоб.** Дар атрофи дарахтҳо, сангҳои азимҷусса ва қуллаҳои самти шимолии Моҳ рустанӣ мерӯяд, мӯрчахонаҳо дар беша қариб ҳама вақт аз тарафи ҷанубии дарахтон ҷойгир шудаанд, тарафи шимолии мӯрчахона нисбати тарафи ҷанубии он нишебтар аст, меваҳо ва марминҷонҳои беша аз тарафи ҷанубӣ бештар ранг меоранд. Дар нишебиҳои самти ҷануб, дар фасли баҳор барф барвақттар об мешавад, дар нишебиҳои шимолӣ чуқуриҳо ва ғорҳо, баръакс, барфҳои самти шимолӣ зудтар об мешаванд.

**Маълумотдиҳӣ дар бораи ҷойи исти худ.** Ҳангоми дар бораи ҷойи исти худ маълумот додан, пас аз муайян намудани самти уфуқ, дар бораи ашёи ахбордиҳанда, ки дар наздикии онҳо истодааст, масофаи бай-

ни ин ашё маълум карда мешавад. Масалан, «Дар баландии шимолии беша ҳастам; – ба самти шимол дар масофаи 600 м – қубури дудбарои даста, ба самти ғарб 200 м – деҳа, ба самти ҷануб 300 м – дарё, ба самти шарқ 500 м – роҳ».

Нишоннамоишдиҳӣ (ҳадафнишондиҳӣ) бо квадратҳои тӯри километрӣ. Ин тарз дар ҳолате, агар нишон додани квадрати тӯри километрӣ, ки дар он нишон ҷойгир аст, кифоя бошад, истифода бурда мешавад. Квадрат бо координатҳои кунҷи ҷанубу ғарбии он ишора карда мешавад, мисол: «Нишони М, квадрати 6590». Агар аниқ кардани ҷойи нишон дар квадрат лозим шавад, он гоҳ онро ба 4 ё 9 ҳисса ҷудо мекунанд, ки дар навбати якум бо ҳарфҳо дигараш бо рақамҳо ишора мекунанд (расми а б). Ҳангоми нишон додани квадрат ва аниқ кардани нишон, ки дар он квадрат ҷойгир шудааст, ҳарф ё рақам илова мекунанд. Мисол: «Нишони М, квадрати 6590-Б» ё квадрат «6590-4».

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **90** | | **91** |
| **66** | **А** | **Б** | |
| **65** | **В** | **Г** | |
| | **90** | | **91** |

**а)**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | **1** | **2** | **3** | |
| | **8** | **9** | **4** | |
| | **7** | **6** | **5** | |

**б)**

**Савол ва супориш:**

1. Дар макон муайян намудани ҷойи исти худро шарҳ диҳед.
2. Тарафҳои уфукро бо кадом роҳҳо муайян кардан мумкин аст?
3. Тарафҳои уфукро бо роҳҳои гуногун муайян созед ва онҳоро дар дафтаратон қайд кунед.

## § 50. ҲАРАКАТ БО АЗИМУТҲО

Аҳамияти ҳаракати самти азимутӣ дар тавонистану ёфтан ва нигоҳ доштани самти муайяншуда ва ба макони муайяншуда дуруст баромада тавонистанро дар бар мегирад.

Азимут кунҷи байни нӯги шимолии ақрабаки қутбнамо ва самти ба ягон маҳал нигарондашударо меноманд. Ҳисоби азимут бо равиши ақрабаки соат аз 0 то 360 дараҷа ҳисоб карда мешавад. Ҳар як шахс бояд азимутҳои асосии тарафҳои оламро нағз донад: Шимол 0-дараҷа. Шимолу шарқ 45-дараҷа, шарқ 90-дараҷа. Ҷанубу шарқ 135 дараҷа. Ҷануб 180 дараҷа. Ҷанубу ғарб 225 дараҷа. Ғарб 270 дараҷа. Шимолу ғарб 315 дараҷа. Барои муайян намудани азимут дар маҳал: аз ҷой хеста, рӯ ба тарафи ҷисме гардонда истодан лозим, ки азимути онро муайян кардан

зарур аст; қутбнаморо тавре гузоштан лозим, ки нӯги оҳанрабо доштаи ақрабаки он бо рақами 0 ё ҳарфи «С» (север - шимол) ҳамҷоя шавад; баъд гӯгирдро дар маркази қутбнамо тавре гузоштан лозим, ки вай ба самти ҷисми лозимӣ хоб равад. Ҳисоби (рақами) қутбнамо дар муқобили гӯгирд буда, азимути ҳамон ҷисм мебошад. Барои ҳаракат кардан аз рӯйи азимут: дар харита азимути ба ту додашуда ё масофаи лозими тайшавандаро дар хотир нигоҳ дор ё навишта мон; қутбнаморо дар аввали ҳамин масир гузошта дур намо, худ дар болои он тавре ист, ки рост ба қуллаи тири маркази қутбнамо рост истода бошӣ, рақами дар самти роҳи лозимӣ ва ақрабаки шимолӣ бударо дар ёд дошта, ба ҳамон тараф ҳаракат кардан лозим аст.

**Азимути магнитӣ ва муайян намудани он ба ашёи маконӣ.** Барои самти ашёи макониро муайян кардан аз азимути магнитӣ истифода бурда мешавад. Он кунҷи уфуқии бо ҳаракати ақрабак муайяншаванда аз самти шимолии меридиан то самти ашё мебошад ва аз 00 то 360$^0$ аҳамият дорад. Барои муайян кардани азимути магнитӣ ба ашёи маконӣ бо ёрии қутбнамо рӯ ба рӯйи ин ашё истодан ва қутбнаморо ба кор даровардан лозим аст. Сипас қутбнаморо дар ин ҳолат нигоҳ дошта, асбоби визириро чунон устувор гардондан лозим аст, ки хатти буриши визир бо самти ашё мувофиқ афтад. Дар ин ҳолат ҳисобаки дар лимби зидди нишондиҳандаи назди мушкабуда бузургии азимути магнитиро ба ашёи маконӣ нишон медиҳад. Азимути баргарданда – самти аз ашёи маконӣ ба нуқтаи ҷойгиршавӣ мебошад. Аз азимути рост 180$^0$ ҷамъ фарқ дорад. Барои муайян намудани он азимути рости 180$^0$ ҷамъ менамоянд, агар он хурд бошад, агар зиёд бошад, 1800-ро тарҳ кардан лозим аст. Барои муайян кардани самт дар макон бо азимути магнитии додашуда нишондиҳандаи мушкаро ба ҳисобаки азимутии магнитии додашуда баробар намудан лозим аст. Сипас қутбнаморо дар ҳолати бакордаромада нигоҳ дошта, дар хатти визирии макон буриши мушка – ашёи дуршударо ишора кардан лозим аст. Ҳангоми кор бо қутбнамо, онро 10 см аз чашм поёнтар дар дасти чап доштан лозим аст.




**Ҳаракати азимутӣ.** Барои ба самти азимутӣ ҳаракат кардан азимутҳои миқнотисии ҳар як нуқтаро дар самти ҳаракат ва масофаи байни нуқтаҳои ҳаракат дар ҷуфти қадамҳо (барои шахси миёнақад ҷуфти

қадамҳо – ба 1,5 м баробар аст) ба ҳисоб мегиранд. Ин маълумотро фармондеҳи гурӯҳ омода месозад ва дар шакли нақшаи самти ҳаракат ё ҷадвал пешниҳод менамояд.

Дар маконҳои кушоди нуқтаи самтнадошта ҳаракат чунин муайян карда мешавад. Дар нуқтаи аввала аз рӯйи қутбнамо самти ҳаракат муайян мешавад ва дар ин самти ҳаракат дар масофаи на он қадар дур ишораҳо гузошта мешаванд. Ба ишораҳои дар самти қафо гузошташуда нигариста, барои аз як хатти рост набаромадани онҳо кӯшиш намудан лозим аст. Барои санҷидан самти ҳаракатро бо азимути аксӣ муқоиса менамоянд. Инчунин, санҷидани фарқи азимутҳои дарпешистода бо ишораҳои гузошташуда аз рӯйи харита ё ҷадвал аз аҳамият холӣ нест. Агар зарурати баргаштан пайдо шавад, аз нақшаи пештараи самт (пешакӣ ба азимути аксӣ баргардонда) истифода бурда мешавад. Шабона ҳамчун нуқтаи самтҳои ёридиҳанда сояҳои ашёи маконӣ, нуқтаҳои аз дур рӯшноидиҳанда ва корхонаҳои равшангардондашударо истифода бурдан мумкин аст. Агар чунин шароит набошад, қутбнаморо бо ақрабаки озод ҳама вақт дар пеши худ нигоҳ медоранд. Барои самти ҳаракат мушкаи рости аз байни буришҳо гузарандаро қабул менамоянд. Барои аз монеа гузаштан, нуқтаи самтро дар самти ҳаракат дар тарафи муқобили монеа ишора карда, масофаи то он бударо муайян менамоянд ва ин бузургиро ба дарозии роҳи паймудашуда ҷамъ менамоянд. Монеаро гузашта, ҳаракатро аз нуқтаи самти интихобшуда пешакӣ бо ёрии қутбнамо муайян карда давом медиҳанд.

**Самтгирӣ дар роҳ.**

Шарти асосии нигоҳ доштани самти дурусти ҳаракат, ин самтгирии мунтазам мебошад. Аз рӯйи таҷриба барои ин кор зарур аст:

• харита дар ҳолати самтгирӣ дуруст гузошта шавад;

бо марҳалаҳо аз як ҷисм то ҷисми дигари маҳаллӣ харитаро пешакӣ нигоҳ карда, онро омӯхта дар хотир нигоҳ доштан лозим аст;

• фикран ё ба таври графикӣ дар харита ҳаракати худро қайд намуда, мувофиқаткунии нишондодҳои харитаро бо ҷисмҳои маҳаллӣ муқоиса кунед;

• агар шумо дар нақлиёт бошед, метавонед нишондоди масофасанҷро бо масофаи мувофиқ ба харита муқоиса намоед ва онро дар харита қайд намоед;

• дар ҷойҳои шубҳанок метавонед дурустии роҳи ҳаракати худро бо қутбнамо ё ҷирмҳои осмонӣ санҷед.

Ҳангоми дар харита наёфтани ҷойи худ бояд:

• бо қутбнамо самти миёнаи ҳаракатро аз нишони нағз шинохтакардашуда то ҷойи ист муайян карда, онро дар харита тасвир намоед;

• харитаро бо қутбнамо дуруст карда, бо ҷисмҳои маҳаллӣ муқоиса

намуда, бо ҳисобкуниҳои масофаи байни ҷисмҳои маҳаллӣ, ҷойи исти худро ёфтан мумкин аст.

## САМТГИРӢ ДАР ШАБ

Барои самтгирӣ дар шаб бояд инҳоро ба назар гирифт:

– нишонаҳо мувофиқ ба равшании ҳангоми ҳаракат мавҷуда аз рӯйи нағз намудор буданашон, интихоб шаванд;

– аз рӯйи ҳаҷмашон ва фарқи куллӣ доштан нисбат ба дигар ҷисмҳои маҳаллӣ;

– ранги намоёни онҳо, ки ҳангоми бархӯрдани равшании моҳтоб ё чароғи мошин инъикос мегардад, интихоб карда шаванд;

• нишонаҳо бояд тавре интихоб карда шаванд, ки масофаи байни онҳо аз масофаҳои дар рӯз интихобшаванда 15-20% кӯтоҳтар бошанд;

• хати масири ҳаракат дар харита бояд бо ранге тасвир ёбад, ки дар шаб нағз намоён бошад;

• масири ҳаракат бояд то дараҷае хуб омӯхта шавад, ки онро аз хотир ҳам дар харита кашида тавонанд;

• агар имконият бошад, 30 дақиқа пеш аз оғози масир ба ҳуҷраи торик ё чароғи ранги сурх дошта даромада, чашмҳоро дар торикӣ ба ҷустуҷӯйи нишондодҳои харита одат кунонанд;

• ҳангоми истифодаи харита барои нигоҳ доштани одаткунонии чашмҳо, аз чароғаки кисагии ранги сурх дошта, истифода намудан мувофиқтар аст;

• дурустии самти ҳаракати худро бештар бо ёрии қутбнамо ё ҷирмҳои осмонӣ санҷидан муфид аст.

## ХУСУСИЯТҲОИ САМТГИРӢ ДАР ҶАНГАЛ

Воситаи асосии самтгирӣ нисбат ба тарафҳои уфуқ ва нигоҳ доштани самти ҳаракат дар ҷангал, берун аз роҳ ва ғайра қутбнамо ба ҳисоб меравад. Тарзҳои ёрирасони самтгирӣ инҳо шуда метавонанд: самтгирӣ аз рӯйи нишонаҳои маҳаллӣ ва ҷирмҳои осмонӣ.

Дар ҷангал ба сифати нишонаҳо инҳо истифода мешаванд:

• пайраҳаҳо, роҳҳо ва буриши онҳо;

• дарё ва ҷӯйборҳо (самти ҷоришавии онҳо, қатъшавӣ ва гузаргоҳҳои хислатноки онҳо ба назар гирифта мешавад);

• шакли иқлими баназаррасанда

(чуқуриҳо, нишебиҳо, қуллаҳо, теппа ва ҷойҳои фурӯрафта) диққат дода мешавад;

• майдонҳои васеъ, ҷойҳои дарахташ буридашуда, сарҳади ҷангал,

буттазор, инчунин, қитъаҳои ботлоқдор ва ғайра ба сифати нишона истифода мешаванд.

## МАХСУСИЯТИ САМТГИРӢ ДАР НУҚТАҲОИ АҲОЛИНИШИН

Дар шаҳрҳо ба сифати нишонаҳои асосӣ инҳоро интихоб кардан мумкин аст:

• кӯчаҳои калон (шоҳроҳ);

• майдонҳо;

• иншооти маълуму овозадор, муассисаву ташкилотҳо, манораҳо, биноҳои калону бисёрошёна;

• роҳҳои оҳану нақлиёт, дарёҳо, ҷӯйборҳо ва пулҳо.

## МАХСУСИЯТИ САМТГИРӢ ДАР КӮҲҲО

**Хавфнокӣ дар кӯҳҳо.**

Хавфнокиҳои дар кӯҳҳо мавҷударо аз рӯйи сабабҳои ба амалиашон, ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. хавфнокиҳои бо мавқеи ҷойгиршавии кӯҳҳо алоқаманд;
2. хавфнокиҳое, ки аз шароитҳои иқлими кӯҳҳо вобастагӣ доранд;
3. хавфнокиҳое, ки аз сабаби тайёр набудани одамон ба амал меоянд.

**Савол ва супориш:**

1. Тарафҳои уфукро ба воситаи қутбнамо (компас), равшанидиҳандаҳо, аломатҳои ашёи макон муайян созед.
2. Дар бораи макони ҷойгиршавии худ нисбати ашёи дармаконбуда хабар диҳед.
3. Андозаи қадами худро муайян созед ва масофаи 100 метрро бо ҷуфти қадамҳоятон муқоиса намоед.
4. Масофаи 1000 метрро аз рӯйи азимутҳо тай кунед.

# БОБИ IX
# ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ
## § 51. АСОСҲОИ ТАШКИЛИ ТАДБИРҲОИ ҲИФЗИ АҲОЛӢ АЗ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДАИ ДОРОИ ХУСУСИЯТҲОИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ

Дар айни замон ҳамаи саъю кӯшишҳои давлат оид ба иҷрои тадбирҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода аз тарафи ҷомеа қобили қабул шуда ва дар ҳамаи сатҳҳои мақомоти давлатӣ ҷонибдорӣ карда мешавад. Вобаста ба ин бевосита дуруст ва асоснок будани асоси меъёрии ҳуқуқии оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд на фақат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, дар бораи мудофиаи граждани ва дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳии сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон низ пурра дарҷ шудааст.

Дар раванди фаъолияти пешгӯйӣ ва рафъи оқибатҳои фавқулода байни мақомоти идоракунандаи ҳамаи сатҳҳо ва аҳолӣ муносибати муайян ба вуҷуд меояд, ки он бо шакли ҳуқуқии меъёрӣ ба танзим даровар-данро талаб менамояд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда барқароркунандаи қоидаҳои умумии ташкилӣ ва меъёрӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мебошанд.

Асосҳои тайёрӣ ва амалӣ кардани тадбирҳо оид ба ҳифзи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳолати фавқулодаи табиӣ, техногенӣ ва дорои хусусияти ҳарбӣ ба омилҳои зерин вобастагӣ доранд:

– таҳдиди хатар ба шаҳрвандон аз таъсири омилҳои зараррасон, воситаҳои замонавии зарбазан, садамаҳо, зуҳуроти табиии хатарнок, фалокатҳо, офатҳои табиӣ, чӣ дар давраи осоишта ва чӣ дар давраи ҷанг;

– ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, муҳити зисти мусоид, маълумоти дақиқ оид ба ҳолати мавҷуда ва баргардонии хисорот, ҳифзи ҳаёт ва амволи шахсӣ ҳангоми рух додани ҳолати фавқулода мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– вазифаҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулода тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҳаққонияти таъсиррасони омилҳои зараррасони ҳолатҳои фавқулода ба шаҳрвандон.

Ба тадбирҳои ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ инҳо дохил мешаванд:

– тадбирҳои муҳандисӣ - техникӣ оид ба таҷҳизонидани маҳал бо воситаҳои махсус;

– таҷҳизонидани ҳудуд мувофиқи қоидаҳои мудофиаи гражданӣ

– омодасозии минтақаи берунишаҳрӣ барои таъмини ҳаёти аҳолии эвакуатсияшуда, таъмири роҳҳои автомобилӣ ва сарчашмаҳои оби нӯшидании эҳтиётӣ;

– назорат оид ба ҳолати иншоотҳои муҳандисӣ(плотинаи обанборҳо, каналу ҷӯйборҳои калони обгузар);

– безараркунии махсуси ҳудуд дар ҳолати фавқулода (дезинфексия, дегазатсия ва дезактиватсия);

– ҳифзи аҳолӣ дар ҳолатҳи фавқулодаи давраи осоишта ва ҷанг мувофиқи принсипҳои асосӣ ташкил ва анҷом дода мешавад. Ин шартҳо ҳангоми пайдошавии силоҳи қатли ом дар соли 1963 дар системаи мудофиаи гражданӣ бо номи «Принсипҳои асосии ҳифзи аҳолӣ аз силоҳи қатли ом» таҳия ва қабул шудаанд, ки то имрӯз аҳамияти худро нигоҳ медоранд;

– доштани ҳуқуқи ҳимояи ҳамаи аҳолӣ;

– масъалаи ҳифзи аҳолӣ нисбати дигар соҳаҳои фаъолият афзалияттар ба ҳисоб меравад;

– ҳимояи аҳолӣ аз силоҳи қатли ом вазифаи муҳимми давлат ба ҳисоб меравад;

– тадбирҳои тайёрии ҷумҳурӣ ба ҳифзи аҳолӣ пешакӣ аз рӯйи шартҳои истеҳсолию ҳудудӣ анҷом дода мешавад.

Банақшагирии амалисозии тадбирҳо оид ба тайёрии аҳолӣ ба ҳифзи аҳолӣ бо баҳисобгирии ҳарбиву иқтисодӣ, аҳамияти сиёсиву ҳудудии шаҳру ноҳияҳо, инчунин, вазъи баамаломада анҷом дода мешавад.

Ҳаҷм, мундариҷа ва вақти анҷом додани тадбирҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ аз рӯйи принсипи зарурату басандагӣ бо баҳисобгирии имконоти иқтисоди давлат,тараққии воситаҳои зарбазан ва тағйири иқтидори технологияи истеҳсолот анҷом дода мешавад.

Тадбирҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ аз рӯйи баҳисобгирии хароҷоти ботартиби захираҳо, истифодаи максималӣ ва бетанаффуси ташкили истеҳсолот, биноҳо ва иншоот, амволу воситаҳои техникӣ бо мақсади ҳимояи иқтисод ва хизматрасонии аҳолӣ анҷом дода мешавад.

Ҳифзи аҳолӣ аз омилҳои зараррасони силоҳи қатли ом дар натиҷаи истифодаи маҷмӯи воситаҳои гуногун ва усулҳои ҳифз ба даст оварда мешавад.

Доир ба принсипҳои асосии ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ қайд кардан бамаврид аст, ки ба принсипҳои зикршудаи мудофиаи гражданӣ монандии зиёд доранд.

Принсипҳои асосии ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ:

– ҷамъи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бидуни шаҳрвандӣ ҳангоми ҳолати фавқулода;

– масъалаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ яке аз масъалаҳои афзалиятноктарини давлат ба шумор меравад;

– тадбирҳо оид ба пешгирии ҳолатҳои фавқулода, инчунин кам кардани ҳаҷми зарару талафот, пеш аз бавуқӯъоӣ, пешакӣ анҷом дода мешаванд;

– банақшагирӣ, анҷом додани тадбирҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода, бо дарназардошти иқтисод, тавсифи табиӣ, хусусиятҳои ҳудуд ва дараҷаҳои ҳаққонии хавфи бавуқӯъоии ҳолати фавқулода анҷом дода мешавад;

– ҳаҷм ва номгӯйи тадбирҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода мувофики принсипи заруратӯ басандагӣ ва истифодаи максималии ҳамаи қувва ва воситаҳои мавҷуда анҷом дода мешавад;

– бартарафкунии ҳолатҳои фавқулода бо қувваю воситаҳои ташкилот, мақомоти худидораи маҳаллӣ, мақомоти идораи ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ дар ҳудуде, ки ҳолати фавқулода ба вуқӯъ омадааст, анҷом дода мешавад;

– дар ҳолати норасоии қувва ва воситаҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании қувва ва воситаҳои мақомоти болоӣ ҷалб карда мешаванд.

Иншооти асосии ҳифзи аҳолӣ ин шахсияти инсон ва ҳуқуқи он дар бораи ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва амволи шахсӣ дар ҳолати ба вуҷуд омадани ҳолати фавқулода ба ҳисоб меравад. Аз ин сабаб шахсияти инсон набояд иншооти қафомондаи ҳифз бошад. Аҳолӣ вазифадор аст, ки дар тадбирҳои омӯзишӣ ва омодагӣ оид ба ҳифзи аҳолӣ иштирок карда, аз курсҳои омӯзишӣ доир ба амал кардан дар ҳолати фавқулода гузаранд.

Натиҷаҳои мусбати принсипҳои зикршуда бо воситаи истифодаи маҷмӯи усулҳои гуногуни ҳифзи аҳолӣ, амалисозии тадбирҳои таъминоти ҳаётӣ дар шароити ҳолати фавқулода ба даст оварда мешавад.

Муҳимтарин принсип вобаста ба принсипҳои асосии ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ - ҳифзи инсон ва ҳудуд барои насли ҳозира ва ояндаи ҷумҳурии азизамон мебошад.

Ҳамаи ин гуфтаҳоро дарк карда, шумораи зиёди ҷумҳуриҳо дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ, ки оид ба иҷрои бандҳои зерини вобаста ба ҳифзи муҳити зист вазифадор мебошанд:

1. Роҳ надодан ба зарари байнисарҳадӣ;

2. Роҳ надодан ба заҳролудшавии радиоактивии муҳити зист;

3. Манъ кардани истифодаи силоҳҳои ҳарбӣ ё дигар воситаҳо, ки боиси таъсири манфӣ ба муҳити зист мешаванд.

4. Ҷавобгарии ҳуқуқи байналмилалӣ барои расонидани зарар ба муҳити зист.

Барои ҳифзи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои зерини ҳифз аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ қабул шудаанд:

- Паноҳбарии аҳолӣ дар иншооти муҳофизатӣ (ҳифзи муҳандисӣ);
- Эвакуатсияи аҳолӣ;
- Истифодаи воситаҳои ҳифзи инфиродӣ ва таъминоти тиббӣ.

Афзалиятнокӣ ва истифодаи усулҳои ҳифзи аҳолӣ нисбати якдигар ба шароити дақиқ, ба навъи ҳолати фавқулодаи баамаломада вобаста аст.

Дар ҳама ҳолат бояд ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулода омехта буда, ҳифзи максималии инсонро таъмин кунад.

## § 52. ПАНОҲБАРИИ АҲОЛӢ ДАР ИНШООТИ МУҲОФИЗАТӢ

Дар айни замон муайянкунии мушкилоти истифодаи иншооти муҳофизатӣ бо тартиботи муқарраршудаи истифодаи таъйиноти дусамта алоқаманд аст.

Гап дар сари он аст, ки иншооти муҳофизатии мудофиаи граждані, новобаста ба тобеияташон ба ягон корхонаю муассиса, бояд барои дигар корҳои фоидабахш дар давраи осоишта истифода бурда шаванд.

Дар давраи ҷанг барои омода кардани иншооти муҳофизатӣ 12 соат вақт ҷудо карда мешавад. Ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодаи техногенӣ, садамаҳои радиатсионӣ ва кимиёвӣ нисбатан вақти камтар ҷудо карда мешавад.

Ба иншооти муҳофизатӣ дохил мешаванд:

– иншооти ба шакли нақшавӣ сохташудаи муҳофизатии мудофиаи гражданӣ;

– таҳхонаҳои биноҳои серошёна;

– манзили якуми ошёнаҳои зеризаминӣ;

– таҳхонаҳои таъмиргоҳҳо ва нуқтаҳои нигоҳдории автомобил;

– пойгоҳҳои метрополитен;

– мутобиқгардонии коркардҳои кӯҳӣ ва дигар воситаҳои таҳхонагӣ.

Дар давраи таҳдиди хатар сохтани паноҳгоҳҳои одӣ ва тезсохташаванда, инчунин, паноҳгоҳҳои зиддирадиатсионӣ зарур аст.

**Эвакуатсияи аҳолӣ**

Эвакуатсия – муташаккилона баровардани аҳолӣ, арзишҳои моддӣ ва фарҳангӣ аз мавқеи ҳолати фавқулода ва ҷобаҷокунии онҳо дар мавқеи бехатар мебошад.

Эвакуатсияи коргарон, хизматчиён ва аҳолӣ ҳангоми рӯй додани ҳолати фавқулода яке аз усулҳои асосии ҳифзи аҳолӣ ба шумор меравад.

Ҳаҷми анҷом додани тадбири эвакуатсиониро, дар ҳама гуна ҳолат, шароити баамаломадаи вазъ муайян мекунад.

Бо мақсади таъмини эвакуатсияи аҳолӣ тадбирҳои зерин ташкил ва гузаронида мешаванд:

– таъсис ва тайёр кардани мақомоти эвакуатсионӣ;

– таҳияи пешакии нақшаи эвакуатсионӣ, омодасозии минтақаи беруназшаҳрӣ, ҷобаҷокунии аҳолии эвакуатсияшаванда бо таъмини шароити зист;

– омодасозии мақомоти нақлиётӣ барои иҷрои саривақтию босифати тадбирҳои эвакуатсионӣ.

**Истифодаи воситаҳои ҳифзи инфиродӣ**

Истифодаи воситаҳои ҳифзи инфиродӣ - истифодаи воситаҳои ҳифзи пӯст (пӯшидани костюм ва хилъатҳои махсус), воситаҳои ҳифзи узвҳои нафаскашӣ ва узвҳои босира (ниқобҳои зиддигазӣ ва респираторҳо).

Дар масъалаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулода тадбирҳои тиббӣ ва зиддисӯхторӣ басо аҳамияти муҳим дорад.

Бо мақсади ҳалли афзалиятноки масъалаҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, маҷмӯи тадбирҳои зерин оид ба ҳифзи аҳолӣ дар давраи ҷангӣ ва осоишта амалӣ карда мешавад:

– таҳлил ва пешгӯйии эҳтимоли бавуқӯоии ҳолати фавқулода ва оқибатҳои он барои аҳолӣ;

– мунтазам пеш бурдани мушоҳида ва назорат ба ҳолати ҳифзи муҳити зист;

– хабардоркунии аҳолӣ аз таҳдид ва бавуқӯоии ҳолати фавқулода;

– эвакуатсияи аҳолӣ аз минтақаи хатарнок ба минтақаи бехавф;

– таъмини ҳифзи муҳандисӣ, радиатсионӣ, кимиёвӣ, зидди сӯхтор ва тиббии аҳолӣ.

**Истифодаи реҷаҳои ҳифзи аҳолӣ дар ҳудуди заҳролудшуда**

– Ба аҳолӣ расонидани маълумоти оперативию дақиқ оид ба ҳолати фавқулода, қабули тадбирҳо оид ба таъмини бехатарии аҳолӣ, пешгӯйӣ ва ба вуҷуд омадани ҳолати фавқулода, инчунин, тартиби иҷрои тадбирҳои муҳофизатӣ дар ҳолати фавқулода;

– омодагӣ ва амали роҳбарият, мутахассисони ташкилоту корхонаҳо ва қувваҳои ғайриҳарбӣ дар ҳолати фавқулода;

– анҷом додани корҳои наҷотдиҳӣ ва дигар омилҳои таъхирнопазир дар минтақаи ҳолати фавқулода ва манбаи заҳролудшуда;

– қабули тадбирҳо оид ба ҳимоя ва роҳ надодан ба истифодаи аҳолӣ аз маҳсулот ва оби нӯшидании заҳролудшуда;

– таъминоти тадбирии молию фарҳангӣ оид ба ҳифзи аҳолӣ аз ҳолати фавқулода.

Вазифаи сиёсати давлат дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ – иҷро намудан ва амалӣ кардани маҷмӯи мақсадҳои зерин мебошад:

**Мақсади якум** – пешгирии ба вуҷуд омадани ҳолати фавқулода ё коҳиши таҳдиди хатари рух додани ҳолати фавқулода.

Пешгирии ҳолати фавқулода – маҷмӯи тадбирҳои пешакӣ анҷом додашуда барои ҳадди паст кардани таҳдиди рух додани ҳолати фавқулода равона карда шудааст.

Пешгирии ҳолати фавқулода бо усули банақшагирӣ ва иҷрои тадбирҳои мувофиқа кардашуда амалӣ карда мешавад.

Қисматҳои муҳимми пешгирии ҳолати фавқулода - мониторинг (таҳқиқу назорат) ва пешгӯйӣ мебошанд.

Мониторинг (таҳқиқу назорат) – пешбурди мушоҳидаи мунтазам оид ба равандҳои табиат ва фазо, бо мақсади пешбинии зиёдшавии таҳдид ба инсон ва муҳити зист.

Пешгӯйӣ – пешбинии таҳдиди хатар, рафти баамалоӣ ва масоҳати хатар дар базаи маълумотии мониторингӣ.

**Мақсади дуюм** – кам кардани шумораи талафот ва ҳаҷми хисорот аз ҳолати фавқулода.

Тадбирҳо оид ба кам кардани эҳтимоли талафот ва ҳаҷми хисорот аз ҳолати фавқулода:

– сохтан ва истифодаи иншооти муҳофизатии таъйиноти гуногун;

– баланд бардоштани устувории иншоот;

– таъсисдиҳӣ ва истифодаи системаи хабардоркунии аҳолӣ ва мақомоти идоракунанда;

– захиракунии воситаҳои моддӣ ва фарҳангӣ дар ҳама сатҳҳо барои ҳолати фавқулода;

– риояи техникаи бехатарӣ, дар ҳолати омодагӣ нигоҳ доштани иншооти муҳофизатӣ, паноҳгоҳҳо, ташкил ва амалӣ кардани тадбирҳои санитарӣ - эпидемиологӣ ва эпизоотӣ.

**Мақсади сеюм** – рафъи оқибати ҳолати фавқулода

Рафъи ҳолатҳои фавқулода – корҳои садамавӣ - наҷотдиҳӣ ва дигар амалҳои таъхирнопазир, ки ҳангоми рӯй додани ҳолатҳои фавқулода анҷом дода мешаванд ва ба наҷотдиҳии ҳаёт ва ҳифзи сиҳатии одамон, кам кардани ҳаҷм ва зарари муҳити табиӣ ва талафоти моддӣ, инчунин, барои маҳдуд кардани мавзеъҳои ҳолатҳои фавқулода, қатъ

намудани фаъолияти омилҳои барои ин мавзеъҳо хатарнок нигаронида шудаанд.

Бомуваффақият анҷом додани рафъи оқибати ҳолати фавқулода вобаста аст ба:

**– Эътинои оперативӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода;**

– Қабули карори мақсаднок оид ба рафъи оқибати ҳолатҳои фавқулода ва иҷрои амалии он;

– бе танаффус ва устуворона идора кардани корҳо оид ба рафъи оқибати ҳолатҳои фавқулода;

– ташкили ҳамкорӣ байни иштироккунандагони рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода;

– пешбурди корҳои садамавӣ - наҷотдиҳӣ дар ҳама фасли сол, дар ҳама гуна боду ҳаво то ба охир расонидани онҳо, бо риояи тадбирҳои бехатарӣ ва ивазнамоии бастҳои неруҳо;

– ташкили ҳаматарафаи таъминоти корҳо оид ба рафъи оқибати ҳолатҳои фавқулода.

Тадбирҳои асосӣ барои таъмини бомувафақияти амалӣ кардани рафъи ҳолатҳои фавқулодаи рухдода инҳоянд:

– омодагии шахсони вазифадор, мақомоти идоракунанда, қувва ва воситаҳо ҳангоми ба амал омадани ҳолатҳои фавқулода;

– таъсис додани неруҳои ғайриҳарбии ҳудудӣ ва омӯзиши онҳо;

– таъсис додани воситаҳои эҳтиётӣ барои рафъи оқибати ҳолатҳои фавқулода;

– назорати мунтазам ба вазъ дар ҳудуди ҳолатҳои фавқулода.

**Савол ва супориш:**

1. Оё амволи мудофиаи гражданиро барои истифодабарӣ ҳамчун иҷора додан мумкин аст?

2. Сабаби ба амал омадани ҳолатҳои фавқулода дар чист?

3. Ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ кадомҳоянд?

4. Маҷмӯи чорабиниҳое, ки барои паст намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода заруранд, номбар кунед?

## § 53. ОФАТҲОИ ТАБИӢ ВА ҲИФЗИ АҲОЛӢ АЗ ОНҲО

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ:

заминҷунбӣ, обхезӣ, сел, ярч (кӯчиши замин), тарма ва сангрезӣ рух медиҳанд.

**Заминҷунбӣ (зилзила)**

Мо бояд доимо дар хотир дошта бошем, ки заминҷунбиро пешгирӣ кардан номумкин аст ва рух додани заминҷунбӣ ба вақт вобаста аст.

Дар ҷаҳон, мутаассифона, одамизод зарурати тайёрӣ ва омодагиро ба офатҳои табиӣ пас аз рӯй додани онҳо дарк менамояд.

Заминҷунбӣ ҳодисаи табиист. Он офати табиии аз ҳама харобиовартар ба ҳисоб меравад, ки аз рӯйи шумораи фавтидагон ва ҷароҳатбардоштагон, ҳаҷм ва вазнинии харобиҳо, аз рӯйи хисороти молиявӣ дар байни ҳолатҳои фавқулода ҷойи аввалро мегирад.

**Сабабҳои ба вуқӯъ омадани заминҷунбӣ.** Мувофиқи назарияи илмӣ, қишри Замин аз 7 суфаи калон ва 12 суфаи хурд иборат аст, ки нисбат ба якдигар дар кунҷҳои гуногун бо ҳамдигар пайваст мебошанд. Ин суфаҳо аз якдигар дур ва наздик мешаванд, ба болою поён ҳаракат карда, бо канораҳои худ ба ҳам соиш мехӯранд. Қувваи соиши замин ба ин ҳаракати пораҳо монеъ мешавад ва дар натиҷаи ин бархӯрди қувваҳо, яъне қувваи соиш ва ҳаракати пораҳо, тадриҷан қувваи наве пайдо мешавад. Он даме ки қувваи нав хеле зиёд мешавад ва аз тавоноии ҷинсҳои кӯҳӣ меафзояд, вайроншавии якбораи онҳо ба амал меояд, ки дар натиҷа заминҷунбӣ рӯй медиҳад. Пас аз зарбаи асосии заминҷунбӣ мумкин аст зарбаҳои такрорӣ ба амал оянд, ки онҳоро «афтершок» меноманд. Мавзеи ба амал омадани зарбаи зеризаминӣ «манбаи заминҷунбӣ» номида мешавад. Манбаи заминҷунбӣ метавонад дар ҷуқуриҳои гуногун – то 10 км, дар баъзе ҳолатҳо 500-700 км ҷойгир бошад. Аз ҳама хавфноктарин заминҷунбиест, ки манбаи он дар ҷуқурии калон ҷойгир аст.

Ҳудуди ҷумҳурии мо ҳам аз ҷиҳати заминҷунбӣ осебпазир аст. Яъне офати табиие, ки дар ҷумҳурии мо маъмул аст, ин заминҷунбӣ мебошад.

Заминҷунбиҳои дар Тоҷикистон баамаломада, ба монанди Сарез, Қаротоғ, Ҳоит, Файзобод ва ғайра ҳаёти даҳҳо ҳазор одамро рабуда, садҳо ҳазорро бесарпаноҳу бе воситаҳои аввалиндараҷаи зиндагӣ монондаанд.

Магнитудаи заминҷунбӣ одатан мувофиқи ҷадвали Рихтер (бо номи сейсмологи амрикоӣ, ки соли 1935 пешниҳод намудааст) муайян карда мешавад:

– 2 – ларзишҳои ҳисшавандаи суст;

– 4 – ларзишҳои суст, ки боиси харобиҳои на он қадар зиёд мешаванд;

– 6 – ларзишҳое, ки боиси харобиҳои назаррас мешаванд;

– 8 – заминларзаи сахт ва харобиовар.

Бузургии заминҷунбӣ бо баллҳо ҳангоми азназаргузаронии минтақаи рӯйдоди он, ки боиси харобиҳо ва тағйири ҳолати сатҳи замин гаштааст, баҳо дода мешавад. Таснифоти заминҷунбӣ вобаста ба қувватнокӣ аз рӯйи шкалаи Меркле муайян мешавад.

Балл – қувватнокии заминҷунбӣ. Тавсифи мухтасари оқибатҳо.

1. Ноаён. Танҳо дар асбобҳои сейсмикӣ ба қайд гирифта мешавад.

2. Ниҳоят суст. Аз тарафи шахсони алоҳидаи дар ҳолати оромӣ қарордошта ҳис карда мешавад.

3. Суст. Аз тарафи як қисми одамон ҳис карда мешавад.

4. Муътадил. Аз рӯйи ларзиши сабук ва ҷунбиши ашё ва зарфҳо, шишаҳои тирезаҳо, садобарории дару тирезаҳо фаҳмида мешавад.

5. Нисбатан сахт. Ҷунбиши умумии бино, ҷунбиши мебелҳо, тарқишҳо дар шишаҳои тирезаҳо, аз хоб бедоршавии одамон.

6. Сахт. Аз тарафи ҳама ҳис карда мешавад. Суратҳову овезаҳои деворӣ меафтанд, пораҳои пардозаҳои девор меафтанд, бино зарари сабук мебинад.

7. Ниҳоят сахт. Тарқишҳо дар деворҳои биноҳои сангӣ. Биноҳои дорои сохторҳои зиддисейсмикӣ ва биноҳои чӯбӣ безарар мемонанд.

8. Харобиовар. Тарқишҳо дар доманаи кӯҳҳо ва хоки намнок, ҷойивазкунии ҳайкалҳо, сахт зарарбинии хонаҳо.

9. Холисозанда. Сахт зарарбинӣ ва харобшавии хонаҳои сангӣ.

10. Несткунанда. Пайдоиши тарқишҳои калон дар сатҳ, ярч ва кӯҳкӯчиҳо, вайроншавии иморатҳои сангӣ, кандашавии релси роҳҳои оҳан.

11. Фоҷиавӣ. Тарқишҳои кушод ва васеъ дар сатҳи замин, ярчҳои зиёд, пурра вайроншавии хонаҳои сангӣ.

12. Фоҷиавии сахт. Тағйироти калонҳаҷм ва тарқишҳои зиёд дар сатҳи замин.

Ҳангоми заминҷунбӣ дараҷаи омилҳои харобиовари якум ва эҳтимоли дараҷаи дуюм ба амал меояд, ки боиси талафоти зиёд ва хисороти назаррас мегардад. Ба омилҳои харобиовари дараҷаи якум чаппашавии сохтори болоии бино ва вайроншавии қишри болоии замин мансуб мебошанд. Омилҳои харобиовари дараҷаи дуюм: рӯй додани сӯхтор; вайроншавии системаи таъминоти ҳаётӣ; сар задани садамаҳо дар иншооти иқтисодӣ; обхезӣ; тарма ва ярч дохил мешаванд.

**Ташкил ва анҷом додани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ҳангоми заминҷунбӣ**

Корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ба он мақсад ташкил карда мешаванд, ки зарардидагонро ҳарчи тезтар наҷот дода, барои расонидани ёрии аввалини тиббӣ ба муассисаҳои тиббӣ равона карда шаванд. Ин вазифаи муҳимро наҷотдиҳандагон ба уҳда доранд.

Ҳангоми дар дохили бино будан:

– бе зарурат давида баромадан ва наҷаҳидан аз тиреза;

– набаромадан ба пешайвон, зинапояҳои баромадгоҳ ва лифт;

– фавран ҷойи бехатар ишғол намудан;

– ба зону зада, бо дастҳо пӯшонидани сару рӯй;
– интизори ба итмомрасии заминҷунбӣ шудан;
Ҳангоми дар кӯча будан:
– аз таги биноҳо, пешайвонҳо, симчӯбҳо ва дарахтон дур истодан;
– ба даромадгоҳи бино даромадан ё ба ҷойи кушод фавран гузаштан, агар наздикии бинои серошёна бошед;
– дар нақлиёти ҷамъиятӣ то ба итмом расидани заминҷунбӣ дар ҷойи худ истед;
– ҳангоми идоракунии нақлиёт онро муътадил нигоҳ доред.
– оромиро риоя намуда, ба воҳима наафтода, боақлона ва босаводона фавран амал намоед;
– аз ҷунбишҳои такрорӣ, биноҳои зарардида ё харобгашта эҳтиёт шавед;
**Тадбирҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ ҳангоми рух додани заминҷунбӣ.**
Ҳангоми дар дохили бино будан:
– санҷиши бино ва ҳудуд оид ба мавҷудияти мавodди зуддаргиранда;
– ҳосил кардани эътимод ба дастрасию бехатарии мавзеи эвакуатсия;
– қатъ кардани ҷараёни барқ, ҷумаки газ, об ва кушодани дару тиреза;
– истифода набурдани воситаҳои гармидиҳии зарардидаи газию барқӣ;
Ҳангоми дар кӯча будан:
– бе зарурат надаромадан ба биноҳои зарардидаю мавзеи харобгашта;
– истифодаи нақлиёт танҳо барои расонидани ёрӣ ва таъмини бехатарӣ.
Ҳангоми дар харобаҳо будан:
– қабули ҳолати мувофиқ;
– тоқат кардан;
– сарфа кардани қувва ва интизор шудан ба ёрӣ;
– вобаста ба имкон бонг задан;
– риояи оромӣ, баҳодиҳии ҳолати атроф ва омода будан ба ҷунбишҳои эҳтимолии такрорӣ;
– вобаста ба имкон хомӯш кардани сӯхтор;
– истифодаи телефон танҳо барои расонидани ёрӣ ва маълумот оид ба вазъи муҳим, зарарбинӣ ва ҷиноятҳо;
– расонидани ёрӣ ба зарардидагон.
**Обхезӣ.** Сабабҳои пайдоиш, хусусиятҳо ва оқибатҳои он.
Обхезӣ ҳодисае мебошад, ки ҳангоми обҳои дарё, канал ва обанборҳо аз соҳилҳои худ баромадан ба вуҷуд меояд ва муҳити гирду атрофро, ки дар он мавзеъҳо одамон зиндагӣ мекунанд, инчунин, ҳудуди зиёди заминҳои киштро хароб месозад.

Дар натиҷаи бориши давомноки аз меъёр зиёд, зери таъсири ҳарорати баланд обшавии барф ва пиряхҳо ба воситаи шамоли сахт ба соҳил тела дода шудани об ва дигар сабабҳо рух дода, боиси вайроншавии хатти соҳил ва ё аз соҳил лабрез шудани маҷрои дарё гардад ба ҳаёти одамон таҳдид намуда, хисороти зиёди моддӣ меорад.

Таснифи обхезиҳо вобаста ба миқёси онҳо:

– обхезӣ дар маҷрои дарёҳо;
– обхезиҳои паст;
– обхезиҳои баланд;
– обхезиҳои бузург;
– обхезиҳои офатбор.

Обхезӣ дар маҷрои дарёҳо, ки чунин навъи он дар ҳудуди ҷумҳурии мо бештар рух медиҳад, бо сабаби ногаҳон баланд шудани сатҳи об, дар натиҷаи аз меъёр зиёд об шудани пиряхҳои саргаҳи он, инчунин, бориши аз ҳад зиёд, банд шудани пеши об дар натиҷаи кӯҳкӯчӣ, якбора канда шудани сарбандҳои муваққатӣ ва дигар сабабҳо рӯй медиҳад.

Обхезиҳои паст – дар маҷрои дарёҳои дар ҳамвориҳо ҷойгирифта мушоҳида мешаванд. Онҳо миқёси ками ҳудуди наздисоҳилиро фаро гирифта, то 10 дарсади заминҳои кишти кишоварзиро пахш менамоянд. Қариб ки ба ҳаёти муътадили аҳолӣ таъсири зиёд намерасонанд ва зудии такроръёбии онҳо 5-10 солро ташкил медиҳад. Ба иқтисодиёт ва хоҷагии халқ хисороти он қадар зиёд ворид намесозанд.

Обхезиҳои баланд – ба иқтисод ва хоҷагии халқ хисороти зиёд ворид менамоянд, ҳудуди зиёди заминҳои кишти кишоварзиро фаро мегиранд ва аксаран дар маҷрои дарёҳои дар водиҳо ҷойгирифта рӯй дода, 10-15 дарсади заминҳоро пахш менамоянд ва ба хоҷагии кишоварзӣ хисороти зиёд меоранд. Қисман ба кӯчонидани аҳолӣ аз ҳудуди фарогирии обхезӣ зарурат пеш меоранд. Такроръёбии ин навъи обхезиҳо 20-25 солро ташкил медиҳад.

Обхезиҳои бузург – боиси хисороти бениҳоят зиёди иқтисодию хоҷагидорӣ гардида, маҷрои пурраи дарёҳои калонро фаро мегиранд, тақрибан 50-70 дарсади майдонҳои кишоварзӣ ва маҳалҳои аҳолинишинро пахш менамоянд, боиси кӯчонида шудани аҳолӣ ва арзишҳои миллӣ аз маҳалҳои обзеркарда ва инчунин ҳифзи объектҳои ҳаётан муҳим мегарданд. Такроръёбии онҳо 50-100 солро ташкил медиҳад.

Обхезиҳои офатбор – боиси хисороти бениҳоят зиёди иқтисодӣ гардида, ба фавти миқдори зиёди одамон сабаб шуда, якбора маҷрои якчанд дарёҳоро фаро мегиранд. Беш аз 70 дарсади майдонҳои киштзорҳоро фаро гирифта, миқдори зиёди маҳалҳои аҳолинишин ва иншооти муҳандисию техникӣ ва дигар муассисаҳоро пахш менамоянд.

Фаъолияти истеҳсолию хоҷагидориро пурра фалаҷ месозанд. Такроребии ин навъи обхезиҳо то 200 сол муқаррар шудааст.

**Амалҳои зарурӣ ҳангоми ба вуҷуд омадани хавфи обхезӣ**

– огоҳ намудани ҷамоат, ҳукумат, ситодҳои ҳолатҳои фавқулода аз сар задани хавфи обхезӣ;

– огоҳ намудани аҳолӣ аз хавфи обхезӣ;

– даъват намудани ситоди маҳаллии ҳолати фавқулода;

– омода намудани гурӯҳҳои наҷотдиҳандаи деҳа;

– омода сохтани тамоми захираҳои маҳаллӣ (инсонӣ, тиббӣ, нақлиётӣ ва ғайра);

– ташкил кардани навбатдории шабонарӯзӣ, корҳои пешгирӣ аз хавф, амал намудан аз рӯйи нақшаи эвакуатсионӣ;

– тайёр кардани захираи сӯзишворӣ, доруворӣ, хӯрокворӣ ва либос;

– дар ҳолати омода нигоҳ доштани алоқа (системаи огоҳкунии саривақтӣ);

Ҳангоми сар заданӣ обхезӣ чӣ бояд кард?

– Аз сигнали огоҳӣ мувофиқи нақшаи роҳбарият бохабар бошед;

– Муташаккилона амал намоед, ба таҳлука (воҳима) роҳ надиҳед;

– Ба ҳукумат ва сохторҳои дахлдор дар бораи вазъи баамаломада хабар диҳед;

– Аз мавзеи хатарнок, мувофиқи нақшаи эвакуатсионӣ бароед;

– Пунктҳои ёрии таъҷилиро ташкил созед;

– Дар макони муваққатии эвакуатсионӣ шароити одитаринро муҳайё намоед;

– Ҳатман ашёҳои зеринро бо худ гиред: ҳуҷҷатҳо (шиноснома, шаҳодатномаи кӯдакон ва дигар асноди зарурӣ), чизҳои қиматбаҳо, пул, захираҳои озуқаворӣ аз рӯйи шумораи аъзои оила тахминан барои 3 шабонарӯз, оби ошомиданӣ (ба миқдори 1 литр ба ҳар як узви оила), қуттичаи тиббӣ барои ёрии таъҷилӣ, фонус, гӯгирд ё фанарик (чароғак), либосҳои гарм ва пойафзол.

Баъд аз гузаштани обхезӣ чӣ бояд кард?

– Бодиққат аз назар гузаронидани вазъи бинои иқоматӣ (муайян намудани тарқишҳои деворҳо ва пойгоҳи хона);

– Ҳангоми обхезӣ ҳашарот, морҳои заҳрдор ва дигар хазандагону ҳайвонҳои зараррасон ба хонаҳо ворид шуда метавонанд, ба ин аҳамияти ҷиддӣ додан лозим аст;

– Назорати эпидемиологӣ (бартараф кардани манбаи пайдоиши бемориҳои сирояткунанда);

Дар ёд доред!

Сар задани офатҳои табиӣ ба инсон вобастагӣ надорад. Агар офатҳои табиӣ аз зери назорати инсон бароянд, хатар ба ҷони мардум ва моликияти ӯ таҳдид мекунад.

Шумо метавонед худро аз офатҳои табиӣ муҳофизат намоед, агар муносибати хуб бо табиат ва муҳити зистро пеша кунед. Сари вақт аз хавфи офатҳои табиӣ бохабар шавед ва сари вақт тадбир намоед.

## § 54. ҲИФЗИ АҲОЛӢ АЗ СЕЛ

**Сел**

Сел ҷараёни тези дорои қувваи азими харобкунанда аст, ки аз омехтаи об ва ҷинсҳои гуногун (санг, лойоба) иборат буда, ба таври ногаҳонӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои хурди кӯҳӣ (дараҳо) дар натиҷаи боронҳои бошиддат ё обшавии аз ҳад зиёди барф, инчунин, вайрон шудани обанборҳо ба амал меояд. Сел ба хоҷагии халқ, биноҳои иқомативу иншооти гуногуни саноат зарари калон мерасонад. Пулҳо, роҳҳои мошингард ва роҳҳои оҳан, хонаҳои иқоматӣ, иншооти хоҷагии халқ, фермаҳо, хатҳои алоқа ва интиқоли барқро вайрон мекунад.

**Навъҳои ҷараёнҳои сел**

Ҷараёнҳои сел аз рӯйи манбаи аввалини пайдоиш ба навъҳои зерин ҷудо карда шудаанд:

**1. Боронӣ** – дар натиҷаи боронҳои сахти пуршиддат ва давомнок ба вуҷуд омада, дар сатҳи сайёраи Замин аз ҳама бештар рух медиҳанд. Навъи зиёдтарини сел дар рӯйи замин аст. Дар натиҷаи шуста шудани нишебиҳо ва пайдо шудани ярч ба вуҷуд меояд.

**2. Барфӣ** – дар натиҷаи обшавии пуршиддати барф рӯй дода, дар кӯҳҳо ба вуҷуд меояд. Бо кандашавӣ ва аз ҳад зиёд об шудани барф вобаста мебошад.

**3. Пиряхӣ** – дар натиҷаи обшавии аз ҳад зиёди пиряхҳо дар минтақаҳои баландкӯҳ ба вуҷуд меояд. Пайдоиши он бо рахнаи оби пиряхҳои обшудаистода алоқаманд аст.

**4. Селҳои дар натиҷаи таъсири антропогении бевосита рӯйдиҳанда** дар натиҷаи ҷамъшавии ҷинсҳои техногенӣ ва сарбандҳои бесифати хокӣ дар қитъаҳои ғуншудаи хоктӯда, дар натиҷаи шуста шудан ва лағзидани ҷинсҳои техногенӣ ва инчунин, вайрон шудани сарбандҳои хокӣ рух медиҳанд.

**5. Селҳои дар натиҷаи таъсири антропогении бавосита рухдиҳанда** бо сабабҳои вайрон шудани қишри рӯйпӯши ҳосилхез дар қитъаҳои нестшудаи ҷангалу марғзорҳо, дар шакли шуста шудани нишебиҳо ва маҷроҳо, аз тарафи инсон кандану буридани рустаниҳо ва буттаву дарахтон рух медиҳанд.

**Сабабҳои асосии пайдоиши сел ва омилҳои ба онҳо мусоидаткунанда**

1. Бориши давомнок ва боронҳои сел 80 %.
2. Обшавии барф дар масоҳати калон 19%.

3. Рахна шудани кӯл ё обанборҳо 1 %.(ба обхезӣ ё зериобмонӣ мерасонад).

Барои пайдошавии ҷараёни сел чунин омилҳо сабаб мешаванд.

– босуръат ҷамъшавии миқдори зиёди об;

– нишебиҳои рости урёни кӯҳӣ;

– фурӯ хамидани маҷрои дараҳо ё пастхамиҳо;

– миқдори зиёди моддаҳои ковок (гил, хок, рег).

**Таснифоти селҳо аз рӯйи таркиб**

Аз рӯйи таркиб селҳоро ба се навъ ҷудо мекунанд:

– лойӣ (омехтаи об бо хоки маҳин ва каме сангҳои майда) 1,6–2,0 тонна/метри мукааб;

– лойию сангӣ (омехтаи об, шағал, сангреза, сангҳои хурд) 2,1–2,5 тонна/метри мукааб;

– обию сангӣ (об бо бартарии сангҳои калон) 1,0–1,5 тонна – метри мукааб;

**Амалҳои зарурӣ ҳангоми мавҷудияти хатари сел**

– огоҳ кардани ҷамоат дар бораи ба амал омадани хавфи сел;

– огоҳ кардани аҳолӣ дар бораи ба амал омадани хатари сел;

**Ҳангоми таҳдиди рух додани сел тадбирҳои зеринро иҷро кардан зарур аст:**

– аз сигнали огоҳӣ бохабар бошед;

– муташаккилона амал намоед, ба таҳлука роҳ надиҳед;

– дар бораи вазъи баамаломада хабар диҳед;

– аз минтақаи хатарнок мувофиқи нақшаи эвакуатсионӣ бароед.;

**Ҳангоми рух додани сел тадбирҳои зеринро иҷро кардан зарур аст:**

– ҳар қадар ки метавонед, таъҷилан аз роҳи сел дур истед:

– ба талу теппаҳои баланд давида бароед;

– ҳангоми дар миёнаи селоб монданатон, ягон чизи мустаҳкамро сахт доред;

– агар шуморо сел ба поён тела дода барад, бо он мубориза набаред, мағали баланд накунед;

– кӯшиш намоед, то ягон чизи мустаҳками дар роҳи сел буда, ба монанди хорасанг, дарахт ё симҷӯбро сахт доред;

– даҳонатонро пӯшида нигоҳ доред, то ки об надарояд;

– саранҷом равиши об суст хоҳад шуд ва шумо кӯшиш карда метавонед, то ба соҳил бароед.

## § 55. ҲИФЗИ АҲОЛӢ АЗ ЯРЧ ВА ТАРМА

**Ярч (кӯчиши замин)**

Ярч – лағзиши кӯҳпора ба поён аст, ки боиси харобиҳо мегардад. Дар нишебиҳои моилиашон аз $20^0$ градус зиёд дар тамоми фаслҳои сол метавонанд рух диҳанд.

Аз рӯйи суръати ҳаракат ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд: суст (якчанд см дар давоми сол), миёна (якчанд метр дар шабонарӯз) ва тезсуръат (даҳҳо км дар як соат).

Сабабҳои ба вуҷуд омадани ярч ин шусташавии ҷинсҳо бо об, сустшавии часпиши ҷинсҳо дар натиҷаи зиёдшавии намнокӣ, лаппишҳои давомноки замин, фаъолияти нодурусти хоҷагидории инсон.

Ҳолати фавқулодаи дар ҳудуди мамлакат паҳнгардида фаромадани ярч мебошад. Ярч дар минтақаҳои нишебӣ ва ё минтақаҳои миёна ҳангоми вайроншавии мувозинати ҷинсҳои кӯҳӣ бо сабаби шусташавӣ, суст гаштани сахтии ҷинсҳо дар натиҷаи бодлесшавӣ, намии зиёди бориш ва оби зеризаминӣ, таъсири ҷунбишҳои сейсмикӣ, инчунин, фаъолияти сохтмонию хоҷагидорӣ бе дарназардошти равандҳои геологии макон (вайронкунии нишебиҳо ҳангоми роҳсозӣ, аз ҳад зиёд обмонии боғ ва заминҳои нишебиҳо ва ғайра) ба амал меояд.

Ярч дар аксар мавридҳо оқибатҳои фалокатовар дошта, хусусияти офати табииро мегиранд. Онҳо ба сейсмогенӣ ва ғайрисейсмогенӣ (муқаррарӣ) гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Сабаби ба вуқӯъ омадани ярчҳои сейсмикӣ заминҷунбиҳои сахт мебошанд. Шумораи ин гурӯҳ аз шумораи ярчҳои ғайрисейсмикӣ (муқаррарӣ) 10-15 баробар зиёд буда, ҳаҷмашон дар аксар мавридҳо аз девори кандашавӣ ба масофаи то якчанд километрҳо рафта мерасанд. Чунин мисол ярчеро, ки дар натиҷаи заминҷунбии 9-10- баллаи Ҳоит ба вуҷуд омада буд, овардан мумкин. Ин ярч бо суръати баланд ҳаракат карда, манзилҳои иқоматии мардумро бо 28 ҳазор нафар одам ба коми худ фурӯ бурд. Ҳамзамон бо ин ярчи асосӣ дар минтақаҳои ҳамсарҳади ноҳияҳои Ҳоит, Тоҷикобод, Ғарм ва Ҷиргатол садҳо ярчҳои дигар ба амал омаданд.

Сабаби асосии бавуҷудоии ярч обмонии аз ҳад зиёди ҷӯйбори аз болои теппаи кӯҳ гузаранда буд, ки қисми поёни онро аз намӣ пур кард. Заминҷунбии 23-юми январи соли 1989 рӯйдода ба ҳаракати ярч мусоидат намуд. Ярч 270 нафар иқоматкунандагони деҳаҳои Шарора, Оқули Боло ва Оқули Поёни ноҳияи Ҳисорро зер кард.

**Тадбирҳои муҳофизат аз ярч**

Агар эҳтимоли фуромадани ярч мавҷуд бошад, тадбирҳои махсуси муҳофизатӣ анҷом дода мешаванд. Ба ин тадбирҳо: устуворгардонии нишебиҳои кӯчандаи соҳили баҳр, дарё ва кӯлҳо бо деворҳои махсуси тиргакӣ, деворҳои мавҷгардонанда ва соҳилӣ дохил мешаванд.

Кӯчиши замин бо сохтани сутунҳои шоҳмотшакл пешгирӣ карда мешавад, дар нишебиҳо дарахту буттаҳо мешинонанд. Барои устувории ярчҳои эҳтимолии лойину тар онҳоро тариқи таровиши барқӣ (электроосмос) ва ё воридсозии фишори ҳавои гарм ба сӯрохиҳо мехушконанд.

Ярчҳои калонро, тариқи кофтани иншооти заҳбурие, ки роҳи якҷояшавии обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминиро ба маводди ярч қатъ мекунад, пешгирӣ менамоянд. Обҳои рӯйизаминиро бо ҷӯй ва каналҳо, зеризаминиро бо кофтани нақбҳо ва чоҳҳои уфуқӣ ба тарафи дигар равона месозанд. Хароҷоти молиявии тадбирҳои андешидашуда аз хароҷоти молиявии рафъи оқибатҳои ярч чандин баробар камтар аст.

Аксари ярчҳои эҳтимолиро пешгирӣ намудан имконпазир мебошад, агар чораҳои саривақтӣ андешида шуда, тартиботи зиддиярчӣ амалӣ карда шавад. Иҷрои чунин амалҳо: ташкили тарновҳои доимоамалкунанда; заҳбурканиҳо; кандани ҷӯйборҳои муваққатӣ барои партофтани оби барфу боронҳо; тахту ҳамвор намудани қисми болои ҷойҳои обгузар; пур кардани шикофҳо; мубаддал сохтани нишебиҳои хавфнок ба минтақҳои ҷамъ нашудани об; дарахтзор ва буттазор кардани нишебиҳо ва монанди инҳо ба пешгирӣ намудан ва ё кам гардидани зарари онҳо мусоидат менамоянд.

**Баромадан аз минтақаи хатарнок**

Хабардоркунии мақомоти идоракунандаи сатҳи маҳал оид ба мавҷудияти нишонаҳои фаромадани ярч;

Ҳангоми дар мавзеъҳои хатарнок мавҷуд будани эҳтимоли ярчфуроӣ бодиққат ҳаракат намудан;

Қабули чораҳои бехатарӣ бо истифодаи усули ба тарафи мавзеи хатарнок ҳаводиҳии якчанд адад сангчаҳо ҷиҳати бовар ҳосил намудан аз фуромадани ярч.

## ҲИФЗИ АҲОЛӢ АЗ ТАРМА

**Тарма**

Тарма – яке аз навъҳои офатҳои табиии боиқтидор ва пешгӯйинашаванда мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки дар нишебиҳои аз тарма бехавф ва доманакӯҳҳо барф солҳо ҷамъ мешавад. Баъзан баъди даҳҳо сол тармаи боқувват мефуроянд, ки дар роҳи худ ҳама чизро нобуд менамояд.

Ба ҳама маълум аст, ки 93 дарсад ҳудуди Тоҷикистонро кӯҳҳо ишғол менамоянд ва он дар ҷаҳон ҳамчун системаи ҳаракатноки табиӣ шинохта шудааст, ки фаъолияти равандҳои фаъоли геологӣ, ба монанди, заминларза ва ҳодисахои аз он ибтидогиранда, яъне ярч, тарма, кӯҳкӯчӣ, ҷараёнҳои сел ва ғайра зуд-зуд мушоҳида мегарданд, бахусус тармафароӣ дар фасли тирамоҳ ва саршавии баҳор эҳтимоли зиёд дорад.

Мо ҳама медонем, ки дар тафовут бо дигар давлатҳои ҷаҳон иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тармафароӣ мусоидат намуда, дар фасли зимистон бориши барф аз меъёр зиёд мегардад. Дар солҳои 2000-2001 дар водии Рашт баландии барф ба 1,9–2 метр расид. Ба чунин мавзеҳо инчунин, дараи Варзоб, Ромит ва баландкӯҳҳои вилояти Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд дохил мешаванд.

Имрӯзҳо тамоми давлатҳои дунё, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бартараф намудани ҳолатҳои фавқулода ва пешгирӣ кардани онҳо кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода истодаанд. Новобаста ба он ки пеши роҳи ҳолатҳои фавқулодаро пурра гирифта метавонем ё не, фақат дар ҳолати омодагӣ ва иҷрои тадбирҳои пешгирӣ мо метавонем зарари мерасидаро то андозае кам намоем.

Тарма миқдори зиёд (массаҳо)-и барфу ях мебошад, ки ногаҳон аз нишебиҳои кӯҳ ба поён мефуроянд ва аксаран бо худ хок, сангҳо ва қайроқсангҳо меорад.

Мафҳуми «лавина» асосан аз забони лотинӣ гирифта шудааст ва маънояш ҷойивазкунӣ ва ё кандашавист.

Имрӯз тарма яке аз навъҳои офати табиист, ки барои инсоният хатари ҷиддие дорад. Агар тарма аз баландие фуруд ояд, он гоҳ баландиҳои сангӣ ва ё теппаҳо пайдо мешаванд. Чандин тармаҳо бо суръати баланд ҷунбида аз як соҳили дарёҳо шағалҳоро ба соҳили муқобил мепартоянд ва он ҷо муддати тӯлонӣ «анбӯҳи тармавӣ»-ро ташкил менамоянд. Баландии ин гуна анбӯҳҳо то ба даҳҳо метр мерасад.

Умуман, тармаҳо ҳамасола миллионҳо тонна сангпораҳоро аз ҷое ба ҷое мебаранд. Дар сарзамини мо чандин ҳодисоти ба ин монанд ба вуқӯъ пайвастааст. Ин гуна сангпораҳо баъзан то 5-10 тонна вазн доранд. Ин гуна ҳолатҳои вайронкунии релефи маҳалро тавассути тарма дар қаторкӯҳҳои Помир, Ҳисору Зарафшон ва Қарамазор васеъ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Тармафароӣ ҳар гуна оғоз меёбад. Дар як маврид барфтӯдаҳо якбора ба поён ҳаракат карда тармаро ба вуҷуд меоранд ва дар дигар мавридҳо тармафароӣ аз як нуқта сар шуда, баъдан бо суръати баланд ба поён ҳаракат карда, ҳудуди калонро фаро мегирад.

Тармафароӣ мувофиқи таҷрибаҳо баъд аз бориши барфи ду - серӯза ба миқдори зиёд сар мезананд. Баъзан, сар задани бӯрони барфҳои дарозмуддате, ки ҳафтаҳо давом доранд, сабаби тармафароӣ мегардад. Инчунин, дигаргуншавии боду ҳаво, яъне аз хунукӣ ба гармӣ мубаддал гаштани иқлим аст. Ин навои тармафароиҳо бештар ба мавзеъҳои иқоматии одамон, ба табобатгоҳҳо, истироҳатгоҳҳо, кандашавии воситаҳои алоқа, симчӯбҳо ва роҳҳои автомобилие, ки дар он ҳудуд ҷойгир ҳастанд, хавфи калон дорад.

Ҳангоми анҷом додани корҳои кофтукову наҷотдиҳӣ омили асосӣ вақт мебошад. Ба оғози фаврии корҳои ҷустуҷӯӣ ва наҷоти одамони зери тарма монда, нигоҳдории ҳаёти онҳо вобастагӣ дорад. Маълум аст, ки баъд аз 2 соати тарма фуромадан 90%-и зарардидагон ҳалок мешаванд. Дар ҳақиқат, маълумоти дақиқ ва боэътимоде мавҷуданд, ки ҳангоми риояи қоидаҳои зиндамонӣ як қисми одамони 13 шабонарӯз зери барфмонда наҷот дода шудаанд. Барои ҳамин, баъди тармафароӣ кофтукови

одамонро то он даме, ки зарардидаи охирин дарёфт нагардад, идома додан зарур аст, чунки эҳтимоли зинда будан мавҷуд мебошад.

Дар хотир бояд дошт, ки агар ҷойи одамони зери тармамонда маълум набошад, дар ҷойи корҳои наҷотдиҳӣ сигор кашидан ва баланд гап задан, инчунин партофтани чизҳои шахсӣ ва пахш кардани изи зарардидагон манъ аст. Амалиёти фаврии шоҳидони ҳодиса кори наҷотдиҳандагони касбиро, ки дар ҳама ҳолат ба ҷойи ҳодиса меоянд, хеле сабук менамояд.

Барои зудтар дарёфт кардани одамони зери тармамонда, маълумоти шоҳидон хеле арзанда мебошад. Барои дуруст муайян намудани макони кофтуков, хатти ҳаракати зарардидагон ва нишонагузории аниқи ҷойи ғоиб шудани онҳоро бо диққат аз назар гузаронидан зарур аст.

Дар вақти анҷом додани корҳои кофтуковӣ-наҷотдиҳӣ (ККН) гузоштани мушоҳидакорон бо мақсади огоҳ шудан аз тармафароии навбатӣ тавсия дода мешавад.

Барои кофтукови одамони зеритармамонда воситаҳои махсуси зерин истифода мешаванд:

– афканандаҳои электромагнитӣ;
– таҷҳизоти радиолакатсионӣ;
– детекторҳои (олоти қабули мавҷҳои электрикӣ) ҳароратӣ;
– радиопеленгаторҳо ва ғайра.

Самараи беҳтарин ҷалб намудани сагҳои омӯзонидашудаи хадамоти кинологӣ мебошад. Истифодаи сагҳо нисбат ба дигар усулҳо имконоти иловагиро таъмин менамояд. Ҳамин тавр, саг минтақаи барфии масоҳаташ 1 гектарро (100х100м) дар муддати 30 дақиқа бодиққат мекобад, дар ҳоле ки гурӯҳи наҷотдиҳандагон ҳангоми тариқи зуд бо зонд тадқиқ намудан чаҳор баробар (ҳангоми бодиққат бо зонд тадқиқ кардан аз он ҳам зиёд) зиёдтар вақт сарф менамоянд.

Ҳангоми дарёфти зарардида корҳои аз барф озод намудани он оғоз мегарданд. Дар ин ҳангом корҳои кофтуковӣ то он даме давом дода мешаванд, ки тамоми зарардидагон дарёфт нашаванд.

Технологияи ККН аз инҳо иборат мебошад:

Баровардани зарардида каме поёнтар аз ҷойи дарёфтшуда, бо мақсади зарар нарасонидан ба ӯ амалӣ мегардад. Барои ин чуқурӣ кофта мешавад. Дар аввал барфро бо бел, сатил, дегчаҳо ва ғайра мекобанд ва ҳангоми наздикшавӣ ба зарардида суръати кор якчанд маротиба суст мешавад, рӯйи одамро аз барф бо даст тоза мекунанд. Ба зарардида нафаси сунъӣ медиҳанд (пешакӣ даҳонашро аз барф ва дигар чизҳо тоза менамоянд), ӯро бо гармкунакҳо ва либоси гарм мепеҷонанд ва то ба ҳуш омадан нӯшокии гарм менӯшонанд. Додани нӯшокиҳои алкоголӣ тавсия дода намешавад.

Корҳои кофтуковӣ-наҷотдиҳӣ танҳо дар сурате қатъ карда мешавад, ки кофтукови якчандрӯзаи одамон натиҷае надиҳад ё таҳдиди

хавфи тармафарой барои начотдихандагон мавчуд бошад. Барои гузаронидани ККН дар шароити тармафурой баъзе аз қоидаҳоро донистан зарур аст. Масалан, ҳангоми ҳаракаткунӣ дар нишебиҳои барфӣ наҷотдиҳандагон бояд айнакҳои ҳифзкунанда, либосҳои муҳофизаткунанда, дастпӯшакҳо, пойафзоли баланди пашмин ё чангакдор ва барои аз барфи мулоим гузаштан – пойафзори тагаш резинӣ пӯшанд.

Одатан, дар нишебии барфӣ усули «ду нуқтаи такя» истифода карда мешавад. Дар нишебиҳои хеле рост ва барфи чуқури ковок – бо яхбурак онро чуқур намуда, нуқтаи сеюми такяро месозад.

Ҳолати амудии тан риоя карда мешавад, ки он аз вайроншавии зинаҳо пешгирӣ менамояд. Дар ин ҳангом ба нишебӣ «фишор овардан» мумкин нест, пайиҳам из ба из ҳаракат карда, наҷотдиҳандаи дар пеш рафтаистодаро мунтазам иваз кардан зарур аст. Дар минтақаҳои аз ҷиҳати тарма хатарнок барои набуридани карахши рӯйи барф ва ба вуҷуд наовардани тарма, аз тӯдаҳои барфини дароз дур будан зарур аст.

Наҷотдиҳанда омадани тармаро ҳис намуда, **«Тарма аз боло!»** (чап, рост) гуфта садо медиҳад. Ҳангоми ин дигар наҷотдиҳандагон бояд ба канори ҷараёни тарма гузаранд ва дар пушти ягон монеа (харсанг, дарахт, санг ва ғайра) руст шуда, рӯйро барои нафасгир нашудан бо кулоҳи пашмдор, дастрӯмол пӯшонанд. Агар ба канори тарма гурехтан илоҷ набошад, дар он вақт аз ҳама борҳо (борхалта, лижа ва ғ.) халос шуда, бо тамоми қувва барои дар болои барф устувор мондан кӯшиш намудан зарур аст. Сипас бо ҳаракатҳои мунтазам ба канори тарма ва ё ба ҳудуди беруни он баромадан зарур аст.

Дар нишебии тезнабуда наҷотдиҳандагон бо сохтани зинаҳои «арчамонанд» мебароянд. Дар нишебиҳои аз ҷиҳати тармафарой бехатар ба баландӣ печутоб хӯрда баромадан мумкин аст. Ҳангоми «рӯ ба рӯ» рост ба баландии нишебиҳои барфӣ баромадан, ки эҳтимоли ба вуҷуд омадани тармаро пешгирӣ менамояд, зинапояро бо зарбаҳои пеши пойафзол месозанд. Яхбуракро ҳангоми ин амал дар пеши худ, дар ҳолати қариб то нӯгаш дар барф халондаро нигоҳ медоранд. Бо ду пой дар зинапояи нав хуб устувор шуда, яхбуракҳоро боз ба ҷойи баландтари нишебӣ мехалонанд.

Аз нишебии тезнабуда бо нигаронидани пушт ба он, бо гузоштани қадамҳои хурд ва бо пошна зер кардани барф фуромадан зарур аст. Аз нишебӣ рост фуромадан ба баромадан монанд мебошад, аммо он бо пайдарҳамии баръакс иҷро мешавад. Аз барфҳои сахт ва яхкардаи нишебӣ наҷотдиҳандагон бо истифодаи чангакҳо мефуроянд ва дар нишебиҳои хатарнок бо бандҳои наҷотдиҳӣ ҳаракат мекунанд.

Дар нишебиҳои тезнабуда, нишебиҳои аз ҷиҳати тарма бехатар фаромадан бо қадамҳои лағзанда ё зуд амалӣ карда мешавад. Ҳангоми зуд

фуромадан дар ҳар дуи пой найзаи чӯбдасти кӯҳнавардӣ (яхбурак)-ро ба пушти худ такя медиҳанд. Бо борхалтаи вазнин аз нишебиҳои тез (аз 400 зиёда) зуд фаромадан манъ аст.

Ҳангоми ҳаракат аз нишебиҳои яхкардаи тезиаш то 300 нақотдиҳандагон ба шакли «рӯ ба рӯ», «арчашакл», бо гардонидани кафи пой, тавре ки ҳангоми ҳаракат аз нишебии алафдор ба баландӣ мебароянд, амал менамоянд. Пойро ба ях бо расонидани зарбаи на он қадар сахт ба сатҳи он бо тамоми чангакҳо, ғайр аз чангакҳои пеш, мегузоранд. Аз нишебиҳои тезиашон то 400 бо хатти шикаста ҳаракат менамоянд. Танаро дар ин ҳангом ба таври амудӣ бо наздик накардани он ба ҷар нигоҳ медоранд. Бо найзаи яхбурак бо ду даст ба нишебӣ такя менамоянд.

Аз нишебии тезнабуда (аз 400 зиёдтар) бо чор дандонаи пеши яхбур, бо зарбаи пой дандонаҳои ҷуфти пешро халонда баромадан зарур аст. Ҷуфти дуюми дандонаҳои пеш бо таъсири вазни одам дар ях халонда мешавад ва ба ғеҷидани дандонаҳои пеш роҳ намедиҳанд. Пойҳоро камтар хам карда, кафи пой қариб ба таври уфуқӣ истоданаш зарур аст. Мувофиқи қоидаи «ду нуқтаи такя», ба баландӣ баромадан, ба ях бо нӯги яхбурак такя намудан зарур аст.

Аз нишебии тез нақотдиҳандагон бо нигаронидани рӯйи худ ба он мефароянд. Аз нишебии ростнабуда бо нигаронидани пушти худ ба он, ба найзаи яхбурак аз паҳлу ва камтар пушттар такя намуда, фаромадан мумкин аст.

**Қоидаҳои рафтор ва амал ҳангоми тармафарой**

– тағйирёбии вазъ ва боридани барфро мушоҳида намоед;

– аз аломатҳои саршавии фаромадани тарма дар ғафлат намонед;

– минтақаҳои хавфи фаромадани тармаро муайян намуда, дар ин минтақа сохтмони иншоотро маҳдуд созед;

– дар мавзеъҳои хавфи фаромадани тарма ба аломатҳои огоҳкунандаи роҳ ва муҳит диққат диҳед;

– кӯдакон, амвол ва ҳайвоноти хонагиро фавран ба ҷойҳои бехавф бароред;

– дар тадбирҳо ҷиҳати бартарафсозии оқибати фаромадани тарма фаъолона иштирок намоед.

Савол: Агар бо мошинатон ба тарма дучор оед, чӣ гуна амал хоҳед кард?

Агар ҳангоми тарма дар роҳ монед, аз мошин набаромада, бо чароғ ва садои (сигнал)-и мошин аз худ дарак диҳед. Мошинро тарк накунед, ҳангоми кор карда истодани муҳаррик хобатон набарад, чунки газҳои заҳролуд ба саломатии шумо хатар дорад.

Савол: Агар дар ҷойи кушод бошед, чӣ гуна амал хоҳед кард?

Агар дар ҷойи кушод бошед, худро пушти сангҳои калон гиред ё пушти дарахт пинҳон шуда, рӯятонро панаҳ ва худро ба шакли «хорпушт» кулӯла карда, дар роҳи нафас либос ё матоъ гузошта нафас гиред.

Агар ба тармаи ҳаракаткунанда дучор оед, даст ва поятонро мисли дар об шино кардан устуворона ба ҳаракат дароред. Ин усул шуморо дар қишри болои барф нигоҳ медорад.

Агар ба болои шумо тарма фурояд, то қатъ шудани ҳаракати он шакли «хорпушт» кулӯла зада, мунтазир шавед, баъд аз он бо ҷисми худ барфро ба ҳар тараф тела дода, барфро бо пой зер карда оҳиста – оҳиста ба боло, ҳаракат кунед.

Ба воситаи ҳуштак, сирена ё овози радио ва ё овози баланд ва дигар воситаҳои дар дастатон буда дар бораи худу наҷоти худ ба наҷотдиҳандагон хабар диҳед. Дар ин ҳолат хоб кардан хатарнок аст.

Амали аҳолӣ ҳангоми боридани барфи баланд:

– хӯрокворӣ, оби нӯшокӣ ва сӯзишвориро захира кунед;

– радио ва телевизорро хомӯш накунед;

– сару либос ва пойафзори гарм, чароғ, шамъ ва дигар воситаҳои рӯшноидиҳандаро омода кунед;

– барои ҳайвоноти хонагӣ обу хӯроквориро захира намуда, оғилхонаҳоро гарм нигоҳ доред;

– агар ҳангоми боридани барфи баланд дар роҳ монед, ба антеннаи мошин матои ранга баста ба ёрӣ ниёз доштанатонро маълум кунед. Дам ба дам мошинро ба кор даровarda гармии дохили онро нигоҳ доред;

Ба шахсони сармозада ба тартиби зерин ёрии аввалин расонед:

1. Узви сармозадаро дар оби ширгарм нигоҳ доред;
2. Ҷойи сармозадаро то гарм шуданаш молед;
3. Ба ҷойи сармозада вазелин молида, бо дока бандед;
4. Ба ҷойгаҳи гарм хобонед;
5. Қаҳва ё чойи гарм диҳед;
6. Ба рақами «03» занг занед.

## § 56. ТАШКИЛИ ХАБАРДОРКУНИИ АҲОЛӢ ҲАНГОМИ ТАҲДИД ВА БА ВУҚӮЪ ОМАДАНИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

**Тартиб ва усулҳои хабардоркунӣ оид ба таҳдид ё рух додани ҳолати фавқулодаи дорои хусусиятҳои гуногун.**

Зиёд гардидани шумораи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, инчунин маҷмӯи хатарҳои ба инсон таҳдидкунандаро

ба эътибор гирифта, ба масъалаи пешгӯйӣ, огоҳонидани аҳолӣ аз таҳдид ва ба амал омадани ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои гуногун вақтҳои охир диққати махсус дода мешавад.

Таъмини ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ яке аз вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи бехатарии миллӣ, таъмини устувории тараққиёти давлат мебошад. Ташкили алоқа ва хабардиҳӣ дар идоракунии ҳолатҳои фавқулода омили ҳаётан муҳим мебошад. Дар замони ҳозира тараққиёти техникаи муосир, бахусус дар системаи алоқа ва коммуникатсия хеле пеш рафтааст, ки бе он ягон соҳаи фаъолияти инсон пеш намеравад.

Дар аксари ҳолатҳои рух додани офатҳои табиӣ, фалокатҳо, садамаҳо ва сар задани амалиёти ҷангӣ аҳолӣ ҳамон вақт талафоти ҷонӣ ва хисороти зиёд мебинад, ки системаи хабардиҳӣ ва алоқа вуҷуд надошта бошад.

Ташкили дурусти алоқа ва хабардиҳӣ имкон медиҳад, ки аҳолӣ аз хавфи рух додани ҳолати фавқулода ҳамоҳангсозии пешакӣ хабардор карда шуда, ҳангоми рух додани он барои амал намудан, фаъолияти тамоми сохторҳое, ки дар гузаронидани корҳои бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода ҷалб карда мешаванд, мусоидат намояд.

Мақсади хабардиҳӣ ва алоқа сари вақт огоҳ намудани аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ,мақомоти идоракунии мудофиаи гражданӣ оид ба таҳдиди хавф ва ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои гуногун мебошад.

Ҳангоми таҳдид ё рух додани ҳолати фавқулодаи дорои хусусиятҳои гуногун бонгҳои мудофиаи гражданӣ бевосита аз Маркази идоракунии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ситодҳои ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании ВМКБ, вилоятҳо, минтақаҳо расонида мешаванд. Дар навбати худ ситодҳои ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании ВМКБ, вилоятҳо, минтақаҳо ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании шаҳру ноҳияҳои дар қаламравашон буда мерасонанд.

Усулҳои хабардоркунии аҳолӣ аз таҳдид ё рух додани ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои гуногун ва ҳангоми сар задани амалиёти ҷангӣ чунин мебошанд:

– ахбори шифоҳӣ бо истифодаи шабакаҳои давлатию ғайридавлатии радио ва телевизион;

– ба кор андохтани баландгӯҳо, сиренаҳои баркӣ, садоҳои махсуси механикии истеҳсолот, ки маънии «Диққат ба ҳама!»-ро дорад.

Дар замони осоишта ба аҳолӣ таҳдид ё рух додани ҳолатҳои фавқулода бо забони давлатӣ ва забони муошироти байни миллатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – забони русӣ дар муддати панҷ дақиқа хабар дода мешавад.

**Паҳнсозии умумӣ ва махсуси хабарномаҳои огоҳӣ.**

Оид ба хавфҳо ва амалиёти иҷрошаванда огоҳиҳои «умумӣ» ва «махсус» мавҷуданд. Огоҳиҳои хусусияти умумидошта дар минтақаҳо ва ё маҳалҳои таҳдиди хатар паҳн карда мешаванд.

Огоҳиҳои «махсус» барои гурӯҳи муайян, ки як қисми аҳолии зери хатар қарордоштаро ташкил менамоянд ва талаботи махсус ва ё ниҳоят номукаммаланд, масалан, беморҳо ва ё барҷомондагон, пирон, ниҳоят нодорон ва ғайра равона карда мешаванд. Одатан, пас аз огоҳиҳои умумӣ вобаста ба сайри ҳаводис, дар ҳолате ки кадом минтақаи ҷуғрофӣ чӣ гуна зарар мебинад, муайян мегардад огоҳиҳои нисбатан махсус дода мешаванд. Ҳодисаҳои бештар ҷиддӣ барои додани огоҳиҳои махсус барои гурӯҳҳо талабот доранд. Дар ҳама ҳолат ҳар ду шакли огоҳиҳо ҳамдигарро пурра месозанд, хабарномаҳои огоҳии махсус огоҳиҳои умумиро пурра месозанд, аммо онҳо шахсоне, ки бештар ба чунин иттилоот ниёз доранд, равона карда мешаванд.

Огоҳиҳои умумӣ одатан, тавассути воситаҳои ахбори омма (телевизион, радио, рӯзномаҳо, варақаҳо, нашрияҳо ва ғ) паҳн карда шуда, ҳамзамон барои паҳн намудани огоҳиҳои махсус воситаҳои бештар фардии коммуникатсионӣ ба монанди телефон, факс, алоқаи радиоии дутарафа, мегафон (баландгӯ)-ҳо, садосигнал (сирена)-ҳо ва ё зарбаҳои огоҳӣ ба предметҳои филизӣ ва ғайра зарур мебошанд.

**Огоҳиҳои умумии зудпаҳнсозӣ.**

Хабарномаи огоҳии радиоӣ, бастани барномаи пахшшудаистода, суҳбатҳо бо мақомоти маҳаллӣ ва намояндагони мақомот оид ба хавф ва ғайра.

Ҷиҳати мусбат: Одатан зуд расонидани чунин хабарномаҳои огоҳӣ нисбат ба телевизион чанд баробар осонтар аст.

Ҷиҳати манфӣ: Бисёриҳо мумкин аст огоҳ нашаванд, зеро хабарнома асосан ҳангоми шаб, тавассути ҳамаи каналҳо дода мешавад.

Телевизион: хабарномаи огоҳӣ дар шакли сатри равон, қатъ кардани пахши барномаҳо ҳангоми нашри ахбор.

Ҷиҳати мусбат: Хабар дар шакли аёнӣ ва содагӣ дода мешавад, ки имкони фарогирӣ бештар ва самараи зиёд дорад.

Ҷиҳати манфӣ: Бисёриҳо наметавонанд телевизор тамошо кунанд. Ҳамаи каналҳои корӣ бояд хабари огоҳиро пахш намоянд. Ҳолати шабонгоҳӣ мушкилот ба миён меорад, зеро танҳо як қисми одамон телевизорро ҳангоми нисфирӯзӣ ва ё саҳар ба кор медароранд.

Тахтаи эълонҳо: Тахтаи эълонҳо одатан дар маркази бино ҷой дода мешавад.

Ҷиҳати мусбат: Нисбатан тез омода мешавад.

Ҷиҳати манфӣ: На ҳама кас онро дида метавонад, дастрасиаш маҳдуд аст.

Паҳнсозии ғайрифаъол.

Рӯзномаҳо: Рӯзномаҳои маҳаллӣ ва ноҳиявӣ.

Матни огоҳ кардани аҳолӣ аз хатари рух додани ҳолати фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ( намуна):

«Диққат! Диққат! Диққат! Ситоди ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании ноҳияи ____________________ хабар медиҳад!

Шаҳрвандон ! Бар асари боришоти пайдарпайи борон, хавфи омадани ҷараёни сел ба деҳаҳои __________ ,__________ ,__________ ҷамоати деҳоти ________________ ба амал омадааст. Вобаста ба ин барои ба минтақаи бехавф эвакуатсия шудан омода шавед!»

Матни огоҳ кардани аҳолӣ аз хатари рух додани ҳолати фавқулодаи дорои хусусияти техногенӣ ( намуна):

«Диққат! Диққат! Диққат! Ситоди ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании ноҳияи ____________________ хабар медиҳад!

Шаҳрвандон! Дар пойгоҳи обтаъминкунии худҷоришаванда садама рух дода, моддаи заҳролуди пуртаъсири хлор ба самти маҳаллаҳои __________,__________,_________ паҳн гашта истодааст. Вобаста ба ин, аз шумо хоҳиш карда мешавад, ки аз воситаҳои одии ҳифзи инфиродӣ истифода бурда, барои ба минтақаи бехавф эвакуатсия шудан омода шавед!»

Ҳангоми оғози амалиёти ҷангӣ:

– хатари ҳавоӣ;
– қатъи хатари ҳавоӣ ;
– хатари радиатсионӣ;
– хатари кимиёвӣ.

Матни огоҳ кардани аҳолӣ аз оғози амалиёти ҷангӣ ( намуна):

«Диққат! Диққат! Диққат! Ситоди ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании ноҳияи ____________________ хабар медиҳад!

Хатари ҳавоӣ! Хатари ҳавоӣ! Хатари ҳавоӣ!

Қатъи хатари ҳавоӣ!

Хатари радиатсионӣ! Хатари радиатсионӣ! Хатари радиатсионӣ!

Хатари кимиёӣ! Хатари кимиёӣ! Хатари кимиёӣ!

Робитаи радиоӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини муосири алоқа ва хабардоркунӣ ба ҳисоб рафта, дар аксар ҳолатҳо воситаи ягонаи алоқа мебошад. Ин восита нисбат ба воситаҳои алоқаи ноқилӣ ба омилҳои офатҳои табиӣ, садама, фалокатҳо ва воситаҳои зарбазании замонавӣ

якчанд баробар устувор буда, бо он дар муддати кӯтоҳ ва масофаи дур алоқаро барқарор кардан имконпазир мебошад.

Барои ташкили алоқа ва хабардоркунӣ дар самти пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва соҳаи мудофиаи граждании аз дастгоҳҳои кӯтоҳмавҷ истифода бурда мешавад.

Дар баробари воситаи робитаи радиоӣ – алоқаи ноқилӣ, яъне телефонҳои шаҳрӣ, ҳукуматӣ, махсус ва саҳроӣ низ истифода бурда мешавад.

**Вазифаҳои асосии алоқа иборатанд аз:**

1. Таъмини идоракунии мунтазам аз рӯйи қувваҳои тобеъ.

2. Таъмини ташкилу нигоҳ доштани ҳамкории дақиқ ва мунтазам.

3. Ташкили сари вақт расонидани амр, фармон, дастуру нишондодҳо ва ишораҳою хабарҳои мудофиаи граждании ба ситодҳо, қисмҳои ғайринизомӣ ва аҳолӣ.

Системаи алоқа унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Нуқтаи алоқаи ғайрисайёравӣ ва ҳаракаткунандаи идоракунӣ.

2. Хатҳои мустақили алоқа ва пайвандӣ.

3. Хатҳо ва шабакаҳои алоқае, ки ситоди мудофиаи граждании аз шабакаи давлатӣ ҷудо менамояд.

4. Нуқтаи идоракунии алоқа.

5. Қувваҳои эҳтиётӣ ва воситаҳои алоқа.

Системаи алоқаи мудофиаи граждании ташкилот иборат аст аз унсурҳои зайл:

– нуқтаи алоқаи корхона ва ташкилотҳо;

– нуқтаи алоқаи идоракунии ташкилот;

– воситаҳои алоқаи қисмҳои ғайриҳарбии мудофиаи граждании корхона ва ташкилот.

Нуқтаи алоқаи ташкилот иборат аст аз:

– нуқтаи автоматикии алоқаи телефонӣ;

– нуқтаи радиотранслятсионӣ барои пешбурди садои радиои маҳаллӣ.

Масъулиятро оид ба ташкили алоқа ва огоҳкуниро сардори ситоди мудофиаи граждании бар уҳда дорад.

Вай бояд:

– вазъият ва имкони алоқаро донад;

– вазифа ва супоришҳо оид ба ташкили алоқаро сари вақт супорад ва амр диҳад;

– тайёрии доимии алоқа ва огоҳкунии сардори хадамоти огоҳкунӣ ва алоқаро бевосита ташкил ва таъмин намояд.

Дар иншооте, ки барои ташкили хадамоти огоҳкунӣ ва алоқа дастгоҳ вуҷуд надорад, уҳдадорӣ оид ба ташкил ва таъмини бевоситаи омодагии доимии алоқа ва огоҳкунӣ бар дӯши ёвари сардори ситоди мудофиаи граждании иншоот оид ба алоқа ва огоҳкунӣ гузошта мешавад.

Алоқа бо сохторҳои зерин ташкил карда мешавад:

– алоқаи телефонӣ бо паноҳгоҳҳои корхона ва сехҳои асосӣ;

– алоқаи радиоӣ бо ситодҳои маҳаллии мудофиаи граждaнӣ;

– алоқаи телефонӣ бо комиссияҳои эвакуатсионии ноҳияҳо;

– алоқаи телефонӣ бо усули талаб кардан бо гурӯҳи фаврии иншоот, ки ба минтақаи берун аз шаҳр фиристода мешавад.

Дар сурати набудани имкони барқарор кардани алоқаи телефонӣ воситаҳои алоқаи сайёр истифода мешаванд. Ҳар як паноҳгоҳ бояд нуқтаи идоракунии алоқаи телефонӣ ва баландгӯяк дошта бошад, ки бо шабакаи алоқаи радиои маҳаллӣ ва шаҳрӣ алоқаманд бошад.

Аҳолӣ дар ҷойи кор ва ҷойи иқомат огоҳ карда мешавад.

Ташкили хабардоркунӣ ва назорати таъминоти истифодаи техника, инчунин дар ҳолати омодагии доимӣ нигоҳ доштани воситаҳои огоҳкунӣ ва алоқа вазифаи аввалиндараҷаи роҳбарони ҳамаи мақомот мебошад.

## § 57. ХАТАРҲОИ НАВ ВОБАСТА БА АМАЛҲОИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ИФРОТГАРОӢ (ЭКСТРЕМИЗМ)

Терроризм чун рӯйдоди хавфноку мушкилпешгӯйикунандаи замони муосир, ки бо шаклҳои мухталиф доман паҳн мекунад, ҳамсафари доимии одамон гаштааст. Ҳамлаҳои террористӣ хисороти зиёди ҷонӣ оварда, ба ҷомеаи инсонӣ дар баробари таҳмили фишору ҳамлаҳои психологӣ, инчунин, хисороти моливу маънавиро дар пай дошта, барқарории он аксар вакт барои одамон имконнопазир мегардад. Терроризм хушунат, нобоварию бадбиниро миёни кишварҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоию миллӣ тавлид намуда, барои бартарафсозии оқибатҳои он баъзан ҳаёту зиндагии як насл камӣ мекунад. Терроризм, чун рӯйдоде дар ҷомеа, ки баъзан ба он либоси сиёсӣ мепӯшонанд, ин натиҷаи сиёсатбозиҳои бемаънӣ аст, ки гурӯҳҳои ҷудогона ҳуқуқ ва қонуниятҳои давлатро зери шубҳа гузошта, барои ба ҳадафҳои шуми худ расидан, аз террор истифода карданӣ мешаванд. Гурӯҳҳои мухталифи ҷиноятпеша барои фароҳам сохтани шароити боз ҳам муътадил, ҷиҳати фаъолиятҳои ғаразнок ба ҳарифон ва сохторҳои давлатӣ ҳамлаҳои террористӣ анҷом медиҳанд. Қурбонии терроризм метавонад ҳар инсоне, ки ба муноқишаҳо ягон муносибат ва ҳатто рабте надошта бошад, гардад. Дараҷаи пайдоиши

терроризм, таъсири шаклҳои мушаххаси зуҳури он дар ахлоқ ва ҷомеа аз як ҷониб, пурқувватсозии неруҳои солими ҷомеа ва давлат дар ҳалли масъалаҳои хеле мубрам, аз ҷумла, пешгирӣ ва решакансозии терроризм нишондоди таҳлилӣ махсуб меёбад. Мутаассифона, терроризм силоҳи тарсу ваҳм, қатлу куштор ва нобудсозӣ миёни ҷаҳони оштинопазир гашта, дар фаҳмиши ҳаёт назариёти мухталифу фарққунанда ва ахлоқу фарҳанги заифро ба бор овардааст. Дар чанд соли охир терроризм чун проблема дар ҷаҳони муосир доман паҳн намуда, афзоиши устувор касб кардааст. Ҳодисаҳои террористӣ аз рӯйи хусусияти худ сол то сол муташаккилонаю бераҳмона гардида, дар созмондиҳии он аз васоити мухобиратии ҳозиразамон, техникаву дигар муҳиммот истифода мегардад. Дар қисматҳои гуногуни дунё радикалҳои сиёсӣ ва миллатгаро барои ба ҳадафҳои ниҳоии худ расидан, терроррро интихоб намуда, шабакаҳои ҷосусӣ, анборҳои силоҳу маводди таркандаро барои такмили сохтор ва дастгирии молиявӣ моҳирона истифода мебаранд. Созмонҳои террористӣ барои амалиётҳои хеш шаклҳои мухталифи ширкату бонкҳо ва фондҳоро чун сипар дар ихтиёр қарор медиҳанд. Возеҳ аст, ки барои ташдид бахшидани мубориза бо ин рӯйдоди хеле хавфнок зарур аст, ки роҳбарони сатҳи олии давлатҳо муттаҳид ва созмонҳои байналмилалӣ таъсис ёбанд. Барои ба амал баровардан ва шаклгирии муборизаи чашмгир алайҳи терроризм таҳлили фаҳмиши ягонаи байналмилалӣ-ҳуқуқии он ва тавсифи амиқи ҳуқуқии ин навъи ҷиноят ба эътибор гирифта шавад. Дараҷаи хатаре, ки терроризм ба ҷомеаи муосир дорад, далелҳои раднопазир бозгӯйи он аст ва кишварҳои абарқудрат бар зидди терроризм қонунҳо кабул менамоянд ва ягон мулоқоти сарони кишварҳо бе муҳокимаи ин мушкилот намегузарад. Воқеаҳои охири Русия ва Испания аз он шаҳодат медиҳанд, ки ягон кишвари дунё дар алоҳидагӣ аз ҳамлаҳои ваҳшиёнаи террористон дар амон нест. Одамони бегуноҳ қурбон мешаванд. Ана, барои чӣ Тоҷикистон муттаҳидсозию ҳамоҳангсозии неруҳои минтақавӣ ва байналмилалиро дар мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ, қочоқи маводди мухаддир ва дигар зуҳуроти нангинеро, ки барои инсоният хатарзо ҳастанд, зарур мешуморад. Таърихи тӯлоние, ки терроризм дорад, он бо ҳар гуна роҳу шева зуҳур намуда, ин падида ҳазору панҷсад сол аст, ки дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ҷонҳои ҳазорон одамони бешуморро рабудаю мебарад. Императорҳои Рум, султонҳои Туркия, шоҳони Рус ва ғайраҳо қурбонии терроризм гаштаанд. Дар зуҳуру пайдоиши ин падида ҳар як кишвар «қаҳрамонон»-и худро дорад. Дар рӯзҳои мо шаклҳои гуногуни терроризм вуҷуд дорад, ки аз рӯйи хусусият ва фаъолияти тахрибкоронаашон мақсаду ҳадафи онҳо барои муваффақ шудани натиҷаҳои гуногун нигаронида шудааст. Терроризми дохилидавлатӣ фаъолияти гурӯҳи муташаккили

террористӣ ва ё террористони инфиродиро муаррифӣ менамояд, ки мақсади онҳо барои ба даст овардани ҳадафҳои сиёсӣ дар дохили як давлат мебошад. Терроризм асосан зӯроварӣ аст ва он дидаву дониста муқобили ҳар кишвар нигаронида мешавад. Вақте терроризми давлатӣ аз марзи кишварҳои алоҳида берун меояд, он хусусияти терроризми байналмилалиро касб мекунад. Вақтҳои охир ин шакли терроризм дар сатҳи васеъ ва чашмгир доман паҳн намудааст ва он ба устувории давлатҳо зарба ворид менамояд, хисороти зиёд тавлид карда, ёдгориҳои фарҳангиро нобуд месозад ва ба муносибатҳои байналмилалӣ зарба мезанад. Терроризми байналмилалӣ мисли дигар шаклҳои террор зӯроварии гӯшношуниди низоми бегонаро ба амал оварда, дар шакли хеле содалавҳона барои пайдо шудани идеяҳои зиёд замина мегузорад ва мақсаду ҳадафи он шиддат бахшидани ҷиноятҳо ва амалҳои террористӣ аст, ки ин аз нигоҳи худи террористон мусбат аст.

Терроризм, ки ба ҷаҳон хатари калон дорад, дар ҳоли ҳозир таҳдидро ба сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ниҳодҳои иҷтимоии давлатӣ густурда намуда, озодӣ ва ҳуқуқи одамонро зери шубҳа гузоштааст. Ба ин нигоҳ накарда, сокинони сайёраро боз терроризми ҳастаӣ, силоҳи кимиёвӣ ва терроризми иттилоотӣ таҳдид менамояд. Дар замони муосир аксари ҳамлаҳои террористӣ дар заминаи эътиқоду боварии динӣ ба амал меоянд. Ҷаҳонбинӣ ва эътиқоди динии Усома бини Лодан ба он оварда расонд, ки террористон аз шумули шогирдони вай солҳои зиёд кӯшиши рабудани технологияи ҳастаиро намуданд. Онҳо бо ин андеша ба он муътақид буданд, ки барои расидан ба ҳадафҳои бо ном **«исломӣ»** ҳатто ба силоҳҳои кимиёвӣ, биологӣ ва куштори оммавӣ даст мeёбанд. Яке аз муҳаққиқони ҷаҳони терроризм Стивен Саймон – собиқ узви Шӯрои бехатарии миллии Амрико менависад, ки муҳтавои ин мубориза ва кушторҳо аҳли куффор қарор дошт. Барои шахси бедин ин басо ҳам даҳшат аст. Вай, инчунин менигорад, ки ин қабил террористон бо ҳадафу андешаи ғалат кӯшиш менамоянд, ки ҳарчӣ бештар одамонро **«дар роҳи Худо»** ба қатл расонда ва ҳукумати **«шайтонҳоро»** зеру забар намоянд. Дар онҳо меъёрҳои ахлоқӣ вуҷуд надорад ва ҷаҳонбинии эшон танҳо аз фанатизми динӣ иборат аст. Терроризм дар замони муосир ба давлатҳо, шахсони сиёсиву ҷамъиятӣ, пешвоён ва ҳатто моликони сармоя таҳдид менамояд. Паҳншавии терроризм нигарониро аз он ҷиҳат ба бор меорад, ки инсоният ба хатари ҷиддии нестшавӣ рӯ ба рӯ гаштааст. Террористон дар роҳи расидан ба мақсаду ҳадафҳои шуми хеш аз истифодаи ҳатто силоҳҳои мамнӯъ даст кашиданӣ нестанд. Кӯшишҳои онҳо дар роҳи дастёбӣ ба силоҳи бактериологӣ ҷомеаи ҷаҳониро ба он ҳушдор медиҳад, ки дар мубориза бар зидди терроризм боз ҳам муташаккил гардида, пеши паҳншавии ин вабои асрро дастаҷамъона бигиранд.

**Сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои мубориза бар зидди он.** Барои ҷомеаи ҷаҳонӣ душмани рақами як пайдо шуд. Он басо хавфнок, неруманд ва басо бераҳм аст. Номи он терроризми байналмилалӣ мебошад. То вақте ки он мағлуб нагардад, ягон нафар худро бехатар эҳсос нахоҳад кард. Ҳоло терроризмро **«вабои асри XX1»** меноманд ва ин маризӣ бо неруи тахрибкоронааш дунёро раҳо карданӣ нест. Аз рӯйи омор дар ду рӯз як ҳамлаи террористӣ ба амал меояд ва одамони зиёди бегуноҳ ба ҳалокат мерасанд. Терроризм сол то сол бемайлон афзоиш меёбад. Хушунат, разилӣ ва бераҳмӣ зиёд гардида, дар натиҷа қурбонии зиёдро ба бор меорад. Омодагӣ ва муташаккилии террористон низ боло мегирад. Ҳар як ҳамлаи террористӣ нисбат ба пешинааш даҳшатовар мегардад. Ҳоло дар ҷаҳон дигар террористонро ба «хуб»-у «бад» ҷудо намекунанд ва кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки аз ин шарру бадӣ раҳо ёбанд. Баҳс сари он аст, ки гӯё **Исломи ноб дини террористон бошад** ва ҳар як мусулмон шаҳидро намояндагӣ дорад. Ин ақида бепоя ва билкулл ғалат аст. Бинед, ки миллионҳо мусулмонони сайёра террористонро, ки даҳшат меафкананд, маҳкум менамоянд ва дар ин ақида устуворанд. Пирӯзӣ бар терроризм дар сайёра дар сурате муяссар мегардад, ки ҳамаи одамон қарзҳо ва укдаҳоро фаромӯш намоянд. Мубориза набояд бо пайдоиши ин падида оғоз гардад, балки сабабҳои пайдоиши онро решакан намуд. Бояд дар хотир дошт, ки маъвои терроризм дар вокуниши ҷомеа нуҳуфтааст. Моҳият ва дарку шинохти имрӯзаи вожаи «терроризм» аз замони Инқилоби бузурги Фаронса бармеояд, ки инқилобиён дар қиболаш сиёсати тарсу ваҳмро алайҳи мухолифону душманонашон истифода мекарданд.

* Терроризм ин зӯроварӣ ва таҷовузи сиёсӣ аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ нигаронида шудааст. Терроризм ин қатлу куштори мақсадноки муттасили одамони бегуноҳ ба хотири расидан ба мақсадҳои сиёсӣ нигаронида шудааст.

* Терроризм зӯроварӣ ва таҷовуз аст, ки онро созмонҳо, гурӯҳҳои ғайриҳукуматии камшумор, пинҳонкор дар маҳалҳои осебпазир ба хотири безобитасозии мардум ва дигаргуниҳои сиёсӣ роҳандозӣ мекунанд.

* Терроризм ин фаъолияти мақсадноку густурдаи даставу гурӯҳҳои террористӣ буда, ҳадафашон барои тағйир додани форматсияи иҷтимоӣ - иқтисодӣ, халалдор сохтани идеологияи давлатӣ, тағйирот дохил намудан дар сохтори давлатдорӣ ва сохтори сиёсии ҳукумат, тахриби марзу ҳудуд, зарба задан ба мавҷудият ва бақои давлатдорӣ аст, ки онро бо амалҳои террористӣ ҷомаи амал мепӯшонанд.

## ТАСНИФИ (КЛАССИФИКАТСИЯ) ТЕРРОРИЗМ

Терроризм якчанд навъ мешавад:

– **байналмилалӣ** (гурӯҳҳои террористии №1-и Усома бини Лодан (ал-Қоида) ва **дохилӣ,** ки дар дохили як давлат амал мекунанд (масалан, «ИРА» танҳо дар марзи Англия амалиётро анҷом медиҳад);

– **давлатӣ** – фаъолияти ин гурӯҳҳо бо мақсади ба амал овардани тарсу ваҳми одамон ва вайрон намудани сохтори сиёсӣ нигаронида шудааст. Масалан, фаъолияти он дар созмони террористии баскҳо «ЭТА» дида мешавад;

– **ғайридавлатӣ** – фаъолияти террористон ба тарсондани аҳолӣ нигаронида шудааст. Мисоли онро дар фаъолияти «Бригадаи сурх»-и Италия мушоҳида кардан мумкин аст;

– **ростгароҳо** (ултраправые). Ҳадаф – тарсондани аҳолии кишвар, яъне гурӯҳҳои этникӣ – ба муқобили гурӯҳҳои муайяни этникӣ;

– **чапгароҳо** – мақсад бо роҳи зӯроварӣ аз байн бурдани капитализм.

– **иҷтимоӣ, идеологӣ ва ахлоқӣ.**

– **ақаллиятҳои этникии зулмдида,** терроризми мустақил ва гурӯҳи ашхосе, ки бо мақсади сиёсӣ тағйир додани низоми сиёсиро мехоҳанд;

– **ҳаракати миллӣ – озодихоҳӣ;**

– **инқилобӣ ва аксулинқилобӣ;**

– **суберсивӣ** – халалдор намудани низоми сиёсӣ;

– **репрессивӣ** – саркӯбсозии намоишу эътисобҳои мардумӣ;

– **фитнаангезӣ** – ба терроризми имрӯза хос аст;

– **пешгирикунанда,** ки онро хадамоти махсус иҷро мекунад;

– **ҳарбӣ;**

– **ҷиноятӣ** – ҷинояткорӣ аз зери назорати мақомоти дахлдор берун меояд;

– ба сифати намуди мустақил терроризмро ҷудо месозанд, ки бо дастгирии давлат терроризми байналмилалиро ҷонибдорӣ менамояд. Мисле ки дар Сурия, Лубнон, Урдун, Ироқ, Либиё, Судон, Афғонистон ба назар мерасад.

Инчунин, аз рӯйи нишонаҳои муайяни шартӣ - минтақавӣ терроризмро ба Аврупои Ғарбӣ, Амрико, Амрикои Лотинӣ, Шарқи Наздик, Африқо, Осиё ва Русиягӣ ҷудо месозанд.

## АМАЛҲОИ ТЕРРОРИСТИЕ, КИ ҶАҲОНРО ТАКОН ДОД

Ҳамлаҳои пурсарусадои даҳсолаи охир.

* 11-уми сентябри соли 2001;

* «Норд-Ост»- 23-26-уми октябри соли 2002;

* Таркиши дискотека дар ҷазираи Бали - 12-уми октябри соли 2002;

* Тасарруфи шифохонаи Будёновск - 9-уми январи соли 1996;

* Инфиҷору тахриби биноҳои истиқоматӣ дар кӯчаҳои Гурянови шоҳроҳи Каширск, 9-13-уми сентябри соли 1999.

Мавҷи хунини терроризм ҷаҳонро дар охири қарни XX ва даҳсолаи аввали асри XX1 фаро гирифт. Воқеаҳои 11 сентябр, таркиши хонаҳои истиқоматӣ дар шаҳри Маскав, гаравгонгирии оммавии одамон дар маркази театрии Дубровск таҳдиди мустақими созмонҳои террористӣ маҳсуб меёфт. Дар муборизаҳои тӯлонӣ алайҳи терроризм, бахусус дар Чеченистон, аскарони зиёде ҷонҳои худро аз даст доданд. Террори хунини бемаънӣ, ки дӯзахро ба хотир меорад, дар ягон мазҳаб ҷойгоҳи худро надорад. Терроризм ин силоҳи заифон, ҷафокашидагон аст, ки онҳо малака ва неруи бурдани фаъолиятҳои низомиро надоранд. Он то вақте вуҷуд дорад, ки зӯроварӣ пойдор аст.

## § 58. САБАБҲОИ ПАЙДОИШИ ТЕРРОРИЗМ ВА РОҲҲОИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ОН

Сабабҳои асосии пайдоиши терроризмро метавон ба ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, динӣ ва маънавӣ ҷудо сохт. Ноустувории сиёсӣ яке аз сабабҳои асосии рӯйдод ва пайдоиши терроризм арзёбӣ мегардад. Аз рӯйи омори роиҷ дар давраи ноустувориҳои сиёсӣ теъдоди амалҳои террористӣ хеле меафзояд. Новобаста ба ин, яке аз сабабҳои муҳимми дигари сиёсии сар задании амалҳои террористӣ дар ҷаҳон, чоранаандешӣ дар амнияти одамон маҳсуб меёбад. Ин боз ба он алоқаманд аст, ки баъзан иҷрои қонунҳо ба эътибор гирифта намешавад ва аз ин террористон моҳирона истифода карданӣ мешаванд. Ин хел таъсиррасонӣ дар шуури ҷомеаи худкомагӣ, диктаторӣ, ки дар онҳо режимҳои ҳуқуқӣ ҳукмронанд, ба назар мерасанд. Ё ин ки амалкарди фаъолияти Толибони Афғонистон, муноқишаи Ғарбу Шарқ, ки терроризм чун баҳона барои бурдани амалҳои террористӣ истифода мегардад. Ин, пеш аз ҳама, ба Шарқ тааллуқ дорад.

Аз нигоҳи динӣ. Дар ҳоли ҳозир ҷараёнҳои диние арзи вуҷуд доранд, ки зӯровариро таблиғ менамоянд. Яке аз ҷараёнҳои домангустурда мазҳаби ваҳҳобӣ буда, бунёди он марбут аст ба оғози қарни 18 дар Арабистони Саудӣ. Асосгузори он Ибни Абдулваҳҳоб маҳсуб меёбад. Маҳз худи ӯ душманони ислом – яҳудиён ва насрониҳоро муайян сохт ва бар зидди онҳо ҷанги муқаддас – ҷиҳодро зарур донист. Яъне ба ақидаи ӯ касоне, ки шариатро қабул надоранд, лоиқи марг мебошанд. Қуръон зӯровариро ботил месозад. Наҳйи **«қатл нанамо»** дар ислом вуҷуд дорад; аммо дар аксар ҳолатҳо террористон ниятҳои ҳақиқии хешро бо шиорҳои исломӣ пардапӯш месозанд. **Маънавиёт.**

Яке аз сабабҳои асосии маънавии пайдоиши терроризм- бухрони ҷамоаи муосир ва халал ёфтани арзишҳои ҳуқуқӣ ва умумиинсонӣ мебошад. Ба таври мисол, дар як қатор мамолики Шарқ наврасонро дар рӯҳияи шиорҳои террористӣ тарбия карда, аз замони хурдӣ дар ниҳоди онҳо ба ҷойи парвариши маърифату маънавиёт, сар хам намудан ба падидаи зӯроварию зӯрон ва бузургсолориро тарбия мекунанд.

## СОЗМОНҲОИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ЭКСТРЕМИСТӢ ДАР ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ (ИДМ)

**Терроризми исломӣ дар Тоҷикистон.** Гурӯҳҳои террористӣ дар Тоҷикистон, соли 1992, баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ пайдо шуданд. Солҳои 1992-1994 терроризм дар пасманзари ҷанги шаҳрвандӣ зуҳур намуда ва он яке аз роҳҳои нобудсозии мухолифини сиёсӣ буд. Соли 1994, ҳангоми оғози гуфтушунидҳои сулҳовар терроризм нақши иғвогарона ва фитнаангезиро касб намуд, ки он ба халалдор сохтани вазъи сиёсӣ ва алангаи низоъ мусоидат намуд. Маҷмӯи ҳадафи террористон дар он айём аз таркондан, гаравгонгирию дуздии одамон бо мақсади фурӯхтан ва ҳамлаҳои мусаллаҳона маҳсуб меёфт. Террористон аз ҷумла нишон гирифта буданд: фаъолони сиёсии Тоҷикистон, ки ба он шомил мешуд: нухбагони баландпоя, вакилони парлумон ва маҷлисҳои намояндагони маҳаллии халқ ва шахсони баландмартабаю коршиноси ин ё он соҳа, ки дар ҷомеа обрӯйи калон доштанд. Инчунин, хизматчиёни артишу сарҳадбонони рус, хориҷиён, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, журналистону муҳандисон аз назару нишони онҳо дур намонда буд. Исломгароён дар солҳои 1994-1996 ноиби президенти Академияи илмҳо Муҳаммад Осимӣ, ректори Донишгоҳи тиббӣ Исҳоқӣ, журналист Муҳиддин Олимпур ва чандин ашхоси саршиносро ба қатл расонданд.Дар ҷойгузин сохтани терроризм дар Тоҷикистон эмиссарҳо – фиристодаҳои Шарқи Наздик, ки вазъи соли 1992 ба амал оварданд, даст доштанд. Ҷосусони созмонҳои бунёдгаро аз Судон, Афғонистон, Арабистони Саудӣ ҷангиёни мухолифини исломиро роҳҳои бурдани ҷангҳои диверсиониро омӯзонда, дар аксар мавқеъ худи онҳо дар гурӯҳҳои мусаллаҳ қувваи асосии зарбазанандаро мебозиданд. Роҳбарии террористони Тоҷикистон мутамарказ ва аз як ҷо роҳбарӣ намешуд ва фаъолияти онҳо аксари вақт хусусияти ҷиноӣ дошт.

## ҲАРАКАТИ ИСЛОМИИ ӮЗБЕКИСТОН

Ҳаракати исломии Ӯзбекистон вазифа гузоштааст, ки дар ҳудуди Осиёи Марказӣ хилофати исломиро аз ҳисоби мусулмонҳои ин минтақа бунёд намояд. Маркази он аз рӯйи тафаккури роҳбарони

ин ҳаракат бояд водии Фарғона қарор гирад, зеро исломгароён дар ин ҷо нуфуз ва мавқеи мустаҳкам доранд. Фаъолияти мусаллаҳонаи ҲИӮ дар қадами аввал ба муқобили режими дунявии Ӯзбекистон нигаронида шуда, баъдан Ҷумҳурии Қирғизистон мавриди ҳамла қарор мегирад. Вақтҳои охир ҲИӮ ба фаъолиятҳои терроризми байналмилалӣ хеле фаъолона ҳамроҳӣ дорад. Дар ин самт идеологҳои ҳаракат дар барномаи хеш шиорҳои зидди Ғарб ва зидди Изроилро дохил кардаанд.

## ҲАРАКАТИ ТОЛИБОН–ИТТИФОҚЧИИ САРСУПУРДАИ ҲАРАКАТИ ИСЛОМИИ ӮЗБЕКИСТОН

Толибон дар ҲИӮ табиатан муттаҳидони воқеии хешро дар минтақа дар сарнагун сохтани режими дунявӣ мебинанд. Толибон ба он ҳавасманданд, ки ҲИӮ метавонад суботи сиёсиро дар Ӯзбекистону Тоҷикистон халалдор намояд, зеро ин кишварҳо дар вақташ эътилофи Шимоли Афғонистонро бо сарварии Аҳмадшоҳи Масъуд дар муборизаи зидди Толибон ёрӣ ва дастгирӣ менамуданд. Ҳамзамон, дар он айём дар ҳайати Эътилофи Шимол тоҷикону ӯзбекони Афғонистон муттаҳид буданд. Бо терроризм танҳо бо муборизаи дастаҷамъонаи кишварҳое, ки мехоҳанд қобилияту устувории ин муборизаро доранд, метавон пирӯз гашт. Мубориза бо рӯйдоди терроризм, аз ҷумла кӯшиши пешгирии ҳамлаву ҳодисоти террористӣ ва хунсо сохтани гурӯҳҳои террористӣ алҳол нафъбахш набуда, ин кор сӣ сол боз идома дорад ва терроризм мағлубнопазир боқӣ мондааст. Бояд барои амнияти ҷомеа ва мардум тадбирҳои мушаххасу маҷмӯиро роҳандозӣ намуд, ки дар он неруҳои қудратӣ сарфи назар карда шаванд, то сабабҳои пайдоиши ин падида ва мубориза бар зидди он муайян гардад. Вақти он расидааст, ки террористонро дигар ба **«хуб»** (яъне муборизони роҳи истиқлолият ва озодии заминҳои тасарруфшуда аз ишғолгарон) ва **«бад»** (яъне онҳое, ки ҳамлаҳои террористиро дар марзи ИМА, Исроил ва мамолики Аврупои Ғарбӣ ба амал меоранд) ҷудо накунем. Терроризм – мушкилот ва бадбахтии ҳамаи мост.

Бояд донист, ки терроризм чеҳраи воқеи миллӣ ва динию мазҳабӣ надорад ва ягон ҳадафи он, терроризмро сафед накарда ва ҳеҷ гоҳ ҳақ шуморида наметавонад. Зарур аст муҳлати ҷазоро нисбат ба террористон на танҳо дар Русия, балки дар ҷаҳон вазнинтар сохт. Подоши онҳо ҳабси якумра мебошад.

«Экстремизм» аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънои луғавиаш майл доштан ва тарафдор будан ба ақидаҳои инфиродии моҷароҷӯён мебошад. Дар сиёсат бошад, зери мафҳуми экстремизм кӯшиши бо

усулҳои қатъӣ бо истифодаи ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ ва тарсу таҳлука иҷро намудани амалҳои ғаразнок ва расидан ба ҳадафҳои нопок фаҳмида мешавад.

Мақсади асосии экстремизм андохтани кинаву адоват ё низои миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ, паст задани эътибори миллӣ, тарғиби бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибат ба дин, мансубияти онҳо ба миллат, нажод ё маҳал мебошад.

Барои мубориза бар зидди экстремизм Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» 8-уми декабри соли 2003 қабул гардидааст. Дар моддаи 3 қонуни мазкур ба мафҳумҳои асосӣ дар бораи экстремизм омадааст:

– экстремизм – изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати ноорomӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ;

– амали экстремистӣ-фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ё воқеӣ вобаста ба банақшагирӣ, ташкилкунӣ, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое (кирдорҳое) мебошанд, ки барои иҷрои мақсадҳои зерин равона карда шудаанд:

а) ба тарзи маҷбурӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва халалдор сохтани ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) зарар расонидан ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) ғасб ё тасарруфи салоҳияти ваколатҳои ҳокимият;

г) ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ;

д) амалӣ гардонидани фаъолияти террористӣ;

е) ангехтани мунокишаҳои нажодӣ, миллӣ ё динӣ, инчунин, мунокишаҳои иҷтимоӣ, ки ба зӯроварӣ ё даъват ба зӯроварӣ алоқаманд аст;

ж) паст задани шаъни миллӣ;

з) ба амал овардани бетартибиҳои оммавӣ, авбошӣ ва харобкорӣ бо сабабҳои душманӣ ё бадбинии идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ ё бо сабабҳои бадбинӣ ё душманӣ нисбати ягон гурӯҳи иҷтимоӣ;

и) ташвиқоти ягона бурдан, бартарӣ доштан ё номукаммалии шаҳрвандон бо хусусиятҳои муносибати онҳо ба дин, тамоюли иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва ё забонии онҳо;

к) даъватҳои оммавӣ барои амалӣ гардонидани фаъолияти мазкур ё иҷрои амалҳои номбурда;

л) маблағгузорӣ ба фаъолияти мазкур ё расонидани ёрӣ барои амалӣ гаштани он, ҷудо кардани манзил, базаҳои таълимӣ, полиграфӣ, моддӣ-техникӣ, алоқаҳои телефонӣ, факсӣ, хизматрасонии иттилоотӣ, дигар воситаҳои моддӣ-техникӣ барои амалӣ шудани ин фаъолият;

– ташкилоти экстремистӣ иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ ё дигар ташкилоти ғайритиҷоратие мебошад, ки нисбати он тибқи асосҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур оид ба барҳам додан ё манъ намудани фаъолият вобаста ба машғул шудан ба фаъолияти экстремистӣ қарори суд ба қувваи қонун даромадааст;

– маводди экстремистӣ – интишори иттилоот ё ҳуҷҷатҳое, ки барои амалӣ гаштани фаъолияти экстремистӣ даъват карда мешаванд ё ногузирии ин фаъолиятро асоснок менамоянд, нашрияҳо, ки ногузирии бартарии миллӣ ё нажодиро талқин менамоянд ё таҷрибаи ҷиноятҳои ҳарбӣ ва дигар ҷиноятҳоро, ки ба пурра ё қисман несту нобудкунии ягон гурӯҳи этникӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, ё динӣ равона карда шудааст, асоснок мегардонад.

Ҳамзамон, таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодати он аст, ки терроризм ва экстремизм дар он ҷой ва ҳолате пайдо мегарданд, ки ҷомеа гирифтори буҳрони шадид, дар навбати аввал буҳрони ғоявӣ, мафкуравӣ ва низоми давлативу ҳуқуқӣ мебошад. Дар натиҷа, дар чунин ҷомеа гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ, мазҳабӣ, маҳаллӣ ва дигарҳо пайдо мешаванд, ки барои онҳо қонунӣ будани худи ҳокимияти ҳукмрон ва умуман тамоми системаи идоракунии давлат зери шубҳа қарор мегирад. Дар сурате, ки ин гурӯҳҳо ба хулоса меоянд, ки мақсадҳои онҳо бо роҳи қонунӣ дастрас намегарданд, онҳо барои ноил гардидан ба мақсадҳои хеш ба истифодаи зӯроварӣ, яъне террори рақибони сиёсӣ, пешвоён ва намояндагони онҳо даст мезананд. Дар ин ҳолат мухолифин адолатнокии маънавии куштори дигаронро дар тозагии мақсадҳои худ маънидод менамоянд.

Мутахассисон беш аз 20 навъи терроризмро тафовут медиҳанд, ки мудҳиштарин ва паҳншудатарини онҳо инҳоянд:

– терроризми сиёсӣ – сиёсати тарсонидани давлат, ниҳодҳои алоҳидаи ҳокимият ё ташкилотҳои сиёсӣ буда, террори давлатро нисбат ба як қисми аҳолии худ, ки аз сиёсати пешгирифтаи он норозӣ аст, террори ташкилоти сиёсӣ нисбати аҳолӣ бо мақсади таъсир расонидан ба қабули ин ё он қарор аз тарафи давлат, террори ташкилотҳои ҷиноӣ, ки аз мубориза бар зидди рақибон ва мухолифони сиёсӣ ё намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иборат аст;

– терроризми динӣ – ба воҳима, тарсу таҳлука андохтан ва паҳн кардани ташкилоти динии ҳамэътиқодҳо ва намояндагони муътақидон ва пайравони дигар динҳоро дар бар мегирад;

– терроризми миллатгароёна (ҷудоихоҳ) – таъсири тарсандоз ва таҳлукаандози як қисми аҳолӣ, миллат, қабила, авлод, маҳал нисбати дигарон бо мақсади ишғоли мавқеи ҳалкунанда ё ҷудошавӣ аз ҳудуди давлат мебошад.

**Мубориза бар зидди терроризм. Амали ҳайати роҳбарикунанда ва аҳолӣ барои пешгирии амалиёти террористӣ.**

Барои мубориза бар зидди терроризм дар асоси моддаи 7-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» чунин мақомот ваколатдор шудаанд:

– Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар асоси моддаи 14-и Қонуни зикргардида (Моддаи 14. Ошкор кардани фаъолияти террористӣ) шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ухдадоранд ба мақомоти амнияти давлатӣ ва (ё) мақомоти корҳои дохилӣ аз ҳамаи ҳодисаҳое, ки аломатҳои онҳо дар хусуси терроризми тайёркардашаванда ё содиршуда гувоҳӣ медиҳанд, фавран хабар диҳанд.

Давлат муҳофизат ва амнияти шахсонеро, ки дар мубориза бар зидди терроризм ёрӣ мерасонанд, кафолат медиҳад. Бо мақсади ошкор, пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти террористӣ бо тартиби муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фонди махсус таъсис дода мешавад, ки аз маблағи он барои ба субъектҳои бар зидди терроризм муборизабаранда додани ахбор, ки татбиқи он боиси ба ҳабс гирифтан ё маҳкум намудани шахсони иштирокчии фаъолияти террористӣ, пешгирӣ ё қатъ кардани амали террористӣ гардидааст, мукофотпулӣ дода мешавад.

Фош кардани маълумот дар бораи шахсоне, ки чунин ахборро додаанд, танҳо бо ризояти онҳо мумкин аст.

**Чораҳои бехатарӣ барои ҳама:**

– Дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ ҳушёр ва зирак бошед,ба воситаҳое, ки дар муҳити атроф шуморо иҳота менамояд, беаҳамият набошед;

– Агар дар мошин, даромадгоҳ, манзили иқоматӣ ё ҷойи кориатон ҷомадон, борхалта, қуттиҳои шубҳанокро дарёфт намоед, даст назанед, балки дар бораи дарёфт ба мақомоти корҳои дохилӣ хабар расонед. То омадани онҳо аз назди дарёфтҳо дур истед, ва дигаронро ба наздик шудан роҳ надиҳед;

– Агар шумо бевосита шоҳиди амалиёти террористӣ шуда бошед, ҳаракат кунед, ки шахсоне, ки аз ҷойи ҳодиса гурехта истодаанд ё дигар кореро ба анҷом расонида истодаанд, дар хотиратон сабт намоед;

– Агар дар даст дастгоҳи суратгирӣ, наворбардорӣ ё дигар навъи таҷҳизоти наворгиранда дошта бошед, ҳодисаҳои баамаломадаро ба навор гиред ва маводди гирифтаро ба кормандони хадамоти махсуси ба ҷойи ҳодиса ҳозиршуда дастрас намоед;

– Дар ҷойи ҳодиса ба одамони зарардида ёрӣ расонед.

Роҳбари корҳои рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти террористӣ, бо риояи талаботи зерин дар минтақаи ҳолати фавқулода ҳуқуқи қабули қарорро дорад:

• Анҷом додани тадбирҳои эвакуатсионӣ;

• Манъкунии фаъолияти ташкилоту муассисаҳои дар минтақаи ҳолати фавқулодаи дорои хусусияти террористӣ ҷойгиршуда;

• Дар иншоот ва ҳудуди ҳолати фавқулодаи дорои хусусияти террористӣ бавуқӯъ омада анҷом додани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ;

• Риояи талабот оид ба реҷаи ҳуқуқӣ, воридшавии одамони мутасаддӣ ба минтақаи ҳолати фавқулодаи дорои хусусияти террористӣ рухдода;

• Истифодаи воситаҳои робита ва хабардоркунӣ, нақлиёт ва маводду воситаҳои ташкилоту муассисаи дар минтақаи ҳолати фавқулодаи дорои хусусияти террористӣ мавҷуда;

• Истифодаи неруҳои ғайриштатӣ ва ҷамъиятӣ барои анҷом додани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ҳангоми доштани асноди тасдиққунандаи наҷотидҳӣ;

• Қабули дигар тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати босифат гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ .

**Асоси кори мақомоти худидораи маҳаллӣ оид ба коҳиши таҳдиди хатари баамалоии ҳолати фавқулодаи дорои хусусияти террористӣ**

– Тартибдиҳӣ ва муайянкунии гурӯҳи иншооти дорои аҳамияти муҳимми давлатӣ, ки ҳадафи анҷом додани амалҳои террористӣ қарор мегиранд;

– Муайякунӣ ва ҳимояи усули афзалиятноки иншооти иқтисодӣ ва соҳаҳои таъминоти ҳаётӣ, ки мавриди анҷом додани амалҳои террористӣ қарор мегиранд.

Пешгӯйии баамалоии ҳолати фавқулодаи дорои хусусияти террористӣ дар иншоотҳои иқтисодӣ;

– Пурзӯркунии назорат ва иҷрои чорабиниҳо оид ба ҳимояи иншооти муҳимми кимиёвӣ, ҳифзи ҳаётӣ ва дигар иншооти муҳими давлатӣ;

**Савол ва супориш:**

1. Терроризм чист?

2. Экстремизм чист?

3. Барои мубориза бар зидди терроризм кадом мақомот ваколатдоранд?

4. Доир ба чораҳои бехатарӣ чӣ медонед?

## § 59. ВОСИТАҲОИ ҲОЗИРАЗАМОНИ ЗАРБАЗАН

Воситаҳои ҳозиразамони зарбазан неруи бузурги таъсири табдил додан вайронаву харобазор ва ҳангоми зарбазанӣ дар масофаи дур таъсири бевоситаи худро мерасонад. Вобаста ба хусусиятҳои зарбазанӣ қобилияти на танҳо ба ҳалокат расонидани одамон ва несту нобуд сохтани аслиҳаи ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ, инчунин расонидани таъсири хеле калон ба маҳаллаҳои минтақаҳои аҳолинишини осоишта, соҳаҳои иқтисодӣ, ҳамчунин, бо мақсади аз кор баровардани тамоили ҳарбӣ-иқтисодии давлатҳои ҷангкунанда – назарияи моддии идора кардани ҷанг. Пайваста ба ин талаботи сифатнокӣ баҳо додани неруҳои мусаллаҳонаи ҳозиразамони душман (ядроӣ ва муқаррарӣ) асосан истифодашаванда соҳаҳои (объектҳои) ҳарбӣ ва таъсироти гражданӣ (шаҳрвандӣ) доштааст, ки дар тамоми ҳудуд ва гӯшаву канори Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеъ гирифтааст. Аслиҳа – номгӯйи умумии сохт ва воситаест, ки барои ҳамлаи мусаллаҳона ва несту нобуд кардани қувваҳои зиндаи душман, инчунин, техника истифода мешавад. Аслиҳаи зарбазани омма (ОМП) аслиҳаи иқтидораш бузурги зарбаи оммавидошта барои расонидани зарари махсусан калон ва аз кор баровардану ба харобаву вайрона оварда расонидан кашф шудааст.

Аслиҳаи зарбазани оммавӣ ба навъи зерин ҷудо мешавад:

– ядроӣ (ҳастаӣ);

– кимиёвӣ;

– биологӣ (бактериологӣ)

**Аслиҳаи ҳастаӣ (ядроӣ)** – яке аз ядроҳои пурқувввати зарбазани омма ба ҳисоб рафта, дар навбати худ барои ба ҳалокат оварда расонидани одамон, несту нобуд, харобу вайрона сохтани иншоот ва ҳамчунин омилҳои расонидани зарару зиёни калонро дар масоҳати васеъ табдил медиҳад. Дар баробари ин дар натиҷаи таркиш аз худ ҳосил кардани мавҷи зарбавӣ, равшании нурафкананда, ворид ва паҳн шудани радиатсия, заҳролудшавӣ (сироятшавии) радиоактивӣ ва импулси электромагнитро ба вуҷуд меорад.

Силоҳи ҳастаӣ – силоҳест, ки аз рӯйи хусусиятҳои зарароварaш аз ҳама пуриқтидор аст ва таркиши он дар натиҷаи пайдо шудани реаксияи занҷирӣ ба вуҷуд меояд. Вобаста ба хусусиятҳои таркишаш аслиҳаи

ҳастаиро дар ҳаво, дар баландии ҳаво, рӯйи замин, зери замин, сатҳи об ва зери об метарконанд. Дар акси ҳол талафоти зиёде барои инсоният рӯй медиҳад.

**НАВЪҲОИ ТАРКИШИ ҲАСТАӢ**



**Ҳавоӣ**



**Рӯйизаминӣ**



**Зеризаминӣ**



**Зериобӣ**

**Тавсифи силоҳи ҳастаӣ ва навъҳои таркишҳои ҳастаӣ.** Маҳвкунандагии силоҳи ҳастаӣ дар он аст, ки ҳангоми таркиш энергияи ниҳоят бузурги дохили ҳастаӣ ҷудо мекунад. Заряди ҳастаӣ асоси аслиҳаи ҷангии ҳастаиро ташкил медиҳад, ки қувваи он эквиваленти тротилӣ номида мешавад. Воситаҳои ба ҳадаф расонидани аслиҳаи ҳастаӣ ракетаҳо, авиатсия ва артиллерия мебошанд. Инчунин, фугасҳои ҳастаӣ низ истифода мешаванд. Таркишҳои ҳастаӣ дар ҳаво дар баландиҳои гуногун, дар рӯйи замин ва дар зери он, дар рӯйи об ва дар зери он сурат мегиранд. Вобаста ба ин, онҳоро ба таркишҳои баланди ҳавоӣ, рӯйизаминӣ (обӣ) ва зеризаминӣ (обӣ) ҷудо менамоянд. Нуқтае, ки дар он таркиш ба амал меояд, марказ, проексияи он маркази таркиши ҳастаӣ

номида мешавад. Таркиши атомиеро, ки дар баландии зиёда аз 30 000 м ба амал меояд, таркиши баландӣ меноманд. Ин гуна бомбаи атомӣ барои несту нобуд сохтани ракетаҳои баллистикӣ, байниқитъавӣ, тайёраҳои баландсуръати ҳарбӣ истифода мешавад.

**Таркиши ҳастаии ҳавоӣ** – навъи таркишест, ки манбаи рӯшноии он сатҳи заминро фаро намегирад. Чунин навъи таркиш барои нобуд сохтани ракетаҳои баллистикӣ, байниконтинентӣ, тайёраҳои баландсуръати ҳарбӣ истифода мешавад.

**Таркиши рӯйизаминӣ** чунин таркишест, ки дар вақти рух доданаш нурҳои равшании он заминро фаро гирифта, баъди баланд шудани манбаи рӯшноидиҳанда ҳаво ториктар шуда, ба абри сунъӣ мубаддал мегардад ва бо худ гарду ғуборе ба фазо хезонда, шакли занбурӯғро мегирад. Ин абри сунъӣ манбаи заҳролудшавиро ба миён меорад. Ҳар қадаре ки қувваи таркиш зиёд бошад, масоҳати абри сунъӣ ҳамон қадар калон мешавад. Баъди ин таркиш як чоҳи сунъӣ ба амал меояд, ки вусъати он ба садҳо метр мерасад. Таркиш барои нобуд сохтани инфраструктураи маҳал равона шудааст. Бояд зикр кард, ки маҳз чунин навъи таркиш аз ҳама даҳшатовар ба ҳисоб меравад.

**Таркиши зеризаминӣ** навъи таркишест, ки дар зери замин ба амал оварда мешавад. Дар вақти таркиши зеризаминӣ хоктӯдаи бисёре ба баландии чандин километр партофта шуда, дар ҷойи таркиш чуқурии калоне ба вуҷуд меояд. Дар вақти таркишҳои зеризаминӣ заминларзаҳои сахт ба амал меоянд.

**Таркиши рӯйи обӣ**– таркишест, ки манбаи рӯшноии он сатҳи болоии обро фаро мегирад. **Таркиши зериобӣ** – дар зери об ба амал меояд. Дар вақти рух додани таркиши зериобӣ madду ҷазр, яъне обхезии азиме ба вуҷуд меояд, ки ин манбаи заҳролудшавии минтақа ба ҳисоб рафта, ба пойгоҳҳои ҳарбӣ-баҳрӣ зарару садамаи ҷиддӣ ворид месозад.

**Омилҳои маҳвкунандагии таркиши ҳастаӣ**

Омилҳои зарбаи таркиши ҳастаӣ инҳоянд:

1. Зарбаи мавҷноки таркишӣ.
2. Тафбоди таркиш ё нурафкании шуоъдиҳанда
3. Радиатсияи гузаранда.
4. Сирояти радиоактивӣ.
5. Импулси электромагнитӣ.

Мавҷи зарбавӣ, нури рӯшноӣ, радиатсияи нишонрас, заҳролудшавии радиоактивӣ, импулси электромагнитӣ омилҳои таркиши ҳастаӣ мебошанд. Ҳамаи омилҳои номбурда хусусиятҳои зараровари хос доранд.

**Мавҷи зарбавӣ** – омили асосии маҳвкунандагии таркиши ҳастаӣ мебошад, зеро ба хароба мубаддал гаштани биноҳои зиёд, зарар дидани

муассисаҳо, инчунин, нобудшавии инсонҳо маҳсули таъсири ин омил мебошад. Сарчашмаи пайдоиши он фишори баланде, ки дар маркази таркиш ҳосил мешавад ва дар лаҳзаҳои аввал ба миллиардҳо атмосфера мерасад, мавҷи зарбавӣ мебошад. Газҳои тасфони ҳангоми таркиш бавуҷудомада бо суръати ниҳоят тез ба тамоми қишрҳои ҳаво фишор оварда, онҳоро зер менамоянд ва метасфонанд. Онҳо дар навбати худ, ба қишрҳои дигар таъсир мерасонанд. Дар натиҷа, дар ҳаво бо суръати баландтарин аз маркази таркиш нуқтаи фишори баланд ба ҳама тараф паҳн мешавад. Сарҳади пеши ҳавои фишурдашуда ҷабҳаи мавҷи зарбавӣ номида мешавад. Дараҷаи аз мавҷи зарбавӣ зарар дидани инсонҳо ва иншооти гуногун ба қувва ва навъи таркиш, инчунин, ба масофае, ки дар он таркиш ба амал омадааст, релефи макон ва ҷойгиршавии иншоот вобастагӣ дорад. Суръати ҳаракат ва масофае, ки ба он мавҷи зарбавӣ паҳн мешавад, ба қувваи таркиши ҳастаӣ вобастагӣ дорад. Бо зиёд шудани масофа аз нуқтаи таркиш суръат зуд поён мефарояд. Ҳангоми таркиши силоҳи дорои 20 кг қувва мавҷи зарбавӣ дар 2 сония 1 км, дар 5 сония 2 км, дар 8 сония 3 км масофаро тай менамояд. Дар ин вақт инсон баъди таркиш метавонад паноҳ шавад ва зарари мавҷи зарбавиро нисбати худ ҳарчи камтар намояд.

**Нури рӯшноӣ** – энергияи нури дар таркибаш нурҳои ултрабунафш, инфрасурхдошта мебошад. Сарчашмаи он макони равшаншуда бо маводди тасфидаи таркиш дар ҳаво мебошад. Нури рӯшноӣ дар як лаҳзаи кӯтоҳ паҳн мешавад ва вобаста ба таркиши ҳастаӣ 20 сония давом меёбад. Вале қувваи он ба кӯтоҳмуддатиаш нигоҳ накарда, дар қисмҳои кушодаи бадан сӯзишҳо пайдо намуда, чашмҳоро аз кор бароварда, ба сӯхтани ашёи гуногун боис шуда метавонад. Таъсири нурҳои рӯшноӣ дар ҳавои гардолуд, ҳангоми туман, борон ва барф хеле кам мегардад.

**Радиатсияи гузаранда** сели гамма-нурҳо ва нейтронҳо мебошад. Он 10–15 сония давом меёбад. Аз бофтаи зинда гузашта гамма - нурҳо ва нейтронҳо, атомҳо ва молекулаҳои ба ҳайати ҳуҷайраҳо дохилшавандаро бо ионҳо таъмин менамоянд. Дар зери таъсири ионҳо дар бадани инсон равандҳои биологие, ки ба вайрон шудани фаъолияти ҳаётии якчанд узви бадан ва бемориҳои дигар асос меёбанд, ба миён меоянд. Ҳангоми аз ҳама гуна шароит гузаштан таъсири радиатсияи гузаранда кам мегардад. Таъсири сустшавии онро бо ним қабати сустшавӣ тавсиф медиҳанд, яъне бо чунин ғафсии матоъ, ки аз он гузашта, таъсири радиатсия 2 маротаба суст мешавад. Масалан, пӯлоди ғафсиаш 2,8 см, бетон–10 см, рег–14 см, дарахт – 30 см ва ғайра. Чуқуриҳои кушода ва нимпӯшида таъсири радиатсияи гузарандаро кам месозанд, гурезгоҳҳо ва паноҳгоҳҳои зидди радиатсия одамро пурра муҳофизат менамоянд.

**Заҳролудшавии радиоактивӣ.** Сарчашмаҳои асосии он – моддаҳои тақсимкунандаи таркиши ҳастаӣ ва изотопҳои радиоактивӣ, ки дар натиҷаи таъсири нейтронҳо ба ашёе, ки силоҳи ҳастаӣ аз онҳо сохта шудааст (ва ба баъзе унсурҳое, ки ба ҳайати реги дар макони таркиш буда дохил мешаванд), мебошанд. Ҳангоми таркиши ядроии рӯйизаминӣ ҳудуди равшаншуда ба назар мерасад. Ба дохили он вазни ба боло ҳаракаткардаи рег дохил мешавад. Буғҳои моддаҳои тақсимшаванда ва рег пас аз хунук шудан ба заррахо сахт мечаспанд ва абри радиоктивӣ ба вуҷуд меояд. Вай ба баландии чандин километр бардошта мешавад. Сипас бо суръати 25–100 км/с ба самти бод ҳаракат мекунад. Заррахои радиоактивӣ аз абр ба замин афтода, майдони заҳролудшавии радиоактивиро ташкил медиҳанд, ки дарозии он мумкин аст ба садҳо километр бирасад. Дар ин ҳолат макон, биноҳо, муассисаҳо, киштҳо, обанборҳо заҳролуд мегарданд. Дар соатҳои аввалини баъди афтодани моддаҳои радиоактивие, ки хатари калонтар доранд, фаъолиятнокии онҳо зиёд мешавад.

**Импулси электромагнитӣ** – майдонҳои (электрикӣ) барқӣ ва магнитӣ дар натиҷаи таъсири гамма-нурҳои таркиши ҳастаӣ ба атомҳои олами иҳотакарда ва дар ин майдон ташкил ёфтани сели электронҳо ва ионҳои мусбат мебошад. Вай таҷҳизоти радиоэлектронӣ, радио ва воситаҳои радиоэлектрониро аз кор мебарорад. Воситаи муҳимми муҳофизат аз ҳамаи омилҳои таркиши ҳастаӣ – иншооти муҳофизатӣ мебошад. Дар майдони кушода дар паси ашёи мустаҳкам паноҳ шудан лозим аст. Ҳангоми ҳаракат дар нуқтаҳои заҳролудшуда барои муҳофизати роҳҳои нафас, чашмҳо, қисмҳои кушодаи бадан аз ашёи радиоактивӣ воситаҳои муҳофизати роҳҳои нафас, ниқобҳои зиддигазӣ, респиратор, ниқобҳои зидди гарду хок ва бандакҳои докагӣ ва пахтагин, инчунин, аз воситаҳои муҳофизати пӯст истифода мешавад.

**Хусусиятҳои таъсири бомбаҳои нейтронӣ.** Зарядҳои термоядроие, ки дар онҳо реаксияҳои тақсимот ва синтез ба кор бурда мешавад, асоси силоҳи нейтрониро ташкил медиҳанд. Таркиши чунин силоҳ, пеш аз ҳама, ба одамон, аз ҳисоби қувваи бузурги радиатсияи гузаранда, ки қисми асосии онро нейтронҳои зудамал ташкил медиҳанд (ки ба бадани инсон зарар доранд), таъсир мерасонанд. Ҳангоми таркиши аслиҳаи нейтронӣ воситаҳо ва роҳҳои ҳангоми таркиши силоҳи ҳастаӣ истифодашаванда ба кор бурда мешаванд. Дар ин ҳолат майдони таркиши радиатсияи майдони мавҷи зарбавӣ якчанд маротиба зиёд мебошад. Дар ин гуна майдонҳо техника ва иншоот безарар монда, инсонҳо ба марг дучор мешаванд.

**Нуқтаи таркиши силоҳи ҳастаӣ.** Маконе, ки дар зери таъсири омилҳои таркиши ҳастаӣ қарор гирифтааст, нуқтаи таркиши силоҳи ҳастаӣ номида мешавад. Дар ин ҳолат биноҳои зиёд ва иншоот хароб шуда, ба вайрона табдил меёбанд.

**Минтақаи пурраи вайроншавӣ** – маконе мебошад, ки дар зери таъсири мавҷи зарбавии дорои фишори зиёда аз 50 кПа мондааст. Дар ин минтақа биноҳо ва иншоот пурра хароб мегарданд. Аз нури рӯшноидиҳанда сӯхтор ба амал меояд.

**Минтақаи заҳролудшавии радиоактивӣ.** Минтақаи заҳролудшавии радиоактивӣ – макони заҳролудшуда бо моддаҳои радиоактивӣ аст. Воситаи таъсири моддаҳои радиоактивӣ гамма - нурҳо мебошанд. Таъсири зараровари нурҳои ионӣ ба ҳаҷм (доза)-и нургирӣ, яъне энергияи ин нурҳо, ки дар воҳиди вазни моддаи нургиранда ҷамъ оварда шудааст, вобаста аст. Ин энергия бо рентген (Р) чен карда мешавад. Рентген – ҳаҷми гамма - нурҳо мебошад, ки дар 1 см/мукааби ҳавои хунук (дараҷаи 0 гр/с ва фишори 760 мм. сут. сим) 2,083 млрд. ҷуфт ион ҳосил менамояд. Ҳаҷми нургириро одатан дар тӯли ягон вақт, ки вақти нургирӣ номида мешавад, муайян менамоянд. Барои баҳо додан ба ҳаракатнокии гамма - нурҳои аз моддаҳои радиоактивӣ дар макони зарардида хориҷшуда мафҳуми «дараҷаи радиатсия» истифода мешавад. Дараҷаҳои радиатсия бо рентген/соат (Р/с) муайян карда мешаванд. (Р/с)– дараҷаҳои хурди он бо миллирентген/соат (мР/с) чен карда мешаванд. Дараҷаи радиатсия зина ба зина паст мешавад.

Аслиҳаи ядроӣ аз рӯйи навъҳо ба аслиҳаи нейтронӣ мансуб буда, тавсифоти аз худ ҳосил кардани радиатсияи баланди ғайримуқаррарӣ (пуршиддат)-ро қодир мебошад.

– Аз рӯйи тавоноӣ лавозимоти ҷангии ядроӣ – бомбаҳои ядроӣ ба қисмҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Миқдори қувватнокиаш хурд (аз 1 то 10 ҳаз. тон).
2. Миқдори қувватнокиаш хурд (аз 1 то 10 ҳаз.т).
3. Миқдори қувватнокиаш миёна (аз 10 то 100 ҳаз.т).
4. Миқдори қувватнокиаш махсусан калон (аз 100 ҳазор т то 1 млн. т).
5. Миқдори қувватнокиаш фавқулкалон (зиёда аз 1 млн. т).

## § 60. АСЛИҲАҲОИ КИМИЁВӢ ВА БИОЛОГӢ

Аслиҳаи кимиёвӣ ин яке аз яроқҳое ба ҳисоб меравад, ки амали таъсирбахши ҳангоми зарбарасонӣ бо истифодаи моддаи заҳролуди кимиёвӣ муҷаҳҳаз гардонда шудааст. Силоҳи кимиёвӣ – силоҳи умумии қатли ом мебошад, ки таъсири он дар хусусиятҳои тактикии як қатор моддаҳои кимиёвӣ асоснок гардонида шудааст. Ба он моддаҳои ҷангии заҳролудсоз дохил мешаванд. Аломатҳои аз тарафи душман истифода шудани силоҳи кимиёвӣ: садои паст ва ношунавои таркишҳои силоҳ дар замину ҳаво ва дар ҷойи таркиш пайдо шудани дуди зудпаҳншаванда, хатҳои сиёҳи аз паси ҳавопаймо раванда, ки ба замин менишинанд,

доғҳои равғанин дар рӯйи баргҳо, хок, биноҳо, инчунин дар назди порчаҳои бомбаҳо ва гулӯлаҳои таркида, дигар шудани ранги табиии рустаниҳо; дар ин вақт одамон хоридани гулӯ, чашм, тангшавии гавҳараки чашм, вазнинӣ дар қафаси синаро ҳис менамоянд. Силоҳи кимиёвӣ аз даҳшатноктарин воситаҳои қатли оми муҳити зист мебошад.

**Тавсифи моддаҳои заҳролудсоз, воситаҳо ва роҳҳои муҳофизат аз онҳо.** Моддаҳои заҳролудсоз – бофтаҳои кимиёвие мебошанд, ки қодиранд одамон ва ҳайвонотро дар майдонҳои калон нобуд созанд, ба иншооти гуногун ворид шаванд, ҷойҳо ва обанборҳоро заҳролуд созанд. Ин моддаҳо дар ракетаҳо, бомбаҳои авиатсионӣ, гулӯла ва минаҳои тӯпхона (артиллерӣ), фугасҳои кимиёвӣ ҷойгир карда мешаванд. Моддаҳои заҳролуд мумкин аст шакли моеъ, газ (буғ) ва аэрозолҳо (дуд, туман) дошта бошанд. Онҳо ба воситаи роҳҳои нафас, узвҳои ҳозима, меъда, пӯст ва чашм ба бадани инсон дохил мешаванд. Аз рӯйи таъсир ба бадани инсон моддаҳои заҳролуд ба асабӣ - паралитикӣ; пӯстӣ, буғикунанда, заҳрдор, табларза ва психохимиявӣ ҷудо мешаванд. Моддаҳои заҳролудсози асабӣ – паралитикӣ асабро аз кор мебароранд. Онҳо ба воситаи роҳҳои нафас дар ҳолати ба моеъ ва буғ монанд ба воситаи пӯст, инчунин, ба воситаи хӯрок ва об ба аъзои бадани инсон дохил мешаванд. Ин моддаҳои захролудсоз аз ҳама хавфноканд. Барои несту нобуд сохтани инсон ҳаҷми хурди онҳо кифоя аст. Аломатҳои заҳролудшавӣ: рафтани оби даҳон, хурд шудани гавҳараки чашм, нафастангӣ, дилбеҳузурӣ, қайкунӣ,  табларза ва шалшавӣ мебошад. Ба сифати воситаҳои ҳифзи фардӣ – ниқоби зидди газ (противогаз) ва сарулибоси муҳофизаткунанда истифода мешаванд. Барои ба зарардида ёрии аввалин расонидан ба ӯ пеш аз ҳама ниқоби зидди газ мепӯшонанд ва ба баданаш бо ёрии сӯзандору (тюбик) ё ба воситаи нӯшонидани дору моддаи зидди заҳролудшавӣ ворид менамоянд. Ҳангоми ба пӯсти бадан ё сарулибос афтодани моддаҳои заҳролудсози дорои таъсири асабӣ–паралитикӣ, ҷойҳои зарардида бо маҳлули махсуси зидди силоҳи кимиёвӣ тоза карда мешаванд. Моддаҳои заҳролудсози ба пӯсти бадан таъсиррасонанда (инрит) бо таъсири бисёртарафаи нобудсозашон фарқ мекунанд. Дар ҳолати моеъ ва буғӣ онҳо пӯст ва чашм, ҳангоми ба дарун нафас кашидани буғҳо – роҳҳои нафас ва шуш; ҳангоми бо хӯрок ва об ба узвҳои дарун афтодан – аъзои ҳозимаро аз кор мебароранд. Хусусиятҳои фарқкунандаи инрит – мавҷуд будани давраи таъсири ниҳонӣ, ки танҳо пас аз чор соат ва аз он зиёд пас аз заҳролудшавӣ муайян мешавад. Аломатҳои заҳролудшавӣ– сурх шудани пӯст ва пайдо шудани обилачаҳои хурд, ки пас аз 1-2 шабонарӯз калон шуда, мекафанд ва ба захмҳои дертабобат табдил меёбанд. Дар ҳамаи ҳолатҳои заҳролудшавии макон моддаҳои заҳролудсоз боиси заҳролудшавии бадани инсон мегарданд, ки дар ин ҳолат

ҳарорати бадани инсон баланд шуда, беҳол мегардад. Дар шароити истифодаи моддаҳои заҳролудсози ба пӯст таъсиррасонанда ниқоби зидди газ ва сарулибоси махсус пӯшонидан лозим аст. Ҳангоми ба пӯст ё сарулибос афтодан ин моддаҳо бо моеи дар халтаи шахсии зиддикимиёвӣ буда бартараф карда мешаванд. Моддаҳои заҳролудсози буғикунанда (фосген) ба бадани инсон ба воситаи нафаскашӣ таъсир мерасонад. Аломатҳои заҳролудшавӣ – мазаи ширинии нофорам дар даҳон, сулфа, сарчархзанӣ ва беҳолӣ. Ин ҳолат баъди аз нуқтаи заҳролудшуда баромадан мегузарад ва шахс худро хуб ҳис менамояд.

Аммо дар ин ҳолат инсон дар бораи таъсири он, ки боиси об шудани шуш мешавад, фикр намекунад. Пас аз ин нафаскашӣ душвор шуда, сулфаи тар, дарди сар, ҳарорати баланд, нафастангӣ, дилзанӣ пайдо мегардад. Ҳангоми заҳролуд шудан ба ҷабрдида ниқоби зидди газ мепӯшонанд, аз майдони заҳролудшуда мебароранд, гарм мепечонанд ва дар ҷойи нисбатан ором нигоҳ медоранд. Ба ҷабрдида нафаси сунъӣ додан ҳеҷ мумкин нест. Моддаҳои заҳролудкунандаи дорои таъсири умумии заҳролудсоз (кислотаи синали хлорсиан) танҳо ҳангоми ба дарун кашидани нафас аз ҳавои бо буғҳои онҳо заҳролудшуда таъсир мерасонанд. Аломатҳои заҳролудшавӣ – мазаи оҳак дар даҳон, хоридани гулӯ, чарх задани сар, беҳолӣ, дилбеҳузурӣ, табларза ва шалшавӣ мебошад. Барои аз онҳо худро ҳимоя намудан танҳо аз ниқоби зидди газ истифода бурдан кифоя аст. Барои ба ҷабрдида ёрӣ расондан ба бадани ӯ ва ба зери шлем – маскаи ниқоби зидди газ ампулаи зидди заҳролудшавӣ гузаронидан лозим аст. Дар ҳолатҳои вазнин ба ҷабрдида нафаси сунъӣ медиҳанд, гарм мекунанд ва ба нуқтаи тиббӣ мефиристанд. Моддаҳои заҳролудсози дорои таъсири хориш (CS, адамсит ва ғ.) дард ва сӯзиши сахт дар даҳону гулӯ ва чашмҳо, ашкрезии сахт, сулфа, душвор шудани нафаскаширо ба вуҷуд меоранд. Моддаҳои заҳролудсози дорои таъсири психохимиявӣ (BZ– би–зед) ба системаи марказии асаб таъсири махсус расонда боиси вайроншавии асаб ё ҷисм мешаванд. Дар сурати таъсир кардани моддаҳои заҳролудсоз, ба узвҳои зарардидаи бадан мағзоба молида, чашму биниро бо оби тоза шуста, сару либосро хуб такида ё бо чӯтка тоза кардан лозим аст.

**Нуқтаҳои заҳролудшудаи кимиёвӣ.** Маконе, ки дар он зери таъсири силоҳи кимиёвӣ одамон ва ҳайвоноти хоҷагии халқ талаф ёфтаанд, нуқтаи заҳролудшудаи кимиёвӣ номида мешавад. Ҳаҷми он ба андозаи паҳншавӣ ва воситаи истифодаи моддаҳои заҳролудсоз, навъи онҳо, шароитҳои обуҳавосанҷӣ, релефи макон ва дигар омилҳо вобастагӣ дорад. Моддаҳои заҳролудсози таъсири асабӣ - паралитикирасонанда махсусан пурқувват мебошанд, ки дар шакли буғ тавассути бод ба масофаи нисбатан калон ҳаракат менамоянд. Барои ҳамин одамон ва ҳайвонот

на танҳо дар макони истифодаи силоҳи кимиёвӣ зарар мебинанд, балки дар макони дур аз он низ мумкин аст талаф ёбанд. Дарозии муддати таъсири маҳвкунандаи моддаҳои заҳролудсоз ҳар қадар ки шамол сахттар ва сели ҳаво зиёдтар бошад, ҳамон қадар камтар мешавад. Моддаҳои заҳролудсоз дар бешаҳо, боғҳо, чуқуриҳо ва кӯчаҳои танг, назар ба ҷойи кушод тӯлонитар боқӣ мемонанд. Макони дар зери таъсири бевоситаи силоҳи кимиёвии душман монда ва маконе, ки дар болои он абри ҳавои заҳролудшуда, то дараҷаи маҳвнамоӣ паҳн гаштааст, минтақаи заҳролудшавии кимиёвӣ номида мешавад. Минтақаи аввалиндараҷа дар натиҷаи таъсири абри якуми ҳавои заҳролудгашта, ки сарчашмаи он буғҳо ва аэрозолҳо мебошанд, ташкил меёбад; минтақаи дуюмдараҷа дар натиҷаи таъсири абри ҳангоми бухоршавии қатраҳои моддаҳои заҳролудсоз ташкилёфта, ки баъди таркиши силоҳ ба замин менишинанд, ташкил меёбад.

Асоси аслиҳаи кимиёвиро моддаҳои заҳрнок ташкил дода, ба одамон, ҳайвонот ва наботот зарар мерасонад. Ҳангоми истифодабарӣ ва зарба задани ин навъи силоҳи кимиёвӣ бар зидди қувваи зинда дар муҳлати кӯтоҳ ва дар масоҳати калон доман паҳн карда, хусусияти заҳролуд кардани техникаи ҳарбӣ ва олами зинда мегардад. Истифода бурдани ин навъи яроқ аз ҷониби душман бар зидди қувваи зинда, метавонад таъсираш дар як муҳлати кӯтоҳ шумораи зиёди одамонро ба ҳалокат расонад ва дар масоҳати калон доман паҳн карда, хусусияти заҳролуд кардани олами мавҷудоти зинда, ҳайвоноту наботот, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбиро дорад. Миқёси калони минтақаҳои заҳролудшуда боиси ғайри мустақим зарар расонидани аҳолӣ мегардад. Аслиҳаи кимиёвӣ асосан шомили бомбаҳо ва мушакҳои кимиёвӣ буда, воситаи дастрас кардани онҳо дар минтақаҳои заҳролудшуда. Усули аз ҳама муносибтар, роҳҳои паҳнкунии воситаҳои дастраскунии аслиҳаҳои мушакӣ ва тӯпӣ (артиллерӣ), воситаҳо аз гурӯҳҳои диверсионӣ - кашфӣ ба ҳисоб меравад.

Асосан силоҳҳои кимиёвӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Бомбаҳои кимиёвӣ;
2. Кассетаҳо;
3. Снарядҳо ;
4. Мушакҳо.

– Моддаҳои кимиёвии заҳролудкунандаи ҳарбӣ дар минтақаҳои истифодашаванда метавонад бо ёрии асбобҳои ҳавоӣ ба генераторҳои дастгоҳҳои моддаҳои кимиёвии заҳролудкунандаи ҳарбӣ.

– Моддаҳои кимиёвии заҳролудкунандаи ҳарбӣ – қисми баландзаҳрноки кимиёвӣ мебошад. Аз рӯйи аломатҳо ва таъйиноту пайдоиши онҳо ба навъҳо ва хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

– Моддаҳои заҳролуди сафедамонанд – маводду маҳсулот барои фаъолият ва ҳаёти инсон хавфнок ба организми одам зуд таъсир карда, ба касалиҳои дардовар гирифтор менамояд. Таъсири худро ба воситаи узвҳои нафаскашии инсон мерасонад, ба касалиҳои (ботулинический) энтеротоксин (хатари сахти марговар барои ҳаёти инсон), узвҳои ҳозима, ҷигар, варами пардаи рӯда, дардҳои шадиди буғум ва устухон.

– Энтеротаксини стафилокок (муваққатан аз кор мебарорад).

– Моддаҳои заҳрнок (ОВ) – қисми кимиёвӣ таъсири худро ба воситаи узвҳои нафаскашӣ, пӯст, узвҳои биноӣ- чашм расонида, барои заҳролуд сохтани хӯрок ва об истифода карда мешавад.

– Фиттоксикант ин моддаҳои заҳролуди кимиёвиро барои несту нобуд кардани наботот ва сирояти рустаниҳо истифода мебаранд.

– Истифода ва роҳҳои аз ҳама бештари паҳн кардани моддаҳои кимиёвии заҳролудкунандаи ҳарбӣ – моддаҳои заҳролуд ба ҳисоб меравcovered. Онҳо ба навъҳо (хелҳо) ҷудо мешаванд.

– Дар организми зинда аз рӯйи хусусият таъсири манфӣ мерасонанд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

– Фалаҷкунандаи асаб – системаи асабро заҳролуд карда, аз кор мебарорад (зарин, заман, табун, - V – газҳо).

– Мансубияти (таъсирашон умумӣ) заҳролудсозии моддаҳои сахттаъсири кимиёвӣ – таркиби хунро заҳролуд мекунанд ва инчунин, системаи асабро аз кор мебарорад ( кислотаи синилий, хлористи сианид ва ғайра).

– Осеби ҷузъӣ – пӯсти бадан ва варами пардаҳои луобӣ – сирояти пӯст , узвҳои биноӣ - чашм, узвҳои роҳи нафас ва узвҳои ҳозима – меъдаву рӯда (иприт, люизит, иприти азотӣ).

– Буғикунанда – узвҳои нафаскаширо заҳролуд карда, ба роҳҳои нафаскашӣ зарари ҷиддӣ мерасонад (фосген ва ғайра).

– Барангезандаи хашм, (хашмгинкунанда) ноором, озодкунандаи узвҳои бадан ва асаби инсон, хашмангезанда- таъсири моддаи кимиёвӣ ба узвҳои биноӣ – чашм зарар мерасонад, варам ва сурх шудани чашм ва роҳи нафаскаширо ба хориш оварда, тамоми организмро заҳролуд мекунад. (адамсит, хлорситофенон ва дигар моддаҳо).

– Аз рӯйи таъйиноти тактикӣ – хусусияти марговар ва хавфнок ба ҳаёти одамон доред, (ба монанди виикс, зарин, заман ва дигарҳо).

Муваққатан аз кор баровардани қувваи ҷисмонии одам дар муддати аз 2 то 5 шабонарӯз ба ин гурӯҳ моддаи кимиёвии (бизет) мансуб аст, аз кор баровардани организми одам дар муддати кӯтоҳ аз 1 то 3 соат вақтро дар бар мегирад, ба ин гурӯҳ моддаи кимиёвии (си-эс) дохил мешавад.

– Давомнокии таъсири сироятӣ дар минтақаҳои заҳролудшавӣ устувор боқӣ монда (якчанд шабонарӯз ва соатҳои зиёд) нигоҳ дошта мешавад.

– Дар замони ҳозира 47 артиши қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои дунё аслиҳаи кимиёвиро доро мебошанд. Захираҳои моддаҳои кимиёвӣ - ҳарбӣ дар давлатҳои пешрафта то дараҷаи даҳҳо ҳазор тонна мерасад.

– Дар охири солҳои 80-уми асри гузашта аз ҷониби ИМА бо таҷҳизоти нави аслиҳаи кимиёвӣ гузаштан ба лавозимоти ҷангии навъи биноерноеро анҷом дод, ки хусусиятҳои ҷангӣ ва нигоҳдории давоми дуру дароз таъмин карда шудааст.

Соли 1992 Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи аз байн бурдани истеҳсол ва истифодаи аслиҳаи кимиёвӣ қарор қабул кард. Ҷамъоварии аслиҳаи кимиёвӣ ва дар муҳлати 15 сол несту нобуд сохтани онро давлати ИМА тибқи талаботи Созишномаи байналмилалӣ уҳдадор шуд, ки аз аввалҳои соли 1998 бояд ба дигар давлатҳо ба андозаи 10,5 млрд доллар, аз ҷумла давлати Русия 5,8 млрд. доллар оид ба нобуд кардани аслиҳаи кимиёвӣ маблағ ҷудо мекарданд. Мутаассифона, ҳамагӣ 3% ин маблағ ҷудо гардидаасту халос. Давлати Русия бинобар сабаби гирифтор шудан ба бухрони душвориҳои иқтисодӣ ин амалро мустақилона хотима дода наметавонад, истеҳсолоти аслиҳаи кимиёвии ҳар яке аз давлатҳои ба саноати кимиёвӣ тараққиёфта метавонад дар як муҳлати кӯтоҳ вусъат ёбад. Таҳдиди доимии истифодаи аслиҳаи кимиёвӣ аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккил дар шароити низоъҳои мусаллаҳона ба вуқӯъ мепайвандад.

**Аслиҳаи биологӣ (АБ)** – воситаҳои ҷангӣ, таъсироти аслиҳаи биологӣ бо истифодаи хусусияти касалиовари микроорганизмҳо асос ёфтааст. Ба ин хотир, воситаҳои махсусеро барои истифодаи ҳарбии омилҳои биологӣ, ки хусусиятҳои ба худ хоси байни инсонҳо, ҳайвонот ва рустаниҳо, ба вуҷуд овардани бемориҳои вазнини оммавиро дорад, истифода мебаранд. Қисмати асосии аслиҳаи биологӣ воситаҳои биологӣ ҳисоб ёфта дар эҷод кардани бунёдкориҳо таҳкурсӣ ва дастур тайёр карда мешаванд. Инчунин, воситаи истифодабарии тиру туфанги биологӣ (сармушак, ғилофӣ-кассетӣ) ва зарфҳои махсус (контейнерҳо), афзорҳои пошдиҳанда ва чангангезанда, (генераторҳои аэрозол) бомбаҳои ҳавопаймоӣ, тирҳои милӣ ва тӯпи реактивӣ ва ғайра. Силоҳи бактериологии артишҳои хориҷӣ воситаи нобудсозии умумии одамон, ҳайвоноти соҳаи кишоварзӣ ва сабзавоту рустанӣ мебошад. Он бо ёрии микроорганизмҳои дорои хусусияти дардовар таъсир мерасонад. Ба силоҳи бактериологӣ ресептураҳои микроорганизмҳои дардовар ва воситаҳои расонандаи онҳо дохил мешавад. Ин силоҳ метавонад дар маконҳои калон бемориҳои умумии хавфноки одамон ва ҳайвонотро ба

миён орад ва дар муддати дароз таъсири нобудсозии худро нигоҳ дошта, давраи давомнокии ниҳонии таъсиррасонӣ дошта бошад. Микробҳо ва токсинҳоро дар муҳити беруна дастрас намудан душвор аст, онҳо ба воситаи ҳаво ба паноҳгоҳҳо ва биноҳои муҳофизатношуда дохил шуда, одамон ва ҳайвонотро заҳролуд месозанд. Аломатҳои истифода шудани силоҳи бактериологӣ: садои паст ва ба дигар моддаҳои тарканда хос набудани таркиши бомба ва гулӯлаҳо; дар маконҳо мавҷуд будани пораҳои калон ва қисмҳои алоҳидаи силоҳ баъди таркиш, пайдо шудани қатраҳои моеъ ё худ хока дар ҷойҳо, ҷамъоварии ғайриодии ҳашарот ва кирмҳо дар ҷойҳои таркиш ва афтодани контейнерҳо; бемориҳои умумии одамон ва ҳайвонот мебошад. Ғайр аз ин, бо ёрии омӯзиши лабораторӣ низ истифодаи силоҳи бактериологиро муайян намудан мумкин аст.

**Тавсифи воситаҳои бактериологӣ ва муҳофизат аз онҳо.** Ба сифати воситаҳои бактериологӣ душман метавонад барангезандаҳои бемориҳои гуногуни сироятӣ: вабо, захми сибирӣ (сибирская язва), бруселлёз, сап, туляремия, табларза, энсефалити баҳорӣ – тобистона, тифи шикам, зуком, малярия, дизентерия, оспа ва ғайраро истифода намояд. Ғайр аз ин, токсини батулиникӣ истифода мешавад, ки боиси заҳролудшавии вазнини организм мегардад. Барои нобуд сохтани ҳайвонот, дар қатори барангезандаҳои захми сибирӣ ва сап, вирусҳои яшур, вабои чорвои шохдор ва паранда, холераи хук ва ғайраро истифода бурдани душман мумкин аст. Барои нобуд сохтани рустаниҳои кишоварзӣ барангезандаҳои занг задани зарраҳои ионӣ, фитофторозии картошка ва дигар воситаҳо истифода мешаванд. Заҳролудшавии одамон ва ҳайвонот дар натиҷаи нафас кашидани ҳавои заҳролудгашта, аз афтодани микроб ё токсинҳо ба даҳон, чашм, бинӣ ва пӯсти зарардида, истеъмол намудани озуқаи заҳролудшуда ва об, аз газидани ҳашарот ва ҷондорҳои заҳролудгашта, аз даст расонидан ба ашёи заҳролудгашта, аз пораҳои гулӯла ё бомбаи таркида захмдор шудан, инчунин бо муошират бевосита бо шахси бемор (ҳайвонот) ба амал меояд. Як қатор бемориҳо аз шахси бемор зуд ба шахси солим мегузаранд ва эпидемия ба вуҷуд меояд. Ба воситаҳои асосии муҳофизати аҳолӣ аз силоҳи бактериологӣ асбобҳои махсуси вакцинасиворотӣ, антибиотикҳо, моддаҳои доругии сулфамидӣ ва ғайра, ки барои пешгирии таъҷилии бемориҳои сироятӣ истифода мешаванд, воситаҳои ҳифзи фардӣ ва гурӯҳӣ, моддаҳои кимиёвии безараркунанда дохил мешаванд. Ҳангоми бо аломатҳои истифодаи силоҳи бактериологӣ рӯ ба рӯ шудан, ниқоби зиддигазӣ ва воситаҳои муҳофизати пӯстро мепӯшанд ва дар ин бора ба ситоди наздиктарини мудофиаи гражданӣ, директори мактаб, сардори муассиса, хоҷагӣ хабар медиҳанд.

**Макони захролудшуда аз силохи бактериологӣ.**

Шаҳрҳо, маҳалҳои аҳолинишин ва объектҳои хоҷагии халқ, ки зери таъсири воситаҳои барангезандаи бемориҳои сироятӣ мондаанд – **нуқтаи маҳвшудаи бактериологӣ** номида мешаванд.

Сарҳади он дар асоси ахбори кашфи бактериологӣ, санҷишҳои лабораторӣ аз иншооти муҳити атроф, инчунин, муайян сохтани бемориҳо ва роҳҳои паҳншавии бемориҳои сироятӣ пайдогашта муайян мешавад. Дар атрофи нуқтаи захролудгашта муҳофизатгарони мусаллаҳ гузошта шуда, даромадан ва баромадан, гирифта баромадани чизҳо манъ карда мешавад. Барои пешгирӣ аз паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар байни аҳолии нуқтаи гирифторгашта як идда чораҳои зидди эпидемия ва беҳдоштӣ, пешгирии таъҷилии обсерватсия ва карантин: коркарди беҳдошти (санитарӣ)-и аҳолӣ; дезинфексияи иншооти гуногуни захролудгашта анҷом дода мешавад. Дар мавриди зарурат ҳашарот ва ҷондорҳо нест карда мешаванд.

**Муоина** (обсерватсия) **ва карантин.** Муоина (обсерватсия) – назорати махсус ташкилшаванда ба аҳолӣ дар нуқтаи маҳвгардидаи бактериологӣ бо як қатор чорабиниҳои огоҳсозандаи аҳолӣ дар бораи паҳн шудани касалиҳои сироятӣ бо мақсади саривақт муайян кардан ва ҳифозату инзиво намудани беморон мебошад. Ҳамзамон, бо ёрии антибиотикҳо пешгирии таъҷилии бемориҳои сирояткунанда, доругузарониҳои зарурӣ доир шуда, ба иҷрои қатъии қоидаҳои беҳдошти шахсӣ ва ҷамъиятӣ, хусусан, дар анбори хӯрокворӣ ва ҷойҳои истифодаи умумӣ, назорат анҷом дода мешавад. Хӯрокворӣ ва обро танҳо баъди безарар гардонидан истеъмол мекунанд. Муҳлати муоина вобаста ба давомнокии давраи ниҳоии бемории марбута муайян мешавад ва аз лаҳзаи инзивои бемори охирин ба охир расидани дезинфексия дар нуқтаи маҳвшуда шуморида мешавад. Ҳангоми аз тарафи душман истифода шудани барангезандаҳои бемориҳои ниҳоят хавфнок – холера, оспа, зукоми мурғ карантин барқарор карда мешавад. **Карантин** – маҷмӯи чорабиниҳои ниҳоят қатъии инзивоӣ – маҳдудкунандаи зидди эпидемияҳои гуногун, ки барои пешгирӣ аз паҳншавии бемориҳои сироятӣ аз нуқтаи маҳвшуда ва барои бартараф намудани худи нуқтаи хавфнок пешбинишуда мебошад.

**Воситаҳои биологӣ –** моддаи кимиёвии касалиовар, дардовар аст. Микроорганизмҳои ба вуҷудоварандаи касалиҳои хатарноки гузаранда ба мисли (вирусҳо, риккетсии, бактерияҳо ва бемориҳои занбӯруғ – мағор) ва моддаи баландтаъсир, зудтаъсир, фавқулзаҳрноку заҳри қотили серҳаракату фаъол, бавуҷудоварандаи касалиҳои бунёдӣ (основа), сирояткунандаи гузаранда ба монанди (тиф, вабо-холера, оспа-нағзак, чума-мараз, сап-оқсил ва ғайра) боиси ба ҳалокат овардани шумораи бениҳоят зиёди одамон ва ҳайвонот мегардад.

Дар тӯли солҳои 20-уми асри гузашта дар рафти муҳорибаҳои мусаллаҳона омилҳои алоҳидае кушода гардид, ки пайдоиши паҳншавии умумии бемориҳои сироятӣ эпифитотӣ (бемории сирояткунандаи рустаниҳо), ки сарчашмаи сар задани онҳо набудани шароити иҷтимоӣ буд. Асосан, қисми зиёди ин далелҳо ҷанги дарозмуддати байни давлатҳои Ҷопон ва Чин сабабгори ин гуфтаҳо гардида буд. Дар рафти Ҷанги дуюми ҷаҳон дар ин минтақа маркази (эпидемиологӣ) - усулҳои пешгирӣ кардани касалиҳои сироятии артиши Ҷопон оид ба истеҳсоли касалиҳои барангезанда (хуруҷ) чума-мараз, сап-оқсил ва вабо-холера) фаъолият мекарданд. Аммо далелҳо доир ба истифодаи шадиди аслиҳаи биологиро (муқаррар) муайян карда натавонистанд.

Дар марказҳои пешгирии касалиҳои сироятӣ артиши як қатор давлатҳо то 30-тамғаи (штампов) микроорганизм ё вируси холиси беғаш, ки аз хуни одам ё чорвои бемор ё аз обу хок ҷудо карда, барои тайёр кардани дору ва коркарди барангезандаи касалиҳои сироятӣ парвариш шудааст, ба роҳ монда шуда буд.

Дар як қатор давлатҳои дигар ба вуҷуд овардани истифодаи воситаҳои силоҳҳои биологӣ эҷод карда шуд. Асосан, онҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

– Ҳавопаймоӣ, ғилофӣ (кассеты) – ғилофаҳо бо истифода аз ҳавопаймо.

– Чанг барангезанда ба воситаи ҳаво.

– Гурӯҳҳои диверсионӣ (тахрибкорон).

Дар солҳои 60-ум маълумот дар бораи ихтироъ ва коркарди тайёраҳои бесарнишин доир ба паҳнкунандаи касалиҳои сирояткунандаи силоҳҳои биологӣ дар давлатҳои ИМА ва Британияи Кабир (Англия) пайдо гардид. Навъи ҳавопаймои SD - 2 миқдори ретсепти биологӣ 68… 113 литрро ташкил дода, ҳангоми истифодабарӣ (майдони) ҳудуди аз 114 то 220 км$^2$-ро таъсири сирояткунӣ – заҳролудкуниро ба вуҷуд меоварад. Навъи ҳавопаймои (тайёра) SD-4 дар навбати худ то 381литр моддаҳои захролуди биологиро дар системаашон ҷой дода, то 1270 км$^2$-ро заҳролуд месозад. Тайёраи SD-5 148 литр то 518 км$^2$ мавқеъ ва минтақаҳои аҳолинишинро бо бемориҳои шадиди дардовар ва хатарнок барои олами мавҷудоти зинда - одам, наботот, ҳайвонот ва ғайраро заҳролуд мегардонад. Соли 1974 Конвенсияи байналмилалӣ оиди қатъиян манъ кардани коркард, истифодабарӣ ва бо суръат вусъат ёфтани аслиҳаҳои биологӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиб дода, ба имзо расонид. Ҳамзамон, дар бисёре аз давлатҳои дунё дар ҳамҷоягӣ ва ҳамкорӣ гузаронидани тадқиқотҳои мутақобилаи илми бошиддат вусъатёфта, тартиб додани барномаи мавзӯӣ (тематика) барои эмин нигоҳ доштани ҳаёти одамон ва ҳайвонот аз касалиҳои дардовар ва

хатарноки сирояткунанда, истеҳсол кардани воситаҳои тиббии доруворӣ намуди ваксинҳо ҷорӣ гардид. Аз ин рӯ боз як проблемаи мураккаб пайдо шуд: чӣ тавр, бо кадом роҳ, бо кадом усул ба муҳофизати тематикаи корҳои илмӣ- тадқиқотӣ сарҳад гузошта шавад, ки аз он кадом самтҳо нисбатан барои коркарди воситаҳои ҷангӣ манфиатбахш мебошад. Мураккабии инкишофи тараққӣ ва пешрафти корҳои илмию тадқиқотӣ аз он иборат аст, ки технологияи коркарди воситаҳои ҷангии ретсептӣ - биологӣ ва тайёр кардани ваксинҳо бар зидди бемориҳои хатарноки сироятии биологӣ тадриҷан якхела аст. Комёбиҳои муосири илми биология ва кимиё тамоми имкониятҳоро самаранок истифода бурда, барои истеҳсол ва роҳи пайдо намудани заминаи нави намудҳои аслиҳаҳои ҳозиразамон, ба монанди аслиҳаи навъи этникӣ (этнический) шароит фароҳам овардааст.

## § 61. ВОСИТАҲОИ ЗАРБАЗАНИ МУҚАРРАРӢ

Воситаҳои зарбазани муқаррарӣ (ВЗМ) «аслиҳаи муқаррарӣ» (маъмул) қаблан баъди пайдо шудани аслиҳаи ядроӣ ба лексикони ҳарбӣ (мафҳуми луғавиро ишора мекунад) ворид шуда, аз ҳама бештар хусусиятҳои беҳамто ва бепоёни зарбазании олиро дар ихтиёри худ доранд. Аммо дар замони кунунӣ як қисми нави аслиҳаи муқаррарӣ ба комёбиҳои илму техникаи ҳозиразамон асосгузорӣ намуда, аз ҷиҳати қувваю тавоноӣ (пурра) ба аслиҳаҳои зарбазани омма (қатли ом), тиру туфангҳои таркиши нисбатан калонҳаҷм монандии наздик дорад.

Аслиҳаҳои муқаррарӣ тамоми воситаҳои оташнишонӣ ва зарбавиро ташкил дода, аз истифодаи тиру туфанги артиллерия (тӯпҳо), тӯпҳои дифои ҳавоӣ, бомбаҳои ҳавопаймоӣ, тирандозӣ ва тиру туфанги муҳандисию мушакҳои ба таҷҳизотҳои муқаррарии ҳарбӣ муҷаҳҳазшуда, бомбаҳои оташангезанда (оташзо) ба маҳлулҳои омехтаи оташгиранда бархӯрдор аст. Бомбаҳо ва лавозимоти ҷангӣ, аз қабили тиру туфанг қисми асосии аслиҳа ва таҷҳизоти бо тиру туфанг, барои задани зарба бар зидди қувваи зиндаи душман несту нобуд сохтани техникаҳо ва ба харобаи валангор расондани иншооти артиши мухолифин, устувор ва мустаҳкам намудани мавқеи мудофиавии худ аз душман ва иҷрои дигар вазифаҳо (муҷаҳҳаз гардонидани мавқеъ ва макон бо равшанӣ, паҳн кардани адабиётҳои ташвиқотӣ) фаъолият мекунанд. Ба ҳадаф расонидани амалиёти истифодабарии неруи оташи бомбаҳо ва тиру туфангҳо аз ҳисоби истифодаи энергия, ки аз таркиби моддаҳои тарканда ҷудо мегардад ва дар натиҷаи задани зарба ва расонидан ба ҳадафҳои гуногун, вайрона, хароба ва несту нобуд кардани душман амалиёт иҷро мегардад.

Ба бомбаҳо ва тирҳои муқаррарӣ навъҳои зерин дохил мешаванд:

– тир барои тӯпҳо ва миномётҳо;

– гулӯлаҳои реактивӣ;

– ракетаҳои идорашавандаи зиддитанкӣ (ПТУР);

– бомбаҳои ҳавопаймоӣ (идорашаванда ва ғайриидорашаванда);

– тир (патрон) барои силоҳҳои оташфишонӣ;

– норинҷакҳои дастӣ ва барои силоҳҳои оташфишонӣ; воситаҳои таркишдиҳанда;

– борут (заряд) бо моддаҳои тарканда;

– минаҳо ( аз он ҷумла минаҳои баҳрию обӣ), мушакҳои торпедо;

– тирҳои ишоравӣ ва равшаникунанда.

Тиру туфанг ва аслиҳаи ҷангӣ дастрас карда мешавад ба нуқтаҳои лозимӣ ва (холӣ) паррондану андохтани тир аз силоҳи оташфишонӣ (снаряд, минаҳо, гранатаҳои туфангӣ, тир), бо кумаки муҳаррикҳои гуногун (снарядҳои реактивӣ ва мушакҳои торпедӣ) партофтан аз баландӣ, аз ҳаво ва расонидан ба ҳадаф (бомбаҳои ҳавопаймо) ё ин ки ба тариқи механикӣ, дастӣ ҳаво додан (норинҷаки дастӣ). Дар баъзе ҳолатҳо минаҳо ба маҳалҳое, ки хатари ҳуҷуми душман аз ин самтҳо дар назар дошта мешавад, гузошта мешавад ва дар баҳру уқёнусҳо бар зидди ҳамагуна киштиҳои обию зериобӣ ва дигар дастгоҳҳои обӣ ва зериобӣ гузошта мешавад ва ҳангоми гузаштану дакка хӯрдан ба минаҳо дар ин ҳолат таркиш рух дода, киштиҳо бо дастгоҳҳои ҳаракаткунанда аз кор мебароянд.

– бомбаҳо (мина)-ҳое низ вуҷуд доранд, ки онҳоро барои барбод ва несту нобуд сохтани объект (иншоот, иморат, корхона, сохтмон, автомобил, техникаҳои ҳарбӣ) ва ғайра истифода мебаранд. Бо тавассути ишора, ба воситаи радио ва тариқи пайваст намудани сим моддаҳои тарканда дар вақти муқарраршуда ба кор даровarda мешавад.

– Аслиҳаҳо, тиру туфангҳо бо таҷҳизоти муқаррарӣ (қисми ҷангии онҳо) ба навъҳо ҷудо мешавад.

– фугась (тарканда), порчашаванда (осколочные), шикастапораи минаҳо;

– торпедо – як навъи гулӯлаи зериобии худгард барои маҳв кардани киштӣ;

– кумулятивӣ (кумулятивные) – таъсири кумулятивӣ дошта;

– зиреҳшикан (бронебойные);

– бетоншикан (бетонабойные);

– оташзо (зажигателный), бомбаи оташзананда;

– кассетавӣ (кассетные), ғилофакдор

– минаҳои махсус

Ғайр аз инҳо, лавозимоти ҷангӣ аз қабили тир, снаряд ва минаҳо (қисми ҷангӣ) мувофиқи системаи идоракунӣ (наведения – нишонро рост намудан) метавонад ба гурӯҳҳои зерин ҷудо шавад.

Ғайриидорашаванда ва идоранашаванда (ба воситаи амри радиоӣ, радиолакасияи нимфаъол, беҳаракатӣ (пассивная) ИК; – ғайрифаъол аслиҳаи лазерии (лазерная) телевизионӣ, лазерии нимфаъол ва ҳамчун худнишонгир (самонаводяшиеся).

Лавозимоти ҷангӣ, аз қабили тир, снаряд, минаҳо боз метавонанд ба навъҳои моддаҳои тарканда ҷудо шавад:

– механикӣ (механический);
– электронӣ- алоқавӣ (контактный);
– гидромеханикӣ;
– оҳанрабоӣ (магнитӣ);
– механикӣ-алоқавӣ (контактный);
– механикӣ-милакӣ (штыревой);
– оҳанрабоӣ-алоқавӣ (магнитный- контактный) ва ғайра.

Асосан, омилҳои зарбавӣ дар ҳолати якбора расонидани таъсири худ ба чунин намудҳо ҷудо мешаванд:

– амали зарбавӣ- сӯрохкунӣ;
– амали мавҷи таркишӣ (амали алоқавӣ-контактное действие);
– амали мавҷи зарбаи ҳавоӣ;
– зарбаи шикастапояҳо;
– таъсири оташфишонӣ.

Дар айни замон, боз лавозимоти ҷангӣ, аз қабили тирҳои таркиши ҳаҷмдор истеҳсол шудаанд, ки аз ҷиҳати қобилияти ҷангиашон сифати баланд доранд.

Ба маънои аслӣ аз ҳама бештар барои ҳалли масъалаи мудофиаи шаҳрвандӣ, мундариҷаи таснифоти навъи лавозимоти ҷангӣ чунин нақшаи воситаҳои зарбарасони ҳозиразамонро тартиб медиҳад.

Вобаста аз восита ва усулҳои хизматрасонӣ дастрас намудани ин лавозимоти муҳорибавӣ (тир, мушак, снаряд, минаҳо) ва ғайра ба мавқеъҳои таъйиншуда аз бомбаҳои ҳавоӣ ва мушаки тӯпӣ (ракетно-артиллерискими) вобаста аз сохти лавозимоти ҷангӣ - тир бо моддаҳои таркандаи муқаррарӣ таҷҳизонида шуда, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

– снарядҳо, бомбаҳо, мушакҳо ва бомбаҳои ғилофӣ (кассеты).

Минаҳои фугасӣ хусусияти таъйиноташ барои вайронаву валангор кардани иншооти сохти гуногун васеъ истифода бурда мешавад.

Снарядҳо ва минаҳои хусусияти шикастапорадор (осколоеные) барои несту нобуд сохтани қувваҳои зинда ва техникаҳои безиреҳпӯш муҷаҳҳазшуда истифода мешавад.

Снарядҳо ва дигар навъи тирҳои хусусияти таъсири кумулятивидошта барои несту нобуд сохтани техникаҳои (мошинҳои) зиреҳпӯш ва иншооти мустаҳкам истифода мешаванд. Снарядҳо ва мушакҳои навъи

зарбаи бо ядро муҷаҳҳазшуда (снаряди тӯп) хусусияти несту нобуд кардани объектҳои сифати баланди истеҳком сохташударо ва техникаҳои зиреҳпӯш бо истифодаи пайкони (наконечник) снарядҳои пайконадор аз масолеҳи баландсифати зич ва мустаҳкам кашфшударо аз кор мебарорад. Лавозимоти муҳорибавӣ (тир, гулӯла, мушакҳо, мина) ва бомбаҳо бо сӯзишвории омехташуда асосан ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд. Дар зарфҳо (бакӣ), ғилофак (кассетҳо), снаряд ва бомбаҳо. Бомбаҳо ва мушакҳои таркишашон калонҳаҷм ба омехтаҳо таҷҳизонидашуда дар навбати худ қобилияти ҳосил кардани ҳарорати баланди гармиро дорад (окис, этилена, дидоран, перекис, уксусной кислоты пропилнитрат). Номбурдаҳо дар ҳолати рух додани таркиш ба атроф пош мехӯранд, баъдан бухор шуда, дар ҳаво бо кислород якҷоя мешавад, дар натиҷа абри курашаклро бо омехтаи тафбоди таркиш гирдогирди тақрибан 15 метр ва қабати ғафсиаш то 2 - 3 метрро ташкил мекунад.

Ҳамзамон чизи аҷиб, монанд ба таркиши пардаи пуфак (шар), ҳавои кашидашуда («ваакумная бомба») пайдо мешавад. Омилҳои асосии зарбарасонӣ бомбаҳои калонҳаҷм ин мавҷи зарбавӣ мебошад. Бомбаҳои зарбарасони калонҳаҷм аз рӯйи тавоноии худ мақоми фосилавиро байни силоҳҳои ядроии иқтидораш хурд ва муқаррарӣ (фугасӣ)-и лавозимоти муҳорибавӣ, аз қабили тир, мушакҳо, бомбаҳо ишғол менамояд.

Фишори барзиёд бо миқёси мавҷи зарбавӣ, бомбаҳои иқтидори калонҳаҷм ҳатто ба масофаи дур то 100 метр аз маркази таркиш метавонад ба 1 КГС/см$^2$ расад, (минтақаҳо ба харобазор мубаддал гашта, зарари сахт мебинанд). Иншооте, ки сохти муҳофизавиашон то 20 КГС/см$^2$-ро ташкил медиҳанд ва дар масофаи якчанд даҳҳо ва садҳо метр ҷойгиршуда, якбора аз зарбаи таркиши бомбаи калонҳаҷм ба ҳолати вайронаву харобазор мубаддал мегардад. Ҳангоми таркиш мавҷи зарбарасон бо чангу хок тадриҷан аз сатҳи замин ба ҳаво баромада, бо таъсири шамол паҳн мегардад ва метавонад иморатҳо, иншооти баландошёнаи саҳроӣ, инчунин, дар масофаи садҳо метр одамонро аз ҳаёт маҳрум созанд. Аслан зарари расонидани ин навъи силоҳ метавонад таъсири худро ба шаҳрҳое, ки сохтмону иморатҳои нисбатан ба якдигар наздик доранд ва минтақаҳои кӯҳӣ ва маҳалҳои террамонанду сартеппаҳо расонанд. Баъзе мутахассисон меҳисобанд, ки тибқи нишондодҳо хусусиятҳои ҷангии бомбаҳои таркишашон калонҳаҷм бо силоҳҳои ядрои тактикӣ наздик, монанд бошад ҳам, аммо аз ҷиҳати хусусиятҳои ҷангӣ фарқ дошта, одатан хатари заҳролуд кардани минтақа ва маҳалро надорад. Бомбаҳои хусусияти оташфишонидошта, барои нобуд кардани одамон, техника, объектҳои маҳал, ҳамчунин дар натиҷаи алоқаи бевосита бо моддаҳои тарканда муҷаҳҳаз гардонидашуд, истифода бурда мешавад.

Ба ин навъи моддаҳои омехтаи кимиёвӣ дохил мешавад НАПАЛМ ва ПИРОГЕЛ. Напалм масолеҳи коркарди нафт ба ҳисоб рафта, ба осонӣ бо иловаи моддаи ғафскунандаи органикӣ аланга мегирад ва барои бештар нигоҳ доштани мустаҳкамии алоқа бо сатҳи болоии расонидани зарба моддаҳои махсуси кимиёвии оташзанандаи ПИРОГЕЛ-НАПАЛМ, бо иловаи моддаи элементҳои филиз; аз ҳама бештар пораҳои магний, ин илова метавонад ҳарорати сӯзиши модда ба сатҳи зарбарасони тахминан 30%-ро ифода кунанд. Дар неруҳои мусаллаҳи артиши давлатҳои Созмони паймони Атлантикаи Шимолӣ комплекти (дастаи) лавозимоти ҷангии авиатсияи тактикӣ ва стратегӣ, аз 2 то 6 бомбаҳои оташфишонӣ ҷой дода шудааст. Бомбаҳои хусусияти оташзананда (оташзо)-ро барои аз байн рабудани ҳаёти инсон, аз кор баровардани техника, иншоотҳо ва несту нобуд сохтани бешаю дарахтзору ҷангалзорҳо, ҳамчунин дигар иншооти ҳарбӣ истифода мебаранд ва дар натиҷаи аланга гирифтани маводди омехташудаи моддаҳои оташгиранда манбаи паҳнгаштани оташ мегардад. Термит – омехтаи металли сабук (фулуз) ва маъдани окис ва дигар моддаҳо илова карда мешавад. Моддаи кимиёвии фосфори сафед низ дар қатори ин моддаҳо хусусияти оташгирандаро дорад. Бомбаҳои хусусияташ оташгиранда ҳамчун бомбаҳои оташфишонӣ, дар қатори лавозимоти ҷангии қувваҳои ҳавоии давлатҳои НАТО Созмони паймони Атлантикаи Шимолӣ қобили қабул дониста шудааст. Бомбаҳои хусусияташон оташгиранда иборат аз моддаи фосфорӣ буда, дар навбати худ табиати ғайриодӣ дошта, ҳангоми оташ гирифтани иншоот, иморат, техника ва объектҳои ҳарбӣ, дар ин лаҳза хомӯш кардани манбаи аланга тариқи истифода аз об одатан ғайриимкон арзёбӣ мегардад. Бомбаҳои хусусияташон муҳандисӣ дошта дар бисёр мавридҳо метавонад сабабгори сарчашмаи сар задани низоъҳои мусаллаҳона ва ба амал овардани ҳолатҳои фавқулода гардад.

**Савол ва супориш:**

1. Омилҳои маҳвкунандагии таркиши ҳастаиро номбар кунед ва тавсиф диҳед.
2. Маркази нобудгаштаи ҳастаӣ чист?
3. Ғафсии девори сементӣ, гилӣ, тахтагӣ барои ду баробар кам кардани нури радиоактивӣ бояд чӣ қадар бошад?
4. Дараҷаи радиатсия дар макон, пас аз як соати таркиши рӯйизаминии ҳастаӣ 200 Р/С-ро ташкил медиҳад. Пас аз 7 соат чӣ қадар мешавад?
5. Дар бораи силоҳи кимиёвӣ ва аломатҳои истифода шудани он нақл кунед.

6. Моддаҳои заҳролудкунандаи асабро шарҳ диҳед.

7. Моддаҳои заҳролудкунандаеро, ки пас аз ба бадан ворид гаштанашон давраи таъсири ниҳоӣ фаро мерасад, номбар намоед.

8. Дар бораи тарзҳои ҳимоя аз моддаҳои заҳролудсозро нақл кунед.

9. Дар бораи силоҳи бактериологӣ ва аломатҳои истифода шудани он нақл кунед.

10. Воситаҳои асосии ҳифзи аҳолӣ аз силоҳи бактериологӣ (биологӣ)-ро номбар кунед.

11. Маркази заҳролудшудаи бактериологиро шарҳ диҳед.

## § 62. КОРҲОИ НАҶОТДИҲӢ ДАР НУҚТАҲОИ ТАЛАФОТ АЗ СИЛОҲИ ҲАСТАӢ

Гузаронидани корҳои наҷотдиҳӣ ва корҳои фаврии барқароркунӣ дар ҳолати таркиши силоҳи қатли ом яке аз вазифаҳои асосии мудофиаи гражданӣ мебошад. Вазифаҳои асосии корҳои наҷотдиҳӣ дар нуқтаи маҳвгашта аз силоҳи ҳастаӣ – наҷот додани инсонҳо ва ба зарардидагон ёрӣ расонидан мебошад. Ба корҳои наҷотдиҳӣ пайгирӣ (омӯхтани)-и самтҳои ҳаракат ва макони корбарӣ, маҳдуд кардан ва хомӯшкунии сӯхтор дар самтҳои ҳаракат ва макони корбарӣ, кофтукови зарардидагон ва аз байни харобаҳо баровардани онҳо, кушодани дарҳои маҳкамшудаи гурезгоҳҳо ва он ҷойро бо ҳавои тоза таъмин кардан ва одамони дар он ҷо бударо муҳофизат намудан, ба ҷабрдидагон ёрии аввалияи тиббӣ расонидан, онҳо ва умуман, аҳолиро ба ҷойҳои бехатар кӯчонидан, коркарди санитарии ҷабрдидагон ва безарар гардонидани сарулибоси онҳо, безарар намудани макон, нақлиёт ва техника дохил мешавад. Барои анҷом додани корҳои наҷотдиҳии қисмҳо ва гурӯҳҳои ғайриҳарбии муҳофизати граждании нишондодашон умумӣ гурӯҳҳои хизматӣ ҷудо карда мешаванд.

Ҳайати шахсии звеноҳои ҷабрдидагонро кофтабароранда бо асбобҳои дастӣ, ки барои кор дар ин гуна шароитҳо мувофиқанд, таҷҳизонида шудаанд. Инчунин, лом ва табарча, белчаҳои муҳандисӣ, чангак, болға ва сунбаҳо низ ба кор бурда мешаванд.

Вазифаҳои корҳои фаврии барқароркунӣ дар нуқтаи маҳвгашта бартараф намудани садамаҳо ва зарарҳои расонидашуда бо мақсади пешгирӣ аз зиёд гаштани марги инсонҳост. Муҳайё намудани шароит барои корҳои ояндаи барқароркунӣ низ лозим аст.

Ба корҳои фаврии барқароркунӣ кушодани роҳи яккагард ва роҳҳои нақлиёт дар ҷойҳои вайронгаштаи онҳо, мустаҳкам ё вайрон намудани конструксияҳое, ки хатари афтоданашон дар назар аст, бартараф кардани садамаҳо дар шабакаҳои коммуналӣ–барқӣ, барқарор

намудани хатҳои муваққатии вайронгаштаи алоқа ва шабакаҳои коммуналию барқӣ бо мақсади таъмини корҳои наҷотдиҳӣ, дохил мешаванд.

**Тарз ва навъҳои иҷрои корҳои наҷотдиҳӣ.** То омадани гурӯҳҳои ғайринизомии муҳофизати гражданӣ гурӯҳҳои пайгир дараҷаи заҳролудшавии радиоактивӣ дар роҳҳои ҳаракати онҳоро муайян месозанд, инчунин, роҳҳои баромадан аз гурезгоҳҳо, хусусияти вайроншавии иншоотҳо ва аҳволи шахсони дар онҳо бударо низ муайян менамоянд.

Гурӯҳҳои сӯхторнишонӣ бо ёрии гурӯҳҳои муҳандисӣ, ки воситаҳои механикӣ доранд, сӯхторро хомӯш месозанд. Нуқтаҳои хурди сӯхторро гурӯҳҳои наҷотдиҳӣ бо ёрии воситаҳои сӯхторнишонӣ ва техникаҳои муҳандисӣ хомӯш мекунанд.

Кофтуков ва наҷот додани одамон аз биноҳои вайронгашта бевосита бо дохил гаштани гурӯҳҳо ба нуқтаи осебдида оғоз меёбад. Ёфтани иншооти ҳифозатӣ аз зери харобаҳо аз рӯйи нақшаҳои пешакӣ сохташуда амалӣ гардонида мешавад. Пас аз ёфтани иншооти муҳофизатӣ фавран бо одамони дар дохили он буда алоқа барқарор карда мешавад. Аз аҳволи онҳо хабардор шуда, дараҷаи вайроншавии паноҳгоҳ ва таҷҳизоти дохили он муайян карда мешавад. Ҳамзамон, ҳолати даромадгоҳҳо ва баромадгоҳҳои эҳтиётӣ ва тарзи кушодани онҳо таъйин карда мешавад.

Агар дар наздикии иншооти ҳифозатӣ садамаи лӯлаи газгузар мушоҳида шуда бошад, онро бояд пешгирӣ намуд, зеро ворид шудани газ ба дохили паноҳгоҳ хатарнок мебошад. Ҳангоми муайян гаштани ҷойгиршавии одамон дар зери харобаҳо бо онҳо алоқа барқарор намуда, дар бораи шумора ва аҳволи онҳо маълумот гирифта мешавад. Зарардидагон, мувофиқи қоида, аз зери харобаҳо дастӣ кофта бароварда мешаванд. Наҷотдиҳии одамон аз биноҳои сӯхтаистода аз тарафи гурӯҳҳои зидди сӯхтор, ҳамзамон, бо хомӯш намудани сӯхтор амалӣ гардонда мешавад. Дар ҳолати вайрон шудани зинапояҳо, зарардидагонро ба воситаи зинапояҳои оташнишонӣ, ба воситаи тирезаҳо, бо истифодаи зинапояҳои механикӣ, манораҳои автомобилӣ, инчунин, тарзи наҷотдиҳии одамон аз ошёнаҳо бо ёрии ресмони дорои миёнбанди махсус сурат мегирад. Ҳангоми ҷустуҷӯйи одамон дар биноҳои торик наҷотдиҳандагон бояд бодиққат бошанд, зеро дар чунин ҷойҳо одамон, алалхусус кӯдакон, метавонанд дар ҳолати бехудӣ бошанд ва онҳоро дар ҷойҳои ғайримунтазира ёфтан мумкин аст. Барои ҷабрдидагонро аз дуд муҳофизат намудан, бояд рӯймолчаҳои нам ё худ порчаҳои матои одии мустаҳкамро истифода баранд ва онҳо ба узвҳои роҳҳои нафаскашии зарардида гузошта мешаванд. Кофтан ва кушодани иншооти муҳофизатии вайроншуда ба зиммаи гурӯҳҳои наҷотдиҳии умумӣ гузошта мешавад.

Баъди кушодани паноҳгоҳ, паноҳшудагон, аз он ҷумла ҷабрдидагон аз тарафи гурӯҳҳои нишондодашон умумӣ, ки бо ҳамкории гурӯҳҳои зидди сӯхтор, муҳандисӣ, техникӣ ва хизматрасонии тиббӣ фаъолият мекунанд, бароварда мешаванд.

Дар ҳолати набудани даромадгоҳи эҳтиётӣ барои кушодани паноҳгоҳ, масофаи то дари баромад тоза карда мешавад. Агар дар дами дар монеаи бузурге бошад, ки ба кушодани он имкон надиҳад, аз болои гурезгоҳ ё аз девор гузаргоҳи нав кушода мешавад.

Дар биноҳои муҳофизатии шамолдиҳандаашон вайроншуда якҷоя кофтани гурезгоҳ, чораҳои ба даруни он додани ҳаво низ дида мешавад. Ёрии тиббӣ ба зарардидагон аз тарафи гурӯҳҳои хизматии тиббӣ амалӣ гардонида мешавад. Инчунин, расонидани ёрии мутақобила низ аҳамияти хосса дорад. Зарардидагони муҳтоҷи ёрии тиббиро ба ҷойҳои саворшавӣ ба нақлиёт меоранд ва бо гурӯҳҳои ёрии аввалияи тиббӣ ба пунктҳои тиббӣ интиқол медиҳанд.

**Чораҳои бехатарӣ ҳангоми кор дар нуқтаи зарардида.**

Ҳангоми гузаронидани корҳои наҷотдиҳӣ дар нуқтаи зарардидаи ҳастаӣ ба чораҳои бехатарӣ риоя намудан зарур аст. Ин чораҳо бо мақсади пешгирӣ кардани ҳолатҳои фавқулода ва талафоти ҳайати шахсии гурӯҳҳо ҳангоми корбарӣ пешбинӣ шудаанд. Фармондеҳони гурӯҳҳо барои риояи ин чораҳо дар нуқтаҳои зарардида ҷавобгӯянд. Онҳо бояд ба ҳайати шахсӣ дар бораи қоидаҳои корбарӣ ва чораҳои бехатарӣ маълумот диҳанд. Ин фармонҳо бояд бечунучаро иҷро шаванд.

Ба чораҳои умумии бехатарӣ дар ҷойҳои хатарноки биноҳои харобгашта асосан инҳо дохил мешаванд: дар вайронаҳо танҳо гаштан манъ аст, ба коргароне, ки бо наҷотдиҳии одамон аз биноҳои нимвайрон ва харобаҳо машғуланд, ёрӣ расонида мешавад, онҳо бо ниқоби зиддигазӣ таъмин карда мешаванд.

Ҳангоми иҷрои корҳо дар ҷойҳои бо моддаҳои заҳрогини радиоактивӣ олудашуда барои муҳофизати ҳайати шахсӣ аз нургирии радиоактивӣ чораҳо дида мешаванд.

Дар нуқтаҳои заҳролудшавии радиоактивӣ кушодани воситаҳои ҳифозати шахсӣ манъ карда мешавад. Кор кардан бе дастпӯшак, нӯшидан, хӯрок хӯрдан ва тамоку кашидан манъ аст. Барои дамгирӣ ва хӯрокхӯрӣ биноҳои боқимонда, ки аз назорати коркарди тиббӣ гузаронида шудаанд ё худ хаймаҳои маконҳои безараркардашуда истифода мешаванд. Ҳангоми ҳавои гарм либоси гармро мунтазам дар об тар карда, аз болои либоси резинӣ комбинезони намноки сабуки пахтагин пӯшидан мумкин аст. Барои кам шудани гарду ғубор ҳангоми кор дар харобазор ба он бо насоси дастӣ об пошида мешавад.

Баъди аз минтақаи заҳролудгашта баромадани ҳайати шахсӣ дар он минтақа пурра ё қисман коркарди санитарӣ анҷом дода мешавад. Сарулибос ва пойафзор, инчунин, ашёи рӯшноидиҳандаи ҳайати шахсӣ дар нуқтаҳои махсус аз дезактивизатсия гузаронида мешавад.

Муҳофизати бомуваффақият аз силоҳи қатли ом аз бисёр ҷиҳат ба рафтори дурусти аҳолӣ ҳангоми хатари ҳуҷуми душман, ҳангоми ишораҳои ахбории мудофиаи гражданӣ вобастагӣ дорад.

**Ишораҳои хабарӣ ва қоидаи ҳаракат мувофиқи онҳо.** Маълумот дар бораи ҳамлаи душман чунин маънӣ дорад, ки мамлакат дар ҳар гуна ҳолат метавонад ҳадафи ҳамла қарор гирад. Ҳамаи шаҳрвандон вазифадоранд, ки дар чорабиниҳои мудофиаи гражданӣ, ки дар ин давра гузаронида хоҳанд шуд, иштироки фаъолона дошта бошанд.

Барои қабули ишораҳои хабарии аз тарафи ситодҳои мудофиаи гражданӣ пешниҳодшаванда бояд дар нуқтаҳои хоҷагии халқ, хонаҳои иқоматӣ ва ҳуҷраҳо, динамикҳои алоқавӣ ба нуқтаҳои қувваи барқ пайваст карда шаванд. Ҳамаи шаҳрвандон бояд воситаҳои муҳофизати узвҳои нафаскаширо дастрас намоянд, барои худ ва оилаашон воситаҳои одитарини муҳофизатро омода созанд. Инчунин, барои муҳофизат аз заҳролудшави радиоактивӣ сарулибоси мувофиқ интихоб намоянд. Дар ҳар як оила бояд қуттичаи доруворихои зарурӣ вуҷуд дошта бошанд. Аъзои оила макони воқеъшавии гурезгоҳро муайян намоянд, агар дар қарибиҳо гурезгоҳ набошад, ба сохтани он шурӯъ намоянд. Дар ин муддат маводди озуқа ва обро аз заҳролудшавӣ эмин доштан хеле муҳим аст. Инчунин, дару тиреза ва ҷойҳои ҳавогузари хонаи иқоматиро герметикӣ (ҳавоногузар) кунонидан муҳим аст.

Барои сари вақт огоҳ намудани аҳолӣ аз хатари силоҳи қатли ом, ташкилоти мудофиаи гражданӣ ишораҳои ягонаи хабарӣ муайян кардааст: «Хатари ҳавоӣ», «Хатари ҳавоӣ ба охир расид», «Хатари радиатсия», «Хатари химиявӣ». Донистан ва амал кардан аз рӯйи ин ишораҳо боиси кам гаштани дараҷаи вайроншавӣ ва шумораи талафоти ҷонии аҳолӣ мешавад.

Пас аз бонги **«Хатари ҳавоӣ»** (агар хатар гузарад), бонги **«Хатари ҳавоӣ гузашт»** дода мешавад. Ин бонг ҳам ба воситаи садо ва симо дода мешавад: **«Диққат! Диққат!» «Хатари ҳавоӣ гузашт!», «Хатари ҳавоӣ гузашт!».** Баъди ин бонг аҳолӣ аз гурезгоҳ ва паноҳгоҳҳо бароварда мешаванд. Ҳангоми аз он ҷо баромадан ба қоидаҳои муайянгардида риоя намудан лозим аст.

Дар вақти бонги **«Хатари кимиёвӣ»,** ки ҳангоми хатари заҳролудшавии кимиёвӣ ва бактериологӣ дода мешавад, ба воситаи алоқаи садо: **«Диққат! Диққат! Шаҳрвандон! Хатари кимиёвӣ!»** расонида шуда, ин садо якчанд маротиба такрор мешавад. Ҳангоми ин ишора ниқоби

зиддигазӣ ва воситаҳои муҳофизати пӯстро пӯшидан лозим аст. Агар вақти садо додани ин бонг дар наздикӣ гурезгоҳ набошад, дар дохили хона монда, дару тирезаҳоро маҳкам пӯшида, сӯрохҳоро маҳкам кардан лозим аст. Шахсони ҳангоми бонги **«Хатари кимиёвӣ»** дар дохили гурезгоҳ буда, бояд дар он ҷо то иҷозати масъулон монанд. Шахсони дар паноҳгоҳ буда, бегуфтугӯ ниқоби зиддигазӣ мепӯшанд.

Дар ҳамаи ҳолатҳо ҳангоми берун аз паноҳгоҳ будан, аз воситаҳои муҳофизати шахсӣ истифода бурда мешавад. Ба сифати воситаҳои пешгирикунанда, ки таъсири зарарро кам месозанд, аз комплекти қуттии доруҳои шахсӣ доруҳои зидди радиатсия истифода мешаванд.

Дар нуқтаи заҳролудшудаи кимиёвӣ то иҷозати баромадан дар гурезгоҳ мондан шарт аст. Аз гурезгоҳ дар ҳолати пӯшидани воситаҳои муҳофизати узвҳои нафас ва пӯст баромадан мумкин аст. Самти баромадан аз гурезгоҳ бо ишораҳои махсус муайян карда мешаванд. Баъди аз нуқтаи заҳролудгашта баромадан, воситаҳои ҳифзи фардӣ, алалхусус, ниқоби зиддигазӣ аз сар гирифтан бе иҷозат мумкин нест, зеро қисми берунии он мумкин аст аз моддаҳои химиявӣ заҳролуд гашта бошад. Ба шахсони зарардида ёрии аввалини тиббӣ расонидан шарт аст. Ворид намудани моддаи зидди заҳролудшавӣ ба бадани онҳо (антидот) ва коркарди қисмҳои кушодани бадан бо ёрии ИПП зарур буда, сипас онҳоро ба нуқтаи тиббӣ расонидан лозим аст.

Шахсони аз минтақаи заҳролудгашта баромада дар нуқтаҳои махсус аз коркарди пурраи санитарӣ ва дегазатсияи сарулибос мегузаранд.

Дар минтақаи заҳролудгаштаи бактериологӣ барои пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ режими махсус – карантин ё муоинаи махсус муайян карда мешавад. Баромадан аз хонаҳо ё ҳавлиҳо манъ карда мешавад. Хӯрокворӣ, об ва ашёи мавриди ниёзи аввалия ба хонаҳо расонида мешаванд. Аз нуқтаҳои карантин ба масофаи дур баромадан манъ аст.

Ҳангоми муоинаи тиббӣ барои муайян намудани бемориҳо ва чораҷӯйиҳои пешгирӣ дору гузаронда мешавад. Гуфтугӯйи байни беморон маҳдуд карда мешавад. Муассисаҳои таълимӣ, фарҳангиву маърифатӣ кори худро танҳо бо риояи қоидаҳои муайяншуда давом дода метавонанд.

Аҳолии минтақаи зарардидаи бактериологӣ ба талаботи тиббӣ бояд қатъан риоя намоянд. Риояи реҷаи хӯрокхӯрӣ махсусан муҳим аст. Танҳо маводди хӯрдании то он дам дар яхдон ё ҷойҳои эминбударо истеъмол намудан мумкин аст. Ғайр аз ин, маводди хӯрданӣ ва нӯшиданиро низ хуб ҷӯшонида ё бирён кардан даркор аст.

Тоза нигоҳ доштани биноҳои зист, ҳавлиҳо, ҷойҳои мавриди истифодаи умум низ аҳамияти калон дорад. Талаботи беҳдошти шахсӣ – ҳар

ҳафта шустушӯй кардан, либоси зер ва ҷойпӯшҳоро иваз кардан, тозагии дастҳо ва мӯйи сарро риоя намудан шарт аст.

Дар ҳамаи ҳолатҳо дар минтақаи зарардидаи бактериологӣ, аҳолӣ бояд оромӣ ва тартибу интизомро риоя ва қоидаҳои муайянгаштаро иҷро намояд.

**Савол ва супориш:**

1. Ишора ва бонгҳои хабардиҳандаи мудофиаи гражданиро номбар кунед.
2. Ҳангоми сигнали «Хатари радиоактивӣ» ҳаракатҳои аҳолӣ бояд чӣ гуна бошанд?
3. Дар бораи тартибу одоб ва ҳаракатҳо дар нуқтаи заҳролудшудаи кимиёвӣ нақл кунед.

## § 63. ВОСИТАҲОИ ҲИМОЯИ ФАРДӢ

Таъмин намудан бо воситаҳои ҳимояи фардӣ яке аз вазифаҳои асосии мудофиаи гражданӣ ба ҳисоб меравад, чунки дар ҳолатҳои фавқулода ба мисли садама, дар корхонаю муассисаву ташкилотҳое, ки моддаҳои заҳрноки сахттаъсирро истифода мекунанд, дар ҳолати ошкор карда шудани радиатсия онҳо истифода мешаванд.

Воситаҳои ҳимояи фардӣ (кимиёӣ) барои ҳимояи узвҳои дохилӣ ва берунии инсон аз моддаҳои радиоактив, моддаҳои заҳрноки сахттаъсир ва воситаҳои бактериологӣ хизмат мекунанд. Ин воситаҳоро аз рӯйи таъйинот ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд:

– воситаҳои ҳимояи узвҳои нафаскашӣ, ки ба он ниқобҳои зиддигазӣ, респираторҳо ва воситаҳои одитарин – ниқобҳои аз гард пешгирандаи латтагӣ ва бандинаҳои докагию пахтагӣ дохил мешаванд;

– воситаҳои ҳимояи пӯсти бадан: ниқобҳои зиддигазии узвҳои нафаскашӣ, чашм ва рӯйро аз моддаҳои радиоактив ва моддаҳои заҳрноки сахттаъсир, инчунин воситаҳои бактериологӣ боэътимод муҳофизат мекунанд.

Ниқоби зиддигазии умумиқӯшунӣ навъи РШ-4 барои ҳайати шахсии ҷузъу томҳо ва аҳолии синнашон аз 17 - сола боло муайян гардидааст. Ниқоби зиддигазии бачагонаи тамғаи ПДФ – Ш барои ҳимояи бачагони аз синни 7 то 17 истифода мешавад. Воситаҳои ҳимояи фардӣ барои муҳофизати бадан аз афтодани моддаҳои заҳролудсоз ба дохили пӯст, сарулибос мебошанд. Ба онҳо воситаҳои муҳофизати роҳҳои нафас ва пӯст дохил мешаванд. Барои муҳофизати узвҳои нафаскашӣ ниқоби зиддигазии филтркунанда (ГП, ГП–5м, ГП–4у, ПДФ–Ш) истифода мешавад. Онҳо воситаи асосии муҳофизати шахсии инсон аз

афтодани моддаҳои заҳролудсоз ва бактериологӣ ба чашм, узвҳои роҳи нафаскашӣ ва рӯй мебошад. Усули муҳофизати ин ниқоби зиддигазӣ тоза кардани ҳавои ба узвҳои роҳи нафаскашӣ дохилшаванда аз моддаҳои зараровар мебошад.

**Ниқоби зиддигазии умумиқӯшунӣ**

Ниқоби зиддигазии умумиқӯшунӣ аз қуттии филтркунанда ва қисми рӯйӣ таркиб ёфтааст. Ғайр аз ин, ба маҷмӯи ниқоби зиддигазӣ халта барои нигоҳ доштан ва гирифта гаштани он ва қуттӣ бо плёнкаҳои зидди араққунӣ, барои пешгирии шишаҳо аз араққунӣ дохил мешавад.




**Навъи ниқобҳои зиддигазӣ**
**1 - қуттии газсофкунӣ; 2 - ниқоб; 3 - айнак; 4 - қуттичаи клапан; 5 - рӯдаи васлия; 6 - сумка**

Қуттии филтркунандаи ниқоби зиддигазӣ барои тоза кардани ҳавои ба он дохилшуда аз моддаҳои заҳролуд ва воситаҳои бактериологӣ хизмат менамояд. Дар қуттии оҳанин несткунандаҳои махсус ва филтри зидди дуд мавҷуд аст. Ҳангоми ба он дохил шудан, ҳаво аввал аз қуттии газсофкунӣ мегузарад, ки дар он ҳиссачаҳои ғубор, дуд, туман мемонад

ва сипас аз несткунанда, ки дар он буғҳои моддаҳои заҳролудсоз боқӣ мемонад, мегузарад. Қисми болои ниқоби зиддигазӣ аз ниқоби эластикӣ бо гиреҳҳои айнакӣ, қуттии клапанӣ ва найчаи пайвасткунанда иборат аст. Он ҳавои дар қутии газсофкунӣ тозашударо ба узвҳои роҳи нафаскашӣ мерасонад. Инчунин, барои муҳофизати чашм ва пӯсти рӯй хизмат менамояд. Гиреҳи айнак аз шиша ва ҳалқаи ҷабанда барои плёнкаи зидди араққунӣ иборат аст. Қуттии клапанӣ барои тақсимоти сели ҳавои ба дохил даромада ва аз он бароянда истифода мешавад. Дар дохили он клапани нафаскашӣ ва ду клапани нафасбарорӣ: асосӣ ва иловагӣ мавҷуданд. Найчаи пайвасткунанда ниқоби эластикиро бо қуттии газсофкунанда пайваст менамоянд.

**Хусусиятҳои сохти ниқобҳои зиддигазӣ ГП–5, ГП-7, ГП–4У, ПДФ–Ш.** Ниқоби зиддигазӣ ГП–5 аз қуттии газсофкунандаи андозааш хурд ва ниқоби эластикӣ: ниқоби зиддигазӣ ГП4у – аз қуттии филтркунандаи андозааш калон ва ниқоби эластикӣ бо найчаи пайвасткунанда иборат аст. Ниқоби зиддигазии ПДФ–Ш барои хонандагони синфҳои болоӣ пешбинӣ шуда, ба маҷмӯи ниқоби зиддигазии ГП–5 монанд буда, ниқобҳояш танҳо 4 - ҳаҷма мешаванд. Ба маҷмӯи ниқоби зиддигазӣ инчунин халта ва воситаи шишаҳо ва айнакҳои онро аз араққунӣ муҳофизаткунанда дохил мешавад.

Барои интихоби ниқоб санҷидани дурустии ҷамъ намудан ва ҷобаҷогузории ниқоби зиддигазӣ бояд чунин амалҳоро иҷро кард:

Пеш аз истифодаи ниқоби зиддигазӣ мувофиқи андозаи рӯй интихоб кардан ва санҷидани дурустии он муҳим аст.

Барои андозаи рӯйро муайян намудан, масофаи аз рухсора то ҷоғи поёниро чен кардан лозим аст. Ҳангоми бузургии то 63 см, ниқоби баландиаш сифр лозим аст: 63,5 - 65,5 см - якум: 66 - 68 см - дуюм: 68,5 - 70,5 см - сеюм, зиёда аз 71 - чорум. Инчунин, барои интихоби ниқоб баландии рӯйро чен кардан лозим аст. Агар баландии рӯй 99 - 109 мм бошад, ниқоби қадаш якум - 109; 119 мм - дуюм ва зиёда аз 119 мм - сеюм лозим аст. Ниқоби дуруст интихобшуда бояд ба рухсораҳо часпида, ҳавои берунаро ба дарун гузаштан намонад. Зимни интихоби ниқоб ва санҷидани дурустии ниқоби зиддигазӣ азназаргузаронии берунӣ ва санҷидани ҳолати пурраи герметикии он муҳим аст.

Ниқоби зиддигазии умумиқӯшунӣ бо чунин тарз ҷамъ карда мешавад: бо дасти чап ниқобро гирифта, бо дасти рост қуттии филтркунандаро тоб дода, аз ниқоб ҷудо месозем. Барои ҳолати ҳавонагузаронандагии онро санҷидан ниқобро пӯшида, қуттиро аз дохили халта бароварда сӯрохи поёнии онро бо сарпӯшаки резинӣ маҳкам мекунем ва нафаси амиқ мекашем. Агар ба зери ниқоби қисми рӯй ҳаво нагузарад, ниқоби зиддигазӣ дуруст аст.

**Қоидаҳои истифодаи ниқоби зиддигазӣ** (противогаз). Ниқоби зидди газро дар ҳолатҳои «саёҳатӣ» (агар хавфи ҳуҷуми душман набошад), «омода» (агар ин гуна хавф бошад), «ҷангӣ» (бо фармони «Газҳо» ва инчунин бо аломатҳои нахустини заҳролудшавии химиявӣ ва бактериологӣ) гирифта мегарданд. Дар ҳолати «саёҳат» ниқоби зиддигазиро дар паҳлуи чап мегиранд. Қисми болои халта дар самти миён бояд бошад ва клапан маҳкам карда шуда бошад. Ҳангоми ба ҳолати «омода» гузаронидани ниқоби зиддигазӣ, халтаро ба пеш кашида, клапанро кушода, ниқоби зиддигазиро бо тасмаи миён (шнур) бастан лозим аст.

Барои ба ҳолати «ҷангӣ» гузаронидани ниқоби зиддигазӣ нафасро ба дарун кашида, чашмҳоро пӯшида, кулоҳро аз сар гирифта, ниқобро баровардан лозим аст. Онро бо ду даст аз ду тарафи ғафстараш дошта, қисми поёнии онро ба ҷоғи поёнӣ гузошта, бо ҳаракати тези дастҳо ба боло ва қафо кашидан даркор аст. Онро ба сар чунон пӯшидан лозим аст, ки айнакҳо ба рости чашмҳо биёянд ва қатъ нашаванд. Нафасро пурра бароварда, чашмро кушода, нафаскаширо барқарор намудан лозим аст. Кулоҳро пӯшида ниқоби зиддигазиро бояд ба паҳлу баст. Ҳангоми ба ҳолати ҷангӣ гузаронидани ниқоби зиддигазии ГП - 4 тарзи дар боло зикршударо истифода бояд кард: ниқобро аз халта бароварда, бо ду даст аз ду тарафаш дошта, қисми поёниашро ба ҷоғи поёнӣ гузошта,онро ба рӯй кашидан лозим аст. Тасмачаҳои паҳлуии онро ба паси гӯш кашидан лозим аст. Нӯгҳои озоди тасмаҳои пуштро то ба рӯйи хуб часпидани кунҷҳои ниқоб кашидан лозим. Ниқоби зиддигазӣ бо фармони **«Ниқоби зиддигазӣ бароварда шавад!»** гирифта мешавад. Барои ин бо дасти озод қуттии клапаниро гирифта, ниқобро оҳиста ба поён кашида, сипас онро бо ҳаракати даст ба пеш ва ба боло кашидан лозим аст. Барои ба захмдоршуда пӯшонидани ниқоби зиддигазӣ ба зону истода, сари ӯро ба рӯйи зону гузошта, ниқобро аз халта бароварда онро бо ду даст аз қисми поёнӣ гирифта, ба назди ҷоғи поён оварда, нӯгҳои тасмачаҳоро каме кушода, пӯшонидан лозим аст.

**Респиратори Р-2 ва қоидаҳои истифодаи он.** Респиратори Р-2 нимниқоби филтркунанда буда, бо ду клапани нафаскашӣ, як клапани нафасбарорӣ, қисми сар, пахшкунандаи бинӣ таҷҳизонида шудааст. Он барои муҳофизат аз ғубори радиоактивӣ ва аэрозолҳои бактериалӣ пешбинӣ шудааст. Респираторҳо дар 3 ҳаҷм сохта мешаванд. Барои интихоби ҳаҷми мувофиқ баландии рӯй чен карда мешавад. Дар ҳолати 99-109 мм будани рӯй респиратори ҳаҷмаш якум аз 109 то 119 мм, дуюм аз 119 мм ва аз он боло сеюм рост меояд. Респираторро чунон пӯшидан лозим аст, ки ҷоғи поён ва бинӣ ба даруни он хуб ҷойгир шаванд, сипас пахшкунандаҳоро ба болои бинӣ наздик кардан лозим аст.

Барои санҷидани мустаҳкамии ниқоби пӯшидашуда бо кафи даст сӯроххои экрани муҳофизатии клапани нафасбарориро пӯшида, каме нафас баровардан лозим аст. Агар дар ин вакт аз қисми ба рӯй наздики респиратор нафас набарояд ва танҳо аз респиратор ҳаво барояд, респиратор дуруст пӯшидашуда ҳисоб меёбад.

Андозаи респиратори – 2 дар қисмати дохилии ҷории нимниқоб ва халтачаи полиэтиленӣ нишон дода шудааст.

Респиратор чашмҳоро муҳофизат намекунад. Барои муҳофизати чашмҳо аз айнакҳои бо шишаҳои беранг, ки сохташон ба ворид шудани гард имкон намедиҳанд, истифода кардан лозим аст.

**Воситаҳои одитарини муҳофизати узвҳои нафаскашӣ.** Воситаҳои одитарин барои муҳофизат аз гарду ғубори радиоактивӣ воситаҳои сирояткунанда, ки дубора ба воситаи абрҳо пайдо мегарданд, истифода мешаванд.

Ба воситаҳои одитарини муҳофизати узвҳои роҳи нафаскашӣ бандинаи докаю матои зидди ғубор (ПТМ–1) ва дигар бандакҳо дохил мешаванд. Онҳо барои муҳофизати узвҳои роҳи нафаскашӣ аз ғубори радиоактивӣ ва аэрозолҳои бактериявӣ истифода мешаванд. Барои муҳофизат аз моддаҳои заҳролуд воситаҳои одитарини муҳофизат нафъ мерасонанд.



**Воситаҳои одитарин барои муҳофизат аз гарду ғубори радиоактивӣ**

**Воситаҳои тиббии муҳофизати шахсӣ.** Ба воситаҳои тиббии муҳофизати шахсӣ, доруқуттӣ (аптечка) ва пакети шахсии зиддихимиявӣ (ИПП–8) дохил мешаванд. Доруқуттии шахсӣ барои ба худ ва ҳамдигар расонидани ёрии тиббӣ ва бо мақсади пешгирии оқибатҳои вазнини таъсири силоҳи умумии маҳвкунанда, инчунин огоҳ сохтан ва кам намудани бемориҳои сироятӣ пешбинӣ шудааст.




**Воситаҳои тиббии муҳофизати шахсӣ**

**Воситаҳои одитарини муҳофизати пӯст.** Ҳангоми дар нуқтаҳои заҳролудшавии химиявӣ ва бактериологӣ будан, на танҳо узвҳои нафас, балки тамоми узвҳои бадани инсонро муҳофизат намудан лозим аст. Аҳолие, ки дар нуқтаи заҳролудшуда бо кор банд нестанд, метавонанд аз воситаҳои одитарини муҳофизат истифода баранд. Инҳо либоси корӣ (спецовка), либоси одии хонагӣ (плашҳои шапкадор), инчунин мӯзаҳои резинӣ, дастпӯшакҳои резинӣ ва чармӣ мебошанд.




**Воситаҳои одитарин муҳофизати пӯст**

Либосҳои одии варзишӣ, корӣ ё мактабиро барои муҳофизат кардан аз моддаҳои радиоактивӣ пас аз ҳавоногузар кардани онҳо истифода бурдан мумкин аст. Бо ин мақсад клапанҳои рӯйи қафаси синаро аз матои мустаҳкам тайёр намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Сарро бо ёрии капишон, гарданпеч ва ё рӯймоли одии сар муҳофизат менамоянд. Ҳамаи тугмаҳои либос бояд маҳкам карда шуда бошанд. Гиребон бардошта шуда, аз болои он гарданбанд бастан зарур аст. Остинҳоро аз қисми поёнашон бо тасмачаҳо баста, поёни куртка, костюм ба даруни шим андохта шуда почаҳои шим аз болои мӯзаҳо партофта мешавад.

**Либоси махсуси муҳофизатӣ** Либоси махсуси муҳофизатии сабук аз матои резинӣ тайёр карда шуда, аз куртаи кулоҳдор, шиму чулкиҳо, дастпӯшакҳои дуангушта иборат аст, инчунин, халта барои гирифта гаштани либос низ мавҷуд аст.Либосҳо дар 3 андоза: якум –барои қади 165 см, дуюм – аз 165 то 172 см, сеюм – аз 173 боло истифода мешаванд.

Либоси муҳофизаткунандаи филтркунанда муҳофизати хуби узвҳои бадани инсонро аз моддаҳои радиоактивӣ ва бактериявӣ таъмин менамояд. Ҳангоми дар маҳлули махсус тайёргардида тар кардан вай инсонро аз ғуборҳо низ ҳифозат менамояд. Ин либос аз комбинезони пахтагии махсус, либоси дарунӣ ва ду шими пахтагӣ иборат аст. Комбинезон дар 3 андоза: якум андозаи 165 см, дуюм аз 165 см то 170 см, сеюм– аз 170 см боло дӯхта мешавад.

Комплекти муҳофизатии умумиқӯшунӣ аз плаши муҳофизатии ОП–1, ҷӯробҳои дарози муҳофизатӣ ва дастпӯшакҳои муҳофизатӣ иборат аст. Ин маҷмӯъ вобаста ба нишондодаш метавонад ҳамчун накидка (танҳо ба дастҳо пӯшида) ё ҳамчун комбинезон истифода шавад. Ҳангоми ҳамлаи ногаҳонии душман бо истифодаи моддаҳои заҳролудсоз, воситаҳои бактериологӣ ё афтодани моддаҳои радиоактивӣ ин либос ҳамчун накидка: дар ҳолати ба дастҳо пӯшидан ҳангоми ҳаракат дар ҷойҳои аз моддаҳои радиоактивӣ ва бактериявӣ зарардида, инчунин ҳангоми иҷрои корҳои безараргардонии техника ва нақлиёт пӯшида мешавад. Ҳангоми ҳаракат дар ҷойҳои аз моддаҳои заҳролудсоз зарардида ва ғуборнокии сахт дар минтақаҳои заҳролудшавии кимиёвӣ ва бактериологӣ дар шакли комбинезон истифода мешавад.



**Либоси ҳифозати махсус**

Либоси муҳофизаткунандаи махсус дар ҷойҳои ҳанӯз заҳролуднагашта, бевосита пеш аз кор, пӯшида мешавад ва дар ҷойҳои заҳролуднагашта кашида мешавад. Дар ин ҳолат бояд ба он аҳамият дод, ки тарафи

беруни либос ба қисмҳои кушодаи бадан нарасад. Баъд аз кашидани либос ба самти шамоли вазидаистода гашта, ниқоби зиддигазиро кашидан лозим аст.

**Савол ва супориш:**

1. Воситаҳои шахсии ҳифозат барои чӣ пешбинӣ шудаанд ва асоси принсипи кори ниқоби зиддигазиро чӣ ташкил медиҳад?
2. Дар бораи ниқоби зиддигазии умумиқӯшунӣ нақл кунед ва мувофиқи андозаи рӯйи худ ниқоб интихоб кунед.
3. Бандаки аз пахта ва дока таҳияшударо омода созед.
4. Дар бораи воситаҳои тиббии ҳифзи шахсӣ нақл кунед.
5. Ҳолатҳоеро, ки ниқоби зиддигазиро гирифта гаштан лозим аст, намоиш диҳед ва онро аз ҳолати тайёр ба ҳолати ҷангӣ биёред.
6. Либоси ҳаррӯзаро чӣ тавр барои ҳимоя аз моддаҳои заҳролудкунанда омода сохтан мумкин аст?

**Воситаҳои муҳофизатии гурӯҳӣ.** Воситаҳои муҳофизатии гурӯҳӣ – иншооти муҳандисии муҳофизатии мудофиаи граждани мебошанд. Онҳо воситаи хубтарини муҳофизати аҳолӣ аз силоҳи қатли ом ва дигар воситаҳои ҳуҷуми муосир мебошанд. Иншооти муҳофизатӣ вобаста ба хусусиятҳои ҳифозатӣ ба гурезгоҳҳо ва паноҳгоҳҳо ҷудо мешаванд.

Гурезгоҳҳо – иншооти махсус барои паноҳ шудани одамон аз ҳамаи воситаҳои қатли оми таркиши ҳастаӣ, моддаҳои заҳролудсоз, воситаҳои бактериявӣ, инчунин, аз дараҷаҳои баланди ҳаво ва газҳои зараровари ҳангоми сӯхтор бавуҷудоянда мебошанд. Гурезгоҳ аз хонаҳои асосӣ ва ёридиҳанда иборат аст. Дар хонаи асосӣ, ки барои ҷойгиршавии паноҳшавандагон пешбинӣ шудааст, харакҳои ду ё сеошёна барои нишастан ва хобидан гузошта мешаванд. Хонаҳои ёридиҳандаи гурезгоҳ – узели санитарӣ, камераи ҳавотозакунӣ, дар иншооти гунҷоишашон калон – хонаи тиббӣ, анбори хӯрокворӣ, хонаҳо барои стансияҳои барқҳосилкунандаи дизелӣ мебошанд.

Дар гурезгоҳ мувофиқи қоида ду даромадгоҳ гузошта мешавад: дар гурезгоҳҳои гунҷойишашон хурд даромадгоҳ ва баромадгоҳи эҳтиётӣ гузошта мешавад. Дар гурезгоҳҳои зеризаминӣ даромадгоҳ ба шакли зинапоя ё бевосита аз берун гузошта мешавад. Баромадгоҳи зеризаминии эҳтиётӣ ба монанди долон таҷҳизонида шуда, бо шахта ба поён мерасад. Дари беруни таҷҳизоти муҳофизатӣ ҳавоногузар карда мешавад. Дар байни онҳо тамбур ҷой гирифтааст. Дар иншооти ҳаҷмашон калон (зиёда аз 300 нафар) дар назди яке аз даромадгоҳи дарвозахона дарғот таҷҳизонида мешавад, ки аз тарафи берун ва дарун дарҳои ҳавоногузар

дорад, ки он бе вайронкунии қоидаҳои ҳифозатии даромадан ба гурезгоҳ ва баромадан аз онро таъмин менамояд. Низоми бо ҳаво таъмин кардан асосан дар ду тартиб: шамолдиҳандаи тоза ва ҳавотозакунак кор мекунад. Дар гурезгоҳҳое, ки дар маконҳои хавфноки сӯхтор ҷойгир гаштаанд, тартиби пурраи иҳота бо регенератсияи ҳаво дар дохили он пешбинӣ шудааст. Тартиби бо об ва қувваи барқ таъминкунӣ ба шабакаҳои берунӣ вобастаанд. Инчунин, дар дохили гурезгоҳ чароғҳои дастӣ, зарфҳо барои нигоҳ доштани захираи об, қисми партовҷамъкунӣ низ вуҷуд доранд. Гармидиҳии гурезгоҳ аз шабакаи умумии гармидиҳӣ ба назар гирифта мешавад. Дар гурезгоҳ, инчунин, воситаҳо барои анҷом додани пайгирӣ, сарулибоси муҳофизатӣ, воситаҳои сӯхторнишонӣ ва захираи афзорҳо вуҷуд доранд.

**Паноҳгоҳҳои зиддинурафканӣ.** Паноҳгоҳҳои зиддинурафканӣ одамонро аз нургирии ионӣ ҳангоми заҳролудшавии нурафкании макон таъмин менамоянд. Ғайр аз ин, онҳо аз нури рӯшноӣ, нурафкании гузаранда ва қисман аз мавҷи зарбавӣ, инчунин аз бевосита ба пӯст ва сарулибоси одамон афтодани моддаҳои заҳролудсози нурафканӣ ва бактериалӣ низ муҳофизат менамоянд.

Паноҳгоҳҳо, пеш аз ҳама, дар таҳхонаҳои биноҳои иқоматӣ ва иншоотҳо сохта мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳо сохтани паноҳгоҳҳои алоҳидаи зудбакордарояндаи зиддинурафканӣ, ки барои ин ашёи саноатӣ ва масолеҳи бинокорӣ ба кор бурда мешавад, имконпазир аст.


Таҳхона

Ҳамчун паноҳгоҳҳои зиддинурафканӣ ҳамаи маконҳои зеризаминиро таҷҳизонидан мумкин аст: таҳхонаҳо, хандаққо, ҷойҳои нигоҳ доштани сабзавот, ғорҳои табиӣ ва инчунин, биноҳои рӯйизаминие, ки деворҳои онҳо хусусиятҳои ҳифозатӣ доранд, ба ин мақсад мувофиқанд. Барои баланд бардоштани хусусиятҳои ҳифозатӣ дарҳо ва тирезаҳои номустаҳкамро аз нав тармим мекунанд, ба гирду атрофи онҳо рег мерезанд. Сӯрохиҳоро маҳкам карда, дарҳоро дар ҳолати набудани ашёи резинӣ бо матои сахти ҳавоногузар аз нав пӯшондан лозим аст. Паноҳгоҳҳои барои 30 нафар пешбинишуда бо бодкаши табиӣ ба воситаи қуттиҳои махсус шамол дода мешавад. Таҷҳизоти

дохили паноҳгоҳ бо таҷҳизоти гурезгоҳ мувофиқат менамояд. Дар биноҳои ба гурезгоҳ табдилёфтае, ки воситаи обрасон надоранд, зарфҳо барои об ба ҳисоби 3 - 4 л барои як нафар дар як шабонарӯз гузошта мешаванд. Ҳоҷатхона ҳамчун люфт - клозет – чуқурии маҳкамшаванда сохта мешавад. Ғайр аз ин, дар паноҳгоҳ барои озуқа курсию рафҳо гузошта мешаванд. Рӯшноӣ аз шабакаи беруна ё бо ёрии фонарҳои электрикӣ таъмин мешавад. Хусусиятҳои ҳифозатии паноҳгоҳҳои зиддинурафканӣ аз таъсири нургирии радиоактивӣ бо зариб (коэффитсиент)-и муҳофизат чен карда мешавад, ки он то чӣ дараҷа баланд будани ҳаҷми нурафкании берунӣ аз нурафкании дохили паноҳгоҳро муайян менамояд. Ин нишон медиҳад, ки паноҳгоҳ то чӣ дараҷа барои паст намудани ҳаҷми нурафканӣ ва нургирии одамон ёрӣ мерасонад. Мукаммал таҷҳизонидани таҳхонаҳо ва хонаҳои даруни биноҳо хусусияти ҳифозатии онҳоро якчанд маротиба баланд мебардорад. Зариби ҳифозатии таҳхонаҳои таҷҳизонидашуда то 100, хонаҳои сангӣ то 800 - 1000 баланд мешавад. Чуқуриҳои таҷҳизониданашуда нурафканиро 7 - 12 маротиба, таҷҳизонида бошад, 350 - 400 мартаба баланд мебардоранд.

**Қоидаҳои рафтор дар паноҳгоҳҳо.** Бо одамон пур кардани гурезгоҳ дар муддати кӯтоҳ ва муташаккилона гузаронида мешавад. Дар навбати аввал кӯдакон, занҳои кӯдакдор, шахсони пиронсол ҷобаҷо карда мешаванд. Онҳо ба ҷойҳои барои худашон ҷудокардашуда мегузаранд. Шахси паноҳшаванда бояд бо худ захираи душабонарӯзаи озуқа дар халтаи полиэтиленӣ, лавозимоти тамиз, ҳуҷҷатҳо, қисман чизҳои шахсӣ ва воситаҳои муҳофизати шахсӣ дошта бошад.


Паноҳгоҳи шакли одитарин

Ба бинои муҳофизаткунанда овардани ашёи зудгиранда ва бӯйнок, ҳайвоноти хонагӣ, аз хонае ба хонае бе зарурат гаштан, бе иҷозат даргирондани лампаҳои керосинӣ, шамъ ва рӯшноидиҳандаҳои худсохт манъ карда мешавад. Паноҳшудагон ҳамаи талабҳои комендант ва ҳайати шахсии звенои хизматрасонро бояд риоя намоянд. Аз паноҳгоҳ баромадани одамон бо нишондоди фармондеҳи гурӯҳи хизматрасон баъди бонги **«Хавфи ҳавоӣ ба охир расид»**

ё ба ҳолати харобӣ расидани бинои паноҳгоҳ, ки барои ҳаёти одамон хавфнок аст, амалӣ гардонида мешавад.

Ҳангоми вайрон шудани роҳҳои асосии гурезгоҳ одамон ба воситаи роҳи эҳтиётӣ бароварда мешаванд, агар он набошад, барои мустақилона кушодани дарҳо бо қувваи паноҳшудагон чора андешида мешавад.

**Паноҳгоҳҳои одитарин.** Ба паноҳгоҳҳои одитарин чуқуриҳои кушода ва нимпӯшида дохил мешаванд. Онҳо бо қувваи худи аҳолӣ аз чизҳои зеридастбуда сохта мешаванд. Паноҳгоҳҳои одитарин хусусиятҳои хуби ҳифозатӣ доранд. Чуқурии кушода таъсири мавҷи зарбавии нургирии рӯшноӣ 1,2-2 баробар ва таъсири нургириро дар минтақаи заҳролудшавии радиоактивӣ 2-3 баробар кам мекунад. Чуқурии пӯшида аз нургирии рӯшноӣ (пурра аз зарбаи мавҷ) 2,5-3 баробар ва нургирии радиоактивӣ–200-300 мартаба бештар муҳофизат менамояд.



**Паноҳгоҳи шакли одитарин**

Вай инчунин аз бевосита ба сарулибос ва ба пӯст афтодани моддаҳои заҳролудсози радиоактивӣ ва воситаҳои бактериологӣ низ пешгирӣ менамояд. Барои сохтани ин гуна чуқуриҳо маконҳои харобнагашта ва биноҳои атроф, ки дар масофаи ба баландии бино баробар воқеанд, маконҳои обзернокарда интихоб карда мешаванд. Аввал чуқурӣ дар ҳолати кушода таҷҳизонида мешавад.Вай чуқурии каҷу килебест, ки дарозии ҳар як қисмаш на камтар аз 15 метр мебошад. Чуқурии он 1,8-2 м, бараш ба баланди 1,1-1,2 м ва ба чуқурии 0,8 м баробар аст. Дарозии чуқурӣ ба

ҳисоби 0,5-0,6 м барои як шахс гирифта мешавад. Ғунҷоиши миёнаи он 10-15, зиёдтаринаш аз 50 нафар иборат аст.

Сохтани паноҳгоҳи одӣ мураккаб нест; аввал ҷойи паноҳгоҳ ба нақша гирифта мешавад. Сипас чуқурии 180-200 см, бари қисми болояш 100-120 см ва бари қисми зераш 80 см канда мешавад.

Деворҳои чуқурии хандақмонандро бо тахта, фанер, най ва ё дигар масолеҳи сохтмонии зеридастбуда рӯйпӯш мекунанд.

Сипас болои хандақ бо чӯб ё плитаҳои бетонӣ пӯшонида шуда, аз болои он тол, рубероид, фолга, пленкаи хлорвинилӣ мекашанд, ки ин масолеҳ хусусияти обногузаронӣ ва ҳавопешгирӣ доранд. Аз болои онҳо ба баландии то 40-50 см хок мепӯшонанд. Аз як ё ду тараф даромадгоҳ гузошта мешавад. Ҳамчунин, барои табдили ҳаво (вентилятсия) ҳавобарои махсус гузошта мешавад. Аз ду тарафи паноҳгоҳ ҷӯйборчаи обгузар кофта мешавад.

**Савол ва супориш:**

1. Навъҳои иншооти ҳимоякунандаи муҳофизати гражданиро номбар кунед.
2. Дар бораи таъйиноти ПРУ нақл намоед.
3. Дар бораи сохтани паноҳгоҳи одитарин маълумот диҳед.

# БОБИ X
# ОМОДАГИИ ҶИСМОНӢ

## § 64. ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ – ВОСИТАИ МУҲИММИ ИНКИШОФИ ҶИСМОНӢ

Омодагии ҷисмонӣ ва варзиш яке аз воситаҳои инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият, омода намудани ҷавонон ба фаъолияти ҷамъиятӣ ва хизмати ҳарбӣ ба ҳисоб меравад. Тайёрии касбӣ ва амалӣ бо назардошти хусусиятҳои анатомиву физиологӣ ва рӯҳии хонандагон зина ба зина ба ҷо оварда мешавад.

Хонандагон машқи меъёрҳоро бо дарназардошти синну сол ва дараҷаи саломатӣ ба ҷо меоранд. Барои иҷрои талабу меъёрҳои комплексии «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ»-ро иҷро карда тавонистан, ҳар як хонанда бояд худро аз ҷиҳати ҷисмонӣ ба хизмат омода кунад. Барои сазовор будан ба унвони муқаддаси Сарбози Ватан аз солҳои мактабхонӣ ба машқҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш оғоз кардан лозим аст.

Масалан, ба варзиши ҳамарӯзаи пагоҳирӯзӣ, ки давомнокиаш 30 - 40 дақиқа аст, сарфи назар аз вазъи обу ҳаво одат кардан даркор аст. Ғайр аз ин, ҳар рӯз роҳ рафтан, бо суръати ҳархела давидан, машқҳои умумӣ ва махсусро бегоҳирӯзӣ ба ҷо овардан зарур аст.

Маҷмӯи машқҳо дар ҳар 3 - 4 ҳафта дигар шуда меистад. Дар ҳавои гарм баданро то ба миён луч карда, аз либоси нафиси пахтагии варзишӣ бояд истифода бурд. Дар ҳавои сард бошад, бо либоси варзишӣ ва каллапӯш машқ кардан лозим аст.

Баъди машқҳои варзишӣ оббозӣ кардан ҳатмист. Барои он ки организм ба омилҳои номусоид ҳангоми хизмат бештар тобовар шавад, ба тарбияи ҷисмонӣ машғул шудан лозим аст.

Кӯшиши иҷрои машқҳоро аз доираи қобилият берун кардан қобили қабул нест, балки зараровар мебошад. Барои навмашқон ҳафтае се - чор маротиба 30-40 - дақиқагӣ ба тарбияи ҷисмонӣ машғул шудан салоҳ мебошад. Тадриҷан давомнокии машқҳоро ба 1,5 соат расонидан лозим аст.

Варзиши сабук: роҳгардӣ, роҳгардии варзишӣ бо суръатҳои гуногун, давидан (оҳиста ва тез). Ба масофаҳои 100 метр, 200 метр, 400 метр бо суръат давидан яке аз шаклҳои машқҳои яккаи ҷисмонӣ мебошад.

Омодагӣ ба пойга (кросс). Аввал ба масофаи 100-150 метр ва 400-500 ва минбаъд то 1000 м давиданро тавсия кардан мумкин аст. Ҳангоми давидан суръатнокиро иваз намуда, бештар ба тарзи дурусти нафаскашӣ диққат додан лозим аст.

Баъди ҳосил шудани малакаи пойга масофаҳои 100 метр, 200 метр, 300 метр, 400 метрро бо суръат давидан лозим аст. Барои давидан ба масофаи 1500 метр, 2000 метр ва 3000 метр бе ҳисоби вақт, зарби набз аз 160 маротиба дар як дақиқа набояд боло равад.

Машқҳои бозии варзишӣ: баскетбол, волейбол, футбол ва ғайра барои такмили сифатҳои психофизиологӣ ёрӣ мерасонанд ва ин машқҳо ба кори хотира, диққат, қобилияти амал кардан дар фурсати кӯтоҳ, тағйир додани сохти ҳаракат мусоидат мекунанд.

**Баскетбол:** тӯбро бо навбат бо дасти чапу рост ба замин зада, пеш рафтан; ду тӯбро бо ду даст баробар ба замин зада пеш рафтан ва баробари ин ба 360 дараҷа давр задан; тӯбро аз ҷойи ист ба нишон партофтан ва 360 дараҷаи дигар давр задан; тӯби аз девор ҷастаро дошта гирифтан; аз масофаҳои гуногун тӯбро ба ҳалқа партофтан.

**Волейбол:** аз давраи диаметраш 2 метр берун набаромада, тӯбро дар баландии то 2 метр ҳаво дода, дар болои сари худ бо худ бозӣ кардан.

**Футбол:** бо суръати миёна бо тӯб аз монеаҳо гузаштан (ду - се маротиба), бо суръат бо тӯб давида, берун аз хати ҷаримавӣ аз масофаи 20 - 25 метр тӯбро ба дарвоза задан (4 - 5 маротиба), аз масофаи 11 метр ба дарвоза задани тӯб (3 - 4 маротиба).

**Турник:** пойҳоро мувозӣ нигоҳ дошта ба турник расонидан (6 - 8 маротиба ин машқро такрор кардан лозим аст); ба турник овезон шуда, пойҳоро ба пеш рост карда (10-15 сония) нигоҳ доштан; дар турник овезон шуда, худро кашида, чаппагардон шуда, дар кафи дастҳо такя кардан (5-6 маротиба).

Ҷаҳидан аз болои аспаки хурд (харак), (баландиаш 1 м 15 см), пойҳоро кушода ҷаҳидан.

**Брус:** ба даст такя карда, пойҳоро ба пеш дароз кардан (10 - 15 сония), ба чапу рост пешу қафо ёзондан ё албонҷ хӯрдан; қафонокӣ боло шудан; аз ҳолати нишаста пойҳоро дароз карда муаллақ задан.

**Девори гимнастикӣ:** боло кардани пой то расиданаш мувофиқи қад ба чӯби боло (5 - 6 маротиба); пойро боло карда, ба чапу рости он хам задан (3 - 4 маротиба); хаму рост шудан (12 - 15 маротиба); ба даст тӯби вазнин гирифта, хаму рост шудан (6 - 8 маротиба).

**Шиноварӣ:** Шино карда тавонистан дар ҳаёти ҳар як инсон аҳамияти калон дорад. Шиноварӣ дар ҳавзҳои шиноварӣ, обанборҳои табиӣ ва кӯлҳо саломатиро мустаҳкам карда, баданро обутоб медиҳад ва ба инсон кайфияти махсус мебахшад.

Шиноварӣ барои ҳама, аз он ҷумла барои хонандагони камқувват зарур мебошад. Шино карда тавонистан, инчунин, барои бисёр касбу ихтисосҳо ва хизмати ҳарбӣ низ шарт ва зарур аст.

Ёд гирифтани шиноварӣ бояд дар зери назорати мураббӣ - дастурдиҳандаи пуртаҷриба ё ин ки волидони шиновар гузаронида шавад.

Масъалаи шиноварӣ омӯхтани хонандагон бо роҳҳои гуногун ҳал карда мешавад.

Дар ҳавзҳои шиноварии мактабҳо (мактабҳое, ки ҳавзҳои шиноварӣ доранд) дар лагерҳои варзишӣ, лагерҳои солимгардонӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ доир кардани дарсҳои шиноварӣ. Ҳар як хонандаи синну соли миёна ва калони мактабӣ бояд шахси ғарқшударо наҷот дода тавонад.

**Савол ва супориш:**

1. Чаро варзишро воситаи муҳимми инкишофи ҷисмонӣ меномем?
2. Намудҳои варзишро номбар карда метавонед?
3. Шумо ба кадом намуди варзиш майл доред?

## § 65. МОНЕАҲО

**Машқҳои гузариш аз онҳо**

Шиносоӣ бо монеаҳо дар майдончаи хатҳои монеадори дар ҷойҳои махсус таҷҳизонидашуда бояд гузаронида шавад. Дар чунин майдон монеаҳои сунъӣ таҷҳизонида шудаанд, ки ҳаммонанди онҳо дар зиндагии воқеӣ низ дучор меоянд. Ва агар шахс ҳангоми машқҳои таълимию санҷишӣ аз уҳдаи гузаштани чунин монеаҳои сунъӣ баромада тавонад, дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ низ ҳангоми убур кардан аз ҳамин гуна монеаҳо ба мушкилиҳо дучор намеояд. Чунин майдончаҳо аксаран бо ҳар навъ сӯрохиҳову мӯриҳои хурду бузург, чуқуриву баландиҳо, пайроҳаҳои пуртобу хам, нақбҳо, хандақҳо, печроҳҳои симхордор ва амсоли инҳо муҷаҳҳаз гардонида мешаванд. Ҳангоми машқҳои таълимию санҷишӣ дар чунин майдонҳои монеадор, ҳамчунин машқҳову санҷишҳои вобаста ба он, аз қабили бо суръат давидан, ҷаҳидан ба дарозию (аз рӯйи замини ҳамвор ё хамида) баландӣ (монеадор, яъне аз болои санҷишчӯб–планка ва аз болои ғӯлачӯбҳо, хорасангҳо ё пуштисангҳо ва ғайра), иҷро кардани ин ё он намуди тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон, партофтани норинҷакҳои зидди пиёданизом ва ё зиддитанкӣ низ сурат мегирад. Ин намуди машқҳову санҷишҳо хонандагон- сарбозониояндаро барои паси сар намудани ҳар гуна монеаҳои фавқулодаи сарироҳӣ ва саривақт аз вартаи ҳар гуна душворӣ наҷот ёфтан омода мегардонад. Барои баҳогузорӣ ба санҷишҳо дар майдонҳои монеадор меъёрҳои муқарраршудаву тасдиқшуда вуҷуд доранд, ки омӯзгорони фанни «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ» мувофиқи нишондоди ин меъёрҳо амал мекунанд.

Баҳо барои иҷрои машқҳо дар майдончаҳои монеадор аз рӯйи зинаи 5 - дараҷавӣ дар асоси натиҷаҳои ниҳоӣ гузошта мешавад.

Омӯзиши омодагии ҷисмонӣ бо супоридани меъёрҳо ба охир мерасад. Барои муайян кардани дараҷаи иҷрои меъёрҳо баҳо гузоштан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Номгӯйи талабот аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш мебошад.

| **Номгӯйи талабот** | **аъло** | **хуб** | **қаноатбахш** | **ғайри-қаноат-бахш** |
|---|---|---|---|---|
| Кашиш дар турник | 13 | 11 | 8 | 4, 2, 1 |
| Дар турник овезон шуда, худро кашида, чаппагардон шуда, дар кафи дастҳо такя кардан | 6 | 5 | 4 | 3, 2, 1 |
| Варзиши сабук | | | | |
| Давидан ба масофаи 100 м | 13 сон | 14 сон | 15 сон | 16, 17, 18 |
| Давидан ба масофаи 1500 м | 4,50 | 5,00<br>5,02 | 5,30 | |

Ғайр аз иҷрои ин, ҳар як хатмкунандаи мактаб бояд дараҷаи 3-юми варзиширо дошта бошад.

Ба иҷрои меъёрҳои комплекс ҳамаи хонандагон ҷалб карда мешаванд. Меъёру талаботро дар синфи 11 ҳангоми гузаштани таълими ҳарбӣ- саҳроӣ қабул кардан мувофиқи мақсад мебошад.

**Талаботи меъёрии таълимӣ-амалӣ доир ба омодагии ҷисмонӣ барои хонандагони синфи 10**

| **Қобилияти ҷисмонӣ** | **Машқҳои ҷисмонӣ** | **Писарҳо** | **Духтарҳо** |
|---|---|---|---|
| Суръатнок | Давидан ба масофаи 30 м (сон)<br>Давидан ба масофаи 100 м (сон) | 5,0<br>14,3 | 5,4<br>17,5 |
| Қувваги | Кашиш дар турник<br>Аз ҳолати овезоншавӣ (ба пушт) хаму рост кардани дастҳо да турники паст.<br>Ҷаҳидан ба дарозӣ аз ҷой (см) | 10<br><br><br><br>2,15 | 14<br><br><br><br>1,70 |
| Барои тобоварӣ | Дави пойгавӣ, 3 км (дақ)<br>Дави пойгавӣ, 2 км (дақ) | | |

**Талаботи меъёрии таълимӣ-амалӣ доир ба омодагии ҷисмонӣ барои хонандагони синфи 11 (писарон)**

| № | Меъёрҳо | Баҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 5 | 4 | 3 |
| 1 | Давидан ба масофаи 100 м (сон) | 13 | 14 | 15 |
| 2 | Давидан ба масофаи 1500 м (дақ. сон) | 4,50 | 5,02 | 5,30 |
| 3 | Давидан ба масофаи 3000 м | Бе ҳисоб кардани вақт | | |
| 4 | Ҳаво доданиноринҷаки 500 - грамма (м) | | | |
| 5 | Кашиш дар турники баланд (мартаба) | | | |

***РӮЙХАТИ АДАБИЁТ***

1. Исмоилов Н., Ҳурматуллоев В.М. - Омодагии дифои ҳарбӣ-китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11. Душанбе-2013. 2. Ҳайдарзода Д.П, Исмоилов Н. -Тайёрии оташфишонӣ (курси мухтасари лексияҳо…). Душанбе-2016. 3. Қурбоналӣ Зиёев - Методикаи таълими омодагии дифои ҳарбӣ дар синфҳои 10-11. Душанбе-2014. 4. Китоби дарсӣ барои ҷузъу томҳои таъйиноти махсус. Душанбе-2014. 5. Тайёрии тактикӣ. Душанбе-2014. 6. Тавсияҳо ба командирони рота ва дастаҳо (оид ба тайёрии ҷангӣ). Душанбе-2014. 7. Минаҳои зидди пиёдагарди фугасӣ. Душанбе-2014. 8. Дастур оид ба мустаҳкам намудани интизоми ҳарбӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният дар Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ. Душанбе-2015. 9. Рисолаи хизмати ҳарбӣ (Дастури методӣ). Душанбе-2011. 10. Ҳуқуқи низоъҳои мусаллаҳона (дастур барои ҳайати афсарони Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе-2009 сол.

## МУНДАРИҶА

## БОБИ I. ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


§ 1. Таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавқеи он дар сохтори давлатдорӣ.......6
§ 2. Қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон.......9
§ 3. Қувваҳои ҳарбӣ - ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ.......12
§ 4. Қӯшунҳои зудамал.......16
§ 5. Қӯшунҳои сарҳадӣ.......19
§ 6. Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.......20
§ 7. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.......24


## БОБИ II. ОМОДАГИИ ТАКТИКӢ


§ 8. Асосҳои баҳисобгирии умуминизомии муҳориба.......27
§ 9. Бахши ҷангии мототирандоз ва мошини ҷангии пиёданизом (БМП)...31
§ 10. Вазифаҳои бахши сарбозони МҶП. Вазифаҳои сарбози тирандоз, тирандози калон, пулемётчӣ, норинҷакандоз, мерган дар мудофиа......34
§ 11. Ҷанги муосири умумиқӯшунӣ.......38
§ 12. Таъминоти ҷангӣ.......43
§ 13. Муҳофизат аз силоҳи маҳвкунанда. Маълумоти умумӣ дар бораи силоҳи қатли ом.......46
§ 14. Махфигардонӣ (маскировка).......51
§ 15. Роҳбарӣ ба қисм.......54
§ 16. Мубориза бо техникаи ҷангии душман.......57
§ 17. Усулҳои мубориза бар зидди воситаҳои ҳуҷуми ҳавоии душман...59
§ 18. Монеаҳои муҳандисӣ ва таъминоти муҳандисӣ.......61
§ 19. Таҷҳизонидани муҳандисии нуқтаи бахш.......65
§ 20. Амалҳои сарбоз дар муҳориба.......68

§ 21. Амалиёти ҳайати шахсӣ ва сарбози назоратгар ва тарзҳои аз назар гузаронидани макон..........72

## БОБИ III. ОМОДАГӢ БА ОТАШФИШОНӢ

§ 22. Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аслиҳаи оташфишони онҳо..........77
§ 23. Автомати Калашников ва пулемёти дастӣ..........82
§ 24. Ба қисмҳо ҷудо кардан ва ҷамъ намудани автомат..........84
§ 25. Фаъолияти қисмҳо ва механизмҳои автомат. Таъйиноти қисму афзорҳо..........89
§ 26. Хусусиятҳои автомат. Муомила бо ин навъи силоҳ..........95
§ 27. Тирпарронӣ. Хусусият ва тарзҳои он..........101
§ 28. Тарзҳои муайян намудани масофа ҳангоми тирпарронӣ..........104
§ 29. Чораҳои бехатарӣ ҳангоми гузаронидани тирпарронӣ..........109
§ 30. Норинҷакҳо..........110

## БОБИ IV. АСОСҲОИ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ

§ 31. Савганди ҳарбӣ..........115
§ 32. Ҷавобгарии сарбозон ҳангоми хизмат..........117
§ 33. Тарзи муроҷиат ба сардорон..........119
§ 34. Байраҳи ҷангии қисми ҳарбӣ..........121
§ 35. Сарбозон ва фармондеҳон..........124

## БОБИ V. ҲУҚУҚИ НИЗОЪҲОИ МУСАЛЛАҲОНА (ТИБҚИ ДАСТУРИ ВАЗОРАТИ МУДОФИАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

§ 36. Ҳуқуқи низоъҳои мусаллаҳона..........130
§ 37. Ҷанговар ва гурӯҳи одамон ва иншооте, ки аз вазъи ҳимоя бархӯрдор ҳастанд..........134
§ 38. Асирони ҳарбӣ. Шахсони мулкӣ. Қоидаҳои истило..........138

§ 39. Ҳуқуқи низоъҳои мусаллаҳона ва усулҳои ҷангкунӣ....................142
§ 40. Аслиҳа.........................................................................................146
§ 41. Ҳадафҳои ҳарбӣ..............................................................................149

## БОБИ VI. ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚӢ

§ 42. Оинномаҳо.......................................................................................153
§ 43. Хизмати посбонӣ..............................................................................154

## БОБИ VII. САФ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

§ 44. Омодагии сафороӣ...........................................................................163
§ 45. Машқҳои сафӣ ва ҳаракатҳои бесилоҳ...........................................167
§ 46. Додани саломи ҳарбӣ бе силоҳ, дар ҷойи ист ва ҳангоми ҳаракат..170
§ 47. Машқҳои сафкашӣ ва ҳаракатҳо бо силоҳ....................................173
§ 48. Сафи бахшӣ......................................................................................176

## БОБИ VIII. МАҲАЛНИГОРИИ (ТОПОГРАФИЯ)-И ҲАРБӢ

§ 49. Омӯзиши макон ва самтҳо..............................................................179
§ 50. Ҳаракат бо азимутҳо.......................................................................185

## БОБИ IX. ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ

§ 51. Асосҳои ташкили тадбирҳои ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ..................................................190
§ 52. Паноҳбарии аҳолӣ дар иншооти муҳофизатӣ...............................193
§ 53. Офатҳои табиӣ ва ҳифзи аҳолӣ аз онҳо.........................................196
§ 54. Ҳифзи аҳолӣ аз сел.........................................................................202
§ 55. Ҳифзи аҳолӣ аз ярч ва тарма..........................................................203
§ 56. Ташкили хабардоркунии аҳолӣ ҳангоми таҳдид ва ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода..............................................................210

§ 57. Хатарҳои нав вобаста ба амалҳои террористӣ ва ифротгароӣ (экстремизм)....................................................................................215
§ 58. Сабабҳои пайдоиши терроризм ва роҳҳои мубориза бар зидди он.........................................................................................220
§ 59. Воситаҳои ҳозиразамони зарбазан................................................227
§ 60. Аслиҳаҳои кимиёвӣ ва биологӣ....................................................232
§ 61. Воситаҳои зарбазании муқаррарӣ................................................241
§ 62. Корҳои наҷотдиҳӣ дар нуқтаҳои талафот аз силоҳи ҳастаӣ.........246
§ 63. Воситаҳои ҳимояи фардӣ...............................................................251

## БОБИ X. ОМОДАГИИ ҶИСМОНӢ

§ 64. Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш – воситаи муҳимми инкишофи ҷисмонӣ.....................................................................................263
§ 65. Монеаҳо.........................................................................................265

**ИСМОИЛОВ НАИМ, ИСМОИЛОВ АБДУРАҲМОН, ЗИЁЕВ ҚУРБОНАЛӢ**

# ОМОДАГИИ ИБТИДОИИ ҲАРБӢ

Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Қ. Сатторӣ |
| Мусаҳҳеҳ | Д. Қодирбек |
| Муҳаррири техникӣ | Н. Зайниддинов |
| Тарроҳон | З. Саъдуллоев, Қ. Назаров |

Ба чоп 02.08.2018 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60x90 1/16. Ҷузъи чопӣ 17
Адади нашр 160000 нусха.
Супориши № 1/1/2018

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел: 222-14-66,
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ “Ганҷ нашриёт”
ба табъ расидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯч. “Южно-обходная, 3”
тел (+992) 555-55-95-50 E-mail: info@ganj.tj